# Инсони комил

## Устоди шаҳид Муртазо Мутаҳҳарӣ

*Баргардон:*

**Сайидюнуси Истаравшанӣ**

بسم الله الرحمن الرحیم

# Феҳристи матолиб:

**Ҷаласаи аввал: Инсони маъюб ва инсони солим** / Роҳҳои шинохти инсони комил аз назари ислом ........ 8

Фарқи “камол” ва “тамом” ........ 9

Таъбири “инсони комил” ........ 11

Айбҳои ҷисмӣ ва равонӣ ........ 12

Офоти руҳи инсон ........ 15

Намунае аз бемории ҳасад ........ 16

Инсони масхшуда ........ 17

**Ҷаласаи дуввум: Лузуми ҳамоҳангӣ дар рушди арзишҳои инсонӣ** / Барномаи инсонсозии моҳи муборакиРамазон ........ 20

Иллати тафовути камол дар инсон бо соири мавҷудот ........ 23

Лузуми ҳамоҳангӣ дар рушди арзишҳо ........ 25

Намунаҳои ифрот дар рушди як арзиши хосс ........ 27

1) Ибодат: ........ 27

2) Хидмат ба халқ: ........ 29

3) Озодӣ: ........ 30

4) Ишқ: ........ 32

Ҷомеъияти “Наҳҷул-балоға” ........ 33

Авсофи Алӣ (а) ........ 35

Охирин рӯзҳои ҳаёти Алӣ (а) ........ 39

**Ҷаласаи севвум: Дарди инсон аз дидгоҳҳои мухталиф** / Маънавиёти инсон ........ 45

Дард ва фавоиди он ........ 46

Шикоят аз ақл ........ 48

Дарди инсон ........ 50

Чанд тамсил дар бораи дарди инсон ........ 50

"Дарди инсон” дар каломи Амирулмӯъминин ........ 51

Тамсили Мавлавӣ ........ 53

Дарди инсон нисбат ба халқи Худо ........ 54

Назари ислом ........ 54
Дарди матлуб ........ 58
**Ҷаласаи чаҳорум: Дарди Худоҷӯӣ дар инсон** / Инфикокпазирии инсоният аз инсон... 62
Инсон, толиби камоли мутлақ ........ 63
Сайри инсони комил аз назари урафо ........ 65
Лузуми ҳамроҳ будани гароишҳои берунӣ ва дарунӣ ........ 66
Намунае аз таърихи ислом ........ 69
Муруввати Алӣ ........ 72
Муноҷоти Алӣ (Алайҳис салом) ........ 74
Алӣ (Алайҳис салом) дар соатҳои охири умр ........ 76
**Ҷаласаи панҷум: Иҷмоли назариёти макотиби мухталиф дар бораи инсони комил**
Мактаби ақл ........ 81
Мактаби қудрат ........ 85
Мактаби заъф ........ 89
Мактаби муҳаббат (мактаби маърифат) ........ 92
Ду мактаби дигар ........ 93
Мактаби бархӯрдорӣ ........ 94
Дафни махфиёнаи Алӣ ........ 96
**Ҷаласаи шашум: Нақду баррасии назарияи мактаби ақл** / Хулосаи назариёти ақлгароён ........ 99
Макотиби зидди ин мактаб ........ 100
Асолати маърифати ақлӣ дар ислом ........ 101
Ду ишколи ворид бар мактаби ақлгароён ........ 103
Асолати имон ........ 106
Шавоҳиде аз Қуръон ва Наҳҷул-балоға ........ 108
**Ҷаласаи ҳафтум: Инсони комил аз дидгоҳи мактаби ирфон ва тасаввуф** / Ишқ аз назари урафо ........ 114
Роҳи расидан ба камол ........ 115
Илми ифозӣ ........ 119

Суъуду нузули рух .......... 122
Сулуки инсони комил .......... 124
Бархе ишколоти мактаби ирфон .......... 126
1) Таҳқири ақл: .......... 126
2) Дарунгароии мутлақ: .......... 126
3) Нафскушӣ: .......... 128
**Ҷаласаи ҳаштум: Нақду баррасии мактаби ирфон (1)** / Таҳқири ақл тавассути бархе урафо .......... 132
Рӯгардонӣ аз табиат .......... 134
Тамсили Мавлавӣ .......... 135
Робитаи инсон бо табиат .......... 138
Назари ислом .......... 139
Такомули рух дар дунё .......... 142
Тарки худӣ .......... 145
**Ҷаласаи нӯҳум: Нақду баррасии мактаби ирфон (2)** / Дараҷаи аввали худхоҳӣ .......... 148
Дараҷаи дуввуми худхоҳӣ .......... 149
Дараҷаи севвуми худхоҳӣ .......... 149
Тасвил .......... 150
Уқдаҳои равонии махфӣ .......... 151
Ҷиҳод бо нафс дар Қуръон ва ҳадис .......... 153
Равиши маломатӣ .......... 156
Тасаввуф ва иззати нафс .......... 157
Иззати нафс дар Қуръон ва ҳадис .......... 162
Тавсияе ба ҷавонон .......... 164
**Ҷаласаи даҳум: Нақду баррасии назарияи мактаби қудрат (1)** / Таърихчаи мактаби қудрат .......... 169
Назарияи Бекан ва таъсироти он .......... 170
Истифодаи Ниче аз усули Дорвин .......... 173
Хулосае аз назариёти Ниче .......... 174

Мантиқи ислом дар масъалаи қудрат ........ 179
Қуввату қудрат дар аҳодис ........ 181
«Ҳақ» гирифтанӣ аст ё доданӣ? ........ 184
Қуввати руҳӣ ва ҷисмии Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ........ 185
**Ҷаласаи ёздаҳум: Баррасии мактаби қудрат (2)** / Ишколи аввали мактаби қудрат ........ 189
Ишколи дуввум ........ 189
Қудрати руҳӣ ........ 190
Отифаҳои баҷо ва нобаҷо ........ 192
Қудрати воқеӣ дар аҳодис ........ 195
**Ҷаласаи дувоздаҳум: Мактаби муҳаббат** / Даъвати Қуръон ба эҳсону исор ........ 199
Намунае аз меҳрубонӣ ........ 200
Авотифи инсонӣ дар Ғарб ........ 201
Тақаддуми адолат бар исор ........ 203
Намунае аз исори воқеӣ ........ 205
Ишколоти мактаби муҳаббат ........ 205
Хидмат ба халқ, муқаддимаи имон ........ 207
**Ҷаласаи сездаҳум: Нақду баррасии назарияи мактаби сусиёлизм** / Хулосаи сухани ин мактаб ........ 210
Иштибоҳи асосии ин мактаб ........ 211
Дунё аз диди Алӣ (а) ........ 213
Адами инҳисори авомили “мансоз” дар моликият ........ 215
Имон, роҳи “мо” шудани “ман”-ҳо ........ 217
Ноқис будани маънии шеъри Саъдӣ ........ 219
Достони шутуру рӯбоҳ ........ 222
Хулосаи назари экзистенсиализм ........ 222
**Ҷаласаи чаҳордаҳум: Нақду баррасии назарияи мактаби экзистенсиализм** / "Асолати вуҷуд” дар экзистенсиализм ........ 225
Натоиҷи таъаллуқ ва вобастагии инсон ........ 227
Эътиқод ба Худо аз дидгоҳи ин мактаб ........ 228

Дар мактаби экзистенсиализм, миёни вобастагӣ ба ғайр, бо вобастагӣ ба худ тафкик нашудааст....230
Иштибоҳи экзистенсиализм дар мавриди робитаи инсон бо Худо....232
Худогоҳӣ ва Худоогоҳӣ....233
Посух ба чанд ишколи дигар....235
Камоли ҳадафӣ ва камоли василаӣ....237
Озодӣ дар таъбироти исломӣ....239

# ИНСОНИ МАЪЮБ ВА ИНСОНИ СОЛИМ

الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلوة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه وحافظ سرّه ومبلّغ رسالاته سيّدنا ونبيّنا أبي القاسم محمد وآله الطيّبين الطاهرين المعصومين أعوذ بالله من الشيطان الرجيم:

وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِي قَالَ لاَ يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ (سوره بقره / ١٢۴)

Мавзӯи баҳс, инсони комил аз дидгоҳи ислом аст. Инсони комил яъне инсони намуна, инсони аъло ё инсони воло. Инсон монанди бисёре аз чизҳои дигар, комилу ғайрикомил дорад ва балки маъюбу солим дорад ва инсони солим ҳам ду қисм аст: инсони солими комил, ва инсони солими ғайрикомил. Шинохтани инсони комил ё инсони намуна аз дидгоҳи ислом, аз он назар барои мо мусалмонон воҷиб аст, ки ҳукми мудел ва улгу ва сармашқро дорад. Яъне агар бихоҳем як мусалмони комил бошем — чун ислом мехоҳад инсони комил бисозад — ва таҳти тарбияту таълими исломӣ ба камоли инсонии худ бирасем, бояд бидонем, ки инсони комил чӣ гуна аст, чеҳраи руҳӣ ва маънавии инсони комил чӣ гуна чеҳрае аст, симои маънавии инсони комил чӣ гуна симое аст ва мушаххасоти инсони комил чӣ гуна мушаххасоте аст, то битавонем худ ва ҷомеаи худро он гуна бисозем. Агар мо "инсони комил"-и исломро нашиносем, қатъан наметавонем як мусалмони тамом ва ё комил бошем, ва ба таъбири дигар, як инсони ҳарчанд комили нисбӣ аз назари ислом бошем.

## Роҳҳои шинохти инсони комил аз назари ислом

Шинохти инсони комил аз назари ислом ду роҳ дорад: як роҳ ин аст, ки бибинем Қуръон дар дараҷаи аввал ва суннат дар дараҷаи дуввум инсони комилро — агарчи дар Қуръон ва

суннат таъбири “инсони комил” нест ва таъбири “мусалмони комил” ва “мӯъмини комил” аст — чӣ гуна тавсиф кардаанд. Вале ба ҳар ҳол маълум аст, ки мусалмони комил яъне инсоне, ки дар ислом ба камол расидааст, ва мӯъмини комил яъне инсоне, ки дар партави имон ба камол расидааст. Бояд бибинем Қуръон ё суннат инсони комилро бо чӣ мушаххасоте баён кардаанд ва чӣ хутуте барои симои инсони комил кашидаанд. Аз қазо, дар ин замина, чӣ дар Қуръон ва чӣ дар суннат, баёноти зиёде омадааст.

Роҳи дуввуми шинохти инсони комил, истифода аз баёнҳо нест, ки бибинем дар Қуръон ва суннат чӣ омадааст, балки ин аст, ки афроде айниро бишносем, ки мутмаин ҳастем онҳо ончунон, ки ислом ва Қуръон мехоҳад, сохта шудаанд ва вуҷуди айнии инсонҳои комили исломӣ ҳастанд; чун инсони комили исломӣ фақат як инсони идеол ва хаёлӣ ва зеҳнӣ нест, ки ҳеч вақт дар хориҷ вуҷуд пайдо накарда бошад. Инсони комил, ҳам дар ҳадди аъло ва ҳам дар дараҷоти поинтар, дар хориҷ вуҷуд пайдо кардааст. Худи Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) намунаи инсони комили ислом аст…

Пас, ду роҳи шинохти инсони комил ва ҳамчунин фоидаи баҳс аз онро донистем. Бинобар ин, масъалаи инсони комил як баҳси фалсафӣ ва илмӣ (-и маҳз) нест, ки (фақат) асари илмӣ дошта бошад. Агар инсони комили исломро аз роҳи баёни Қуръон (ва суннат) ва аз роҳи шинохти парвардаҳои комили Қуръон нашиносем, наметавонем роҳеро, ки ислом муайян карда биравем ва як мусалмони воқеӣ ва дуруст бошем ва ҳамчунин ҷомеаи мо наметавонад як ҷомеаи исломӣ бошад. Пас, зарурат дорад инсони комил ва олӣ ва мутаъолии исломро бишносем.

## Фарқи “камол” ва “тамом”

Ин ҷо як суол матраҳ аст, ки аслан маънии “комил” чист?[1] Инсони комил яъне чӣ?

Дар забони арабӣ ду калимаи наздик ба якдигар — на айни якдигар — дорем ва зидди ин ду калима як калима аст. Яъне, он калима гоҳе дар зидди ин ба кор меравад ва гоҳе дар

[1] Баъзе чизҳо хеле возеҳ аст, вале вақте инсон диққат мекунад, мебинад ин возеҳ, бештар аз хеле мушкилҳо эҳтиёҷ ба тавзеҳ дорад.

зидди он. Дар форсӣ ҳатто худи он ду калимаро ҳам надорем, яъне ба ҷои он ду калима фақат як калима дорем.
Он ду калимаи арабӣ яке “камол” аст ва дигаре “тамом”. Гоҳе дар арабӣ “комил” гуфта мешавад ва гоҳе “томм” ва дар муқобили ҳар ду, “ноқис” гуфта мешавад: ин комил аст ва он ноқис, ин томм аст, тамом аст ва он дигаре ноқис.
Дар як оят аз Қуръон ҳар ду калима омадааст:

الْيَوْمَ أَكْمَلْتُ لَكُمْ دِينَكُمْ وَأَتْمَمْتُ عَلَيْكُمْ نِعْمَتِي

*“Имрӯз дини шуморо бароятон комил намудам ва неъмати худро бар шумо тамом кардам.”* (*Сураи Моида, ояти 3*)
Нафармуд:

أتممت عليكم دينكم

Ва ҳамчунин нафармуд:

أكملت لكم نعمتي

Мегӯянд, агар чунин гуфта буд, аз назари дастури забони арабӣ дуруст набуд. Ҳол фарқи ин ду калима чист? Мо агар фарқи ин дуро нагӯем, наметавонем баҳсамонро шурӯъ кунем. Яъне шурӯи баҳси мо, аз донистани маънии ин ду калима аст.
“Тамом” барои як шайъ дар ҷое гуфта мешавад, ки ҳамаи он чи барои асли вуҷуди он лозим аст ба вуҷуд омада бошад. Яъне агар баъзе аз он чизҳо ба вуҷуд наомада бошад, ин шайъ дар моҳияти худаш ноқис аст ва метавон гуфт, ки вуҷудаш каср бармедорад: нисфаш мавҷуд аст, сулсаш мавҷуд аст, ду сулсаш мавҷуд аст ва аз ин қабил. Масалан, сохтмони як масҷид, ки бар асоси як нақша сохта мешавад, эҳтиёҷ ба як толор дорад, толор ҳам эҳтиёҷ ба девору сақфу дару шишаю аҷзои дигар дорад. Вақте ҳамаи он чизҳое, ки ин сохтмон эҳтиёҷ дорад — ки агар онҳо набошад, наметавон аз сохтмон истифода кард — фароҳам шуд, мегӯянд: сохтмон тамом шуд. Барои нуктаи муқобили ин калима, калимаи “ноқис”-ро ба кор мебарем.

Аммо “камол” дар ҷое аст, ки як шайъ баъд аз он ки “тамом” ҳаст, боз дараҷаи болотаре ҳам метавонад дошта бошад. Агар ин камол барои шайъ набошад, боз худи шайъ ҳаст, вале бо доштани ин камол як пилла болотар рафтааст.

“Камол”-ро дар ҷиҳати амудӣ баён мекунанд ва “тамом”-ро дар ҷиҳати уфуқӣ. Вақте шайъ дар ҷиҳати уфуқӣ ба ниҳоят ва ҳадди охири худ бирасад, мегӯянд, тамом шуд, ва замоне, ки шайъ дар ҷиҳати амудӣ боло равад, мегӯянд камол ёфт. Агар мегӯянд: “Ақли фалон кас комил шудааст”, яъне қаблан ҳам ақл дошта, аммо ақлаш як дараҷа болотар омадааст. “Илми фалон кас комил шудааст”, яъне қаблан ҳам илм дошт ва аз он истифода мекард, вале акнун илмаш як дараҷаи камолеро паймудааст.

Пас, як инсони тамом дорем, ки дар муқобили инсоне аст, ки аз назари уфуқӣ нотамом аст, яъне аслан нимаинсон аст, касри инсон аст, масалан сулс ё ду сулси инсон аст ва ба ҳар ҳол инсони тамом нест. Ва инсони дигаре дорем, ки инсони тамом ҳаст, вале инсони тамом метавонад комил бошад, комилтар бошад ва аз он ҳам комилтар бошад то ба он ҳадди ниҳоӣ, ки инсоне аз он болотар вуҷуд надорад бирасад, ки ӯро инсони комил — ки ҳадди аълои инсон аст – меномем.

## Таъбири “инсони комил”

Таъбири “инсони комил” дар адабиёти исломӣ то қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ вуҷуд надоштааст. Имрӯз дар Урупо ҳам ин таъбир хеле зиёд матраҳ аст, вале барои аввалин бор дар дунёи ислом ин таъбир дар мавриди инсон ба кор бурда шудааст. Аввалин касе, ки дар мавриди инсон таъбири “инсони комил”-ро матраҳ кард, орифи маъруф, Муҳйиддини Арабии Андалусии Тоӣ аст. Муҳйиддини Арабӣ падари ирфони исломӣ аст. Яъне тамоми урафое, ки шумо аз қарни ҳафтум ба баъд дар миёни тамоми милали исломӣ суроғ доред ва аз ҷумла урафои эронии форсизабон, аз шогирдони мактаби Муҳйиддин ҳастанд. Мавлавӣ яке аз шогирдони мактаби Муҳйиддин аст. Ӯ бо ин ҳама азамат, дар муқобили Муҳйиддин аз назари ирфонӣ чизе нест. Муҳйиддин марди арабинажод аз авлоди Ҳотами Тоӣ ва аҳли Андалус[1] буд. Ҳамаи мусофиратҳои ӯ дар кишварҳои исломӣ буд ва дар Шом аз дунё рафт.

[1] Испониёи имрӯз, он вақт ба номи Андалус ва як кишвари исломӣ буд.

Қабри Муҳйиддини Андалусии Шомӣ — ки ба эътибори мадфанаш ба ӯ "Шомӣ" мегӯянд — дар Димишқ аст. Ӯ шогирде ба номи Садруддини Қунавӣ дорад, ки баъд аз Муҳйиддин бузургтарин ориф шумурда мешавад. Ин ки ирфони исломӣ ба сурати илмӣ, он ҳам илми бисёр бисёр ғомиз даромадааст, маҳсули кори Муҳйиддин ва шарҳҳои Садруддини Қунавӣ аст.

Садруддини Қунавӣ, ки аҳли Қуния дар Туркия аст, писарзани Муҳйиддин буд. Яъне Муҳйиддин, ҳам устодаш буд ва ҳам шавҳари модараш. Мавлавӣ муосири Садруддини Қунавӣ аст. Садруддин дар масҷид имоми ҷамоат буд ва Мавлавӣ мерафт ва ба ӯ иқтидо мекард. Афкори Муҳйиддин ба василаи Садруддини Қунавӣ ба Мавлавӣ интиқол пайдо кардааст.[1]

Яке аз масоиле, ки ин мард тарҳ кард, масъалаи "инсони комил" буд, вале албатта ӯ аз дидгоҳи ирфон онро тарҳ кардааст.[2] Махсусан яке аз суолоте, ки аз Маҳмуди Шабистарии маъруф, соҳиби манзумаи бисёр бисёр олӣ ва нафиси адабӣ ва камназири "*Гулшани роз*" шудааст, дар мавриди инсони комил аст, ки ӯ ҳам бо диди ирфонӣ ҷавоб додааст. Пас, аввалин касе, ки бо лафзи "инсони комил" ин масъаларо тарҳ кард ва бо диди хосси ирфонӣ ин матлабро баён кард, Муҳйиддини Арабӣ аст. Дигарон ҳам инсони комилро – ҳар касе аз диди худ — ба шакле баён кардаанд. Мо мехоҳем бибинем, ки инсони комил аз диди Қуръон чӣ гуна инсоне аст. Баҳсро аз инсони тамом ва инсони ноқис шурӯъ мекунем, то битавонем ба мароҳили баъдии ин баҳс бирасем.

## Айбҳои ҷисмӣ ва равонӣ

Оё инсони солим ва инсони маъюб ҳам дорем? Саломату айб гоҳе марбут ба тани инсон аст. Шакке нест, ки баъзе инсонҳо аз назари ҷисмӣ солиманд ва баъзе маъюбу мариз, масалан нақси узве доранд: нобино, кар ва ё фалаҷ ҳастанд ва амсоли инҳо. Вале инҳо марбут ба шахси инсон аст. Ҳеч таваҷҷӯҳ доред, ки агар инсоне кӯр бошад, кар бошад,

---

[1] Ҳарфҳои дигаре, ки дар ин заминаҳо мешунавед асосе надорад. Ирфони исломӣ решаҳои дигаре ғайр аз мӯҳмалоте, ки як идда имрӯз дар рӯзномаҳо ва маҷаллот мебофанд, дорад.

[2] Агар муқтазӣ буд, дар ин замина муфассалтар баҳс мекунам.

фалаҷ бошад, бадшакл бошад, кӯтоҳқад бошад, шумо инҳоро барои ӯ аз назари фазилату шахсияту инсоният нақсе намешуморед. Масалан, Суқрот, файласуфи Юнон, ки ӯро ба истилоҳ, ҳамтои пайғамбарон ҳисоб мекунанд, яке аз бадшаклтарини мардуми дунё буд, вале ҳеч кас бадшаклиро барои Суқрот ба унвони як инсон айб намегирад. Ё масалан, Абулъалои Маъаррӣ ва Тоҳо Ҳусайн кӯр будаанд, оё ин кӯрӣ — ки нақсе дар ҷисм ва шахси ин афрод аст — ба унвони як нақс дар шахсияти ин афрод шумурда мешавад? На, инчунин нест. Ин матлаб далел бар ин аст, ки инсон ду чиз дорад: шахсе дорад ва шахсияте, тане дорад ва руҳе, ҷисме дорад ва равоне. Ҳисоби равон аз ҳисоби ҷисм ҷудост. Ин касоне, ки хаёл мекунанд равони инсон сад дар сад тобеъе аз ҷисми ӯст, иштибоҳашон ҳамин ҷост. Асосан, оё равони инсон метавонад бемор бошад, дар ҳоле, ки ҷисми ӯ солим аст? Ин худаш як масъалае аст. Бино бар назари касоне, ки мункири асолати руҳ ҳастанд ва тамоми хавосси руҳиро асари мустақим ва биловоситаи силсилаи аъсоби инсон медонанд, асосан равон ҳукме надорад, ҳама чиз тобеъи ҷисм аст. Агар равон бемор бошад, ҳатман ҷисм бемор шуда, ки равон бемор аст ва бемории равонӣ ҳамон бемории ҷисмӣ аст.

Хушбахтона имрӯз бештар ин матлаб собит шудааст, ки мумкин аст инсон аз назари ҷисм, аз назари теъдоди гулубулҳои (клеткаҳои) сафеду қирмизи хун, витоминҳо ва аз назари метобулизм (сӯхтусоз = обмен веществ)-и бадан ва ҳатто аз назари аъсоб, солими солим бошад ва дар айни ҳол аз назари равонӣ бемор бошад.

Чӣ тавр бемор бошад? Масалан, ба қавли имрӯзиҳо, уқдаи равонӣ дошта бошад. Воқеан илми имрӯз ба одаме, ки уқдаи равонӣ дорад, "бемор" мегӯяд. Яъне, дар дастгоҳи равонии ӯ ихтилол пайдо шудааст бидуни ин ки ихтилоле дар дастгоҳи ҷисмии ӯ падид омада бошад ва аз ин рӯ ин навъ бемориҳоро аз роҳи ҷисм наметавон дармон кард, яъне роҳи муолиҷаи ин беморони равонӣ давоҳои моддӣ нест,[1] мисли касе, ки дорои уқдаи равонии такаббур аст. Имрӯз собит шудааст, ки такаббур воқеан беморӣ аст, воқеан ихтилоли руҳӣ ва равонӣ аст. Вале оё мешавад як дору барои такаббур дар дорухона пайдо кард? Оё мешавад инсон як қурс бихӯрад ва такаббураш аз байн биравад ва табдил ба як инсони

[1] Албатта баъзе аз бемориҳои равонӣ ҳаст, ки марбут ба ихтилолоти ҷисмӣ аст, мисли касоне, ки ба воситаи заъфи аъсоб дучори тарсу ваҳшат мешаванд. Мақсуди ман бархе аз бемориҳои равонӣ аст.

мутавозеъ шавад? Оё мешавад ба як инсони қасиюлқалб ва ҷаллод (мисли Шимр ибни Зилҷавшан) як сӯзандору бизананд ва ё як қурс бидиҳанд, то табдил ба як инсони атуф, меҳрубон ва бошафқат ва раҳмат шавад? На, муолиҷа барои ӯ ҳаст, вале муолиҷаи ӯ роҳи дигаре дорад.

Ҳатто гоҳе бемории ҷисмӣ аз роҳи равонӣ муолиҷа мешавад, ҳамчунон ки гоҳе бемории равонӣ аз роҳи ҷисм муолиҷа мешавад. Масалан, як беморӣ воқеан ҷисмӣ аст, вале бо як силсила талқинҳо ва тақвиятҳои руҳӣ — ки ин ҳам худаш достоне дорад ва як масъалаи аҷибе аст — муолиҷа мешавад. Ин матлаб ҷузъи далоили қотеъ бар ин аст, ки воқеан инсон мавҷуде аст мураккаб аз тану равон, ва равони инсон аз тан истиқлол дорад ва як тобеъи мутлақ аз тан нест, ҳамчунон ки тан тобеъи мутлақ аз равон нест, ин ду дар якдигар асар доранд. Ба қавли ҳукамо:

**النفس والبدن يتعاكسان ايجابا واعدادا**

Бадан дар равон асар мегузорад ва равон дар бадан, ва бадан кори мустақил аз равон анҷом медиҳад ва равон ҳам кори мустақил аз тан анҷом медиҳад. Ин худаш далел бар ин аст, ки дастгоҳи равонии инсон, худ як дастгоҳи мустақил аст.

Мо дар сӯҳбат аз инсони комил қабл аз ин ки вориди асли баҳс шавем, сухан аз инсони солим ва инсони маъюб овардем. Ин муқаддима лозим буд, то равшан шавад, ки мақсуди мо айбу саломати марбут ба ҷисм нест. Намехоҳем баҳси пизишкӣ кунем, ки инсоне сад дар сад солим аст, ки агар биравад чек кунад маълум мешавад ҳамаи ҷиҳозоти баданаш солим аст, ин баҳс ба мо марбут нест, мо асосан ба бадан коре надорем.

Пас, воқеан мумкин аст инсон аз назари равонӣ бемору маъюб бошад, ҳамчунон ки мумкин аст аз ин назар солим бошад. Қуръон ин аслро пазируфтааст, мефармояд:

**فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٌ فَزَادَهُمُ اللَّهُ مَرَضًا**

*“Дар дилҳояшон маразе аст ва Худо бар маразашон афзуд…” (Сураи Бақара, ояти 10*) яъне дар дилу руҳашон беморӣ аст. Намефармояд, масалан чашмашон бемор аст. Қалбе, ки Қуръон мегӯяд, ғайр аз қалби пизишкие аст, ки барои дармони он лозим аст ба табиби қалб

муроҷеа кунем. “Қалб” дар Қуръон яъне ҳамон руҳу равони инсон. Дар бораи Қуръон мефармояд:

وَنُنَزِّلُ مِنَ الْقُرْآنِ مَا هُوَ شِفَاء وَرَحْمَةٌ لِّلْمُؤْمِنِينَ

(*Сураи Исро, ояти 82*) Мо Қуръонро шифо ва раҳмат барои мӯъминин фиристодем. Қуръон шифои мӯъминин аст.

Амирулмӯъминин мефармояд:

ألا وإن من البلاء الفاقة

Аз ҷумлаи балоё ва шадоид фақр аст.

وأشدّ من مرض الفاقة مرض البدن

Ва аз фақр бадтар, маризии бадан аст.

وأشدّ من مرض البدن مرض القلب

Ва аз беморий тан бадтар ва шадидтар, беморий дилу қалби инсон аст. (*Наҳҷул-балоға, ҳикмати 388*)

Яке аз барномаҳои Қуръон, сохтани инсони солим аст ва мо қабл аз он ки бихоҳем ин таваққӯъро дошта бошем, ки инсони комил бошем ё ба инсони комил наздик бошем, бояд худро аз ин назар, ки асосан инсони солим ё инсони маъюб ҳастем, бишносем.

## Офоти руҳи инсон

Ба таври иҷмол, решаҳои аслии он чи ки руҳи инсонро офатзада мекунад, бароятон арз мекунам. Аз назари равоншиносӣ, маҳрумиятҳо маншаи бемориҳои равонӣ мешавад. Яъне, маншаи бисёре аз уқдаҳои равонӣ ва бемориҳои равонии инсон, эҳсоси мағбуниятҳо ва маҳрумиятҳост. Медонед, ки Фрейд (*Sigmund Freud*) ба таври ифрот такяаш рӯи ин мавзӯъ аст, хусусан дар амри ҷинсӣ. Ба ҳар ҳол ин худ як масъалаи асосӣ аст, ки маҳрумиятҳои инсон дар ӯ эҷоди бемориҳое мекунад. Кина чист, ки вақте инсон эҳсос

мекунад нисбат ба касе ҳиқду кина дорад, дилаш мехоҳад аз ӯ интиқом бигирад ва то ӯро ба хоку хун накашад, наметавонад ором гирад? Ин ҳисси интиқомҷӯӣ дар инсон чист? Одами ҳасуд вақте хайру неъматеро дар дигарон мебинад, ҳамаи орзуяш ин аст, ки аз ӯ салби неъмат шавад. Дар бораи худаш фикр намекунад. Инсони солим ғибта дорад, на ҳасад. Ӯ ҳамеша дар бораи худаш фикр мекунад, ки ҷилав биафтад. Агар як инсон ҳамеша дар ин фикр бошад, ки худаш ҷилав биафтад, солим аст. Ин, далел бар айб нест. Аммо агар касе ҳамеша дар ин андеша аст, ки дигаре ақиб биафтад, бемор аст, мариз аст. Ҳатто шумо мебинед, ки гоҳе одамҳои ҳасуд ба марҳилае мерасанд, ки ҳозиранд ба худашон сад дараҷа садама бизананд, балки ба дигаре панҷоҳ дараҷа садама ворид шавад.

## Намунае аз бемории ҳасад

Достони хеле маъруфе дар китобҳои таърих нақл мекунанд: дар замони яке аз хулафо, марди сарватманде ғуломе харид. Аз рӯзи аввале, ки ӯро харид, монанди як ғулом бо ӯ рафтор намекард, балки монанди як оқо бо ӯ рафтор мекард. Беҳтарин ғизоҳоро ба ӯ медод, беҳтарин либосҳоро барояш мехарид, васоили осоиши ӯро фароҳам мекард ва дуруст монанди фарзанди худ бо ӯ рафтор мекард, гӯӣ парворе барои худаш овардааст. Ғулом медид, ки арбобаш ҳамеша дар фикр аст, ҳамеша нороҳат аст. Билохира арбоб ҳозир шуд ӯро озод кунад ва сармояи зиёде ҳам ба ӯ бидиҳад. Як шаб дарди дили худро бо ғулом дар миён гузошт ва гуфт: ман ҳозирам туро озод кунам ва ин миқдор пул ҳам бидиҳам, вале медонӣ барои чӣ ин ҳама хидмат ба ту кардам? Фақат барои як тақозо. Агар ту ин тақозоро анҷом диҳӣ, ҳар чи ки ба ту додам, ҳалол ва нӯши ҷонат бошад ва беш аз ин ҳам ба ту медиҳам. Вале агар ин корро анҷом надиҳӣ, ман аз ту розӣ нестам. Ғулом гуфт: ҳар чи ту бигӯӣ, итоат мекунам, ту валинеъмати ман ҳастӣ ва ба ман ҳаёт додӣ. Гуфт: на, бояд қавли қатъӣ бидиҳӣ, метарсам агар пешниҳод кунам, қабул накунӣ. Гуфт: ҳар чи мехоҳӣ пешниҳод кунӣ, бигӯ, то ман бигӯям: “бале”. Вақте комилан қавл гирифт, гуфт: пешниҳоди ман ин аст, ки дар як мавқеъ ва ҷои хоссе, ки ман дастур медиҳам, сари маро аз бех бибурӣ. Гуфт: охир чунин чизе намешавад. Гуфт: хайр, ман аз ту қавл гирифтам ва бояд ин корро анҷом диҳӣ. Нимашаб ғуломро бедор кард, корди тезе ба ӯ дод ва бо ҳам ба пушти боми яке аз ҳамсояҳо рафтанд. Дар он ҷо хобид ва кисаи пулро ба ғулом дод ва гуфт: ҳамин ҷо

сари манро бибур ва ҳар ҷо ки дилат мехоҳад, бирав. Ғулом гуфт: барои чӣ? Гуфт: барои ин ки ман ин ҳамсояро наметавонам бибинам. Мурдан барои ман аз зиндагӣ беҳтар аст. Мо рақиби якдигар будем ва ӯ аз ман пеш афтода ва ҳама чизаш аз ман беҳтар аст. Ман дорам дар оташи ҳасад месӯзам, мехоҳам қатле ба пойи ӯ биафтад ва ӯро зиндонӣ кунанд. Агар чунин чизе шавад, ман роҳат шудаам. Роҳатии ман фақат барои ин аст, ки медонам агар ин ҷо кушта шавам, фардо мегӯянд ҷанозааш дар пушти боми рақибаш пайдо шуда, пас ҳатман рақибаш ӯро куштааст, баъд рақиби маро зиндонӣ ва сипас эъдом мекунанд ва мақсуди ман ҳосил мешавад. Ғулом гуфт: ҳол, ки ту чунин одами аҳмақе ҳастӣ, чаро ман ин корро накунам? Ту барои ҳамон кушта шудан хуб ҳастӣ. Сари ӯро бурид, кисаи пулро ҳам бардошт ва рафт. Хабар дар ҳама ҷо печид. Он марди ҳамсояро ба зиндон бурданд. Вале ҳама мегуфтанд: агар ӯ қотил бошад, рӯи пушти боми хонаи худаш, ки ин корро намекунад, пас қазия чист? Муаммое шуда буд. Виҷдони ғулом ӯро роҳат нагузошт, пеши ҳукумати вақт рафт ва ҳақиқатро ин тавр гуфт: ман ба тақозои худаш ӯро куштам. Ӯ ончунон дар ҳасад месӯхт, ки маргро бар зиндагӣ тарҷеҳ медод. Вақте мушаххас шуд қазия аз ин қарор аст, ҳам ғулом ва ҳам марди зиндониро озод карданд.

Пас, ин як ҳақиқате аст, ки воқеан инсон ба бемории ҳасад мубтало мешавад. Қуръон мефармояд:

قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّاهَا

*“Ҳар кас онро (қалбро) пок гардонид, қатъан растгор шуд. Ва ҳар ки олудааш сохт, қатъан дарбохт.” (Сураи Шамс, оятҳои 9-10*)

Аввалин барномаи Қуръон таҳзиби нафс ва тазкияи нафс аст. Покиза кардани равон аз бемориҳо, уқдаҳо, торикиҳо, нороҳатиҳо, инҳирофҳо ва балки аз масх шуданҳост.

## Инсони масхшуда

Масъалаи масх шудан хеле муҳим аст. Масх яъне чӣ? Шунидаед, ки мегӯянд дар миёни умматҳои пешин мардуме буданд, ки дар асари ин ки муртакиби гуноҳони зиёд шуданд, мавриди нафрини пайғамбари замони худ воқеъ ва масх шуданд. Яъне ба як ҳайвон табдил шуданд, масалан ба маймун, гург, хирс ва ё ҳайвоноти дигар. Инро “масх” мегӯянд.

Ҳол, ин масх ба чӣ сурат аст? Оё “инсонҳо масх шуданд” яъне воқеан ҳайвон шуданд? Тавзеҳашро арз мекунам: як матлаб мусаллам аст, ва он ин аст, ки: инсон агар фаразан аз назари ҷисмӣ масх нашавад (табдил ба як ҳайвон нашавад), ба таври яқин аз назари руҳӣ ва маънавӣ мумкин аст масх шавад, табдил ба як ҳайвон шавад ва балки табдил ба навъе ҳайвон шавад, ки дар олам ҳайвоне ба он бадӣ ва касофат вуҷуд надошта бошад. Қуръон аз

بل هم أضلّ

(*“Онҳо гумроҳтаранд”. Сураи Аъроф, ояти 179*) сухан мегӯяд, яъне аз мардуме, ки аз чаҳорпо ҳам пасттар ҳастанд. Магар мешавад инсон воқеан аз назари руҳӣ табдил ба як ҳайвон шавад? Бале, чун шахсияти инсон, ба хасоиси ахлоқӣ ва равонии ӯст. Агар хасоиси ахлоқӣ ва равонии як инсон хасоис ва ахлоқи як даранда буд, хасоис ва ахлоқи як баҳима буд, ӯ воқеан масх шудааст. Яъне руҳаш ҳақиқатан масх ва табдил ба як ҳайвон шудааст. Ҷисми хук бо руҳи ӯ таносуб дорад, ва инсон мумкин аст тамоми хислатҳояш хислатҳои хук бошад. Агар инсоне ин гуна бошад, аз инсоният мунсалих (канда) шуда ва дар маънӣ ва ботин ва аз диди чашми ҳақиқатбин ва дар малакут воқеан як хук аст ва ғайр аз ин чизе нест. Пас, инсони маъюб гоҳе ба марҳилаи инсони масхшуда мерасад. Мо инҳоро камтар мешунавем ва шояд баъзе хаёл кунанд инҳо маҷоз аст ва дертар боварашон биёяд, вале ҳақиқат аст.
Шахсе мегӯяд: бо Имом Зайнулобидин (Алайҳис салом) дар саҳрои Арафот будем. Аз он боло, ки нигоҳ кардам, дидам саҳро аз ҳоҷӣ мавҷ мезанад. Ба Имом арз кардам:

ما أكثر الحجيج

Алҳамду лиллоҳ чӣ қадр имсол ҳоҷӣ зиёд аст! Имом фармуд:

ما أكثر الضجيج وأقلّ الحجيج

Чӣ қадр фарёд зиёд аст ва чӣ қадр ҳоҷӣ кам аст! Он шахс мегӯяд: ман намедонам Имом чӣ кард ва чӣ бинише ба ман дод ва чӣ чашмеро дар ман бино кард, ки вақте ба ман гуфт: ҳоло нигоҳ кун, дидам саҳрое аст пур аз ҳайвон, як боғи ваҳши комил, ки як идда инсон ҳам дар лобалои ин ҳайвонҳо ҳаракат мекунанд. Фармуд: ҳоло мебинӣ? Ботини қазия ин аст.

Аз назари аҳли ботин ва аҳли маънӣ, ин масъала амре ба возеҳии ин чароғҳост. Ҳол агар зеҳни мутаҷаддидмаоби баъзе аз мо намехоҳад қабул кунад, иштибоҳ мекунем. Дар замони худи мо афроде буда ва ҳастанд, ки метавонанд ҳақиқати инсонҳоро дарк кунанд ва бибинанд.

Инсоне, ки монанди як баҳима ва чаҳорпо ҷуз хӯрдану хобидан ва ҷуз амали ҷинсӣ фикри дигаре надорад ва фақат дар фикри ин аст, ки бихӯраду бихобаду лаззати ҷинсӣ бибарад, аслан руҳаш як чаҳорпост ва ғайр аз ин чизе нест. Воқеан ботин ва фитрати чунин инсоне масх шудааст. Яъне хислатҳои инсонӣ — ки дар бораи он тавзеҳ хоҳем дод — ва инсоният ба куллӣ аз ӯ гирифта шуда ва ба ҷои онҳо худаш барои худаш хислатҳои ҳайвонӣ ва хислатҳои баҳимаӣ ва дарандагӣ касб кардааст. Дар сураи муборакаи Набаъ мехонем:

**يَوْمَ يُنفَخُ فِي الصُّورِ فَتَأْتُونَ أَفْوَاجًا. وَفُتِحَتِ السَّمَاء فَكَانَتْ أَبْوَابًا .وَسُيِّرَتِ الْجِبَالُ فَكَانَتْ سَرَابًا**

*“Рӯзе, ки дар сур дамида шавад ва гурӯҳ-гурӯҳ биёед, ва осмон гушуда ва дарҳое падид шавад, ва кӯҳҳоро равон кунанд ва чун саробе гарданд.”* (*Сураи Набаъ, оятҳои -18-20*)

Дар рӯзи қиёмат мардум гурӯҳ-гурӯҳ мабъусу маҳшур мешаванд. Мукаррар дар мукаррар пешвоёни дин гуфтаанд, ки фақат як гурӯҳ аз мардум ба сурати инсон маҳшур мешаванд. Гурӯҳҳое ба сурат мӯрчагон, гурӯҳҳое ба сурати бӯзинагон, гурӯҳҳое ба сурати ақрабҳо, гурӯҳҳое ба сурати морҳо ва гурӯҳҳое ба сурати палангҳо мабъус мешаванд. Чаро? Магар мумкин аст Худо инсонеро беҷиҳат ба сурати онҳо дароварад? Он ки дар дунё ҷуз газандагӣ коре надорад ва тамоми лаззаташ озоррасонӣ аст, ба сурати воқеии худаш, ки ақраб аст маҳшур мешавад. Ва он кас, ки дар дунё коре ҷуз маймунсифатӣ надорад, дар қиёмат қатъан ба сурати як маймун маҳшур мешавад. Ва касе, ки дар дунё монанди як саг аст, ба сурати як саг маҳшур мешавад:

**يُحشر الناس على نيّاتهم**

*“Мардум дар қиёмат мутобиқи ниятҳо ва мақосид ва хостаҳо ва мутобиқи хислатҳо ва сифоти воқеиашон маҳшур мешаванд.”* (*Муснади Аҳмад, 2/392*) Шумо дар ин дунё чӣ ҳастед? Чӣ мехоҳед бошед? Чӣ чизро мехоҳед? Оё хостаҳои шумо хостаҳои як инсон аст ё хостаҳои як

даранда аст ё хостаҳои як чаранда? Ҳар чи, ки хостаи шумо бошад, шумо ҳамон ҳастед ва ҳамон маҳшур мешавед, ки ҳастед.

Ин аст, ки моро аз ҳамаи парастишҳо ҷуз Худопарастӣ манъ мекунанд. Ҳар чиро, ки мо бипарастем, ҳамон чиз мешавем. Агар пулпараст шавем, пул ҷузъи моҳияти мо ва ҷузъи вуҷуди мо мешавад. Ин пул дар қиёмат ҳамон филизи гудохтааст. Қуръон ба ин мавҷудҳое, ки дар дунё ин филиз ҷузъи вуҷудашон шуда ва ғайр аз парастиши ин филиз, кори дигаре надоштаанд, мегӯяд:

**وَالَّذِينَ يَكْنِزُونَ الذَّهَبَ وَالْفِضَّةَ وَلاَ يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ اللهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيمٍ. يَوْمَ يُحْمَى عَلَيْهَا فِي نَارِ جَهَنَّمَ فَتُكْوَى بِهَا جِبَاهُهُمْ وَجُنوبُهُمْ وَظُهُورُهُمْ هَذَا مَا كَنَزْتُمْ لأَنفُسِكُمْ**

*"Ва касоне, ки зару симро ганҷина мекунанд ва онро дар роҳи Худо ҳазина намекунанд, эшонро аз азобе дарднок хабар деҳ. Рӯзе, ки он ганҷинаҳоро дар оташи дӯзах ва пешонӣ ва паҳлӯ ва пушти ононро бо онҳо доғ кунанд ва гӯянд: ин аст он чи барои худ андӯхтед!.." (Сураи Тавба, оятҳои 34-35)* Ҳамин пулҳо ӯро дар он дунё доғ мекунанд, оташҳои ҷаҳаннамии ӯ ҳастанд. Ин яке аз чизҳое аст, ки инсонро масх мекунад.

Ман дар ин ҷаласа хостам иҷмолан масъалаи инсони маъюб ва инсони солимро тарҳ карда бошам. Инсони уқдадор, инсони маъюб аст. Инсоне, ки як модда аз маводди ин оламро парастиш мекунад — на ин ки моддаеро мавриди истифода қарор медиҳад — як инсони маъюб ва як инсони масхшуда аст.

## Барномаи инсонсозии моҳи муборакӣ Рамазон

Асосан барномаи моҳи муборакӣ Рамазон, барномаи инсонсозӣ аст, ки инсонҳои маъюб дар ин моҳ худро табдил ба инсонҳои солим, ва инсонҳои солим худро табдил ба инсонҳои комил кунанд. Барномаи моҳи муборакӣ Рамазон барномаи тазкияи нафс аст, барномаи ислоҳи маъойиб ва рафъи навоқис аст, барномаи тасаллути ақлу имону ирода бар шаҳавоти нафсонӣ аст, барномаи дуост, барномаи парастиши Ҳақ аст, барномаи парвоз ба сӯи Худост, барномаи тараққӣ додани руҳ аст, барномаи рақо додани руҳ аст.

Агар бино бошад, ки моҳи муборак биёяд ва инсон 30 рӯз гуруснагӣ ва ташнагӣ ва бехобӣ бикашад ва масалан шабҳо то дервақт бедор бошад ва ба ин маҷлису он маҷлис биравад, ва баъд ҳам иди фитр биёяд ва бо рӯзи охири Шаъбон як зарра ҳам фарқ накарда бошад, чунин рӯзае барои инсон асар надорад.

Ислом, ки намехоҳад мардум беҷиҳат даҳонашонро бибанданд, балки бо рӯза гирифтан, қарор аст, ки инсонҳо ислоҳ шаванд. Чаро дар ривоятҳои мо омадааст, ки бисёре аз рӯзадорон ҳастанд, ки ҳазз (насиб) ва баҳраи онҳо аз рӯза ҷуз гуруснагӣ чизе нест? Бастани даҳон аз ғизои ҳалол барои ин аст, ки инсон дар он 30 рӯз тамрин кунад, ки забони худро аз гуфтори ҳаром бибандад, ғайбат накунад, дурӯғ нагӯяд, фуҳш надиҳад.

Ин аз ҳамон умури маънавӣ ва ботинӣ ва малакутӣ аст. Зане омад хидмати Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар ҳоле, ки рӯза дошт. Расули Акрам шир ё чизи дигаре ба ӯ таоруф кард ва фармуд: бигир ва бихӯр. Гуфт: эй Расули Худо! Рӯза дорам. Фармуд: на, рӯза надорӣ, бигир ва бихӯр. Гуфт: на эй Расули Худо! Рӯза дорам. Боз Расули Акрам исрор кард, ки бихӯр. Гуфт: на, рӯза дорам, воқеан рӯза дорам (чун ба ҳисоби худаш воқеан рӯза дошт, вале рӯзаи зоҳирӣ мисли рӯзаҳои мо). Фармуд: ту чӣ гуна рӯза дорӣ, ҳол он ки гӯшти бародар — ё хоҳари — мӯъминатро як соат пеш хӯрдӣ (ғайбат кардӣ)? Мехоҳӣ алъон ба худат ироа диҳам, ки ту гӯшт хӯрдаӣ? Қай кун! Як дафъа қай кард ва лахтаҳои гӯшт аз даҳонаш берун омад. Инсон рӯза бигирад ва ғайбат кунад, яъне даҳони ҷисми худашро аз ғизои ҳалол бибандад ва даҳони руҳи худро барои ғизои ҳаром боз кунад.

Чаро ба мо гуфтаанд, як дурӯғ, ки инсон бигӯяд, таъаффуне аз даҳони ӯ баланд мешавад, ки то ҳафт осмон фариштагонро азият мекунад? Он вақт мегӯянд, чаро инсон вақте дар ҷаҳаннам аст, ин қадр ҷаҳаннам уфунат дорад?! Уфунати ҷаҳаннам ҳамин уфунатҳое аст, ки мо худамон дар дунё эҷод кардаем, ҳамин дурӯғҳое аст, ки худамон мегӯем. Дашном додан ва ҳамзу лмз кардан (яъне бадгӯӣ ва айбҷӯӣ кардан) ҳам ҳамин тавр аст.

Тӯҳмат задан сарвари ҳамаи инҳост, чун тӯҳмат задан, ҳам разилати дурӯғ гуфтанро дорад ва ҳам разилати ғайбат карданро. Чун одаме, ки ғайбат мекунад, рост мегӯяд ва бадгӯӣ мекунад, ва одаме, ки дурӯғ мегӯяд, дурӯғ мегӯяд, вале бадгӯии касеро намекунад, як дурӯғе мебофад ва мегӯяд. Аммо одаме, ки тӯҳмат мезанад, ҳамзамон ҳам дурӯғ мегӯяд ва ҳам ғайбат мекунад. Яъне ду гуноҳи кабираро бо якдигар анҷом медиҳад.

Оё саҳеҳ аст як моҳи Рамазон бар мо бигзарад, ки дар он моҳ мо як силсила тӯҳматҳо ба якдигар баста бошем? Моҳи Рамазон барои ин аст, ки мусалмонон бештар ичтимоъ кунанд, ибодатҳои ичтимоӣ анҷом диҳанд ва дар масоҷид ҷамъ шаванд, на ин ки моҳи Рамазон василаи тафриқа қарор гирад.

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم**

# ЛУЗУМИ ҲАМОҲАНГӢ ДАР РУШДИ АРЗИШҲОИ ИНСОНӢ

وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِي قَالَ لاَ يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ

“Комил” дар ҳар мавҷуде бо мавҷуди дигар мутафовит аст, масалан инсони комил ғайр аз фариштаи комил аст. Агар фариштае дар фаришта будани худаш ба ҳадди аъло ва ба охирин ҳадди камоли мумкин бирасад, ғайр аз ин аст, ки инсон дар олами инсон будани худаш ба ҳадди аълое аз камол бирасад.

## Иллати тафовути камол дар инсон бо соири мавҷудот

Ҳамон касоне, ки моро аз вуҷуди фариштагон огоҳ кардаанд, гуфтаанд, ки фариштагон мавҷудоте ҳастанд, ки аз ақли маҳз офарида шудаанд, аз андеша ва фикри маҳз офарида шудаанд. Яъне дар онҳо ҳеч ҷанбаи хокӣ, моддӣ, шаҳавонӣ, ғазабӣ ва монанди инҳо вуҷуд надорад; ҳамчунон ки ҳайвонот сирфан хокӣ ҳастанд ва аз он чи Қуръон онро руҳи худоӣ муаррифӣ мекунад бебаҳраанд ва ин инсон аст, ки мавҷудест мураккаб аз он чи дар фариштагон вуҷуд дорад ва он чи дар хокиён мавҷуд аст; ҳам малакутӣ аст ва ҳам мулкӣ, ҳам ъилвӣ аст ва ҳам сифлӣ. Ин таъбир дар матни ҳадисе аст, ки дар “*Усули кофӣ*” омадааст ва аҳли тасаннун ҳам ин ҳадисро — зоҳиран бо иборати наздик ба он — нақл кардаанд. Мавлавӣ дар Маснавӣ ин ҳадисро ба сурати шеър овардааст:

*Дар ҳадис омад, ки Яздони маҷид*
*Халқи оламро се гуна офарид.*
*Як гурӯҳро ҷумла ақлу илму ҷуд,*
*Он фариштаст, ӯ надонад ҷуз суҷуд.*
*Нест андар унсураш ҳирсу ҳаво,*
*Нури мутлақ, зинда аз ишқи Худо.*

*Як гурӯҳи дигар аз дониш тиҳӣ,*

*Ҳамчу ҳайвон аз алаф дар фарбеҳӣ.*

*Ӯ набинад ҷуз ки истаблу алаф,*

*Аз шақоват ғофил асту аз шараф.*

*Ин севум ҳаст одамизоду башар,*

*Ними ӯ з-ифриштаву нимеш хар.*

*Ними хар худ моили сифлӣ бувад,*

*Ними дигар моили ақлӣ бувад.*

Мегӯяд, як гурӯҳ аз нури мутлақ офарида шудаанд ва як гурӯҳи дигар — ки мақсуд ҳайвонот аст — аз хашму шаҳват офарида шудаанд ва Худо инсонро мураккаб офарид. Пас, инсони комил ҳамчунон ки бо як ҳайвони комил – масалан, бо як асби дар ҳадди аъло ва идеол ва ба ҳадди камол расида — мутафовит аст, бо як фариштаи комил низ мутафовит аст.

Тафовути инсон ба далели ҳамон таркиби зоташ аст, ки дар Қуръон омадааст:

إِنَّا خَلَقْنَا الْإِنسَانَ مِن نُّطْفَةٍ أَمْشَاجٍ نَّبْتَلِيهِ

(*Сураи Инсон, ояти* 2) Мо инсонро аз нутфае офаридем, ки дар он махлутҳои зиёде вуҷуд дорад. Мақсуд ин аст, ки истеъдодҳои зиёде ба таъбири имрӯз дар женҳои ӯ ҳаст. Баъд мефармояд: инсон ба марҳилае расидааст, ки мо ӯро мавриди озмоиш қарор медиҳем, ин хеле ҳарф аст, яъне ба ҳадде аз камол расида, ки ӯро озод ва мухтор офаридем ва лоиқ ва шоистаи таклифу озмоишу имтиҳон додан қарор додем.

إِنَّا خَلَقْنَا الْإِنسَانَ مِن نُّطْفَةٍ أَمْشَاجٍ نَّبْتَلِيهِ

Инсонро аз нутфае, ки маҷмӯе аз машҷҳо яъне истеъдодҳои гуногун ва таркиботи гуногун аст халқ кардем ва ба ҳамин далел ӯро дар маърази имтиҳону озмоишу подошу кайфару нумра додан қарор додем. Вале мавҷудҳои дигар чунин шоистагиро надоранд.

فَجَعَلْنَاهُ سَمِيعًا بَصِيرًا. إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا

(*Сураи Инсон, оятҳои 2-3*) Аз ин беҳтар ва зеботар озодӣ ва ихтиёри инсон ва реша ва мабнои онро намешавад баён кард: ӯро мавриди озмоиш қарор додем, роҳро ба ӯ намоёндем, он вақт ин худи ӯст, ки бояд роҳи хештанро интихоб кунад.

Бинобар ин, аз ин баёни Қуръон маълум мешавад, ки "комили" инсон ба далел ҳамин амшоҷ будан, бо "комили" фаришта фарқ мекунад.

## Лузуми ҳамоҳангӣ дар рушди арзишҳо

Камоли инсон дар таъодул ва тавозуни ӯст. Яъне, инсон бо доштани ин ҳама истеъдодҳои гуногун он вақт инсони комил аст, ки фақат ба сӯи як истеъдод гароиш пайдо накунад ва истеъдодҳои дигарашро муҳмалу муаттал нагузорад ва ҳамаро дар як вазъи мутаъодил ва мутавозин, ҳамроҳи ҳам рушд диҳад, ки уламо мегӯянд, асосан ҳақиқати адл ба тавозун ва ҳамоҳангӣ бармегардад.

Мақсуд аз ҳамоҳангӣ дар ин ҷо ин аст, ки дар айни ин ки ҳамаи истеъдодҳои инсон рушд мекунад, рушдаш рушди ҳамоҳанг бошад. Мисоли соддае бароятон арз мекунам: як кӯдак, ки рушд мекунад, даст, по, сар, гӯш, бинӣ, забон, даҳон, дандон, аҳшоъ ва амъо ва соири чизҳоро дорост. Кӯдаки солим кӯдаке аст, ки ҳамаи аъзояш ба таври ҳамоҳанг рушд мекунанд. Ҳол агар фарз кунем, ки як инсон фақат биниаш рушд кунад ва соири қисматҳои баданаш рушд накунад — мисли корикотурҳое, ки мекашанд — ё фақат чашмҳояш рушд кунад ё фақат сараш рушд кунад ва танаш рушд накунад ва баръакс, ва ё дасташ рушд кунад ва пояш рушд накунад ва ё пояш рушд кунад ва дасташ рушд накунад, чунин инсоне рушд кардааст, вале рушди ноҳамоҳанг.

Инсони комил он инсоне аст, ки ҳамаи арзишҳои инсонӣ дар ӯ рушд кунанд ва ҳеч кадом берушд намонанд ва ҳама ҳамоҳанг бо якдигар рушд кунанд ва рушди ҳар кадом аз ин арзишҳо ба ҳадди аъло бирасад. Ин инсон мешавад инсони комил; инсоне, ки Қуръон аз ӯ таъбир ба "имом" мекунад:

وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا

(*Сураи Бақара, ояти 124*) Иброҳим баъд аз он ки аз имтиҳонҳои гуногун ва бузурги илоҳӣ берун омад ва ҳамаро ба интиҳо расонид ва дар ҳамаи он имтиҳонҳо нумраи (баҳои) олӣ гирифт, ба мақоми имомат расид. Яке аз имтиҳонҳои бузурги Иброҳим (Алайҳис салом), омода шудани ӯ барои буридани сари фарazанди худаш бо дасти худ дар роҳи Худо буд. Ӯ то ин ҳадд таслим буд, ки вақте фаҳмид Худост, ки ба ӯ амр мекунад, бидуни чуну чаро ҳозир шуд.

فَلَمَّا أَسْلَمَا وَتَلَّهُ لِلْجَبِينِ

Иброҳим омодаи комил барои сар буридан ва Исмоил ҳам омодаи комил барои забҳ шудан буд:

وَنَادَيْنَاهُ أَنْ يَا إِبْرَاهِيمُ. قَدْ صَدَّقْتَ الرُّؤْيَا

(*Сураи Соффот, оятҳои 103-105*) Ба ӯ нидо додем, ки: он чи мо мехостем то ҳамин ҷо буд; мо воқеан аз ту намехостем сарм фарзандатро бибурӣ, мехостем бибинем, ки мақоми таслими ту дар муқобили амри мо ва ризои мо то чӣ ҳадд зуҳуру буруз мекунад.

Баъд аз он ки Иброҳим аз ӯҳдаи ҳамаи имтиҳонҳо — аз ба оташ афтодан то фарзандро ба қурбонгоҳ бурдан — бармеояд ва ба танҳоӣ бо як қавм ва як миллат мубориза мекунад, он гоҳ ба ӯ хитоб мешавад:

إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا

Акнун ба ҳадде расидаӣ, ки метавонӣ улгу бошӣ, имому пешво бошӣ, роҳнамои дигарон бошӣ ва ба таъбири дигар, ту инсони комилӣ; инсонҳои дигар барои комил шудан бояд худро бо ту татбиқ диҳанд.

Алӣ (Алайҳис салом) инсони комил аст, барои ин ки "ҳамаи арзишҳои инсонӣ", "дар ҳадди аъло" ва ба таври "ҳамоҳанг" дар ӯ рушд кардааст. Яъне ҳар се шартро дорост.

Масъалаи ҳамоҳангиро бояд як миқдор тавзеҳ диҳам. Ҷазру мадди дарёро дидаед ва ё ҳаддиақал шунидаед. Дарё доиман дар ҳоли ҷазру мадд аст, гоҳе аз ин тараф ва гоҳе аз он тараф кашида мешавад ва доиман хурӯшон аст. Руҳи инсон ва ба табаи он, ҷомеаи инсонӣ

ин ҳолати ҷазру маддеро, ки дар дарё ҳаст дорост. Руҳи инсон доиман дар ҳоли ҷазру мадд аст, аз ин тарафу он тараф кашида мешавад. Ҷомеаҳо низ гоҳе ба ин тарафу он тараф кашида мешаванд. Албатта маншаи кашида шудани ҷомеаҳо мумкин аст афрод ё ҷараёнҳои дигаре бошанд, вале ин қазия ҳаст.

Ҳатто арзишҳои инсонии инсон ҳам ҳамин тавр аст (Мо феълан ба он кашишҳои хокӣ ва ҳайвонӣ коре надорем). Яъне шумо афродеро мебинед, ки воқеан гароишашон гароиши инсонӣ аст, аммо гоҳе дар ҷиҳати як гароиш аз гароишҳои инсонӣ “мадд” пайдо мекунанд ва кашида мешаванд ба тавре, ки ҳамаи арзишҳои дигар фаромӯш мешавад. Инҳо мисли ҳамон одаме мешаванд, ки фақат гӯш ё бинӣ ё дасташ рушд кардааст.

Ин як нуктае аст, ки ғолибан ҷомеаҳо аз роҳи гароиш сад дар сад ба ботил, ба гумроҳӣ кашида намешаванд, балки аз ифрот дар як ҳақ ба фасод кашида мешаванд. Бисёре аз инсонҳо низ аз ин роҳ ба фасод кашида мешаванд.

## Намунаҳои ифрот дар рушди як арзиши хосс

## 1) Ибодат:

Яке аз арзишҳои инсонӣ, ки ислом онро сад дар сад таъйид мекунад, ибодат аст. Ибодат ба ҳамон маънии хоссаш мавриди назар аст.[1] Яъне ҳамон хилват бо Худо, намоз, дуо, муноҷот, таҳаҷҷуд, намози шаб ва монанди он, ки ҷузъи мутуни ислом аст ва аз ислом ҳазфшуданӣ нест.

Ибодат як арзиши воқеӣ аст, вале агар муроқибат нашавад, ҷомеа ба ҳадди ифрот ба сӯи ин арзиш кашида мешавад, яъне асосан ислом фақат мешавад ибодат кардан, фақат мешавад масҷид рафтан, намози мустаҳаб хондан, дуо хондан, таъқиб хондан, ғуслҳои мустаҳаб баҷо овардан, тиловати Қуръон. Агар ҷомеа дар ин масир ба ҳадди ифрот биравад, ҳамаи арзишҳои дигари он маҳв мешавад, чунонки мебинем дар таърихи ислом

[1] Албатта дар ислом ҳар коре, ки инсон барои Худо анҷом диҳад, ибодат аст. Инсон вақте ки дунболи кору касбу шуғлу фаъолият меравад ва қасдаш ин аст, ки бо ин кор худро аз дигарон бениёз гардонад ва оилаашро идора кунад ва ба ҷомеаи худ хидмат намояд, дар ҳоли ибодат аст.

чунин мадде дар ҷомеаи исломӣ пайдо шуда ва ҳатто дар афрод чунин маддеро мебинем. Афроди сад дар сад беғараз, ки ҳеч намешавад онҳоро муттаҳам кард, ба ин водӣ афтодаанд ва вақте ба ин ҷодда кашида шуданд, дигар наметавонанд таъодулро ҳифз кунанд. Чунин шахсе наметавонад бифаҳмад, ки Худо ӯро инсон офарида ва фаришта наёфаридааст. Агар фаришта буд, бояд аз ин роҳ мерафт. Инсон бояд арзишҳои мухталифро ба таври ҳамоҳанг дар худ рушд диҳад.

Ба Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) хабар доданд, ки иддае аз асҳоб ғарқ дар ибодат шудаанд. Нороҳат ва асабонӣ ба масҷид ташриф овард ва фарёд кашид:

**ما بال أقوام**

*“Чӣ мешавад гурӯҳҳоеро? Чиашон аст?”*

(Таъбири муаддабонае аст, мисли ин ки мегӯем, чӣ маразе доранд?) Шунидаам, чунин афроде дар уммати ман пайдо шудаанд! Ман, ки пайғамбари шумо ҳастам, ин тавр нестам; ҳеҷ вақт ҳамаи шаб то субҳро ибодат намекунам, қисмате аз онро истироҳат мекунам, мехобам. Ман ба хонадон ва ҳамсарони худ расидагӣ мекунам, ҳар рӯз рӯза намегирам, баъзе рӯзҳо рӯза мегирам, рӯзҳои дигарро ҳатман ифтор мекунам. Касоне, ки ин корҳоро пеш гирифтаанд, аз суннати ман хориҷанд. Пайғамбар вақте эҳсос мекунад як арзиш аз арзишҳои исломӣ соири арзишҳоро дар худ маҳв мекунад, яъне ҷомеаи исломӣ ба як тараф мадд пайдо кардааст, шадидан бо он мубориза мекунад.

Амр ибни Ос ду писар дорад: яке ба номи Муҳаммад, ки типи падараш аст, яъне аҳли дунё ва дунёпараст аст, ва дигаре ба номи Абдуллоҳ, ки нисбатан писари наҷибтаре аст. Ҳамеша дар машваратҳое, ки падар бо ду писараш мекард, Абдуллоҳ падарро даъват ба ҷониби Алӣ (Алайҳис салом) мекард ва он писари дигар ба падар мегуфт: хайре аз Алӣ намебинӣ, бирав тарафи Муовия. Як вақт пайғамбар ба Абдуллоҳ расид ва фармуд: чунин ба ман хабар додаанд, ки шабҳо то субҳ ибодат мекунӣ ва рӯзҳо рӯза мегирӣ? Гуфт: бале, эй Расули Худо! Фармуд: вале ман чунин нестам ва қабул ҳам надорам ва ин кор дуруст нест, ин корро тарк кун.

Гоҳе ҷомеа ба сӯи зуҳд кашида мешавад. Зуҳд худаш ҳақиқате аст, қобили инкор нест, як арзиш аст ва дорои осору фавоид. Маҳол ва мумтанеъ аст, ки ҷомеае рӯи саодат бибинад ё

лоақал онро битавонем ҷомеаи исломӣ бишуморем дар ҳоле, ки дар он ҷомеа ин унсур ва ин арзиш вуҷуд надошта бошад. Аммо мебинед гоҳе ҳамин арзиш ҷомеаро ба сӯи худ мекашад, дигар ҳама чиз мешавад зуҳд, ва ғайр аз зуҳд чизи дигаре нест.

## 2) Хидмат ба халқ:

Яке аз арзишҳои қотеъ ва мусаллами инсон, ки ислом онро сад дар сад таъйид мекунад ва воқеан арзише инсонӣ аст, хидматгузори халқи Худо будан аст. Дар ин замина Пайғамбари Акрам зиёд таъкид фармудааст. Қуръони Карим дар заминаи таъовун ва кӯмак додан ва хидмат кардан ба якдигар мефармояд:

**لَّيْسَ الْبِرَّ أَن تُوَلُّواْ وُجُوهَكُمْ قِبَلَ الْمَشْرِقِ وَالْمَغْرِبِ وَلَكِنَّ الْبِرَّ مَنْ آمَنَ بِاللّهِ وَالْيَوْمِ الآخِرِ وَالْمَلآئِكَةِ وَالْكِتَابِ وَالنَّبِيِّينَ وَآتَى الْمَالَ عَلَى حُبِّهِ ذَوِي الْقُرْبَى وَالْيَتَامَى وَالْمَسَاكِينَ وَابْنَ السَّبِيلِ وَالسَّآئِلِينَ وَفِي الرِّقَابِ**

*"Некӯкорӣ он нест, ки рӯи худро ба сӯи Машриқ ва ё Мағриб бигардонед, балки некӣ он аст, ки касе ба Худо ва рӯзи қиёмат ва фариштагон ва китоби осмонӣ ва паёмбарон имон оварад ва моли худро — бо вуҷуди дӯст доштанаш — ба хешовандон ва ятимон ва бенавоён ва дар роҳ мондагон ва гадоён ва дар роҳи озод кардани бандагон бидиҳад…"* (*Сураи Бақара, ояти 177*)

Аммо инсоне мисли Саъдӣ мегӯяд:[1]

*"Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест"*.[2] Ҳамин яке асту бас. Иддае бо гуфтани ин сухан, мехоҳанд арзиши ибодатро нафй кунанд, арзиши зуҳдро нафй кунанд, арзиши илмро нафй кунанд, арзиши ҷиҳодро нафй кунанд, ин ҳама арзишҳои олӣ ва бузургеро, ки дар ислом барои инсон вуҷуд дорад якдафъа нафй кунанд. Мегӯянд: медонед "инсоният" яъне чӣ? Яъне хидмат ба халқи Худо. Махсусан баъзе аз ин равшанфикрҳои имрӯз хаёл мекунанд

[1] Албатта Саъдӣ дар амал ин тавр набуда, забони шеър аст.

[2] Устод Мутаххарӣ дар бораи мақсуди Саъдӣ аз ин шеър, дар ҷаласаи ёздаҳум тавзеҳ медиҳанд.

ба як мантиқи хеле олӣ даст ёфтаанд ва исми он мантиқи хеле олиро “инсоният” ва “инсонгароӣ” мегузоранд.

Инсонгароӣ яъне чӣ? Мегӯянд: яъне хидмат кардан ба халқ, мо ба халқи Худо хидмат мекунем. Мегӯем: бояд ҳам ба халқи Худо хидмат кард, аммо худи халқи Худо чӣ мехоҳад бошад? Фарз кунем шиками халқи Худоро сер кардем ва танашонро пӯшондем, тоза мо ба як ҳайвон хидмат кардаем. Агар мо барои онҳо арзиши болотаре қоил набошем ва аслан ҳамаи арзишҳо мунҳасир ба хидмат ба халқи Худо бошад ва на дар худи мо арзиши дигаре вуҷуд дошта бошад ва на дар дигарон, тоза халқи Худо мешаванд маҷмӯае аз гӯсфандҳо, маҷмӯае аз асбҳо. Шиками як идда ҳайвонро сер кардаем, тан як идда ҳайвонро пӯшондаем. Албатта агар инсон шиками ҳайвонҳоро ҳам сер кунад, ба ҳар ҳол коре кардааст, вале оё ҳадди аълои инсон ин аст, ки дар ҳайвоният боқӣ бимонад ва ҳадди аълои хидмати ман ин аст, ки ба ҳайвонҳое мисли худам хидмат кунам ва ҳайвонҳое мисли худам ҳам ҳадди аълои хидматашон ин аст, ки ба ҳайвоне мисли худашон — ки ман бошам — хидмат кунанд?! На, хидмат ба инсон арзиши волое аст, вале инсон ба шарти инсоният. Ҳамеша ин ҳарфро гуфтаем: Лумумбо (*Patrice Lumumba*) инсон аст, Мӯсо Чумба (*Moïse Tshombe*) ҳам инсон аст. Агар бино бошад фақат масъалаи хидмат ба халқ матраҳ бошад, Мӯсо Чумба як халқ аст ва Лумумбо ҳам як халқи дигар, пас чаро миёни инҳо тафовут қоил мешавед? Чӣ фарқе аст миёни Абӯзар ва Муовия?

Пас, ин ки инсоният яъне хидмат ба халқ ва ҳеч арзиши дигаре матраҳ нест, боз як навъ ифроти дигаре аст.

## 3) Озодӣ:

Озодӣ яке аз бузургтарин ва олитарин арзишҳои инсонӣ аст ва ба таъбири дигар, ҷузъи маънавиёти инсон аст.[1] Озодӣ барои инсон арзише мофавқи арзишҳои моддӣ аст. Инсонҳое, ки бӯе аз инсоният бурдаанд, ҳозиранд бо шиками гурусна ва тани бараҳна ва дар сахттарин шароит зиндагӣ кунанд, вале дар асорати як инсони дигар набошанд, маҳкуми инсони дигар набошанд, озод зиндагӣ кунанд.

[1] Маънавиёти инсон яъне чизҳое, ки мофавқи ҳадди ҳайвонияти ӯст.

Медонед, ки мутаассифона[1] Бӯалӣ Сино муддате вазир буд. Достони аҷибе аз ин даврони зиндагии ӯ дар китоби "*Номаи донишварон*" омадааст:

"*Рӯзе бо кавкабаи вазорат аз роҳе мегузашт. Канносеро дид, ки худ бад-он шуғли касиф машғул ва забонаш бад-ин шеъри латиф мутаранним аст:*

*Гиромӣ доштам эй нафс аз онат,*

*Ки осон бигзарад бар дил ҷаҳонат.*

*Шайхро аз шунидани он шеър табассум омад. Бо шакарханда аз рӯи таъриз овоз дод, ки: алҳаққ ҳадди таъзиму такрим ҳамон аст, ки ту дар бораи нафси шариф маръӣ доштаӣ! Қадри ҷоҳаш ин аст, ки дар қаъри чоҳ ба зиллати канносӣ дучораш карда ва ъиззу шаънаш ин аст, ки бад-ин хиффату хорӣ гирифтораш сохтаӣ. Умри нафисро дар ин амри хасис табоҳ мекунӣ ва ин кори зиштро ифтихори нафс мешуморӣ.*

*Марди каннос даст аз кор кӯтоҳу забон бар вай дароз карда, гуфт: дар олами ҳиммат, нон аз шуғли хасис хӯрдан беҳ, ки бори миннати раис бурдан.*

*Бӯалӣ гарқи арақ шуд ва бо шитоб тамом гузашт*".[2]

Бӯалӣ дид мантиқе аст, ки ҷавоб надорад, воқеияте аст. Дар мантиқи ҳайвонӣ ва хокӣ маънӣ надорад, ки инсон мурғу палаву асбу канизу ғулому бираву биёро раҳо кунад ва биёяд канносӣ кунад ва баъд, аз озодӣ ва озодагӣ сухан биронад. Озодӣ ва озодагӣ чист? Магар як чизи маҳсусу малмус аст? На, маҳсусу малмус нест. Вале барои виҷдони олии башар, озодӣ он қадр арзиш дорад, ки канносиро бар асорат тарҷеҳ медиҳад.

Озодӣ воқеан як арзиши бузург аст. Гоҳе инсон мебинад дар баъзе аз ҷомеаҳо ин арзиш ба куллӣ фаромӯш шуда. Вале як вақт ҳам мебинад ин ҳисс дар башар бедор мешавад. Баъзе афрод мегӯянд, башарият ва башар яъне озодӣ, ва ғайр аз озодӣ арзиши дигаре вуҷуд надорад. Яъне мехоҳанд тамоми арзишҳоро дар ин як арзиш, ки номаш озодӣ аст маҳв

---

[1] Мутаассифона бояд гуфт, барои ин ки ин мард дар асари вазорат, аз кори илмии худ бозмонд. Ӯ бо он нубуғи хориқулодае, ки дошт агар дунболи вазорату риёсат намерафт, кори хеле бузургтаре аз он чи кардааст барои башар анҷом медод. Ашхосе мисли Мулло Садро ҳамеша мутаассифанд, ки чаро ин мард дар ин водӣ афтод.

[2] Номаи донишварон, ҷ.1, с.113 (чопи дуввум).

кунанд. Дар ҳоле, ки озодӣ танҳо арзиш нест. Арзиши дигар адолат аст, арзиши дигар ҳикмат аст, арзиши дигар ирфон аст ва чизҳои дигар.

## 4) Ишқ:

Гоҳе ишқ — мисли он чи ки дар ирфону тасаввуф ва дар ғазалиёти ирфонии мо ҳаст — танҳо арзиши инсонӣ мешавад:

*Ҷилвае кард рухаш дид малак ишқ надошт*

Ва ё:

*Фаришта ишқ надонад, ки чист, эй соқӣ!*

*Бихоҳ ҷому гулоби ба хоки одам рез.*

Дигар, тамоми арзишҳои дигар ҳатто ақл нодида гирифта мешаванд. Урафо, ки гароишашон ба арзиши ишқ аст, аслан гароиши зидди ақл доранд ва расман бо ақл мубориза мекунанд. Ҳофиз мегӯяд:

*Сӯфӣ аз партави май рози ниҳонӣ донист,*

*Гавҳари ҳар кас аз ин лаъл тавонӣ донист.*

*Қадри маҷмӯаи гул мурғи саҳар донаду бас,*

*Ки на ҳар, к-ӯ вароқе хонд, маъонӣ донист.*

Мехоҳад бигӯяд, фақат ва фақат ориф бо маркаби ишқ, ба ирфони Ҳақ мерасад. Дар чанд байти баъд мегӯяд:

*Эй, ки аз дафтари ақл ояти ишқ омӯзӣ,*

*Тарсам ин нукта ба таҳқиқ натонӣ донист.*

Мухотабаш дар ин байт, Бӯалӣ Синост, ки дар охири “*Ишорот*” сухан аз ишқ гуфтааст. Пас, аз назари инҳо асосан инсон ва инсоният иборат аз ишқ мешавад ва ақл ба далели ин ки ъиқолу пойбанд аст, ба куллӣ маҳкум мешавад.

Як вақт ҳам мебинед танҳо арзиш, мешавад арзиши ақлу фикр. Инсон мегӯяд ин ҳарфҳо чист, инҳо ҳама хаёлот аст. Бӯалӣ Сино гоҳе дар байни сӯҳбатҳояш мегӯяд: ин ҳарфҳо ашбаҳ (шабеҳтар) ба хаёлоти сӯфия аст, бояд бо маркаби ақл ҷилав рафт.

Инҳо арзишҳои гуногуне аст, ки дар башар вуҷуд дорад: ақл, ишқ, муҳаббат, адолат, хидмат, ибодат, озодӣ ва анвоъи дигари арзишҳо.

Ҳол, кадом инсон инсони комил аст? Ӯ, ки фақат обиди маҳз аст? Ӯ, ки фақати озодаи маҳз аст? Ӯ, ки фақат ошиқи маҳз аст? Ӯ, ки фақат оқили маҳз аст?

На, ҳеч кадом инсони комил нест. Инсони комил он инсоне аст, ки "ҳамаи ин арзишҳо" "дар ҳадди аъло " ва "ҳамоҳанг бо якдигар" дар ӯ рушд карда бошад. Алӣ (Алайҳис салом) чунин инсоне аст.

## Ҷомеъияти "Наҳҷул-балоға"

"*Наҳҷул-балоға*"[1] чӣ гуна китобе аст? Дар "*Наҳҷул-балоға*" аносури гуногунро мебинед. Вақте инсон "*Наҳҷул-балоға*"-ро мутолеа мекунад, гоҳе хаёл мекунад Бӯалӣ Синост, ки дорад ҳарф мезанад. Як ҷои дигарро, ки мутолеа мекунад, хаёл мекунад Муллои Румӣ ё Муҳйиддини Арабӣ аст, ки дорад ҳарф мезанад. Ҷои дигарашро, ки мутолеа мекунад, мебинад як марди ҳамосӣ мисли Фирдавсӣ аст, ки дорад ҳарф мезанад, ё фалон марди озодихоҳ, ки ҷуз озодӣ чизе сараш намешавад дорад ҳарф мезанад. Як ҷои дигарро, ки мутолеа мекунад, хаёл мекунад як обиди гӯшанишин ва як зоҳиди гӯшагир ва ё як роҳиб дорад ҳарф мезанад. Ҳамаи арзишҳои инсониро дар он мебинем, чун сухан, намояндаи руҳи гӯянда аст.

Бибинед, Алӣ чӣ қадр бузург аст ва мо чӣ қадр кучак! То ҳудуди 50 сол пеш, ки гароиши ҷомеаи мо дар масоили динӣ ва мазҳабӣ фақат рӯи арзиши зуҳду ибодат буд, вақте воизе болои минбар мерафт, кадом қисмат аз "*Наҳҷул-балоға*"-ро мехонд? Ҳудуди 10 то 20 хутба буд, ки маъмул буд хонда шавад. Кадом хутбаҳо? Хутбаҳои зуҳдӣ ва мавъизаии "*Наҳҷул-балоға*", монанди хутбае, ки ин тавр шурӯъ мешавад:

---

[1] Сайид Разӣ, ки марде адиб буда, фақат метавониста бо як ҷанба аз "Наҳҷул-балоға" тамос бигирад. Ӯ шоҳкорҳои адабии каломи Амирулмӯъмининро интихоб кардааст. Он чи ки алъон дар "Наҳҷул-балоға" ҳаст, дар ҳудуди 229 хутба аст, дар сурате, ки Масъудӣ, соҳиби "Муруҷуз-заҳаб", ки сад сол қабл аз Сайид Разӣ буда — чун дар матни "Муруҷуз-заҳаб" гоҳе менависад алъон соли 333 аст — мегӯяд: "Алъон дар ҳудуди 480 хутба аз Алӣ (Алайҳис салом) дар дасти мардум аст." Бо ин васф чӣ тавр баъзе мегӯянд, ки "Наҳҷул-балоға" баъд аз Сайид Разӣ пайдо шудааст?!

**أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّمَا الدُّنْيَا دَارُ مَجَازٍ وَالْآخِرَةُ دَارُ قَرَارٍ، فَخُذُوا مِنْ مَمَرِّكُمْ لِمَقَرِّكُمْ**

*“Эй мардум! Дунё саройе аст, ки гузаргоҳи шумост ва охират саройе аст пойдор, пас аз ин сарой, ки гузаргоҳи шумост тӯша баргиред…”* (*Наҳҷул-балога, хутбаи 203*) Боқии хутбаҳои “*Наҳҷул-балога*” матраҳ набуд, чун аслан ҷомеа наметавонист онҳоро ҷазб кунад. Ҷомеа ба сӯи як силсила арзишҳо гароиш пайдо карда буд ва ҳамон қисмати “*Наҳҷул-балога*”, ки дар ҷиҳати он гароишҳо ва арзишҳо буд маъмул буд. Сад сол мегузашт ва шояд як нафар пайдо намешуд, ки фармони Амирулмӯъминин ба Молики Аштарро, ки хазонае аз дастурҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст бихонад, чун аслан руҳи ҷомеа ин нишоту ин мавҷро надошт. Масалан он ҷо ки Алӣ (Алайҳис салом) мегӯяд:

**فَإِنِّي سَمِعْتُ رَسُولَ اللهِ صلّى الله عليه وآله وسلم يَقُولُ فِي غَيْرِ مَوْطِنٍ: لَنْ تُقَدَّسَ أُمَّةٌ لاَ يُؤْخَذُ لِلضَّعِيفِ فِيهَا حَقُّهُ مِنَ الْقَوِيِّ غَيْرَ مُتَتَعْتِعٍ**

Мефармояд: аз Пайғамбар мукаррар шунидам, ки мефармуд: *“Ҳеч уммате ба мақоми қадосат ва таҳорат ва мубарро ва холӣ будан аз айб намерасад, магар ин ки қаблан ба ин марҳила расида бошад, ки заъиф дар муқобил қавӣ биистад ва ҳаққи худро мутолиба кунад бидуни ин ки лукнати забон пайдо кунад.”* (*Наҳҷул-балога, номаи 53*)

Ҷомеаи 50 сол пеш наметавонист арзиши ин ҳарфро дарк кунад, чун ҷомеаи якарзишӣ буд, фақат ба сӯи як арзиш ё ду арзиш гароиш пайдо карда буд,[1] вале дар каломи Алӣ (Алайҳис салом) ҳамаи арзишҳои инсонӣ ҳаст ва ин арзишҳо дар таърихи зиндагӣ ва шахсияти ӯ мавҷуд аст.

---

[1] Ҷомеаи худамонро намехоҳам тақдис кунам, вале боз дар ҷомеаи мо баъзе арзишҳо пайдо шуда, ки хеле ҷои хушвақтӣ аст. Аммо ин бимро дорам, ки ин арзишҳо боз якҷониба ва яктарафа шавад ва сабаби маҳви баъзе арзишҳои дигар гардад.

# Авсофи Алӣ (а)

Мо агар Алиро улгу ва имоми худ бидонем, як инсони комил ва як инсони мутаъодил ва як инсонеро, ки ҳамаи арзишҳои инсонӣ ба таври ҳамоҳанг дар ӯ рушд кардааст, пешвои худ қарор додаем.

Вақте шаб мешавад ва хилвати шаб фаро мерасад, ҳеч орифе ба пойи ӯ намерасад. Он руҳи ибодат, ки ҷазб шудан ва кашида шудан ба сӯи Ҳақ ва парвоз ба сӯи Худост, бо шиддат дар ӯ рух медиҳад, мисли он ҳолате, ки инсон дар матлабе доғ мешавад. Масалан, вақте дар ҳолати ҷангу даъвову ситез аст, чоқу қисмате аз баданашро мебурад ва як тикка гӯшт аз баданаш ба тарафе андохта мешавад, вале органон таваҷҷӯҳаш мутамаркизи мубориза аст, ки эҳсос намекунад як қитъа гӯшт аз баданаш ҷудо шудааст. Алӣ дар ҳоли ибодат чунон гарм мешавад ва он ишқи илоҳӣ чунон дар вуҷудаш шӯъла мекашад, ки аслан гӯӣ дар ин олам нест. Худаш гурӯҳеро ин тавр тавсиф мекунад:

**هَجَمَ بِهِمُ الْعِلْمُ عَلَى حَقِيقَةِ الْبَصِيرَةِ وَبَاشَرُوا رُوحَ الْيَقِينِ وَاسْتَلَانُوا مَا اسْتَوْعَرَهُ الْمُتْرَفُونَ وَأَنِسُوا بِمَا اسْتَوْحَشَ مِنْهُ الْجَاهِلُونَ، وَصَحِبُوا الدُّنْيَا بِأَبْدَانٍ أَرْوَاحُهَا مُعَلَّقَةٌ بِالْمَحَلِّ الْأَعْلَى**

“*Онон, ки дониш нури ҳақиқатбиниро бар қалбашон тобида, ва руҳи яқинро дарёфтаанд, ки он чиро хушгузаронҳо душвор мешуморанд, осон гирифтанд, ва бо он чи, ки ноогоҳон аз он ҳарос доштанд, унс гирифтанд. Дар дунё бо баданҳое зиндагӣ мекунанд, ки арвоҳашон ба ҷаҳони боло пайванд хӯрдааст…” (Наҳҷул-балога, ҳикмати 147*)

Бо мардуманд ва бо мардум нестанд. Дар ҳоле, ки бо мардуманд, руҳашон ба олитарин маҳалл вобаста аст. Дар ҳоли ибодат тирро аз баданаш берун меоваранд, вале ӯ ончунон маҷзуби Ҳақ ва ибодат аст, ки мутаваҷҷеҳ намешавад, ҳис намекунад. Ончунон дар меҳроби ибодат мегиряд ва ба худ мепечад, ки назирашро касе надидааст.

Рӯз, ки мешавад, гӯӣ аслан ин одам он одам нест. Бо асҳобаш, ки менишинад, чунон чеҳрааш бозу хандон аст,[1] ки аз ҷумлаи авсофаш ин буд, ки ҳамеша қиёфааш бозу шукуфта

[1] Бар хилофи зуҳҳод ва уббоди мо, ки вақте зоҳид ва обид мешаванд, хоссияти зуҳдашон ин аст, ки рӯяшонро турш мекунанд, абус мешаванд ва ба ҳамаи мардум миннат доранд.

аст. Ба қадре Алӣ (Алайҳис салом) ба истилоҳ хушмаҷлис ва ҳатто базлагӯ буд, ки Амр ибни Ос вақте алайҳи Алӣ таблиғ мекард, мегуфт: ӯ ба дарди хилофат намехӯрад, чун хандарӯст, одами хандарӯ, ки ба дарди хилофат намехӯрад, хилофат одами абус мехоҳад, ки мардум аз ӯ битарсанд. Инро ҳам худаш дар "*Наҳҷул-балога*" нақл мекунад:

**عَجَباً لِابْنِ النَّابِغَةِ! يَزْعُمُ لِأَهْلِ الشَّامِ أَنَّ فِيَّ دُعَابَةً، وَأَنِّي امْرُؤٌ تِلْعَابَةٌ**

"*Аз писари нобига таъаҷҷуб мекунам, ки мегӯяд: Алӣ хеле бо мардум хушу беш мекунад, хеле шӯхӣ мекунад, аҳли мизоҳ аст.*" (*Наҳҷул-балога, хутбаи 84*)

Бо душман, ки дар майдони ҷанг ба сурати як муҷоҳид рӯ ба рӯ мешавад, боз чеҳрааш бозу хандон аст, ки дар бораааш гуфтаанд:

**هو البكاء في المحراب ليلا**

**هو الضحاك إذا اشتدّ الضراب**

"*Ӯст, ки дар меҳроби ибодат бисёр гирён ва дар майдони набард бисёр хандон аст*".

Ӯ чӣ гуна мавҷуде аст? Ӯ инсони Қуръон аст. Қуръон чунин инсоне мехоҳад:

**إِنَّ نَاشِئَةَ اللَّيْلِ هِيَ أَشَدُّ وَطْءًا وَأَقْوَمُ قِيلًا. إِنَّ لَكَ فِي اَلنَّهَارِ سَبْحًا طَوِيلًا**

"*Қатъан бархостани шаб ранҷиши бештар ва гуфтор дар он ҳангом ростинтар аст. (Ва) туро дар рӯз омаду шуде дароз аст.*" (*Сураи Муззаммил, оятҳои 6-7*)

Шабро барои ибодат бигузор ва рӯзро барои шиноварӣ дар зиндагӣ ва иҷтимоъ. Алӣ (Алайҳис салом) гӯӣ шаб як шахсият ва рӯз шахсияти дигаре аст.

Ҳофиз чун муфассир аст ва печутобҳои Қуръонро хуб дарк мекунад, бо забони рамзи худ ҳамин мавзӯъро, ки шаб вақти ибодат ва рӯз мавқеъи ҳаракату рафтан ба дунболи зиндагӣ аст, дар ашъораш овардааст:[1]

---

[1] Дар ин мавзӯъ шеъре аз Ҳофизро бароятон матраҳ мекунам, зеро Ҳофиз ҷузъи касоне аст, ки мехоҳанд ононро василае барои гумроҳӣ ва инҳирофи ҷавонон қарор диҳанд. Вақте ҷавонон бибинанд як шахсияти хеле бузург ва шоири ҳунарманди олӣ кораш шаробхорӣ ва ҳарзагӣ буда, мегӯянд бинобар ин мо ҳам биравем мисли Ҳофиз бишавем, аз ӯ, ки беҳтар нестем; дар сурате, ки

*Рӯз дар касби ҳунар кӯш, ки май хӯрдани рӯз,*
*Дили чун ойина дар занг залом андозад.*
*Он замон вақти майи субҳфурӯғ аст, ки шаб,*
*Гирди хиргоҳ уфуқ пардаи шом андозад.*[1]

Алӣ (Алайҳис салом) рӯзу шабаш ин гуна аст.

Таъбири "ҷомеъул аздод будан", ки мо дар бораи инсони комил мегӯем, сифате аст, ки аз ҳазор сол пеш Алӣ (Алайҳис салом) бо он шинохта шудааст. Ҳатто худи Сайид Разӣ дар муқаддимаи "*Наҳҷул-балоға*" мегӯяд: "*Матлабе, ки ҳамеша бо дӯстонам дар миён мегузорам ва эъҷоби онҳоро бармеангезам ин мавзӯъ аст, ки ҷанбаҳои гуногуни суханони Алӣ (Алайҳис салом) ба гунае аст, ки инсон дар ҳар қисмате аз суханони ӯ, ки ворид мешавад, мебинад ба як дунёе рафтааст: гоҳе дар дунёи ъуббод (обидон) аст ва гоҳе дар дунёи зуҳҳод (зоҳидон), гоҳе дар дунёи фалосифа аст ва гоҳе дар дунёи урафо, гоҳе дар дунёи сарбозон ва афсарон аст ва гоҳе дар дунёи ҳуккоми одил, гоҳе дар дунёи қузот (қозиён) аст ва гоҳе дар дунёи муфтиҳо. Алӣ (Алайҳис салом) дар ҳамаи дунёҳо вуҷуд дорад ва аз ҳеч дунёе аз дунёҳои башарият ғоиб нест.*"

Сафиюддини Ҳиллӣ — ки дар қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ мезистааст — мегӯяд:

---

ашъори Ҳофиз ҳама ирфону маънӣ аст ва тамоми шеърҳояш ба сурати рамз аст. Таърих ин тавр баён карда, ки Ҳофиз асосан як марди олим буда, на шоир, ва то 200 сол баъд аз вафоташ олиме шумурда мешуд, ки гоҳе ҳам шеър мегуфтааст. Баъд аз 200 сол ҷанбаҳои илмии ӯ фаромӯш шуд ва ба сурати як шоир маъруф шуд. Олиме буд, ки кораш тафсири Қуръон ҳам буд ва аслан муфассири Қуръон буд ва маъмулан китоби "Кашшоф"-и Замахшариро тадрис мекард. Марде буд ориф ва муфассир ва олам, ва асосан дар ин аволиме, ки бархе мегӯянд набудааст, вале забони шеъраш забони рамз аст.

[1] Устод дар ҳавошии худ бар Девони Ҳофиз (Ойинаи Ҷом) дар канори ин шеър чунин навиштаанд: "Мақсуд ин аст, ки рӯз вақти хилвату ҳолоти хосс нест:

إِنَّ لَكَ فِي اَلنَّهَارِ سَبْحًا طَوِيلًا

Шаб аст, ки вақти хилвату унсу файз аст:

إِنَّ نَاشِئَةَ اللَّيْلِ هِيَ أَشَدُّ وَطْءًا وَأَقْوَمُ قِيلًا
وَمِنَ اللَّيْلِ فَتَهَجَّدْ بِهِ نَافِلَةً لَّكَ عَسَىٰ أَن يَبْعَثَكَ رَبُّكَ مَقَامًا مَّحْمُودًا

Бинобар ин, ин ду байт дар радифи абёте аст, ки аз зикру вирду муноҷоту хилвати саҳар ёд кардааст." Сипас Устод маҳалли абёти дигари Ҳофиз дар ин заминаро мушаххас кардаанд.

**جُمعت في صفاتك الأضداد**

**فلهاذا عزّتْ لك الأنداد**

Аздод (зиддҳо) дар ту як ҷо ҷамъ шудаанд. Баъд мегӯяд:

**زاهد حاكم حليم شجاع**

**ناسك فاتك فقير جواد**

Ҳалимӣ дар ниҳояти дараҷаи ҳилм, ва шуҷоъӣ дар ниҳояти дараҷаи шуҷоат, хунрезӣ дар ниҳояти дараҷаи хунрезӣ — дар ҷое, ки бояд хуни касиферо рехт — ва обид ҳастӣ дар мунтаҳои дараҷаи ибодат, фақирӣ ва ҷавод! Надорӣ ва бахшанда ҳастӣ, надорӣ ва он чи ба дастат меояд, мебахшӣ, ки:

*Қарор дар кафи озодагон нагирад мол,*
*На сабр дар дили ошиқ, на об дар гирбол.*

Ҳамин тавр Алиро тавсиф мекунад:

**خُلق يخجل النسيم من العطف**

**وبأس يذوب منه الجماد**

Ахлоқи ту ончунон латифу рақиқ ва ончунон нозук аст, ки насим аз латофати ин ахлоқ шармсор аст, ва ончунон шуҷоату таҳоҷуму руҳи муҷоҳидаӣ дорӣ, ки сангҳо ва ҷамодот ва филизот дар баробари он об мешаванд. Руҳи ту он насими латиф аст ё ин қудрату салобату қувват? Ту чӣ гуна мавҷуде ҳастӣ?!

Пас, инсони комил яъне инсоне, ки қаҳрамони ҳамаи арзишҳои инсонӣ аст, дар ҳамаи майдонҳои инсоният қаҳрамон аст.

Мо чӣ дарсе бояд биёмӯзем? Ин дарсро бояд биёмӯзем, ки иштибоҳ накунем, ки фақат як арзишро бигирем ва арзишҳои дигарро фаромӯш кунем. Мо наметавонем дар ҳамаи арзишҳо қаҳрамон бошем, вале дар ҳадде, ки метавонем, ҳамаи арзишҳоро бо якдигар дошта бошем. Агар инсони комил нестем, билохира як инсони мутаъодил бошем. Он вақт

аст, ки мо ба сурати як мусалмони воқеӣ дар ҳамаи майдонҳо дармеоем. Пас ин, маънии инсони комил ва ин ҳам намунае аз он, ки иншоаллоҳ дар ҷаласаи оянда бақияи матлабро барои шумо арз мекунам.

## Охирин рӯзҳои ҳаёти Алӣ (а)

Охирин моҳи мубораки рамазоне, ки бар Алӣ (а) гузашт, як моҳи рамазони дигаре буд ва сафои дигаре дошт. Барои хонадони Алӣ ин моҳи рамазон аз ҳамон рӯзи аввал тавъам бо дилҳира ва изтироб буд, чун равиши Алӣ дар ин моҳ бо ҳамаи моҳи рамазонҳои дигар тафовут дошт.

Боз яке аз ҳамон хислатҳои қаҳрамонии ӯро — ки дар “*Наҳҷул-балоға*” ҳаст — дар муқаддимаи ин қисмат азароизим арз мекунам. Алӣ (а) мефармояд:

**لَمَّا أَنْزَلَ اللهُ سُبْحَانَهُ، قَوْلَهُ: الم. أحَسِبَ النَّاسُ أَنْ يُتْرَكُوا أَنْ يَقُولُوا آمَنَّا وَهُمْ لاَ يُفْتَنُونَ، عَلِمْتُ أَنَّ الْفِتْنَةَ لاَ تَنْزِلُ بِنَا وَرَسُولُ اللهِ (صلى الله عليه وآله) بَيْنَ أَظْهُرِنَا**

*“Вақте ояти “Оё мардум гумон кардаанд, ки раҳо шудаанд ба ҳамин ки бигӯянд: “Имон овардем”, дар ҳоле ки мавриди озмоиш қарор нагиранд?” (Сураи Анкабут, оятҳои 1-2) нозил шуд, фаҳмидам, ки баъд аз пайғамбар фитнаҳо ва озмоишҳои бузурге барои ин уммат пеш меояд…”*

**فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، مَا هذِهِ الْفِتْنَةُ الَّتِي أَخْبَرَكَ اللهُ بِهَا**

*“Суол кардам: эй Расули Худо! Мақсуд аз фитнае, ки дар ин оят омадааст чист?”*

Фармуд:

**فَقَالَ: يَا عَلِيُّ، إِنَّ أُمَّتِي سَيُفْتَنُونَ مِنْ بَعْدِي**

*“Эй Алӣ! Баъд аз ман, уммати ман мавриди имтиҳону озмоиш қарор мегиранд.”*

فَقُلْتُ: يَا رَسُولَ اللهِ، أَوَلَيْسَ قَدْ قُلْتَ لِي يَوْمَ أُحُد حَيْثُ اسْتُشْهِدَ مَنِ اسْتُشْهِدَ مِنَ الْمُسْلِمِينَ، وَحِيزَتْ عَنِّي الشَّهَادَةُ، فَشَقَّ ذلِكَ عَلَيَّ

Вақте Алӣ (а) шунид, ки Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мемирад ва баъд аз Пайғамбар имтиҳонҳо ва озмоишҳо пеш меояд, ба ёди амре дар гузашта афтод, фармуд: *"Эй Расули Худо! Он рӯзе, ки дар Уҳуд шаҳид шуд он ки шаҳид шуд (ҳафтод нафар аз мусалмонон шаҳид шуданд, ки дар раъси онҳо ҷаноб Ҳамза ибни Абдулмутталиб қарор дошт ва Алӣ (а) ҷузъи қаҳрамонҳои Уҳуд буд) ва ба файзи шаҳодат ноил шуданд онҳо, ки ноил шуданд, ва шаҳодат аз ман дур шуд ва аз ин файз маҳрум мондам ва хеле нороҳат шудам, ба шумо арз кардам: эй Расули Худо! Чаро ин файз аз ман гирифта шуд?,[1] фармудед:*

أَبْشِرْ، فَإِنَّ الشَّهَادَةَ مِنْ وَرَائِكَ

*Агар дар ин ҷо шаҳид нашудӣ, оқибати амр дар роҳи Худо шаҳид хоҳӣ шуд."*
Сипас Паёмбар фармуд:

إِنَّ ذلِكَ لَكَذلِكَ، فَكَيْفَ صَبْرُكَ إِذَنْ

*"Ба таҳқиқ, ки инчунин аст, пас сабри ту дар шаҳодат чӣ гуна хоҳад буд?"*
Арз кард:

يَا رَسُولَ اللهِ، لَيسَ هذَا مِنْ مَوَاطِنِ الصَّبْرِ، وَلكِنْ مِنْ مَوَاطِنِ البشرى وَالشُّكْرِ

*"Эй Расули Худо! Нафармоед, ки чӣ гуна сабр мекунӣ, бифармоед, чӣ гуна сипосгузор ҳастӣ?! Он ҷо ки ҷои сабр нест, ҷои шукр аст…" (Наҳҷул-балоға, хутбаи 156)*
Дар асари хабарҳое, ки Пайғамбари Акрам дода буд ва алоиме, ки худи Алӣ (а) медонист ва гоҳе изҳор мекард, нороҳатӣ ва изтироб дар миёни аҳли байт ва асҳоби наздикаш пайдо шуда буд. Чизҳои аҷибе мегуфт. Дар ин моҳи рамазон дар хонаи фаразандонаш ифтор мекард. Ҳар шаб меҳмони яке аз фаразандон буд. Як шаб меҳмони Имом Ҳасан ва як шаб

[1] Алӣ (а) дар Уҳуд як ҷавони 25-сола аст; тоза бо Заҳро (а) издивоҷ кардааст ва як фарзанд бештар надорад, ки Имом Ҳасан (а) аст. Маъмулан як хонадони ҷавон ҳамаи орзуяшон ин аст, ки зиндагиашон кам-кам пеш биравад, вале Алиро бибинед, ки орзуи бузургаш ин аст, ки дар роҳи Худо шаҳид шавад.

меҳмони Имом Ҳусайн ва як шаб меҳмони духтараш Зайнаб, ки зани Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар буд, ва аз ҳамеша камтар ғизо мехӯрд. Баччаҳо дилашон ба ҳоли ин падар месӯхт ва воқеан риққат мекарданд. Гоҳе мепурсиданд: падарҷон! чаро ин қадр кам ғизо мехӯрӣ? Мефармуд: мехоҳам дар ҳоле Худои худро мулоқот кунам, ки шикамам гурусна бошад. Мефаҳмиданд, ки Алӣ дар як ҳолати интизорӣ аст. Гоҳе ба осмон нигоҳ мекард ва мегуфт: ҳабибам Пайғамбар, ки ба ман хабар додааст рост гуфтааст, сухани ӯ дурӯғ нест, наздик аст, наздик аст! Рӯзи 13-уми моҳи рамазон мавзӯеро гуфт, ки аз ҳама вақт бештар нороҳатӣ эҷод кард. Зоҳиран рӯзи ҷумъае буд, ки хутба мехонд.

Дар аснои хутба фармуд:

Фаразандам Ҳусайн! Аз ин моҳ чанд рӯз боқӣ мондааст?

Посух дод: падарҷон! 17 рӯз.

Фармуд: оре, наздик аст, ки ин маҳосин ба хуни ин сар рангин шавад, замони рангин шудани ин маҳосин наздик аст.

Шаб 19-ум фаро расид. Баччаҳо посе аз шабро хидмати Алӣ буданд. Имом Ҳасан ба хонаи худашон рафтанд. Алӣ (а) ҳам дар мусаллои худ буд.[1] Ҳанӯз субҳ тулӯъ накарда буд, ки Имом Ҳасан — ба хотири нороҳатӣ ва ё ин ки ҳар шаб ин тавр будааст — бори дигар ба мусаллои падар рафт. Амирулмӯъминин барои Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн, ки аз авлоди Заҳро буданд эҳтироми хоссе қоил буд ва эҳтироми Пайғамбар ва Заҳроро дар эҳтиром ба инҳо медонист. Ба фаразандаш фармуд:

---

[1] Мустаҳаб аст ҳар касе дар хонааш барои ибодат маҳалли мушаххасе дошта бошад ва Алӣ (а) ҳам чун халифа буд ва дар дорулимора зиндагӣ мекард, дар он ҷо як мусалло дошт. Шабҳоро маъмулан намехобид ва вақте, ки аз корҳои зиндагӣ ва иҷтимоъ ва масъулиятҳо форид мешуд, ба хилвати ибодат мерафт.

**ملكتني عيني وأنا جالس، فسنح لي رسول الله صلّى الله عليه وآله وسلّم فقلت: يا رسول الله، ماذا لقيت من أمّتك من الأود واللّدد !فقال: ادع عليهم. فقلت: أبدلني الله بهم خيرا منهم، وأبدلهم بي شرّا لهم منّي**

*"Писарҷон! Якдафъа дар олами руъё Пайғамбар дар баробарам зоҳир ва муҷассам шуд. То Пайғамбарро дидам, арз кардам: эй Расули Худо! Ман аз даст ин уммати ту чӣ хуни диле хӯрдам!.."* (*Наҳҷул-балоға, хутбаи 68*) Воқеан ноҳамоҳангии мардум бо Алӣ ва омода набудани онҳо барои роҳе, ки Алӣ пеши пойи онҳо гузошта буд, аҷиб аст. Чӣ хуни дилҳое, ки хӯрд! Он асҳоби Ҷамал ва он нақзи байъаташон, ва он Муовия ва он найрангҳо ва ҷиноятҳо! Муовия яке аз дуҳоти олам аст, яъне яке аз он зиракҳои дунёст; мефаҳмид чӣ чизҳое дили Алиро оташ мезанад, махсусан ҳамон корҳоро мекард. Дар охири кор ҳам, ин Хавориҷ ва хушкмуқаддасҳо буданд, ки аз рӯи камоли ақида ва имону хулус, Алӣ (а)-ро такфир ва тафсиқ мекарданд. Намедонед инҳо бо Алӣ чӣ карданд! Воқеан инсон вақте масоиби Амирулмӯъмининро мебинад, ҳайрат мекунад. Як кӯҳ ҳам тоқат надорад ин миқдор мусибатро таҳаммул кунад. Дарди дили худро бо кӣ бигӯяд? Ҳол, ки Пайғамбарро дар олами руъё мебинад, мегӯяд:

**ماذا لقيت من أمّتك من الأود واللّدد**

Чӣ қадр ин уммати ту хун ба дил ман карданд! Чӣ кунам бо инҳо?

Баъд ба Имом Ҳасан фармуд:

"Писарҷон! Ҷаддат ба ман дастуре дод, гуфт: Алӣ ба инҳо нафрин кун. Ман ҳам дар олами руъё нафрин кардам; нафринам ин буд:

**أبدلني الله بهم خيرا منهم، وأبدلهم بي شرّا لهم منّي**

*"Худо ҳар чи зудтар марги маро бирасонад ва бар инҳо ҳамон касеро мусаллат кунад, ки шоистаи ӯ ҳастанд."*

Маълум аст, ки бо ин ҷумла чӣ қадр дилҳира ва изтироб рух медиҳад. Алӣ (а) берун меояд. Мурғобиҳо садо мекунанд. Мегӯяд:

**دعوهنّ فإنّهنّ صوائحُ تتبعها نوائحُ**

(*Кашфул-гумма, 1/437*) Алъон садои сиҳҳаи мурғ аст, вале тӯле намекашад, ки садои навҳагирии инсонҳо дар ҳамин ҷо баланд мешавад. Фаразандон омаданд ҷилави Амирулмӯъмининро гирифтанд, гуфтанд: падарҷон! Намегузорем ба масҷид биравӣ, ҳатман бояд як нафари дигарро ба ниёбат бифиристӣ. Аввал фармуд: хоҳарзодаам Ҷуъда ибни Ҳубайраро бигӯед биравад бо мардум намози ҷамоат бихонад. Баъд фавран худаш нақз кард, фармуд: на, худам меравам. Гуфтанд: иҷоза бидиҳед касе шуморо ҳамроҳӣ кунад. Фармуд: хайр, намехоҳам касе маро ҳамроҳӣ кунад.

Барои ӯ шаби босафое буд. Худо медонад ӯ чӣ ҳаяҷоне дорад! Албатта худаш мегӯяд, ман хеле кӯшиш кардам, ки рози матлабро кашф кунам, вале иҷмолан медонад, ки ҳаводиси бузурге дар интизори ӯст. Аз "*Наҳҷул-балога*" чунин истифода мешавад:

**كم اطردت الايام ابحثها عن مكنون هذا الامر فابى الله الا اخفائه**

(*Наҳҷул-балога, хутбаи 147*) Хеле кӯшиш кардам, ки сирру ботини ин корро ба даст оварам, вале Худо ибо кард ҷуз ин ки онро ихфо кунад.

Худаш азони субҳро мегуфт. Наздики тулӯъи субҳ буд, ки болои маъзан рафт ва нидои Аллоҳ Акбарро баланд кард. Азонро, ки гуфт, бо сапедадам худоҳофизӣ кард. Гуфт: эй субҳ! Эй сапедадам! Эй фаҷр! Аз рӯзе, ки Алӣ чашм ба ин дунё гушуда, оё рӯзе будааст, ки ту бидамӣ ва чашми Алӣ дар хоб бошад? Яъне дигар баъд аз ин, чашми Алӣ барои ҳамеша хоб хоҳад рафт. Вақте аз маъзан поин меояд, мегӯяд:

**خلوا سبيل المؤمن المجاهد**

**في الله ذي الكتب وذي المشاهد**

**في الله لا يعبد غير الواحد**

**ويوقظ الناس الى المساجد**

*"Роҳи ин мӯъмини муҷоҳидро боз кунед..."* Худашро ба унвони як мӯъмини муҷоҳид тавсиф мекунад. Аҳли байташ иҷоза надоранд аз ҷои худ ҳаракат кунанд. Алӣ гуфта буд, ки пушти сари ин сиххаҳо навхаҳое ҳаст. Қоъидатан Зайнаб, Умми Кулсум ва бақияи аҳли байт, ҳама бедор, вале нигарон ва нороҳат, ки имшаб чӣ пеш хоҳад омад? Як вақт фарёде ҳамаро мутаваҷҷеҳи худ кард ва садое дар ҳама ҷо печид:

**تهدمت والله أركان الهدى وانطمست أعلام التقى وانفصمت العروة الوثقى، قُتل ابن عمّ المصطفى، قُتل الوصيّ المجتبى، قُتل عليّ المرتضى، قَتله أشقى الأشقياء**

# ДАРДИ ИНСОН АЗ ДИДГОҲҲОИ МУХТАЛИФ

وَإِذِ ابْتَلَى إِبْرَاهِيمَ رَبُّهُ بِكَلِمَاتٍ فَأَتَمَّهُنَّ قَالَ إِنِّي جَاعِلُكَ لِلنَّاسِ إِمَامًا قَالَ وَمِن ذُرِّيَّتِي قَالَ لاَ يَنَالُ عَهْدِي الظَّالِمِينَ

Медонем, ки дар бораи ҳақиқат ва моҳияти инсон ихтилофи назарҳое вуҷуд дорад. Ба таври куллӣ, ду назарияи асосӣ дар муқобили якдигар қарор гирифтаанд: назарияи руҳиюн ва назарияи моддиюн (моддигароён). Бар асоси назарияи руҳиюн, инсон ҳақиқатест мураккаб аз ҷисму равон, ва равони инсон ҷовидон аст ва бо мурдани ӯ фонӣ намешавад. Ҳамчунон, ки медонем, мантиқи дин ва махсусан нусуси исломӣ бар ҳамин матлаб далолат мекунад. Назарияи дуввум ин аст, ки инсон ҷуз ҳамин мошини бадан чизи дигаре нест ва бо мурдан ба куллӣ несту нобуд мешавад, ва муталошӣ шудани бадан яъне муталошӣ шудани шахсияти инсон.

## Маънавиёти инсон

Дар айни ин ки дар бораи ҳақиқат ва моҳияти инсон чунин ихтилофи назари бузурге вуҷуд дорад, дар бораи як масъалаи дигар — агарчи бо ин масъала вобастагӣ дорад — ҳеч гуна ихтилофи назаре нест, ва он ин аст, ки як силсила умур вуҷуд доранд, ки дар айни ин ки аз ҷинси модда ва моддиёт нестанд (ва мешавад номи онҳоро маънавиёт гузошт), ба инсон арзиш ва шахсият медиҳанд. Инсон будани инсон ба ин умур аст. Яъне агар ин маъониро аз инсон бигиранд, бо ҳайвон ҳеч фарқе намекунад. Ба иборати дигар, инсонияти инсон ба сохтмони ҷисмонии ӯ нест, ки ҳар касе, ки як сару ду гӯш дошт ва паҳннохуну муставиюлқома буд ва ҳарф зад инсон аст, ҳол ҳар ки ва ҳар чи мехоҳад бошад. Саъдӣ ҳамин матлабро ба ин забон гуфтааст:

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту забону гӯшу бинӣ,*

*Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.*

Агар одам будан[1] ба доштани ҳамин андом аст, ҳама аз модар одам ба дунё меоянд. На! Одам будан ба як силсила сифоту ахлоқу маъонӣ аст, ки инсон ба мӯҷиби онҳо инсон аст ва арзишу шахсият пайдо мекунад. Имрӯза ҳамин умуре, ки ба инсон арзишу шахсият медиҳанд ва агар набошанд инсон бо ҳайвон тафовуте надорад, ба номи “арзишҳои инсонӣ” истилоҳ шудааст.

Дар ин ҷаласа, баҳсро дар дунболаи матлаби ҷаласаи гузашта идома медиҳем, ки арз кардем инҳирофоте, ки барои фард ё ҷомеа пайдо мешавад, ду навъ аст: яке инҳирофоте, ки зидди арзишҳо дар муқобили арзишҳо истодагӣ мекунанд, мисли он ҷо, ки зулм дар муқобили адл, ихтиноқу хафақон дар муқобили озодӣ, худонашносиву бебандуборӣ дар муқобили ибодату худопарастӣ, ва сафоҳату ҳамоқат дар муқобили ақлу фаҳму ҳикмат меистад. Вале шояд бештарин инҳирофоти башар ба ин шакл набошад, ки зидди арзишҳо дар муқобили арзишҳо меистанд. Он ҷо, ки зидди арзишҳо дар муқобили арзишҳо меистанд, зуд шикаст мехӯранд. Бештари инҳирофоти башар ба ин сурат аст, ки ҳамон тавр, ки дарё ҷазру мадд дорад, гоҳе як арзиш аз арзишҳои башарӣ рушди саратонмонанде мекунад, ба тавре, ки арзишҳои дигарро дар худ маҳв мекунад. Масалан, зуҳду тақво як арзиш ва яке аз меъёрҳои инсоният аст. Вале гоҳе мебинед як фард ё як ҷомеа ончунон ба зуҳд гароиш пайдо мекунад ва дар зуҳд маҳв мешавад, ки ҳама чиз барои ӯ мешавад зуҳд, мисли инсоне мешавад, ки фақат як узваш (масалан биниаш) рушд кунад ва узвҳои дигар аз рушд бозмонанд.

## Дард ва фавоиди он

Бо ин муқаддимае, ки арз кардам, ки ҳатто моддитарини мактабҳо қоил ба як силсила арзишҳои маънавӣ ҳастанд, ба ин матлаб мепардозам, ки метавон гуфт арзишҳои инсонӣ ба таври куллӣ таҳти як унвон хулоса мешавад, ки худи он шӯъбаҳое пайдо мекунад, ва он унвоне аст, ки ҳам дар истилоҳи урафои худи мо ва ҳам дар истилоҳи уламои ҷадид

[1] Худамон ҳамеша “одам будан” ва “одам шудан”-ро ба кор мебарем ва ҳатто ин масал аз байни худи талабаҳо бархостааст, ки: мулло шудан чӣ осон, одам шудан чӣ мушкил!

омадааст ва балки қабл аз он ки дар истилоҳи урафо биёяд, дар мутуни исломӣ омадааст, ва он ин аст, ки аслан мешавад гуфт, меъёри аслии инсоният он чизе аст, ки аз он ба “дард доштан” ва “соҳиби дард будан” таъбир мешавад. Фарқи инсон ва ғайриинсон дар ин аст, ки инсон соҳиби дард аст, як силсила дардҳо дорад, вале ғайриинсон — ҳол меховад ҳайвон бошад ё инсонҳои як сару ду гӯше, ки баҳрае аз руҳи инсоният надоранд — соҳиби дард нестанд.

Аввал бояд роҷеъ ба худи “дард” баҳс кунем. Мумкин аст ибтидоан аҷиб ба назар биёяд, ки яъне чӣ? Дард, ки бад чизе аст ва инсон бояд онро аз худ дафъ кунад ва аз байн бибарад; он вақт чӣ тавр мумкин аст меъёри инсоният ва арзиши арзишҳо “дард доштан” бошад? Магар дард метавонад чизи хубе бошад?

Бояд бигӯем, мо миёни дарду маншаи дард иштибоҳ мекунем. Масалан, дар як бемори ва ё ҷароҳат, он чи, ки бад аст, вуҷуди он микруб аст, вуҷуди он бемори аст, вуҷуди он ҷароҳате аст, ки бар бадан ворид мешавад ва баъд маншаи дард мешавад. Масалан, дар мавриди захме, ки дар меъда ё рӯда ҳаст — ки инсон дардашро эҳсос мекунад — он чи бад аст вуҷуди он захме аст, ки дар меъда ё рӯда вуҷуд дорад. Вале дард дар айни ин ки инсонро нороҳат мекунад, мӯҷиби огоҳӣ ва бедорӣ барои инсон аст. Ҳатто ҳамин дардҳои ҷисмонӣ (яъне дардҳои муштараки инсону ҳайвон) шуморо огоҳ ва бедор мекунад. Вақте сари инсон дард мекунад, имкон надорад, ки ҳеч гуна захме пайдо нашуда бошад ва дард пайдо шавад. Агар дард пайдо мешавад, хабар мекунад, ки дар сар як нороҳатӣ ва зойеае пайдо шудааст ва шумо ба фикри муолиҷааш меафтед; дуруст мисли ақрабаҳое, ки дар корхонаҳо ва ё дар автомобил ҳаст. Масалан, дар автомобил ақрабае аст, ки фишори равғанро нишон медиҳад ва ақрабаи дигаре дараҷаи ҳарорати обро нишон медиҳад. Агар ин ақраба ба шумо нишон медиҳад, ки дараҷаи ҳарорати об хеле боло рафтааст, ин хуб аст ё бад? Ин хеле хуб аст, чун шуморо бедор ва мутаваҷҷеҳ мекунад. Он чи бад аст ин аст, ки мошини шумо ҷӯш овардааст. Агар дард дар бадани инсон намебуд ва инсон эҳсоси дард намекард, ҳеч гоҳ аз бемори иттилоъ пайдо намекард ва огоҳ намешуд ва ба дунболи дармон намерафт. Ин дард мисли як маъмури нофизулҳукм инсонро водор ба чораҷӯӣ ва ӯро маъмур мекунад, ки зуд дар фикри ҳалли мушкил бароияд. Чун дард аст, инсонро нороҳат мекунад ва доиман ба ӯ мегӯяд ҳар тавр ҳаст ин дардро дармон кун.

Ин аст, ки худи дард — ҳатто дардҳои ҷисмонӣ ва узвӣ — неъмат аст, эҳсос аст, огоҳӣ ва бедорӣ аст. Огоҳӣ ва бедорӣ хуб аст, ҳарчанд инсон аз ин ки як зойеае дар баданаш пайдо шудааст огоҳ шавад. Мавлавӣ дар ин ҷо чӣ қадр ширин мегӯяд:

*Ҳасрату зорӣ гаҳи беморӣ аст,*

*Вақти беморӣ ҳама бедорӣ аст…*

*Пас бидон ин аслро эй аслҷӯ,*

*Ҳар киро дард аст, ӯ бурдаст бӯ.*

*Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурддардтар,*

*Ҳар кӣ ӯ огоҳтар, рухзардтар.*

Баъд, аз ин ҷо гурез мезанад ба он ҳарфҳое, ки худаш дар ин заминаҳо дорад. Мегӯяд: ҳар касе, ки соҳиби дард аст, ба ҳар андоза, ки дар олам дард дорад ва дардеро эҳсос мекунад, ки дигарон эҳсос намекунанд, ба ҳамин нисбат аз дигарон бедортар ва огоҳтар аст. Бедардӣ мусовӣ аст бо лахтӣ, беҳиссӣ, бешуъурӣ, беидрокӣ. Ва эҳсоси дард мусовӣ аст бо огоҳӣ ва бедорӣ ва шуъуру идрок. Инсон агар амраш доир бошад, ки роҳат бошад ва дардро эҳсос накунад, яъне ҷоҳилу лахту бедард бошад, ва ё ҳушёр бошад ва дардро дар худ эҳсос кунад, кадомро интихоб мекунад? Оё инсон тарҷеҳ медиҳад, ки ҳушёру огоҳ бошад, вале дардро эҳсос кунад, ё беҳушу кавдану аҳмақ бошад ва дардро эҳсос накунад? Нороҳатии ҳушёру огоҳ тарҷеҳ дорад бар роҳатӣ ва осоиши ҷоҳилу бехабару лахту беҳисс. Дар масал мегӯянд: инсон агар Сукроте бошад наҳифу лоғар, беҳтар аст аз ин ки хуке бошад фарбеҳ. Яъне агар инсон доно ва донишманд бошад, вале маҳрум, беҳтар аст аз ин ки монанди як хук ҳама навъи васоил барояш фароҳам бошад, вале ҳеч чизро нафаҳмад.

## Шикоят аз ақл

Яке аз масоиле, ки дар адабиёти мо намоён аст, масъалаи шикоят аз ақл аст, ки худаш масъалае аст. Мо дар адабиёт, махсусан дар ашъори худамон бисёр мебинем, ки мардум аз ақл шикоят кардаанд,[1] ки эй кош ман ин ақлро намедоштам; фоидааш чист, ки одам ҳуш

[1] Албатта шикоят аз ақл ҷанбаҳои мухталифе дорад. Урафо назарашон ба як амри дигаре аст. Вале бисёре аз ашхос, ки шикоят кардаанд, ба хотири ҳамин ҷиҳат аст.

дошта бошад ва дар ҷомеа ҳушёру оқилу ҳассос бошад?! Ин ҳассос будану оқил будану ҳушёр будан, осоишро аз инсон салб мекунад:

*Душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуши ман,*

*Кош гушода набуд чашми ману гӯши ман.*

Дигаре мегӯяд:

*Оқил мабош, то гами девонагон хӯрӣ,*

*Девона бош, то гами ту оқилон хӯранд.*

Яъне осоиши тавъам бо ҷунунро бар нооромӣ ва нороҳатии тавъам бо ақлу фикру дарк, тарҷеҳ медиҳанд. Вале ин ҳарфҳо ғалат аст. Он касе, ки ба мақоми инсоният бирасад ва арзиши дард доштан ва ҳассос буданро дарк кунад, ҳаргиз намегӯяд: душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуши ман, балки каломи Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро мегӯяд:

**صديق كل امرئ عقله وعدوه جهله**

*«Дӯсти ростини ҳар кас, ақлу ҳушёрии ӯ, ва душмани воқеии ҳар кас, ҷаҳлу нодонии ӯст.»* (Кофӣ, 1/11)

Он касе, ки гуфтааст: “Душмани ҷони ман аст ақли ману ҳуши ман” ва аз нороҳатиҳои ношӣ аз ақлу ҳуш ин гуна шикоят мекунад, маълум мешавад нороҳатиҳо ва бадбахтиҳои ношӣ аз ҷаҳлу нодониро ҳисс накардааст, вагарна ҳаргиз чунин ҳарферо намезад. Бале, агар амр доир бошад миёни ин ки “мӯҷиби дард” набошад ва инсон дард надошта бошад, дард надоштан ба далели набудани «мӯҷиби дард» аз дард доштан беҳтар аст. Вале агар мӯҷиб ва маншаи дард вуҷуд дошта бошад, аммо инсон дарди ношӣ аз инҳоро эҳсос накунад, бадбахтӣ ва бечорагӣ ва бехабарӣ аст. Аз ин рӯ дар бемориҳои ҷисмӣ ҳам ин тавр аст, ки ҳар беморие, ки дард надошта бошад, кушанда аст, барои ин ки инсон вақте хабардор мешавад, ки кор аз кор гузаштааст. Саратон, ки кушанда аст, иллаташ ин аст, ки лоақал дар ибтидо дард надорад, вагарна агар аз он ибтидое, ки ин беморӣ пайдо мешавад, дард дошта бошад, мумкин аст қабл аз ин ки вориди хун шавад, ба куллӣ онро аз байн бибаранд. Хатари умдаи саратон аз ин ҷиҳат аст, ки бехабар яъне бедард ворид мешавад.

Пас, ин матлабро, ки “арзиши арзишҳо дар инсон, дард доштан аст” намешавад ба ин унвон, ки дард бад чизе аст рад кард.

## Дарди инсон

Дарди инсон чист? Агар сари инсон дард бигирад, ин дард дарди ӯ аз он ҷиҳат, ки инсон аст нест, чун сари як ҳайвон мисли гӯсфанд ҳам дард мегирад. Ин ки дасту пойи инсон дард мегирад, аз навъи дардҳои ҳайвонӣ ва узвӣ ва шахсӣ аст. Аммо онҳо, ки сӯҳбат аз “дарди инсон” ва “соҳибдард будани инсон” мекунанд, мақсудашон ин нест. Он дарде, ки арзиши арзишҳо дар инсон аст, чизи дигаре аст.

Гурӯҳе — монанди урафои худамон — он дарде, ки дар инсон суроғ доранд ва доиман онро тақдис мекунанд, дарди Худоҷӯӣ аст. Мегӯянд, ин дард аз мухтассоти инсон аст ва ҳатто инсон ба ин далел бар фаришта тарҷеҳ дорад, ки фаришта бедард аст ва инсон дард дорад. Тибқи назари ислом, инсон як ҳақиқате аст, ки нафхаи илоҳӣ дар ӯ дамида шуда ва аз дунёи дигаре омадааст ва бо ашёе, ки дар табиат вуҷуд дорад таҷонуси комил надорад. Инсон дар ин дунё як навъ эҳсоси ғурбат ва эҳсоси бегонагӣ ва адами таҷонус бо ҳамаи мавҷудҳои олам мекунад, чун ҳама фонӣ ва мутағайир ва ғайриқобили дилбастагӣ ҳастанд, вале дар инсон дағдағаи ҷовидонагӣ вуҷуд дорад. Ин дард ҳамон аст, ки инсонро ба ибодат ва парастиши Худо ва розу ниёз ва ба Худо ва ба асли худ наздик шудан мекашонад.

## Чанд тамсил дар бораи дарди инсон

Мебинед чӣ масалҳое дар ирфони мо дар ин замина омадааст! Гоҳе мисол мезананд ба тӯтие, ки ӯро аз ҷангалҳои Ҳиндустон оварда ва дар қафасе зиндонӣ кардаанд ва ин тӯтӣ ҳамеша норохат ва дар фикри ин аст, ки ин қафас шикаста шавад ва ба ҷое, ки мақарри аслии ӯст бозгардад. Ва гоҳе инсонро ба мурғе, ки аз ошёнаи худ дур афтода бошад ташбеҳ мекунанд. Яке аз олитарин ташбеҳот ҳамин ташбеҳи Мавлавӣ дар аввали Маснавӣ аст. Ӯ инсонро ташбеҳ ба найе карда, ки онро аз найистон буридаанд ва ҳол дорад доиман нолаву фарёд мекунад ва ҳамаи нолаву фарёдаш барои ин фироқ аст:

*Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,*

*Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*

*К-аз найистон то маро бибридаанд,*

*Аз нафирим марду зан нолидаанд.*

*Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,*

*То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.*

Баъд мегӯяд:

*Ду даҳон дорем гӯё ҳамчу най,*

*Як даҳон пинҳонст дар лабҳои вай.*

Гоҳе Мавлавӣ ба шакли дигаре ташбеҳ мекунад:

*Пил бояд то чу хусбад ӯ ситон,*

*Хоб бинад хиттаи Ҳиндустон.*

*Хар набинад ҳеч Ҳиндустон ба хоб,*

*Хар зи Ҳиндустон накардаст игтироб.*

Мегӯянд, филро, ки аз Ҳиндустон меоваранд, бояд доиман ба сараш бикӯбанд; агар накӯбанд, ба ёди Ҳиндустон меафтад. Мавлавӣ дар ин ҷо мегӯяд, фақат фил аст, ки Ҳиндустонро ба хоб мебинад, чун аз Ҳиндустон омадааст. Улоғ ҳаргиз Ҳиндустонро ба хоб намебинад, чун ғарибии Ҳиндустон нест ва ӯро аз он ҷо наёвардаанд. Мехоҳад бигӯяд, инсон аст, ки дағдағаи бозгашт ба олами дигарро дорад, дарди ирфонӣ дорад, дарди бозгашт ба сӯи Ҳақ ва ба сӯи Худоро дорад, дарди муноҷот ва висоли Ҳақро дорад.

## "Дарди инсон" дар каломи Амирулмӯъминин

Чӣ қадр зебо мегӯяд Амирулмӯъминин Алӣ (Алайҳис салом) вақте, ки бо Кумайл ибни Зиёди Нахаъӣ ба саҳро меравад! Кумайл мегӯяд: ҳамин ки ба саҳро расидем ва дигар касе дар он ҷо набуд, Алӣ (Алайҳис салом) оҳи амиқе кашид:

فَلَمَّا أَصْحَرَ تَنَفَّسَ الصُّعَدَاءَ

Баъд фармуд:

يَا كُمَيْلَ بْنَ زِيَادٍ إِنَّ هَذِهِ الْقُلُوبَ أَوْعِيَةٌ فَخَيْرُهَا أَوْعَاهَا فَاحْفَظْ عَنِّي مَا أَقُولُ لَكَ

Дили инсон ба манзилаи зарф аст. Беҳтарини зарфҳо он аст, ки зарфияташ бештар бошад ё беҳтар мазруфро нигаҳдорӣ кунад. Гӯш кун он чиро, ки ман ба ту мегӯям.

Аввал, мардумро ба се қисмат тақсим мекунад — ки инҳо маҳалли баҳси ман нест — то дар охирҳо, шикоят мекунад, ки: афсӯс! Афроди соҳибсирре нестанд, ки ман он чиро, ки дар дил дорам битавонам ба онҳо изҳор кунам. Баъд мегӯяд: вале инчунин ҳам нест, ки ҳеч кас набошад, ҳамеша дар ҳамаи замонҳо чунин афроде ҳастанд:

اللَّهُمَّ بَلَى لَا تَخْلُو الْأَرْضُ مِنْ قَائِمٍ لِلَّهِ بِحُجَّةٍ إِمَّا ظَاهِراً مَشْهُوراً وَ إِمَّا خَائِفاً مَغْمُوراً

… то он ҷо, ки мефармояд:

هَجَمَ بِهِمُ الْعِلْمُ عَلَى حَقِيقَةِ الْبَصِيرَةِ

Илми ҳақиқӣ дар ниҳояти басират бар онҳо ҳуҷум овардааст ва ба мақоми яқини комил расидаанд.

وَ بَاشَرُوا رُوحَ الْيَقِينِ وَ اسْتَلَانُوا مَا اسْتَوْعَرَهُ الْمُتْرَفُونَ وَ أَنِسُوا بِمَا اسْتَوْحَشَ مِنْهُ الْجَاهِلُونَ

Ба рӯҳи яқин иттисол пайдо кардаанд ва фосилае бо рӯҳи яқин надоранд. Он чизҳое, ки барои моддапарастҳо хеле сахт аст, барои онҳо рому нарм аст. Он чи барои нодонҳо мояи ваҳшат аст, яъне хилват бо Ҳақ, барои онҳо мояи унс аст.

وَ صَحِبُوا الدُّنْيَا بِأَبْدَانٍ أَرْوَاحُهَا مُعَلَّقَةٌ بِالْمَحَلِّ الْأَعْلَى

Инҳо дар дунё бо мардум ҳамроҳанд, вале бо рӯҳҳое, ки маҷзуби олами боло ҳастанд. (*Наҳҷул-балога, ҳикмати 147*) Дар айни ин ки дар ин дунё ҳастанд, дар ин дунё нестанд. Дар ҳоле, ки дар ин дунё ҳастанд, дар дунёи дигаре ҳастанд.

Дардҳои Алӣ ва ба таъбири мо, дардҳои ирфонии Алӣ ва дардҳои ибодатии Алӣ ва муноҷотҳои Алӣ, як масъалаи бисёр возеҳ ва равшане аст. Кораш дар ибодат ба ҷое мерасад, ки öнчунон аз худ бехуд мешавад ва гарми маҳбубу маъшуқаш мешавад, ки аз он чи дар атрофи ӯ мегузарад бехабар аст, ҳатто агар тиреро аз баданаш берун бикашанд.

Ин дарди инсон аст, яъне дарди ҷудоӣ аз Ҳақ, ва орзу ва иштиёқи тақарруб ба зоти ӯ ва ҳаракат ба сӯи ӯ ва наздик шудан ба ӯ. То инсон ба зоти Ҳақ нарасад, ин дилҳираву изтироб аз байн намеравад ва доиман ин ҳолат барои ӯ ҳаст. Агар инсон худро ба ҳар чиз саргарм кунад, он чиз саргармӣ аст, ҳақиқат чизи дигар аст. Қуръон ин матлабро ба ин таъбир мегӯяд:

أَلاَ بِذِكْرِ اللهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

Бидонед фақат ва фақат дилҳо бо як чиз аз изтиробу дилҳира ва нороҳатӣ ором мегирад; ин дарди башар ба василаи як чиз аст, ки оромиш пайдо мекунад, ва он, ёди Ҳақ ва унс бо зоти парвардигор аст. (*Сураи Раъд, ояти 28*) Урафо бештар рӯи ин дард такя кардаанд ва ба дарди дигаре таваҷҷӯҳ надоранд ва ё бигӯем камтар таваҷҷӯҳ доранд.

## Тамсили Мавлавӣ

Достонеро Мавлавӣ зикр мекунад, ки албатта тамсил аст. Мегӯяд, марде буд, ки ҳамеша бо Худои худаш розу ниёз мекард ва доди "Аллоҳ, Аллоҳ" дошт. Як вақт шайтон бар ӯ зоҳир шуд ва ӯро васваса кард ва коре кард, ки ин мард барои ҳамеша хомӯш шуд. Ба ӯ гуфт: эй мард! Ин ҳама, ки ту "Аллоҳ, Аллоҳ" мегӯӣ ва саҳарҳо бо ин сӯзу дард Худоро мехонӣ, охир як дафъа ҳам шуд, ки ту лаббайк бишнавӣ? Ту агар ба дари ҳар хонае рафта будӣ ва ин ҳама фарёд карда будӣ, лоақал як дафъа дар ҷавоби ту лаббайк мегуфтанд.

Ин мард ба назараш омад, ки ин ҳарф мантиқӣ аст. Даҳонаш баста шуд ва дигар "Аллоҳ, Аллоҳ" нагуфт. Дар олами руъё ҳотифе ба ӯ гуфт: чаро муноҷоти Худоро тарк кардӣ? Гуфт: ман мебинам ин ҳама, ки дорам муноҷот мекунам ва бо ин ҳама дарду сӯзе, ки дорам, як бор ҳам нашуд дар ҷавоб ба ман лаббайк гуфта шавад. Ҳотиф ба ӯ гуфт: вале ман маъмурам аз тарафи Худо ҷавоброба ту бигӯям: он Аллоҳи ту лаббайки мост:

*Не, ки он Аллоҳи ту лаббайки мост,*

*Он ниёзу сӯзу дардат пайки мост.*

Ту намедонӣ, ки ҳамин дарду сӯз ва ҳамин ишқу шавқе, ки мо дар дили ту қарор додем, худаш лаббайки мост.

Чаро Алӣ (Алайҳис салом) дар дуои Кумайл мефармояд:

**اللهم اغفر لي الذنوب التي تحبس الدعاء**

Худоё! Он гуноҳонеро, ки сабаб мешавад дуо кардани ман ҳабс шавад ва дарди дуо кардан ва муноҷот кардан аз ман гирифта шавад, биёмурз!

Ин аст, ки мегӯянд, дуо барои инсон, ҳам матлуб аст ва ҳам васила, яъне дуо ҳамеша барои истиҷобат нест; агар истиҷобат ҳам нашавад, истиҷобат шудааст. Дуо худаш матлуб аст.

## Дарди инсон нисбат ба халқи Худо

Гурӯҳе дигар дар мавзӯъи дарди инсон, ки онро арзиши арзишҳо талаққӣ мекунанд, мутаваҷҷеҳи амри дигаре шудаанд: дарди инсон нисбат ба халқи Худо, на дарди инсон нисбат ба Худо. Мегӯянд, меъёри инсонияти инсон ин аст, ки дарди дигаронро дошта бошад; яъне нороҳатиҳое, ки мутаваҷҷеҳи дигарон аст ва ҳеч ба шахси ӯ марбут нест, дар ӯ дард эҷод мекунад, ӯ ғамхори дигарон аст. Ба қавли Саъдӣ:

*Ман аз бенавоӣ наям рӯйзард,*

*Ғами бенавоён рухам зард кард.*

Агар дарди дигарон ва ғамхорагӣ дар касе пайдо шуд, аз гуруснагии дигарон хобаш намебарад; гуруснагии худаш аз гуруснагии дигарон осонтар аст. Агар хоре дар пойи дигарон фурӯ равад, мисли ин аст, ки дар чашми ӯ фурӯ рафтааст. Мегӯянд, ин дарди инсон аст; дарде аст, ки ба инсон шахсият ва арзиш медиҳад, ва ин аст маншаи ҳамаи арзишҳои инсонӣ. Имрӯз мебинем онҳое, ки доиман мегӯянд, фалон масъала инсонӣ аст, аслан инсониятро ҷуз дар ин ҷо дар ҷойи дигаре пиёда намекунанд. Ҳар чизе, ки бозгашташ ба эҳсоси масъулияти инсон ва дарди инсон дар қиболи инсонҳои дигар бошад, онро инсонӣ медонанд, ва ҳар чи ғайр аз ин бошад, онро инсонӣ намедонанд. Ин ҳам маҳв шудани арзишҳо дар як арзиши дигар аст.

## Назари ислом

Оё аз назари меъёрҳои исломӣ, инсон касе аст, ки дарди дигаронро дошта бошад? Ё касе аст, ки фақат дарди Худоро дошта бошад? Аз назари меъёрҳои исломӣ, инсон касе аст, ки

дарди Худоро дошта бошад ва чун дарди Худоро дорад, дарди инсонҳои дигарро ҳам дорад.

Бибинед, Қуръон чӣ гуна сухан мегӯяд. Қуръон роҷеъ ба Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) мефармояд:

**فَلَعَلَّكَ بَاخِعٌ نَّفْسَكَ عَلَى آثَارِهِمْ إِن لَّمْ يُؤْمِنُوا بِهَذَا الْحَدِيثِ أَسَفًا**

*«Шояд агар ба ин сухан имон наёваранд, ту ҷони худро аз андӯҳ дар пайгирии корашон табоҳ кунӣ». (Сураи Каҳф, ояти 6*)

Пайғамбар ончунон барои ҳидоят ва саодати мардум ва наҷоти онон аз асоратҳо ва гирифториҳои дунё ва охират ҳарис аст, ки мехоҳад худро ҳалок кунад. Хитоб мерасад, ки чӣ хабар аст? Мисли ин ки ту мехоҳӣ худатро ба хотири мардум талаф кунӣ!

**طه. مَا أَنزَلْنَا عَلَيْكَ الْقُرْآنَ لِتَشْقَى. إِلَّا تَذْكِرَةً لِّمَن يَخْشَى**

*«Тоҳо! Қуръонро бар ту нозил накардем, то ба ранҷ афтӣ; ҷуз ин ки барои ҳар ки метарсад, панде бошад.» (Сураи Тоҳо, оятҳои 1-3*)

Дар ояте дигар мефармояд:

**لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِّنْ أَنفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُم بِالْمُؤْمِنِينَ رَؤُوفٌ رَّحِيمٌ**

*«Қатъан барои шумо паёмбаре аз худатон омад, ки бар ӯ душвор аст шумо дар ранҷ биафтед, ба ҳидояти шумо ҳарис ва нисбат ба мӯъминон дилсӯзи меҳрубон аст.» (Сураи Тавба, ояти 128*)

Бибинед таъбири Қуръон чӣ қадр аҷибу олӣ аст: мардум! Паёмбаре аз миёни шумо ва аз ҷинси шумо барои шумо омадааст. Аввалин хусусияташ ин аст, ки:

**عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ**

Ранҷҳои шумо бар ӯ ногувор аст ва ӯ дарди шуморо дорад.

Пас мусалмон кист? Мусалмон касе аст, ки ҳам дарди Худоро дошта бошад ва ҳам дарди халқи Худоро.

## حَرِيصٌ عَلَيْكُم

Қуръон таъбири “ҳарис”-ро ба кор бурдааст. Гоҳе баъзе падарҳо, ки мехоҳанд баччаҳояшон мулло бишаванд, он қадр ифрот меварзанд, ки мегӯянд фалон кас ҳарис аст ба ин ки баччааш босавод бишавад, мисли одаме, ки ҳариси моли дунёст. Дуруст мисли одаме, ки пулпараст ва ҳариси ҷамъоварии пул аст. Пайғамбар ҳариси наҷоти мардум аст, ҳариси беҳбуд бахшидан ба дардҳои мардум аст. Ин мешавад дарди халқ доштан.

Магар худи Алӣ (Алайҳис салом) ин таъбирро намекунад? Магар таъбири “дард” моли худи ӯ нест?

Достони маъруфе аст, ки мукаррар шунидаед: дар Басра Усмон ибни Ҳунайф дар як маҷлиси меҳмонӣ ширкат кардааст. Дар он маҷлиси меҳмонӣ чӣ хабар будааст? Алъёз биллоҳ, машруб буда? На. Қимор буда? На. Фисқу фуҷуре буда? На. Пас чӣ буда?

Гуноҳи Усмон ибни Ҳунайф ин буда, ки дар як маҷлиси сад дар сад ашрофӣ ширкат карда, яъне аз фуқаро касе дар он маҷлис набудааст.[1] Ба Алӣ (Алайҳис салом) хабар мерасад, ки намоянда ва ҳокими шумо дар маҷлисе ширкат кардааст, ки дар он маҷлис ағниё ва пулдорҳо ва ашроф вуҷуд доштаанд, вале аз фуқаро касе дар он ҷо набудааст. Алӣ (Алайҳис салом) мефармояд:

وما ظننت أنك تجيب الى طعام قوم عائلهم مجفوّ وغنيّهم مدعوّ

Ибни Ҳунайф! Ман бовар намекардам, ки ту даъват бар суфраеро бипазирӣ, ки ағниёро дар он ҷо даъват карда бошанд, вале фуқароро даъват накарда бошанд ва онҳо пушти дар монда бошанд.

Баъд Алӣ (Алайҳис салом) шурӯъ ба гуфтани дардҳои худаш мекунад, то мерасад ба он ҷо, ки роҷеъ ба худаш мегӯяд:

---

[1] Чизе, ки мо аслан имрӯз ин ҷур чизҳоро дард эҳсос намекунем.

ولو شئت لاهديت الطريق الى مصفّى هذا العسل ولباب هذا القمح ونسائج هذا القزّ

Алӣ (Алайҳис салом) халифа аст. Мегӯяд, агар ман бихоҳам, имконот бароям фароҳам аст; беҳтарини хӯрданиҳо ва нӯшиданиҳо ва беҳтарини пӯшиданиҳо ва ҳар чи, ки бихоҳам, барои ман фароҳам аст.

ولكن هيهات أن يغلبني هواي ويقودني جشعي الى تخيّر الأطعمة

Ва лекин ҳайҳот, ки ман чунин кунам, маҳол аст, ки ман маҳори худро ба дасти ҳирсу ҳавои нафсам бидиҳам.

Ҳол чаро? Магар Худо ин неъматҳоро ҳаром кардааст?

Алӣ (Алайҳис салом) тавзеҳ медиҳад, то касе хаёл накунад либоси хуб пӯшидан ҳаром аст, асали мусаффо хӯрдан ҳаром аст. На. Масъалаи дигаре аст. Инҳо ҳаром нест, ҳалол аст. Мефармояд:

ولعلّ بالحجاز أو اليمامة من لا طمع له في القرص ولا عهد له بالشبع

Агар ман ин ҷо шиками худро сер кунам, шояд дар Ироқ ва Куфа ва Ямома ва савоҳили халиҷи Форс ва дар Ҳиҷоз касоне бошанд, ки умед ба ин як қурси нонро ҳам надошта бошанд.

أو أبيت مبطانا وحولي بطون غرثى وأكباد حرّى

Оё ман шиками сер бихобам ва дар атрофам шикамҳои гурусна ва ҷигарҳои ташна бошад?

Оё ман он гуна бошам, ки шоир мегӯяд:

وحسبك داءً أن تبيت ببطنة

وحولك أكباد تحنّ الى القدّ

Яъне ин дард (доъ) туро бас, ки шиками сер бихобӣ ва дар атрофат шикамҳои гурусна вуҷуд дошта бошад.

Ба ин мегӯянд дарди халқи Худо. Инро мегӯянд меъёри инсоният, ва ба таъбири саҳеҳтар, модари дуввуми арзишҳо.

Сипас мефармояд:

**أأقنع من نفسي بأن يقال أمير المؤمنين ولا أشاركهم في مكاره الدهر**

Оё ман ба лақабу исм қаноат кунам? Оё ба лақабе, ки ба ман медиҳанд ва "Эй Амиралмӯъминин!" мегӯянд ва маро амири мӯъминон ва халифа мехонанд ва ба ин ки маро ба унвони раиси як мамлакати исломӣ, ки бештарин маъмураи оламро гирифтааст хитоб мекунанд, қаноат кунам ва бар худ номи Амирулмӯъминин бигузорам ва бо мӯъминон дар сахтиҳои рӯзгор ширкат надошта бошам?! (*Наҳҷул-балоға, номаи 45*)
Бибинед сухан, ҳама аз ҳамдардӣ ва дарди дигаронро эҳсос кардан аст.

## Дарди матлуб

Ҳол, аз шумо мепурсам, оё беҳтар аст одам лахт бошад, аъзояш карах бошад ва роҳат бошад, ва ё беҳтар аст ҳассос бошад ва ин дардро дарк кунад? Ин дарде аст, ки дар айни ҳол лазиз ҳам ҳаст, чун дарде, ки барои дигарон бошад, ҳамеша лазиз аст. Ин матлаб чӣ розе дорад? Худо худаш медонад. Ҳамчунон, ки дарди дигарон доштан лазиз аст, дарди ҳиҷрони Ҳақ ҳам лазиз аст.
Бӯалӣ дар «*Ишорот*» дар бораи ин масъала, ки гоҳе як чиз дард ҳаст, вале дар айни ин ки дард аст лазиз аст, мисоле меоварад. Мегӯяд: ин навъ дард назири хориши бадан аст, ки бадан хориш мекунад ва сӯзиш дорад ва инсон вақте хориш медиҳад, маҳалли хориш дард мекунад ва дар айни ин ки дард мекунад, инсон хушаш меояд. Ин дард, дарди талхе нест.
Ин дард дарде аст, ки ҷонро месӯзонад, ашкро ҷорӣ мекунад, аммо ғами маҳбуб аст, ғами матлуб аст. Инсон аз як силсила ғамҳо ҳамеша фирор мекунад, вале чӣ тавр мешавад, ки агар ба мо бигӯянд маҷлиси зикри мусибати Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) барқарор аст ва маҷлиси хеле бо ҳоле аст, мехоҳем ба он ҷо биравем? Инсон то дилаш насӯзад ва дард нагирад, ашк намерезад. Вале дар айни ҳол инсон дилаш мехоҳад ба ин маҷлиси бо ҳол биравад, ин дардро эҳсос кунад ва ин ашкро бирезад. Вақте ин қатароти ашк мерезад, инсон сафоеро эҳсос мекунад, ки он дард, дар муқобили ин чизе нест. Ин аст дарди инсоният…

Душвор аст ҳоли он бадане, ки руҳаш танҳо руҳи худаш нест, руҳи ҳамаи баданҳост; як руҳ дарди ҳамаро ба танҳоӣ эҳсос мекунад. Ин бадан аст, ки маҷбур аст бо вуҷуди фароҳам будани ҳамаи имконот, бо ду луқма нони ҷав бисозад, барои ин ки мабодо дар Ҳиҷоз ё Ямома як нони ҷавхӯр пайдо шавад. Ин бадан аст, ки бояд кафши васладор бипӯшад, барои ин ки бо руҳе монанди руҳи Алӣ (Алайҳис салом) тавъам бошад. Шоири араб мегӯяд:

**واذا كانت النفوس كبارا**

**تعبت في مرادها الأجسام**

Руҳҳо вақте бузург шуд, вой ба ҳоли он баданҳо! Руҳ вақте бузург шуд ва руҳи ҳамаи баданҳо шуд ва дарди ҳамаро эҳсос кард, кораш ба он ҷо мекашад, ки муҷозот мебинад, барои чӣ? Барои ғофил мондан аз ҳоли як бевазан ва чанд ятим. (Алӣ) миёни кӯча занеро мебинад, ки машк ба дӯш гирифтааст. Алӣ (Алайҳис салом) одаме нест, ки бетафовут аз канори ин манозир бигузарад. Иллат надорад, ки як зан худаш обкашӣ кунад. Ҳатман касеро надорад ё касе дорад, вале ба ҳоли ин зан намерасад. Фавран худаш ҷилав меравад, намегӯяд: эй шурта! Эй посбон! Эй навкар! Эй ғулом! Эй Қанбар! Ту биё! (Балки) бо камоли адаб мегӯяд: хонум! Иҷоза медиҳед шуморо кӯмак диҳам ва ман машки обро ба дӯш бикашам? Ин заҳматро ба ман бидиҳед. Он зан мегӯяд: Худо падари туро биёмурзад!

Ба хонаи он бевазан меравад. Ҳамин ки машкро замин мегузорад, истифсор мекунад, ки: мумкин аст барои ман тавзеҳ бидиҳед, ки чаро худатон обкашӣ мекунед? Шояд марде надоред? Мегӯяд: бале, иттифоқан шавҳари ман дар рикоби Алӣ ибни Абӯтолиб кушта шуд. Ман ҳастаму чандто ятим.

(Алӣ) ин калимаро, ки мешунавад, сар то пояш оташ мегирад. Навиштаанд, он шаб вақте баргашт ва ба хона рафт, то субҳ хобаш набурд. Субҳ, нону гӯшту хурмову пул бо худаш бармедорад ва бо аҷала меравад ва дари хонаи ҳамон занро мезанад. Мегӯяд: кистӣ? Мефармояд: ман ҳамон бародари мӯъмини дирӯзи ту ҳастам. Ба суръат гӯштҳоро кабоб мекунад ва ба дасти худаш дар даҳони ятимҳо мегузорад ва ятимҳоро рӯи зону менишонад ва ором ба онҳо мегӯяд: аз тақсири Алӣ, ки аз шумо ғофил монда бигузаред. Он гоҳ танӯрро оташ мекунад. Вақте сари танӯр меравад, сураташро ба оташ наздик мекунад. Ҳарорати

оташро эҳсос мекунад, бо худ мегӯяд: Алӣ! Ҳарорати оташи дунёро бичаш ва оташи ҷаҳаннам ёдат биёяд, то дигар аз ҳоли мардум ғофил намонӣ. Бадане, ки бояд ҷавр бикашад, ин тавр аст. Бадане, ки руҳаш руҳи ҳамаи мардум аст, ин гуна аст.

**باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله**

*Худоё! Туро қасам медиҳем ба ҳақиқати Алӣ ибни Абӯтолиб, ки дарди исломро дар дили мо эҷод кун!*

*Оқибати амри ҳамаи моро хатми ба хайр бифармо!*

*Дарди муҳаббат, ва маърифат ва тоату ибодати худатро дар дилҳои мо қарор бидеҳ!*

*Эҳсоси ҳамдардӣ бо халқи худатро дар мо эҷод бифармо!*

*Моро аз партави нури вилояти Алӣ (Алайҳис салом) баҳраманд бифармо!*

*Моро пайрави воқеии он бузургвор қарор бидеҳ!*

*Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!*

*Моро бо ҳақоиқи ислом ошно бифармо*!

**ولا حول ولا قوة الا بالله العلي العظيم**

# ДАРДИ ХУДОҶӮӢ ДАР ИНСОН

وَاسْتَعِينُواْ بِالصَّبْرِ وَالصَّلاَةِ وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلاَّ عَلَى الْخَاشِعِينَ

*«Аз шикебоӣ ва намоз ёрӣ ҷӯед ва ба ростӣ ин кор гарон аст, магар бар фурӯтанон.» (Сураи Бақара, ояти 45*)

Инсон ҳамеша худаш барои худаш дарвозаи маънавият будааст.[1] Мақсуд аз ин ки мегӯем, инсон ҳамеша барои худаш дарвозаи маънавият буда ва аз дарвозаи вуҷудаш олами маъниро дида ва кашф кардааст, ин аст, ки дар инсон чизҳое вуҷуд дорад, ки ҳисоби онҳо бо ҳисоби олами модда ҷур дарнамеояд. На танҳо уламои маърифатуннафс ва маърифатурруҳи қадим, балки бисёре аз уламои маърифатуннафси ҷадид ҳам ба ин матлаб эътироф доранд, ки дар инсон чизҳое ёфт мешавад, ки бо ҳисобҳои моддии ин дунё қобили тавҷеҳ нест ва нишон медиҳад, ки ҳисоби дигаре дар кор аст.

Сухане дорад Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи), ки мефармояд:

من عرف نفسه فقد عرف ربّه

*«Ҳар касе, ки худашро бишносад, Худоро мешиносад.»*

Қуръони Карим ба таври куллӣ барои инсон дар муқобили ҳамаи ашёи олам, ҳисоби ҷудогона ва мустақилле боз кардааст. Мефармояд:

سَنُرِيهِمْ آيَاتِنَا فِي الْآفَاقِ وَفِي أَنفُسِهِمْ

*«Нишонаҳои худро дар офоқи олам (яъне дар олами табиат) ироа медиҳем ва дар нуфуси худи мардум…» (Сураи Фуссилат, ояти 53*)

Қуръон нуфуси мардумро бо ҳисоби ҷудогонае баён кардааст, ва ҳамин оят сабаб шудааст, ки дар адабиёти мо истилоҳи махсуси “офоқ” ва “анфус” роҳ пайдо кунад. Мегӯянд: “масоили офоқӣ” ва “масоили анфусӣ”.

---

[1] Яъне дарвозае, ки инсон аз он ҷо вориди олами маънавият мешавад ва ё лоақал маънавиятро дарк мекунад.

Мумкин аст бигӯед, он чизҳое, ки дар нафси инсон мавҷуд аст ва бо ҳисобҳои моддӣ қобили тавҷеҳ нест, чист? Бояд гуфт, ки ин, достони дарозе дорад ва ман намехоҳам вориди ин матлаб шавам.

## Инфикокпазирии инсоният аз инсон

Яке аз он чизҳое, ки бо ҳисобҳои моддӣ ҷур дарнамеояд, ҳамин масъалае аст, ки дар ин ҷаласот тарҳ кардаем: масъалаи арзишҳои инсонӣ, ва ба иборати дигар, масъалаи инсонияти инсон. Аҷиб аст, ки шумо суроғи ҳар мавҷуде биравед, мебинед худаш барои худаш ба унвони як сифат, инфикокпазир нест, мисли сифати "палангӣ" барои паланг, "сагӣ" барои саг, "асбӣ" барои асб. Мо наметавонем асбе пайдо кунем, ки "асбӣ" надошта бошад, саге пайдо кунем, ки "сагӣ" надошта бошад, паланге пайдо кунем, ки "палангӣ" надошта бошад. Вале мумкин аст инсони минҳои инсоният мавҷуд бошад; зеро он чизҳое, ки онҳоро инсонияти инсон медонем ва он чизҳое, ки ба инсон шахсият медиҳад — на он чизҳое, ки милоки шахси инсон аст – аввалан, як силсила чизҳое аст, ки бо ин ки башарӣ аст ва таъаллуқ ба ҳамин олам дорад, вале бо сохтмони моддии инсон дуруст намешавад, ғайримоддӣ аст, маҳсусу малмус нест, ва ба иборати дигар, аз синхи маънавиёт аст, на моддиёт. Ва соният, ин чизҳое, ки милоки инсонияти инсон аст ва милоки шахсият ва фазилати инсонии инсон аст, ба дасти табиат сохта намешавад, фақат ва фақат ба дасти худи инсон сохта мешавад.

Ғаразам ин калима буд, ки инсон, худаш дарвозаи маънавият аст ва аз дарвозаи вуҷуди худ ба олами маъно пай бурдааст. Имоми ҳаштум ҳазрати Алӣ ибни Мӯсо Арризо (Алайҳис салом) мефармояд:

**لا يُعرف هنالك الاّ بما ههنا**

«*Он чи дар олами маъно ҳаст, аз роҳи он чи дар даруни инсон аст шинохта мешавад*«, ки ин худаш як масъалае аст.

Дар ҷаласаи пеш арз кардам чизҳое, ки ба онҳо арзишҳои инсонӣ гуфта мешавад ва маънавиёти инсонӣ ва милоки инсонияти инсон аст, шомил хеле чизҳост, вале метавон ҳамаи арзишҳоро дар як арзиш хулоса кард, ва он, дард доштан ва соҳибдард будан аст.

Ҳар мактабе, ки дар дунё роҷеъ ба арзишҳои инсонӣ баҳс кардааст, як дард — моварои дардҳои узвӣ ва дардҳои муштараки инсон бо ҳар ҷондори дигар — дар инсон ташхис додааст. Он дарди инсонии инсон чист?

Гуфтем, баъзе фақат такяашон рӯи дарди ғурбати инсон ва дарди адами таҷонус ва бегонагии инсон бо ин ҷаҳон аст, чаро ки инсон ҳақиқате аст, ки аз асли худ ҷудо шуда ва дур монда ва аз дунёи дигар барои анҷоми рисолате омадааст. Ва ин дурмондагӣ аз асл аст, ки дар ӯ шавқу ишқу нолаву эҳсоси ғурбат офаридааст. Майл ба бозгашт ба асл ва ватан яъне майли бозгашт ба Ҳақ ва Худоро офаридааст. Аз биҳишт ронда шуда ва ба олами хок омадааст ва мехоҳад бори дигар ба он биҳишти мавъуди худаш бозгардад. Албатта омаданаш ғалат набуда, барои анҷоми рисолате буда, вале ба ҳар ҳол ин ҳиҷрон ҳамеша ӯро дар ҳоли нороҳатӣ нигоҳ доштааст. Дарди инсон — тибқи ин мактаб — фақат дарди Худост, дарди дурӣ аз Ҳақ аст ва майли ӯ майли бозгашт ба қурби Ҳақ ва ҷивори Раббулоламин аст, ва инсон ба ҳар мақому камоле, ки бирасад, боз эҳсос мекунад, ки ба маъшуқи худ нарасидааст.

## Инсон, толиби камоли мутлақ

Нуктаеро мегӯянд, ва он ин аст: "Инсон ҳамеша толиби он чизе аст, ки надорад", ва ин хеле аҷиб аст. Ҳар чизеро то надорад, хоҳони он аст. Вақте ҳамон чизро доро шуд, дилзадагӣ барояш пайдо мешавад. Чаро? Ин як амри ғайримантиқӣ аст, ки дар табиати як мавҷуд, майл ба чизе вуҷуд дошта бошад, вале вақте ба он бирасад, хоҳони он набошад ва онро аз худ тард кунад.

Шахсе мегуфт: дар яке аз музейҳои хориҷӣ машғули тамошо будам, муҷассамаи як зани ҷавони бисёр зебоеро дидам, ки рӯи як тахти хоб хобидааст ва ҷавони бисёр зебое як пояш рӯи тахт ва пойи дигараш рӯи замин ва рӯяшро баргардондааст, мисли касе, ки дорад фирор мекунад. Маънояшро нафаҳмидам, ки он пайкартарош аз тарошидани ин ду пайкар (пайкарҳои зану марди ҷавон, он ҳам на дар ҳоли муошиқа, балки дар ҳоли гурези марди ҷавон аз зан) чӣ мақсуде доштааст. Аз афроде, ки ворид буданд, тавзеҳ хостам. Гуфтанд, ин, таҷассуми фикри маъруфи Афлотун аст, ки мегӯяд: «Инсон ҳар маъшуқе, ки дорад, ибтидо бо як ҷазаба ва ишқ ва валаъи фаровон ба сӯи ӯ меравад. Вале ҳамин ки ба

висол расид, ишқ дар он ҷо дафн мешавад.» Висол мадфани ишқ аст ва оғози дилзадагӣ ва танаффуру фирор.

Чаро ин тавр аст? Ин масъала як амри ғайритабиӣ ва ғайримантиқӣ ба назар мерасад. Аммо онҳое, ки дақиқтар дар ин масъала фикр кардаанд, онро ҳал кардаанд. Гуфтаанд: масъала ин аст, ки инсонончунон мавҷуде аст, ки наметавонад ошиқи "маҳдуд" бошад, наметавонад ошиқи фонӣ бошад, наметавонад ошиқи шайъе бошад, ки ба замону макон маҳдуд аст. Инсон ошиқи камоли мутлақ аст ва ошиқи ҳеч чизи дигаре нест. Яъне ошиқи зоти Ҳақ аст, ошиқи Худост. Ҳамон касе, ки мункири Худост, ошиқи Худост. Ҳатто мункирини Худо, ки ба Худо фуҳш медиҳанд, намедонанд, ки дар умқи фитрати худ ошиқи камоли мутлақанд, вале роҳро гум кардаанд, маъшуқро гум кардаанд. Муҳйиддини Арабӣ мегӯяд:

**ما احبّ أحد غير خالقه**

«*Ҳеч инсоне ғайр аз Худои худашро дӯст надоштааст*» ва ҳанӯз дар дунё як нафар пайдо нашуда, ки ғайри Худоро дӯст дошта бошад.

**ولكنه تعالى احتجب تحت اسم ينب وسعاد وهند وغير ذلك**

«*Лекин Худои Мутаъол дар зери ин номҳо (Зайнаб, Суъод, Ҳинд ва ғайра…) пинҳон шудааст.*»[1]

Маҷнун хаёл мекунад, ки ошиқи *Лайлӣ* аст; ӯ аз умқи фитрат ва виҷдони худаш бехабар аст. Аз ин рӯ Муҳйиддин мегӯяд: пайғамбарон наёмадаанд, ки ишқи Худо ва ибодати Худоро ба бандагон ёд диҳанд, ин фитрии ҳар инсоне аст, балки омадаанд, ки роҳҳои каҷу ростро нишон диҳанд; омадаанд бигӯянд: эй инсон! Ту ошиқи камоли мутлақӣ, хаёл мекунӣ, ки пул барои ту камоли мутлақ аст, хаёл мекунӣ, ки ҷоҳ барои ту камоли мутлақ аст, хаёл мекунӣ, ки зан барои ту камоли мутлақ аст; ту чизе ғайр аз камоли мутлақро намехоҳӣ, вале иштибоҳ мекунӣ. Паёмбарон омадаанд, ки инсонро аз иштибоҳ берун биёваранд.

[1] Ӯ аз ин қабил ҳарфҳо зада ва ба ҳамин далел иддае ӯро такфир кардаанд.

Дарди инсон он дарди худоӣ аст, ки агар пардаҳои иштибоҳ аз ҷилави чашмаш канор равад ва маъшуқи худро пайдо кунад, ба сурати ҳамон ибодатҳои ошиқонае дармеояд, ки дар Алӣ (Алайҳис салом) сураҳ дорем. Чаро Қуръон мегӯяд:

أَلاَ بِذِكْرِ اللهِ تَطْمَئِنُّ الْقُلُوبُ

*«Бидонед, ки мунҳасиран ва мунҳасиран (“бизикриллоҳи“, ки муқаддам шудааст, аломати инҳисор аст) бо як чиз қалби башар ором мегирад ва аз изтиробу дилхура наҷот пайдо мекунад, ва он, ёди Худо ва унс бо Худост.» (Сураи Раъд, ояти 28*)

Қуръон мегӯяд, агар башар хаёл кунад, ки бо расидан ба сарвату рифоҳ ба мақоми осоиш мерасад ва аз изтиробу нороҳатӣ ва шикоят берун меояд, иштибоҳ кардааст. Қуръон намегӯяд, набояд дунболи инҳо рафт, мегӯяд, инҳоро бояд таҳсил кард, аммо агар хаёл кунед инҳо ҳастанд, ки ба башар осоишу оромиш медиҳанд ва вақте башар ба инҳо расид эҳсос мекунад, ки ба камоли матлуби худ ноил шудааст, иштибоҳ мекунед; мунҳасиран бо ёди Худост, ки дилҳо оромиш пайдо мекунад. Бисёре аз мактабҳо такяашон рӯи дур мондани инсон аз асли худ аст.

* * *

Мактабҳои дигаре ҳастанд, ки такяашон рӯи дарди инсон барои халқи Худост, на дарди инсон барои Худо. Ҳатто баъзе мегӯянд, дарди инсон барои Худо яъне чӣ?! Масалан, дар яке аз маҷаллот баҳсҳое тарҳ шудааст таҳти унвони “Худо ё инсон?“ Яке мегӯяд Худо, дигаре мегӯяд инсон, ва севвуме мегӯяд, Худо ва инсон. Вале ман касеро надидам, ки бигӯяд: Худо ва инсон аз якдигар ҷудо нест, то Худо набошад, инсон ҳам нест. То он дарди худоиеро, ки дар инсон аст нашиносем ва то инсон ба сӯи Худо наравад, дарди инсонии ӯ ҳам ба ҷое нахоҳад расид. Инсоният, дарди Худост. Дарди инсон аз дарди Худо доштан аст.

## Сайри инсони комил аз назари урафо

Чӣ қадр урафо олӣ ва зебо мегӯянд вақте сайри инсони комилро мушаххас мекунанд. Мегӯянд: сайри инсони комил дар чаҳор сафар рух медиҳад:

1) Сафари инсон аз худ ба Худо;

2) Сафари инсон ҳамроҳи Худо дар Худо (яъне шинохти Худо);

3) Сафари инсон ҳамроҳи Худо — на ба танҳоӣ — ба халқи Худо;

4) Сафари инсон ҳамроҳи Худо дар миёни халқи Худо барои наҷоти халқи Худо.

Дигар беҳтар аз ин намешавад сухан гуфт. Аввалин сафар, сафари инсон ба сӯи Худост. То инсон аз Худо ҷудост, ҳамаи ҳарфҳо пуч аст. Вақте, ки ба зикри Худо расид ва Худоро шинохт ва худашро ба Худо наздик эҳсос кард ва Худоро бо худ эҳсос кард, ҳамроҳи Худо[1] ба сӯи халқи Худо бозмегардад. Чунин инсоне барои наҷоти халқи Худо, дар миёни халқи Худо ҳаракат мекунад ва барои ҳаракат додани халқи Худо ва наздик сохтани онон ба Худо талош мекунад.

Агар бигӯем, ки сафари инсон аз халқ аст ба сӯи Худо ва ҳамон ҷо мемонад, инсонро нашнохтаем. Ва агар бигӯем, инсон бидуни ин ки худаш ба сӯи Худо ҳаракат кунад, бояд ба сӯи инсонҳо биравад (мисли мактабҳои моддии инсонии имрӯз) барои наҷоти инсонҳо, ҳеч коре аз ӯ сохта нест ва дурӯғи мутлақ аст. Касоне тавонистаанд инсонҳоро наҷот диҳанд, ки аввал худашон наҷот пайдо кардаанд. Наҷоти инсонҳо яъне чӣ? Наҷоти инсонҳо аз чӣ чиз? Аз асорати табиат? Аз асорати инсонҳои дигар, ки маънояш озодии инсон аз инсон аст? Инҳо дуруст аст (аммо он чи муқаддам бар инҳост) наҷоти инсон аз худии худ ва аз нафси аммораи худ ва аз худии маҳдудаш аст, ва то инсон аз худи маҳдуди хеш наҷот пайдо накунад, ҳаргиз аз асорати табиат ва асорати инсонҳои дигар наҷот пайдо намекунад.

## Лузуми ҳамроҳ будани гароишҳои бурунӣ ва дарунӣ

Мо ҳанӯз дар манзили аввал аз баҳси худамон ҳастем. Имшаб шаби бисту якуми моҳи мубораки рамазон ва шаби аввал аз даҳаи охири ин моҳ аст. Вақте даҳаи охири моҳи мубораки рамазон мерасид, Пайғамбари Акрам (с) дастур медод рахту хобашро ба таври куллӣ бибананд ва дар моҳи шаввол боз кунанд, яъне Пайғамбар (с) дар ин даҳа ҳеч шабе намехобид. Ин шабҳо шаби ибодат аст, шаби хилвату муноҷот аст. Ин матлабро ба ҳукми матлабе, ки дар ҷаласоти пеш арз кардам мегӯям, ки гоҳе баъзе арзишҳо арзиши дигарро аз байн мебаранд. Дар гузашта, ҷомеаи исломӣ гароише ба арзиши ибодат пайдо карда буд ва мехост арзишҳои дигарро аз байн бибарад, ва ман эҳсос мекунам, ки боз як мавҷи

[1] Яъне инсоне раббонӣ ва илоҳӣ мешавад, инсоне, ки як лаҳза ҳам аз Худо ғофил нест.

ифротии дигаре дар ҳоли такаввун аст, яъне иддае мехоҳанд ба гароишҳои иҷтимоии ислом таваҷҷӯҳ кунанд, вале гароишҳои худоии исломро фаромӯш кунанд, яъне инҳироф ва иштибоҳе дигар. Он араб улоғе дошт, мехост савор шавад. Он қадр дурхез кард, ки вақте ба тарафи улоғ парид, он тараф улоғ афтод ва гуфт: «Калаввал» (шуд мисли аввал). Агар бино шавад аз ҷоддаи мӯътадили ислом хориҷ шавем, чӣ фарқ мекунад, ки ибодатгарои ҷомеагурез бошем ё ҷомеагарои Худогурез? Дар мантиқи ислом ҳеч фарқ намекунад.

Бибинед Худованд дар ояти охири сураи Фатҳ — ки оёти назири он дар Қуръон зиёд аст — чӣ мефармояд:

**مُحَمَّدٌ رَّسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاء عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاء بَيْنَهُمْ**

*«Муҳаммад (с) паёмбари худост ва касоне, ки бо ӯянд, бар кофирон сахтгир, бо ҳамдигар меҳрубонанд…»*[1]

Саҳоба ва тарбиятшудагони Пайғамбар чӣ гуна ҳастанд? Инҳо ду чеҳра доранд, ду виҷҳа доранд: дар муқобили душманони ҳақиқат[2] шадид, қавӣ, босалобат ва муҳкам ҳастанд, монанди деворе рӯин, ки аз ҷо такон намехӯрад —

**إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِهِ صَفًّا كَأَنَّهُم بُنيَانٌ مَّرْصُوصٌ**

*«Дар ҳақиқат, Худо дӯст дорад касонеро, ки дар роҳи ӯ саф дар саф чунонки гӯӣ биноe рехташуда аз сурбанд ҷиҳод мекунанд.»* (*Сураи Саф, ояти 4*) — вале дар миёни худ, якпорча утуфат, меҳрубонӣ, ягонагӣ ва ваҳдатанд, ки аз назари Қуръон як хислати иҷтимоии ҷомеаи исломӣ аст. (Яъне ҳамон хислате, ки мо қарнҳо фаромӯш карда будем). Дар идомаи сураи Фатҳ мефармояд:

**تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِم مِّنْ أَثَرِ السُّجُودِ**

*«Ононро дар рукӯъу суҷуд мебинӣ, фазлу хушнудии Худоро хосторанд, аломати онон бар асари суҷуд дар чеҳраҳояшон аст…»* (*Сураи Фатҳ, ояти 29*) (Яъне фавран суроғи он арзиши Худоӣ

---

[1] Сураи Фатҳ, ояти 29. Ҳол дар таркиби ин оят, ки оё мақсуд ҳазрати Расул аст бо асҳоб, ё фақат асҳоб мақсуд ҳастанд баҳсе намекунем, чун дар муддаои мо ъаҷолтан ҳеч таъсире надорад.

[2] Барои душманони ҳаққу ҳақиқат калимаи “куффор”-ро ба кор мебарад, яъне касоне, ки мехоҳанд чеҳраи ҳақиқатро бипӯшонанд.

меравад) ҳамон касоне, ки аз назари ба истилоҳи ҷомеагароӣ дар он вазъ ҳастанд, рокеъанд, соҷиданд, дарди дилашонро бо Худо мегӯянд, аз Худои худ тараққӣ ва фузунӣ мехоҳанд, ба он чи доранд қонеъ нестанд, мехоҳанд рӯз ба рӯз ҷилавтар ва пештар бираванд, аз ҳамаи парастишҳошон ҷуз ризои Худо чизи дигаре намехоҳанд. Яъне ба олитарин шакл Худоро ибодат мекунанд. Ва дар чеҳраи инҳо осори ибодат намоён аст. (Дар идома мефармояд:)

ذَلِكَ مَثَلُهُمْ فِي التَّوْرَاةِ وَمَثَلُهُمْ فِي الْإِنجِيلِ كَزَرْعٍ أَخْرَجَ شَطْأَهُ

*«Ин сифати эшон аст дар Таврот ва масали онҳо дар Инҷил чун киштае аст, ки ҷавонаи худ бароварад…» (Сураи Фатҳ, ояти 29*) Барои ҷомеаи исломи масале зикр мекунад, ки чӣ гуна ин ҷомеа ҷомеае аст рӯянда ва боланда. (Мефармояд:) ҷомеа ҳукми як гиёҳро дорад, ки дар аввал, заъифу кучак аст, вале баъд рушд мекунад ва рушд мекунад ба тавре, ки ҳамаи кишоварзонро ба ҳайрату шигифтӣ вомедорад.

Бибинед Қуръон чӣ тавр (дар ҷойи дигар ин ду гароишро) тавъам бо якдигар зикр кардааст:

التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدونَ

*«Тавабкунандагони парастандагони сипосгузорони рӯзадорони рукуъкунандагони саҷдакунандагон…» (Сураи Тавба, ояти 112*) Яъне ҷанбаҳои худоии ин дастаро зикр мекунад: тоибҳо, ибодаткунандагон, ситоишкунандагон, рӯзагирон, рокеъон, соҷидон. Билофосила пас аз он мегӯяд:

الآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنكَرِ

*«Водорандагон ба корҳои писандида, боздорандагон аз корҳои нописанд…« (Сураи Тавба, ояти 112*)

Ҳамонҳо, ки муслиҳи ҷомеаи худ ҳастанд ва дар ҷомеа амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд.

Дар ояти дигаре мефармояд:

**الصَّابِرِينَ وَالصَّادِقِينَ وَالْقَانِتِينَ وَالْمُنفِقِينَ**

«*Собирон ва ростгӯён ва фармонбардорон ва инфоқкунандагон…*» (*Сураи Оли Имрон, ояти 17*)
Яъне сабркунандагон, муқовиматкунандагон,[1] содиқон, ростгӯён,росткирдорон, инфоқкунандагон. Билофосила мегӯяд:

**وَالْمُسْتَغْفِرِينَ بِالأَسْحَارِ**

«*Истигфоркунандагон дар саҳарҳо…*» (*Сураи Оли Имрон, ояти 17*)
Бинобар ин, дар ислом ин гароишҳо аз якдигар тафкикпазир нест. Касе, ки яке аз инҳоро истихфоф кунад, дигареро ҳам истихфоф кардааст…

## Намунае аз таърихи ислом

Асҳоби Расули Худо (с) дар чӣ вазъу ҳоле буданд? Ҳадиси маъруфи Кофӣ (ҷ.2, с.53) — ки Мавлавӣ онро ба шеър даровардааст — воқеан аҷиб аст. Ин ҳадисро шиъа ва суннӣ ҳар ду ривоят кардаанд:
Рӯзе Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар вақти байни тулӯъайн суроғи асҳоби Суффа рафт. (Паёмбар зиёд суроғи асҳоби Суффа мерафт). Дар ин миён, чашмаш ба ҷавоне афтод. Дид ин ҷавон як ҳолати ғайриоддӣ дорад: чашмҳояш дар косаи сар фурӯ рафтааст ва рангаш ранги оддӣ нест. Ҷилав рафт ва фармуд:

**كيف أصبحت**

«*Чӣ гуна субҳ кардаӣ?*«
Арз кард:

**أصبحت موقنا يا رسول الله**

«*Дар ҳоле субҳ кардаам, ки аҳли яқинам…*» Яъне он чи ту бо забони худат аз роҳи гӯш ба мо гуфтаӣ, ман акнун аз роҳи басират мебинам. Пайғамбар мехост як миқдор ҳарф аз ӯ бикашад, фармуд:

[1] "Сабр" дар Қуръон ҳамеша маънояш муқовимат аст, махсусан муқовимат дар майдони ҷанг.

**ما علامة يقينك**

Яъне ҳар чизе аломате дорад; ту, ки иддао мекунӣ аҳли яқин ҳастӣ, аломат яқини ту чист?

Арз кард:

**إن يقيني يا رسول الله هو الذي أحزنني وأسهر ليلي وأظمأ هواجري**

Аломати яқини ман ин аст, ки рӯзҳо маро ташна медорад ва шабҳо бехоб, яъне ин рӯзаҳои рӯз ва шабзиндадориҳо аломати яқин аст. Яқини ман намегузорад, ки шаб сар ба бистар бигузорам. Яқини ман намегузорад, ки ҳатто як рӯз муфтир бошам.

Фармуд:

— Ин кофӣ нест, беш аз ин бигӯ, аломати бештаре аз ту мехоҳам.

Арз кард:

— Эй Расули Худо! Алъон, ки дар ин дунё ҳастам, дуруст мисли ин аст, ки он дунёро мебинам ва садоҳои он ҷоро мешунавам; садои аҳли биҳиштро аз биҳишт ва садои аҳли ҷаҳаннамро аз ҷаҳаннам мешунавам. Эй Расули Худо! Агар ба ман иҷоза диҳӣ, асҳобро алъон як-як муаррифӣ кунам, ки кадом як биҳиштӣ ва кадом як ҷаҳаннамианд.

Фармуд: сукут! Дигар ҳарф назан!

*Гуфт пайғамбар сабоҳе Зайдро:*

*«Кайфа асбаҳт, эй рафиқи босафо?»*

*Гуфт: «Абдан мӯъминан». Боз ӯ-ш гуфт:*

*«Ку нишон аз боғи имон, гар шукуфт?»*

*Гуфт: «Ташна будаам ман рӯзҳо,*

*Шаб нахуфтастам зи ишқу сӯзҳо.*

*То зи рӯзу шаб гузар кардам чунон,*

*Ки зи испар бигзарад нӯки синон.*

*Ки аз он сӯ ҷумлаи миллат якест,*

*Садҳазорон солу як соат якест.*

*Ҳаст азалрову абадро иттиҳод,*

*Ақлро раҳ нест он сӯ з-ифтиқод».*

*Гуфт: «Аз ин раҳ ку раҳоварде? Биёр,*

*Дархӯри фаҳму уқули ин диёр».*

*Гуфт: «Халқон чун бибинанд осмон,*

*Ман бибинам аршро бо аршиён…*

*Ҷумларо чун рӯзи растохез ман*

*Фош мебинам аён аз марду зан.*

*Ҳин, бигӯям ё фурӯ бандам нафас?»*

*Лаб газидаш Мустафо, яъне ки бас.*

Баъд Пайғамбар ба ӯ фармуд:

— Ҷавон! Орзуят чист? Чӣ орзуе дорӣ?

Арз кард:

— Эй Расули Худо! Шаҳодат дар роҳи Худо.

Он, ибодаташ ва ин ҳам орзуяш; он шабаш ва ин ҳам рӯзу орзуяш. Ин мешавад мӯъмини ислом, мешавад инсони ислом, ҳамон, ки дорои ҳар ду дард аст, вале дарди дуввумашро аз дарди аввалаш дорад. Он дарди худоӣ аст, ки ин дарди дуввумро дар ӯ эҷод кардааст.

Оятеро дар оғози суханам тиловат кардам:

وَاسْتَعِينُواْ بِالصَّبْرِ وَالصَّلاَةِ وَإِنَّهَا لَكَبِيرَةٌ إِلاَّ عَلَى الْخَاشِعِينَ

*«Аз шикебоӣ ва намоз ёрӣ ҷӯед ва ба ростӣ ин кор гарон аст, магар бар фурӯтанон.» (Сураи Бақара, ояти 45*)

Қуръон аҷиб сухан мегӯяд: эй аҳли имон! Аз намоз истимдод кунед ва мадад бигиред ва аз сабр, ки муфассирин гуфтаанд мақсуд рӯза аст ё лоақал рӯза яке аз ақсоми сабр аст. Чӣ мададе аст, ки метавонем аз намоз бигирем? Чӣ мададе аст, ки аз ибодати Худо ва Худопарастӣ метавонем бигирем? Ҳамин мадад, яъне мадад дар масоили иҷтимоӣ. Аслан ҳар мададеро аз ин ҷо мешавад гирифт. Агар шумо мехоҳед дар иҷтимоъ як мусалмони воқеӣ бошед ва мехоҳед як муҷоҳиди нерӯманд бошед, бояд намозхони холису мухлисе бошед…

* * *

Баъзе мегӯянд, намоз хондан яъне чӣ?! Ибодат яъне чӣ?! Инҳо моли пиразанҳост. Инсон бояд иҷтимоӣ бошад…

Дар мантиқи ислом — ва агар бихоҳем ба таъбири имрӯз бигӯем, дар низоми арзишҳои исломӣ — арзиши арзишҳо ибодат аст, аммо ибодати исломӣ, ибодати бо шароит. Қуръон ба мо гуфтааст, ки намоз он вақт намоз аст, ки асараш ҳувайдо бошад, асари худро нишон диҳад. Чӣ тавр нишон медиҳад?

إِنَّ الصَّلَاةَ تَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاءِ وَالْمُنكَرِ

(Сураи Анкабут, ояти 45) Хислати намози дуруст ин аст, ки инсонро аз корҳои зишт бозмедорад. Агар дидӣ намоз мехонӣ ва дар айни ҳол маъсият мекунӣ, бидон, ки намозат намоз нест, пас намозатро дуруст кун. Намоз туро ба ҳамаи арзишҳои дигар мерасонад ба шарти ин ки намозат воқеан намоз бошад…

Алӣ (Алайҳис салом) маҷмаъи тамоми арзишҳои исломӣ аст ва “*Наҳҷул-балога*” сухани ӯст; китобе, ки инсон ба ҳар ҷойи он муроҷеа кунад, кааннаҳу мантиқе дигар мебинад, яъне инсони дигаре ғайр аз инсоне, ки дар ҷойи дигари ин китоб ҳарф мезанад мебинад. Дар ҳар ҷое Алӣ (Алайҳис салом) як шахсият аст. Ӯ шахсияте аст ҷомеъи ҳамаи арзишҳои инсонӣ. Як ҷо мантиқаш мантиқи ҳамоса аст. Гӯӣ пас аз давраи кӯдакӣ, вориди низом шуда ва давраи сарбозӣ ва баъд дараҷоти низомиро тай карда ва як фармондеҳ шудааст ва ғайр аз масоили фармондеҳӣ чизи дигаре намедонад; рухе аст мамлув аз ҳамосаи низомӣ. Дар ҷойи дигар суроғи ҳамин Алӣ меравем, ӯро орифе мебинем, ки гӯӣ ҷуз розу ниёзи ошиқона чизи дигареро мутаваҷҷеҳ нест.

## Муруввати Алӣ

Шаби бисту якум (аз моҳи муборакии рамазон) аст. Ду қитъаи кучак аз “*Наҳҷул-балога*” аз ҳар ду қисмат мехонам — бо ин ки қисматҳои зиёде дар ин заминаҳо ҳаст — барои ин ки бо мантиқи ислом ошно бишавем. Лашкари Муовия ва лашкари Алӣ (Алайҳис салом) дар канори Фурот ба якдигар наздик мешаванд.

Муовия дастур медиҳад ёронаш пешдастӣ кунанд ва қабл аз ин ки Алӣ (Алайҳис салом) ва ёронаш бирасанд, обро ба рӯи онон бибанданд. Ёрони Муовия хеле хушҳол мешаванд. Бо

худ мегӯянд, аз василаи хубе истифода кардем, чун вақте онҳо биёянд, об ба чангашон намеояд ва маҷбур мешаванд фирор кунанд…

Алӣ (Алайҳис салом) фармуд: ибтидо бо якдигар музокира кунем, балки битавонем бо музокира мушкилро ҳал кунем (ба истилоҳ гиреҳеро, ки бо даст мешавад боз кард, бо дандон боз накунем), коре кунем, ки аз ҷангу хунрезӣ миёни ду гурӯҳ аз мусалмонон ҷилавгирӣ кунем. Сипас хитоб ба Муовия фармуд: аммо ҳанӯз мо нарасидаем ту даст ба чунин коре задаӣ! Муовия шӯрои ҷангӣ ташкил дод ва қазияро бо сарбозон ва афсарони худ матраҳ кард ва гуфт: шумо чӣ маслиҳат мебинед? Онҳоро озод бигузорем ё на? Баъзе гуфтанд: озод бигузорем ва баъзе гуфтанд: на. Амр ибни Ос гуфт: озод бигузоред, барои ин ки агар озод нагузоред, ба зӯр аз шумо мегиранд ва обрӯятон меравад. Ба ҳар ҳол онҳо озод нагузоштанд ва ҷангро ба Алӣ (Алайҳис салом) таҳмил карданд.

Ин ҷост, ки Алӣ (Алайҳис салом) як хитобаи ҳамосӣ дар муқобили лашкараш эрод мекунад, ки асараш аз ҳазор таблу ҳазор шайпуру ҳазор нағмаву морши низомӣ бештар аст. Садо зад:

**قد استطعموكم القتال، فأقروا على مذلة وتأخير محلة أو رووا السيوف من الدماء ترووا من الماء**

Муовия гурӯҳе аз гумроҳонро даври худаш ҷамъ кардааст ва онҳо обро ба рӯи шумо бастаанд. Асҳоби ман! Ташна ҳастед? Об мехоҳед? Суроғи ман омадаед, ки об надоред? Медонед чӣ бояд бикунед? Шумо аввал бояд шамшерҳои худатонро аз ин хунҳои палид сероб кунед, то он вақт худатон сероб шавед.

Баъд ҷумлае гуфт, ки ҳаяҷоне дар ҳама эҷод кард, мавту ҳаётро аз ҷанбаи ҳамосӣ ва низомӣ таъриф кард:

Айюҳаннос! Ҳаёт яъне чӣ? Зиндагӣ яъне чӣ? Мурдан яъне чӣ? Оё зиндагӣ яъне роҳ рафтан бар рӯи замину ғизо хӯрдану хобидан? Оё мурдан яъне рафтан зери хок? Хайр. На он зиндагӣ аст ва на ин мурдан.

**فالموت في حياتكم مقهورين والحياة في موتكم قاهرين**

Зиндагӣ он аст, ки бимиред ва пирӯз бошед, ва мурдан он аст, ки зинда бошед ва маҳкуми дигарон. (*Наҳҷул-балога, хутбаи 51*)

Ин ҷумла чӣ қадр ҳамосӣ аст! Чӣ қадр авҷ дорад! Дигар бояд ба зӯр лашкари Алӣ (Алайҳис салом)-ро нигаҳ дошт. Бо ду ҳамла рафтанд ва Муовия ва асҳобашро то чанд километр он тарафтар ронданд. Шариъа (об) дар ихтиёри асҳоби Алӣ (Алайҳис салом) қарор гирифт. Ҷилави обро гирифтанд ва Муовия бе об монд.

Муовия шахсеро барои илтимос фиристод. Асҳоби Алӣ (Алайҳис салом) гуфтанд: маҳол аст. Мо, ки ибтидо накардем, шумо чунин коре кардед ва ҳол, мо ба шумо об намедиҳем. Вале Алӣ (Алайҳис салом) фармуд: ман чунин коре намекунам, ин амале аст ноҷавонмардона, ман бо душман дар майдони ҷанг рӯ ба рӯ мешавам, ман ҳаргиз пирӯзиро аз роҳи ин гуна тазйиқот намехоҳам, ба даст овардани пирӯзӣ аз ин роҳ шаъни ман ва шаъни ҳеч мусалмони азизу бокаромате нест.

Исми ин кор чист? Инро мегӯянд: мурувват, мардонагӣ. Мурувват болотар аз шуҷоат аст. Чӣ хуб мегӯяд Муллои Румӣ дар он шеър — ки аз беҳтарин ашъоре аст, ки дар мадҳи мавло суруда шудааст — он ҷо, ки хитоб ба Алӣ (Алайҳис салом) мегӯяд:

*Дар шуҷоат шери раббонистӣ,*

*Дар мурувват худ, ки донад кистӣ.*

Дар шуҷоат шери Худо ҳастӣ, аммо касе наметавонад дар мурувват туро тавсиф кунад, ки ту кистӣ. Ин ҷо Алӣ (Алайҳис салом)-ро мо дар як мавқиф ва саҳна ва дар як либос ва ҷомаи (хосс) мебинем.

## Муноҷоти Алӣ (Алайҳис салом)

Як вақт ҳам сураоғи Алӣ (Алайҳис салом) меравед, ҳангоме, ки аз кори мардум фориғ шудааст. Ӯст ва Худои худаш, ӯст ва хилваташ, ӯст ва розу ниёзҳои ошиқона ва обидонааш. Боз ҳам хушбахтона дар “*Наҳҷул-балоға*” аст, он ҷо ки мегӯяд:

**اللهم انك آنس الآنسين لأوليائك**

Худоё! Ту аз ҳар анисе барои авлиёи худат анистар ҳастӣ! Яъне бо ҳеч анисе монанди ту унс намегирам, аниси ман туӣ. Вақте бо ҳар ки ғайр аз ту ҳастам, бо анисе нестам, танҳо ҳастам, фақат вақте бо ту ҳастам ҳис мекунам, ки бо касе ҳастам.

**واحضرهم بالكفاية للمتوكلين عليك**

Касоне, ки ба ту эътимод кунанд, мебинанд аз ҳар каси дигар ҳозиртарӣ, барои ин ки ба суроғи касоне, ки ба ту эътимод мекунанд меравӣ.

**تشاهدهم في سرائرهم وتطّلع عليهم في ضمائرهم وتعلم مبلغ بصائرهم**

Худоё! Ту дӯстону ошиқонатро дар он сирри замирашон мушоҳида мекунӣ ва аз ботини замирашон огоҳӣ; ба миқдори ирфону басирати онҳо олиму огоҳӣ ва медонӣ, ки инҳо дар чӣ ҳадд аз басират ҳастанд.

**فأسرارهم لك مكشوفة وقلوبهم اليك ملهوفة**

Асрорашон пеши ту пайдост ва дилҳояшон ба сӯи ту дар парвоз аст. (*Наҳҷул-балога, хутбаи 225*)

Дуои Кумайлро, ки дуои Алӣ (Алайҳис салом) аст, дар шабҳои ҷумъа бихонед. Ин дуо аз назари мазмун дар авҷи ирфон аст. Яъне шумо аз аввал то охири ин дуоро, ки бихонед, на дунё дар он пайдо мекунед ва на охират. (Мақсудам аз охират ҳамон биҳишту ҷаҳаннам аст).

Чӣ мебинед? Мофавқи дунё ва мофавқи охират: Худо, равобити як бандаи холису парастанда ва волаҳу шайдо нисбат ба зоти ақдаси илоҳӣ. Яъне ҳақиқати ибодат. Ва худаш ҳам мегӯяд, ибодати ҳақиқӣ ҳамин аст. Бибинед Алӣ (Алайҳис салом) дар дуои Кумайл бо Худои худаш чӣ гуна розу ниёзу муноҷот мекунад! Бибинед Зайнулобидин (Алайҳис салом) дар саҳарҳои моҳи рамазон дар дуои Абӯҳамза чӣ гуна бо Худои худ розу ниёзу муноҷот мекунад! Ин, қадами аввали мусалмони мост. Қадами аввал мо ин аст, ки ба Худои худ наздик шавем ва бо наздик шудан ба Худои худамон аст, ки соири масъулиятҳоямон ва аз он ҷумла масъулиятҳои иҷтимоиро метавонем ба хубӣ анҷом диҳем. Кӯшиш кунем, ки ин гароишҳои якҷонибаро — ки ҳамеша ислом дучори дарди гароишҳои якҷонибаи миллати худаш будааст — канор бигузорем, то дин дучори бемории гароиши якҷониба нашавад. Арзиши ибодатро ҳаргиз кам нагирем.

Дар лаҳазоти охир, ки Имом Содиқ (Алайҳис салом) дар ҳоли рафтан буданд, дастур доданд ҳамаи хешони наздикро ҷамъ карданд. Чашмҳояшонро барои охирин бор боз карданд ва як ҷумла гуфтанд ва рафтанд. Ҷумла ин буд, ки:

**لن تنال شفاعتنا مستخفّا بالصلوة**

Шафоати мо шомили касе, ки намозро кучак бишуморад, намешавад.

## Алӣ (Алайҳис салом) дар соатҳои охири умр

Шигифтангезтарин давраҳои зиндагии Алӣ (Алайҳис салом) дар ҳудуди 45 соат аст. Алӣ (Алайҳис салом) чанд давраи зиндагӣ дорад: аз таваллуд то беъсати Пайғамбар, аз беъсати Пайғамбар то ҳиҷрат, аз ҳиҷрат то вафоти Пайғамбар, ки давраи севвуми зиндагии Алӣ (Алайҳис салом) аст ва шаклу ранги дигаре дорад, аз вафоти Пайғамбар то хилофати худаш (он 25 сол) давраи чаҳоруми зиндагии Алӣ (Алайҳис салом) аст, ва давраи хилофати чаҳор солу нимааш давраи дигаре аз зиндагии ӯст. Алӣ (Алайҳис салом) як давраи дигаре ҳам дорад, ки ин давра аз зиндагии ӯ камтар аз ду шабонарӯз аст ва шигифтангезтарини давраҳои зиндагии Алӣ (Алайҳис салом) аст, яъне фосилаи зарбат хӯрдан то вафот. Инсони комил будани Алӣ (Алайҳис салом) ин ҷо зоҳир мешавад, яъне дар лаҳазоте, ки мувоҷеҳ бо марг шудааст.[1] Аввалин аксуламали Алӣ (Алайҳис салом) дар мувоҷеҳаи бо марг чӣ буд? Зарбат, ки ба фарқи муборакаш ворид шуд, ду ҷумла аз ӯ шунида шуд. Як ҷумла ин ки: “Ин мардро (қотилашро) бигиред”, ва дигар ин ки:

**فزت وربّ الكعبة**

Қасам ба парвардигори Каъба, ки растгор шудам; ба шаҳодат ноил шудам, шаҳодат барои ман растгорӣ аст!

Алӣ (Алайҳис салом)-ро оварданд ва дар бистар хобонданд. Табибе ба номи Асир ибни Амрро — ки аз таҳсилкардаҳои Ҷундишопур ва араб буд ва дар Куфа мезист — барои муойинаи захми Амирулмӯъминин оварданд. Ҳазратро бо васоили он замон муойина

---

[1] Шояд дар ҷаласаи дигаре инро тавзеҳ диҳам, ки яке аз меъёрҳои инсони комил чигунагии аксуламалаш дар мувоҷеҳаи бо марг аст.

кард. Навиштаанд, раге аз шуши гӯсфандро, ки гарм буд лойи захм гузошт ва бо ин озмоиш фаҳмид, ки захр вориди хуни ҳазрат шудааст. Аз ин рӯ изҳори аҷз кард. Маъмулан аҳволи маризи лоилоҷро ба худи мариз намегӯянд, ба касони ӯ мегӯянд, вале ӯ медонист, ки Алӣ (Алайҳис салом) касе нест, ки лозим бошад аҳволоташро ба касони ӯ бигӯяд. Пас арз кард: эй амиралмӯъминин! Агар васияте доред, бифармоед.

Вақте Умми Кулсум суроғи он лаъини азалу абад (Ибни Мулҷам) меравад, шурӯъ мекунад ба бадгӯӣ кардан ба ӯ, ки падари ман бо ту чӣ карда буд, ки чунин коре кардӣ? Баъд ба ӯ мегӯяд: умедворам, ки падарам саломати худро бозёбад ва рӯсиёҳӣ барои ту бимонад. То ин ҷумларо Умми Кулсум гуфт, Ибни Мулҷам шурӯъ ба сӯҳбат кард ва гуфт: хотират ҷамъ бошад, ман он шамшерро ба ҳазор дирҳам (ё динор) харидам ва ҳазор дирҳам (ё динор) додам, то масмумаш карданд ва ман самме ба ин шамшер хӯронидаам, ки агар бар сари ҳамаи мардуми Куфа якҷо ворид мешуд, ҳамаро аз байн мебурд. Мутмаин бош падари ту зинда намемонад.

Шигифтиҳои Алӣ (Алайҳис салом) ва мӯъҷизаҳои[1] инсонии ӯ дар ин ҷо зуҳур мекунад. Ҷузъи васиятҳояш мегӯяд: бо асиратон мудоро кунед. Ва баъд мефармояд:

**يا بني عبد المطلب لا الفينكم تخوضون دماء المسلمين خوضا تقولون قتل أمير المؤمنين قتل أمير المؤمنين. الا لا تقتلن بي الاّ قاتلي**

Авлоди Абдулмутталиб! Накунад вақте, ки ман аз дунё рафтам, байни мардум биафтед ва бигӯед Амирулмӯъминин шаҳид шуд, фалон кас муҳаррик буд, фалон кас дахолат дошт ва ину онро муттаҳам кунед; намехоҳам дунболи ин ҳарфҳо биравед, қотили ман як нафар аст. (*Наҳҷул-балога, номаи 47*)

Ба Имом Ҳасан (Алайҳис салом) фармуд: фарзандам Ҳасан! Баъд аз ман ихтиёри ӯ бо туст. Мехоҳӣ озодаш кунӣ, озод кун, ва агар мехоҳӣ қасос кунӣ, таваҷҷӯҳ дошта бош, ки ӯ ба падари ту фақат як зарба задааст, ба ӯ як зарба бизан. Агар кушта шуд, шуд, ва агар кушта нашуд, нашуд. Боз ҳам суроғи асирашро мегирад: оё ба асиратон ғизо додаед? Оё ба ӯ об

[1] На мӯъҷизае, ки барои исботи ҳаққоният аст, балки мӯъҷизае, ки бештар барои як олими мӯъҷиза аст.

додаед? Оё ба ӯ расидагӣ кардаед? Косае шир барои мавло меоваранд; миқдоре менӯшад, мегӯяд: боқиро ба ин мард бидиҳед, то бинӯшад ва гурусна намонад. Рафтораш бо душман ин гуна аст, ки боис шуда Мавлавӣ бигӯяд:

*Дар шуҷоат шери раббонистӣ,*

*Дар мурувват худ, ки донад кистӣ.*

Инҳо мардонагиҳои Алӣ (Алайҳис салом) аст, инсониятҳои Алӣ (Алайҳис салом) аст. Алӣ (Алайҳис салом) дар бистар афтода ва соат ба соат ҳолаш вахимтар мешавад ва сумум рӯи бадани муқаддаси ӯ бештар асар мегузорад. Асҳоб нороҳатанд, гиря мекунанд, нола мекунанд, вале мебинанд лабҳои Алӣ хандону шукуфта аст, мефармояд:

**والله ما فاجأني من الموت وارد كرهته ولا طالع أنكرته وما كنت الاّ كقارب ورد وطالب وجد**

Ба Худо қасам, он чи бар ман ворид шудааст, чизе, ки барои ман нописанд бошад нест. Шаҳодат дар роҳи Худо ҳамеша орзуи ман буда ва барои ман чӣ аз ин беҳтар, ки дар ҳоли ибодат шаҳид шавам.

**وما كنت الاّ كقارب ورد وطالب وجد**

Масале меоварад, ки араб бо ин масал хеле ошно буд. Араб дар биёбонҳо ва ба таври фаслӣ зиндагӣ мекард ва вақте дар якҷо обу алаф барои ҳайвоноту ҳашамаш пайдо мешуд, то вақте, ки обу алаф буд, дар он ҷо мемонд, баъд дар ҷои дигаре обу алаф пайдо мекард ва мерафт. Чун рӯзҳо хеле гарм буд, гоҳе шабҳо барои пайдо кардани нуқтае, ки об дошта бошад мерафтанд, яъне шабҳо дунболи обгардӣ буданд («қориб» ба чунин касе мегӯянд). Ҳазрат ба мардум мегӯяд: эй мардум! Барои касе, ки дар шаби торик дунболи об бигардад ва ногаҳон обро пайдо кунад, чӣ сурурe даст медиҳад? Масали ман масали ошиқе аст, ки ба маъшуқи худ расида ва масали касе аст, ки дар як шаби зулмонӣ об пайдо карда бошад:

*Дӯш вақти саҳар аз гусса наҷотам доданд*

*В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд.*

*Чӣ муборак саҳаре буду чӣ фархунда шабе,*

*Он шаби қадр, ки ин тоза баротам доданд.*

Ин байт ҳамон

**فزت ورب الكعبة**

— ро мегӯяд. “Аз ғусса наҷотам доданд” яъне

**وما كنت الاّ كقارب ورد وطالب وجد**

Пурҳарораттарини суханони Алӣ (Алайҳис салом) онҳое аст, ки дар ҳамин 45 соат (тақрибан), аз эшон содир шудааст. Алӣ (Алайҳис салом) андаке баъд аз тулӯъи фаҷри рӯзи 19-ум зарбат хӯрд ва дар нимаҳои шаби 21-ум руҳи муқаддасаш ба олами боло парвоз кард. Дар лаҳазоти охир, ҳама даври бистари Алӣ (Алайҳис салом) ҷамъ буданд. Заҳр ба бадани муборакаш хеле асар карда буд ва гоҳе вуҷуди муқаддасаш аз ҳол мерафт ва ба ҳоли иғмо дармеомад. Вале ҳамин ки ба ҳуш меомад, боз аз забонаш дур мерехт, ҳикмату насиҳату панду мавъиза мерехт. Охирин мавъизаи Алӣ (Алайҳис салом) ҳамон мавъизаи бисёр-бисёр пурҳарорату пурҷӯше аст, ки дар 20 модда баён кардааст. Аввал Ҳасану Ҳусайн ва баъд бақияи аҳли байташро мухотаб қарор медиҳад: Ҳасанам! Ҳусайнам! Ҳамаи фаразандонам ва ҳамаи мардуме, ки то доманаи қиёмат сухани ман ба онҳо мерасад, бо шумо ҳастам. (Яъне мову шумо ҳам мухотаби Алӣ (Алайҳис салом) ҳастем). Дар ин калимот, ҷомеъияти исломро баён мекунад:

**الله الله في الايتام، الله الله في القرآن، الله الله في جيرانكم، الله الله في بيت ربّكم، الله الله في الصلوة، الله الله في الزكوة**

Як-як баён мекунад: Худоро, Худоро дар бораи ятимон! Худоро, Худоро дар бораи Қуръон! Худоро, Худоро дар бораи ҳамсояҳоятон! Худоро, Худоро… Вақте он матолиберо, ки дар назар дошт бигӯяд гуфт, онҳо, ки чашмашон ба лабҳои Алӣ буд, диданд, ки ҳоли мавло бештар мунқалиб шуд ва арақе ба пешонии муқаддасаш омад ва дигар таваҷҷӯҳашро аз мухотабон салб кард. Чашмҳо ва гӯшҳо мутаваҷҷеҳи лабҳои Алӣ буд, то бибинанд Алӣ дигар чӣ мехоҳад бигӯяд. Як вақт диданд садои Алӣ (Алайҳис салом) баланд шуд:

**اشهد ان لا اله الاّ الله واشهد ان محمدا عبده ورسوله**

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العلي العظيم**

# ИҶМОЛИ НАЗАРИЁТИ МАКОТИБИ МУХТАЛИФ ДАР БОРАИ ИНСОНИ КОМИЛ

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا مِن قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُّبِينٍ

(*Сураи Ҷумъа, ояти* 2)

Ҳар соҳибмактабе, ки мактабе барои башарият овардааст, назарияе дар бораи камоли инсон ва ё инсони комил дорад. Дар он чизе, ки ба номи "ахлоқ" номида мешавад,[1] гуфта мешавад агар инсон дорои он хислатҳо бошад, ба мақоми олии инсоният ноил шудааст. Ва ин худ таъбири дигаре аз инсони воло, инсони бартар ё инсони комил аст.

## Мактаби ақл

Ба таври кулли̅, назариёти соҳибони макотиби мухталиф дар бораи инсони комил, дар чанд назарияи асоси̅ хулоса мешавад. Як назар, назари ақлгароён ё асҳоби ақл аст, яъне назари касоне, ки ба инсон бештар аз зовияи ақл менигаристаанд ва гавҳари инсонро ҳамон ақли ӯ медонистаанд ва на чизи дигар. Ақл ҳам яъне қувваи тафаккур ва қувваи андешидан. Фалосифаи қадим ва аз он ҷумла бархе фалосифаи қадими худамон назири Бӯали̅ Сино, ин тавр фикр мекардаанд. Онҳо муддаи̅ будаанд, ки инсони комил яъне инсони ҳаким, ва камоли инсон дар ҳикмати инсон аст.

Мақсуди онҳо аз ҳикмат чист? Оё ҳамон чизе аст, ки мо имрӯз "илм" мегӯем? На. Мақсудашон аз ҳикмат — албатта ҳикмати назари̅, на амали̅ — дарёфти куллии саҳеҳ аз маҷмӯи ҳасти̅ аст, ки ғайр аз илм аст, зеро илм дарёфтест аз бахше аз ҳасти̅. Барои ин ки фарқи фалсафа ва илм равшан шавад, ин матлабро тавзеҳ медиҳам.

[1] Мегӯянд "ахлоқ" фанн аст, на илм; яъне марбут аст ба он чи "бояд", на ба он чи "ҳаст", яъне маҷмӯи он хислатҳо, ки инсон бояд ва беҳтар аст ончунон бошад.

Масалан, агар шумо мехоҳед дар бораи шаҳри Теҳрон иттилоъ пайдо кунед, ба ду гуна метавонед ин иттилоъро касб кунед: яке, иттилои куллӣ ва умумӣ, аммо мубҳам, ва дигаре иттилои ҷузъӣ, вале мушаххас. Гоҳе иттилои шумо дар бораи Теҳрон монанди иттилои як муҳандиси шаҳрдорӣ аст, ки агар ба ӯ бигӯянд нақшаи куллии шаҳри Теҳронро бикаш, метавонад чунин нақшаеро бикашад ва дар он хиёбонҳо ва майдонҳо ва поркҳоро ба таври куллӣ рӯи сафҳаи коғаз ба шумо нишон диҳад; масалан, ин ҷо Ниёварон ва он ҷо Таҷриш ва он тараф Шоҳабдулазим аст. Иттилое аз умум ва аз саропои Теҳрон ба шумо медиҳад, аммо ҳамааш мубҳам аст. Ӯ аз ҳамаи Теҳрон ба шумо иттилооте додааст, андоми Теҳронро барои шумо кашидааст. Вале агар шумо бихоҳед хонаи худро дар он нақша пайдо кунед, наметавонед, худи он муҳандис ҳам аз он иттилое надорад.

Вале як нафар мумкин аст асосан надонад тӯлу арзи Теҳрон чӣ қадр аст, чанд то майдону хиёбон дорад, нуқоти мушаххаси Теҳрон чист, чанд теппа дар васати ин шаҳр қарор дорад. Аммо агар дар бораи як маҳаллаи муайян ва хосс аз ӯ бипурсед, тамоми ҷузъиёти онро медонад, ки ин маҳалла чанд кӯча дорад ва ин кӯчаҳо ба чӣ шакл ба якдигар роҳ доранд ва дар ҳар кӯча чанд хона вуҷуд дорад, ва ҳатто ранги дари хонаҳои ин маҳалларо медонад.

Агар аз он касе, ки иттилоаш мухтасс ба маҷмӯи шаҳр аст, роҷеъ ба ин кӯча бипурсед, кучактарин иттилое надорад. Ва агар аз касе, ки иттилоаш роҷеъ ба ин кӯча ва маҳалла аст, роҷеъ ба андоми шаҳри Теҳрон бипурсед, иттилое надорад.

Файласуф ба он касе мегӯянд, ки андоми ҳастиро дар маҷмӯъ мутолеа мекунад; мехоҳад раъси ҳастиро пайдо кунад, аввалу охири ҳастиро биёбад ва маротиби ҳастӣ ва қавонини куллии онро дарёбад. Аммо ҳамин файласуф дар бораи фалон гиёҳ ё ҳайвон ё санг ва ё замин ва хуршед ҳеч иттилое надорад. Ҳикмат аз назари файласуф яъне иттилои куллӣ аз саросари ҳастӣ ва аз маҷмӯи андоми олам, ба тавре, ки дар ойинаи зеҳни ҳаким саросари ҳастӣ ва андоми олам мунъакис шавад, яъне ҳамаи ҳастӣ — вале ба сурати мубҳам — дар ақли ҳаким мушаххас шуда бошад. Мегуфтанд, камоли нафси инсон ба ин аст, ки маҷмӯи андоми олам — на як ҷузъи бахусус ва беиттилоъ аз ҷои дигар — дар зеҳни ӯ мунъакис шавад. Инро ба ин таъбир мегуфтанд:

## صيرورة الانسان عالما عقليا مضاهيا للعالم العيني

«*Гардидан ва шудани инсон ҷаҳоне ақлонӣ мушобеҳ бо ҷаҳони айнӣ*«, яъне инсон худаш як ҷаҳон дар баробари он ҷаҳон бишавад, вале он ҷаҳон, ҷаҳони айнӣ аст ва ин ҷаҳон, ҷаҳони ақлонӣ ва фикрӣ.

*Ҳар он кас зи дониш бараd тӯшае,*

*Ҷаҳонест биншаста дар гӯшае.*

Ин байт, ҳамин матлабро мегӯяд.

Инсони комил ба ақидаи фалосифа, инсоне аст, ки ақлаш ба камол расидааст; ба ин маъно, ки нақши андоми ҳастӣ дар зеҳнаш пайдо шудааст. Вале бо чӣ ба ин ҷо расидааст? Бо қадами фикр, бо қадами истидлолу бурҳон ва бо қадами мантиқ ҳаракат карда то ба ин ҷо расидааст.

Вале фалосифа танҳо ба ин қаноат намекарданд, мегуфтанд, ду ҳикмат вуҷуд дорад: ҳикмати назарӣ (яъне шинохти олам ба ин сурате, ки арз кардам) ва ҳикмати амалӣ. Ҳикмати амалӣ чист?[1] Тасаллути комили ақли инсон бар ҳамаи ғароиз ва ҳамаи қувваҳо ва нерӯҳои вуҷуди худ.[2] Он вақт мегӯянд: агар шумо дар ҳикмати назарӣ оламро бо фикру истидлол — он тавр, ки гуфтем — дарк кунед ва дар ҳикмати амалӣ ақли худатонро бар нафсатон мусаллат кунед ба тавре, ки нафс ва қувваҳои нафсонӣ тобеъи ақл бошанд, шумо як инсони комил ҳастед. Ин мактаб, мактаби ақл ва мактаби ҳикмат аст. Дар ҷаласоти баъд ба тафсил назари исломро дар бораи ҳар як аз ин назариёт хоҳам гуфт. Аҷолатан мактабҳоро тавзеҳ диҳам, то баъд ба назари ислом бирасам.

* * *

**Мактаби ишқ**

---

[1] Ҳикмати амалӣ ҳам, марбут ба ақл аст.

[2] Агар китобҳои ахлоқи моро мутолеа карда бошед, медонед, ки ағлаб бар ин асос қазоват мекунанд; яъне ахлоқи мо бештар ахлоқи суқротӣ аст ва дар ахлоқи суқротӣ ҳамеша такя рӯи ақл аст, ки оё ақли ту бар шаҳватат ҳоким аст, ё шаҳватат бар ақлат? Оё ақлат бар ғазабат ҳоким аст, ё ғазабат бар ақлат? Оё ақлат бар воҳимаат ҳоким аст, ё воҳимаат бар ақлат?

Мактаби дигар дар боби инсони комил,[1] мактаби ишқ аст. Мактаби ишқ, ки ҳамон мактаби ирфон аст, камоли инсонро дар ишқ — ки мақсуд, ишқ ба зоти Ҳақ аст — ва дар он чи ки ишқ инсонро ба он мерасонад, медонад. Бар хилофи мактаби ақл, ки мактаби ҳаракат нест ва мактаби фикр аст,[2] ин мактаб мактаби ҳаракат аст, аммо ҳаракати суъудӣ ва амудӣ, на ҳаракати уфуқӣ.[3] Дар ибтидо, ки инсон мехоҳад ба камол бирасад, ҳаракаташ бояд суъудӣ ва амудӣ бошад, яъне ҳаракат ба сӯи Худо, парвоз ба сӯи Худо.

Инҳо мӯътақиданд, ки сухан, сухани фикру ақлу истидлол нест, сухани руҳи инсон аст. Ба ақидаи инҳо, руҳи инсон воқеан ба ҳаракати маънавӣ ҳаракат мекунад, то он ҷо, ки ба Худо мерасад. Ҳамин ҷост, ки ҷанҷол бапо шудааст, ки “инсон ба Худо мерасад” яъне чӣ? Вале онҳо ҳарфи худашонро дар ҷои худ хуб гуфтаанд. Мактаби ишқ асосан мактаби ақлро таҳқир мекунад.

Яке аз фусул ва бахшҳои бисёр олии адабиёти мо бахши “мунозираи ақлу ишқ” аст.[4] Чун касоне, ки вориди ин баҳс шудаанд, ағлаб худашон аҳли ирфон будаанд, ҳамеша ишқро бар ақл пирӯз кардаанд.

Мактаби ишқ барои расидани инсон ба камол, ақлро кофӣ намедонад, мегӯяд: ақл, ҷузъе аз вуҷуди инсон аст, на ин ки тамоми зоти инсон ақли ӯ бошад.[5] Ақл мисли чашм як абзор аст. Зоту ҷавҳари инсон, ки ақл нест. Зоту ҷавҳари инсон, руҳ аст ва руҳ аз олами ишқ аст ва ҷавҳарест, ки дар он ҷуз ҳаракат ба сӯи Ҳақ чизи дигаре нест. Ин аст, ки ақл дар ин мактаб таҳқир мешавад. Ҳофиз гоҳе ин матлабро бо таъбироти аҷибе мегӯяд:

*Баҳои бодаи чун лаъл чист? Ҷавҳари ақл!*

*Биё, ки суд касе бурд, к-ин тиҷорат кард.*

Урафо ҳамеша мастиро — ба он маъно, ки худ мегӯянд — бар ақл тарҷеҳ медиҳанд. Онҳо ҳарфҳои хоссе доранд. Тавҳид назди онҳо маънии дигаре дорад. Тавҳиди онҳо ваҳдати вуҷуд аст, тавҳиде аст, ки агар инсон ба он ҷо бирасад, ҳама чиз шакли ҳарфӣ ва ғайри асил

---

[1] Қаблан арз кардам, ки аслан калимаи “инсони комил”-ро урафо барои аввалин бор дар олам тарҳ кардаанд.

[2] Ҳаким сухан аз ҳаракат надорад. Ба ақидаи ӯ, ҳамаи ҳаракатҳо ҳаракати зеҳн аст.

[3] Албатта мунтаҳӣ ба ҳаракати уфуқӣ мешавад, ки тавзеҳи он меояд.

[4] Мутаассифона инҳо ҳеҷ дар адабиёти мо шинохта намешавад. Ҳатто дар донишкадаи адабиёт ва амсоли он ин ҳарфҳоро дарк намекунанд, балки инҳоро масх мекунанд.

[5] Бергсун (Henri Bergson) дар асри ахир хеле рӯи ин матлаб такя кардааст.

пайдо мекунад. Дар ин мактаб, инсони комил дар охир айни Худо мешавад. Аслан инсони комили ҳақиқӣ худи Худост ва ҳар инсоне, ки инсони комил мешавад, аз худаш фонӣ мешавад ва ба Худо мерасад. Роҷеъ ба ин мактаб ҳам дар ҷои худ сӯҳбат мекунем.

## Мактаби қудрат

Мактаби дигаре дар боби инсони комил вуҷуд дорад, ки на бар ақл такя дорад ва на бар ишқ, фақат бар қудрат такя дорад. Инсони комил яъне инсони муқтадир, ва камол яъне қудрат (ба ҳар маънӣ, ки қудратро дар назар бигиред), яъне иқтидор, зӯр.

Дар Юнони қадим гурӯҳе буданд, ки инҳоро "суфастоиён" мегӯянд. Инҳо дар камоли сароҳат ин матлабро баён кардаанд, ки аслан ҳақ яъне зӯр; ҳар ҷо, ки зӯру қудрат ҳаст, ҳақ ҳам ҳаст. Ҳақ ҳамон қудрат аст ва заъф мусовӣ аст бо беҳаққӣ ва ноҳаққӣ. Барои онҳо асосан адолату зулм маънӣ ва мафҳум надорад ва аз ин рӯ мегӯянд: ҳаққи зӯр, яъне ҳаққи ношӣ аз зӯр, ба ин маъно, ки ҳар ҳаққе ношӣ аз зӯр аст. Инҳо мӯътақиданд, ки инсон тамоми талошаш бояд барои касби зӯру қуввату қудрат бошаду бас, ва инсон ҳеч қайду ҳадде ҳам набояд барои қудрати худ қоил шавад.

Ин мактабро дар яке ду қарни ахир Ниче, файласуфи маъруфи олмонӣ, эҳё ва дунбол кард ва дар камоли сароҳат ин мактабро баён кард. Аз назари инҳо, ин ки мегӯянд: ростӣ хуб аст, дурустӣ хуб аст, амонатдорӣ хуб аст, эҳсон хуб аст, некӣ хуб аст, ҳама ҳарфҳои муфту чаранд аст. Ин ки "ҳар ки заъиф буд, зери бозуяшро бигир" яъне чӣ? Як лагад ҳам ба ӯ бизан. Ӯ гуноҳе аз ин болотар надорад, ки заъиф аст. Ҳол, ки заъиф аст, ту ҳам санге рӯи сараш биандоз. Ниче — ки худаш як одами зидди Худо ва зидди дин аст — мӯътақид аст, ки динро заъифон ихтироъ кардаанд. Ва дуруст баръакси назарияи Корл Маркс, ки мегӯяд: динро ақвиё ихтироъ кардаанд барои ин ки заъифонро асири худашон нигаҳ доранд. Ниче мегӯяд: динро заъифон ихтироъ кардаанд барои ин ки қудрати ақвиёро маҳдуд кунанд, ва хиёнате, ки — ба ақидаи ӯ — дин ба башар кардааст ин аст, ки мафоҳиме ҳамчун бахшиш, ҷуд, раҳм, мурувват, инсоният, хубӣ, адолат ва амсоли инҳоро байни мардум пахш карда ва баъд ақвиё гӯл хӯрдаанд ва ба хотири адолату ҷуду мурувввату инсоният маҷбур шудаанд каме аз қудрати худ бикоҳанд.

Ниче мегӯяд: адён гуфтаанд “муҷоҳидаи бо нафс”, чаро муҷоҳидаи бо нафс? Бигӯед, парваридани нафс, нафспарварӣ. Адён гуфтаанд “мусовот”, мегӯяд: мусовот чаранд аст, мусовот яъне чӣ? Ҳамеша бояд як идда забардаст (ба маънои муқтадир ва соҳиби қудрат) бошанд, ва як идда зердаст. Зердастҳо ҷонашон дарбиёяд ва барои забардастҳо кор кунанд, то онҳо рушд кунанд ва гунда шаванд ва марди бартар аз миёни онҳо пайдо шавад. Адён гуфтаанд “тасовии ҳуқуқи зану мард”, мегӯяд: ин ҳам ҳарфи музахрафе аст. Мард ҷинси бартар ва қавитар аст ва зан барои хидмат ба мард халқ шуда ва ҳеч ҳадафи дигаре дар кор нест; тасовии ҳуқуқи зану мард ҳам ғалат аст.

Ин мактаб асосан инсони бартар ва воло ва инсони комилро мусовӣ бо инсони муқтадир ва инсони зӯрманд медонад ва камолро мусовӣ бо қуввату қудрат.

Аз ҳамин қабил ҳарфҳо каму беш дар байни мо — надониста ва ба таври нохудогоҳ — ривоҷ пайдо кардааст, масалан мегӯем: зиндагӣ танозуи бақост. На. Зиндагӣ танозуи бақо нест. Танозуи бақо ба маънии дифоъ аз худ, ҳақ аст.

Ҳатто баъзе аз уламои исломӣ мисли Фарид Ваҷдӣ гуфтаанд, ки ҷанг дар миёни башар як зарурат аст ва то башар ҳаст, ҷанг бояд бошад. Ҷанг, номусе дар зиндагии башар аст. Ва мӯътақид шудаанд, ки Қуръон ҳам ин матлабро таъйид кардааст он ҷо, ки мефармояд:

**وَلَوْلَا دَفْعُ اللَّهِ النَّاسَ بَعْضَهُم بِبَعْضٍ لَّهُدِّمَتْ صَوَامِعُ وَبِيَعٌ وَصَلَوَاتٌ وَمَسَاجِدُ يُذْكَرُ فِيهَا اسْمُ اللَّهِ كَثِيرًا**

*«Ва агар Худо баъзе аз мардумро бо баъзеи дигар дафъ намекард, савмаъаҳо ва калисоҳо ва канисаҳо ва масоҷиде, ки номи Худо дар онҳо бисёр бурда мешавад, сахт вайрон мешуд…» (Сураи Ҳаҷ, ояти 40*)

Ё дар ҷои дигар мефармояд:

**وَلَوْلاَ دَفْعُ اللّهِ النَّاسَ بَعْضَهُمْ بِبَعْضٍ لَّفَسَدَتِ الأَرْضُ**

*«Ва агар Худованд бархе аз мардумро ба василаи бархе дигар дафъ намекард, қатъан замин табоҳ мегардид…» (Сураи Бақара, ояти 251*)

Гуфтаанд, Қуръон дар ин ҷо сареҳан ҷангро як амри машрӯъ баён мекунад, мегӯяд: агар набуд, ки Худо ба василаи баъзе аз инсонҳо ҷилави баъзе аз инсонҳои дигарро мегирад,

замин табоҳ шуда буд. Агар набуд, ки Худо ба василаи инсонҳое ҷилави фасоди инсонҳои дигарро мегирад, маъбаду савмаъаву канисае набуд, масҷиде набуд.

Вале инҳо ин ояти Қуръонро иштибоҳ фаҳмидаанд. Ин оят дар Қуръон масъалаи дифоъро тарҳ мекунад ва дар муқобили масеҳият ҳарф мезанад. Қуръон дар ҷавоби он поп ё кашиши масеҳӣ, ки мегӯяд ҷанг мутлақан маҳкум аст ва мо "сулҳи кулл" ҳастем, мегӯяд, ҷанг маҳкум аст, аммо ҷанге, ки таҷовуз бошад, на ҷанге, ки дифоъ аз ҳаққу ҳақиқат аст. Оқои кашиш! Агар ҷанги дифоъӣ набуд, ҷаноби олӣ ҳам наметавонистӣ ба калисо биравӣ ва ибодат кунӣ, он мӯъмини масҷидӣ ҳам наметавонист дар масҷид ибодат кунад. Ибодати он мӯъмини масҷидӣ, ки дар масҷид ибодат мекунад, марҳуни далерии он сарбозе аст, ки дорад аз ҳаққу ҳақиқат дифоъ мекунад. Оқои масеҳӣ! Ту ҳам, ки дар калисо ба хаёли худат ибодат мекунӣ, бояд мамнуни он сарбоз бошӣ.

Бинобар ин, монеъе надорад, ки инсон ба марҳилае аз камолу тарбият бирасад, ки асосан мутаҷовизе вуҷуд надошта бошад, ҷанги машрӯъе ҳам вуҷуд надошта бошад,[1] бинобар ин, ин ки мегӯянд зиндагӣ танозуи бақост ба ин маъно, ки лозимаи зиндагӣ ҷангу танозуъ аст, ҳарфи дурусте нест.

Матлабе меҳоҳам бигӯям (ки шояд барои бархе нороҳаткунанда бошад, чун) баъзе аз ҷавонон аз шунидани чизе, ки бар хилофи майлашон бошад, нороҳат мешаванд.

Ҷумлае ба Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) мансуб шудааст, ки на маънояш дуруст аст ва на дар ҳеч китобе гуфта шуда, ки ин ҷумла аз Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) аст ва 40-50 сол ҳам бештар нест, ки дар даҳонҳо афтодааст. Мегӯянд, Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) фармудааст:

**ان الحياة عقيدة وجهاد**

«*Ҳаёт, яъне доштани як ақида ва дар роҳи он ақида ҷиҳод кардан.*» На. Ин, бо фикри фарангиҳо ҷур дармеояд, ки мегӯянд инсон бояд як ақидае дошта бошад ва дар роҳи он ақида

---

[1] Ахиран, ки дар бораи он чи дар ислом "ҷомеаи идеол" муаррифӣ мешавад (яъне давлати ҳазрати Маҳдӣ (а)) мутолеа мекардам, дидам чӣ достони аҷибе аст ва чӣ тавр як роҳи бузурге барои шинохтани ҷомеаи идеоли ислом аст! Мегӯяд, дар он замон «ясталиҳу сибоъун баҳоима» ҳатто дарандагон бо якдигар сулҳу оштӣ мекунанд ва ҷанг барои ҳамеша аз байн меравад, яъне мардум ба ҳадде аз камол мерасанд, ки дигар мутаҷовизе вуҷуд надорад, то ҷанге вуҷуд дошта бошад.

биҷангад. Қуръон аз “ҳақ” сухан ба миён меоварад. Ҳаёт аз назари Қуръон яъне ҳақпарастӣ ва ҷиҳод дар роҳи ҳақ, на ақида ва ҷиҳод дар роҳи ақида. Ақида мумкин аст ҳақ бошад ва мумкин аст ботил бошад. “Ақида” инъиқод аст. Ҳазорон инъиқод дар зеҳни инсон пайдо мешавад. Ин, мактаби дигаре (ғайр аз ислом) аст, ки мегӯяд, инсон бояд билохира як ақида ва ормон ва идеяе дошта бошад ва бояд дар роҳи он ормон ҳам ҷиҳоду кӯшиш кунад. Ҳол, он ақида чист? Мегӯянд, ҳар чи мехоҳад бошад.

Қуръон ҳарфҳояш хеле ҳисобшуда аст; ҳамеша мегӯяд, ҳақќ ва ҷиҳод дар роҳи Ҳақќ, намегӯяд, ақида ва ҷиҳод дар роҳ ақида. Мегӯяд, аввал ақидаатро бояд ислоҳ кунӣ. Басо ҳаст, ки аввалин ҷиҳоди ту, ҷиҳод бо худи ақидаат аст. Аввал бояд бо ақидаат ҷиҳод кунӣ ва ақидаи дурусту саҳеҳ ва ҳаққро ба даст биёварӣ. Баъд, ки ҳаққро кашф кардӣ, бояд дар роҳи ҳақ ҷиҳод кунӣ.

Ба ҳар ҳол, ин ҳарфҳо, ки асосан инсони комил мусовӣ аст бо инсони қудратманд ва зӯрманд, пояаш рӯи ҳамон асли танозуи бақост, ки дар фалсафаи Дорвин рӯи он такя карда ва гуфтаанд, ки ҳаёт танозуи бақост ва ҳайвонот ҳамеша дар ҳоли танозуи бақо ҳастанд.

Мегӯем, агар ҳайвонот ва ғайри инсон ҳам инчунин ҳастанд, мо наметавонем инсонро дар ин ҷиҳат ҳамрадифи ҳайвонот бидонем ва бигӯем ҳаёти инсон ҳам ҷуз ҷанге барои бақо нест. Охир, маънии ин ҳарф ин аст, ки таъовуни бақо чизе нест. Пас, ин самимиятҳо, ваҳдатҳо, таъовунҳо, ҳамкориҳо ва муҳаббатҳо дар миёни афроди башар чист? Мегӯянд: иштибоҳ кардӣ! Таъовунро танозуъ таҳмил кардааст; дар пушти ҳамин таъовунҳо, самимиятҳо ва дӯстиҳо танозуъ аст. Мегӯем: чӣ тавр? Мегӯянд: асл дар зиндагии инсон ҷанг аст, вале вақте инсонҳо дар муқобили душмани бузургтар қарор мегиранд, он душмани бузургтар дӯстиро ба инҳо таҳмил мекунад. Ин дӯстиҳо дар воқеъ дӯстӣ нест, самимият нест, ҳақиқат нест ва наметавонад ҳақиқат дошта бошад. Инҳо ҳамкорӣ аст барои муқобила бо душмани бузургтар. Барои муқобила бо душмани бузургтар аст, ки таъовунҳо ва самимиятҳо пайдо мешавад. Ҳамин душманро бардор, мебинӣ ҷамъе, ки ҳама бо якдигар дӯст буданд, фавран душиққа мешаванд ва иншиъоб пайдо мекунанд ва табдил ба ду душман мешаванд. Агар боз як даста аз байн бираванд ва дастаи дигар боқӣ бимонанд, ҳаминҳо дубора таҷзия мешаванд ва он қадр таҷзия мешаванд, ки фақат ду нафар боқӣ бимонанд. Вақте ин ду боқӣ монданд ва севвуме дар муқобилашон набуд, ҳамин дуто бо

якдигар меҷанганд. Аз назари инҳо, тамоми дӯстиҳо, сулҳҳо, сафоҳо, самимиятҳо, инсониятҳо, ягонагиҳо ва иттиҳодҳоро душманиҳо ба башар таҳмил мекунад. Пас, дар назари инҳо, асл танозуъ аст, ва таъовун мавлуди танозуъ аст, баччаи танозуъ аст, фаръ бар танозуъ аст.

## Мактаби заъф

Ҳамон тавр, ки мактаби ақл нуқтаи муқобиле дошт, ки мункири он буд, ва мактаби ишқ ҳам нуқтаи муқобиле дошт, ки як идда асосан ин ҳарфҳоро аз хаёлоту авҳом медонистанд, мактаби қудрат ҳам нуқтаи муқобил дорад. Баъзе дар ҳадди ифрот қудратро таҳқир кардаанд ва асосан камоли инсонро дар заъфи ӯ донистаанд. Аз назари инҳо, инсони комил яъне инсоне, ки қудрат надорад, зеро агар қудрат дошта бошад, таҷовуз мекунад. Саъдии худамон дар як рубоӣ чунин иштибоҳи бузурге кардааст, мегӯяд:

*Ман он мӯрам, ки дар поям бимоланд,*

*На занбӯрам, ки аз нешам биноланд.*

Мегӯяд, ман он мӯрчае ҳастам, ки зери по лагадам мекунанд, занбӯр нестам, ки неш бизанам ва аз нешам нола кунанд.

*Куҷо худ шукри ин неъмат гузорам,*

*Ки зӯри мардумозорӣ надорам.*

На, оқои Саъдӣ! Магар амр доир аст, ки инсон ё бояд мӯр бошад ва ё занбӯр, ки мегӯӣ ман аз миёни мӯр будан ё занбӯр будан, мӯр буданро интихоб мекунам? Ту на мӯр бош, ки зери дасту по леҳ шавӣ ва на занбӯр бош, ки ба касе неш бизанӣ. Саъдӣ ин тавр бояд мегуфт:

*На он мӯрам, ки дар поям бимоланд,*

*На занбӯрам, ки аз нешам биноланд.*

*Чӣ гуна шукри ин неъмат гузорам,*

*Ки дорам зӯру озоре надорам.*

Агар одам зӯр дошта бошад ва озоре надошта бошад, ҷои шукр дорад, вагарна агар зӯр надошта бошад ва озор ҳам надошта бошад, мисли ин мешавад, ки шох надорад ва шох ҳам намезанад. Агар шох доштӣ ва шох назадӣ, он вақт ҳунар кардаӣ.

Саъдӣ дар ҷои дигар мегӯяд:

*Бидидам обиде дар кӯҳсоре,*

*Қаноат карда аз дунё ба горе.*

*Чаро, гуфтам, ба шаҳр андар наёӣ,*

*Ки боре банд аз дил баргушоӣ*?

Обидеро, ки ба кӯҳе паноҳ бурда ва он ҷо машғули ибодат аст, тавсифу тамҷид мекунад. Мегӯяд: ман ба ӯ гуфтам, ки ту чаро ба шаҳр намеойӣ, ки ба мардум хидмат кунӣ? Обид як узре меоварад. Саъдӣ ҳам сукут мекунад, мисли ин ки узри обидро қабул кардааст. Мегӯяд:

*Бигуфт: он ҷо париpӯёни нагзанд,*

*Чу гил бисёр шуд, пилон билагзанд*.

Париpӯёни нағз дар шаҳр ҳастанд; агар чашмам ба онҳо биафтад, ихтиёри худамро надорам ва наметавонам худамро забт кунам, омадаам худамро дар домани ғор ҳабс кардаам.[1]

Мошоаллоҳ ба ин камол! Одам биравад худашро якҷо ҳабс кунад (ки ба камол бирасад?), ин ки камол нашуд. Оқои Саъдӣ! Қуръон аҳсанулқасасро барои шумо нақл кардааст. Аҳсанулқасаси Қуръон достони Юсуф аст. Достони Юсуф достони:

إِنَّهُ مَن يَتَّقِ وَيِصْبِرْ

(«*Бе гумон, ҳар ки тақво ва сабр пеша кунад…» Сураи Юсуф, ояти 9*) аст. Яъне Қуръон мегӯяд: ту ҳам Юсуф бош! Тамоми имконот ва шароит барои комҷӯӣ фароҳам шуда ва ҳатто роҳи фирор бастааст, вале дар айни ҳол, иффати худро ҳифз мекунад ва дарҳои бастаро ба рӯи худ боз мекунад. Юсуф ҷавоне ъазб (муҷаррад) ва бидуни зан ва дар ниҳоят дараҷаи зебоӣ

---

[1] Албатта Саъдӣ зидди ин матлабро ҳам дар ҷои дигар гуфтааст:

*Соҳибдиле ба мадраса омад зи хонақоҳ,*

*Бишкаст аҳди сӯҳбати аҳли тариқро.*

*Гуфтам: миёни олиму обид чӣ фарқ бувад,*

*То ихтиёр кардӣ аз он ин фариқро?*

*Гуфт: он гилеми хеш бурун мебарад зи мавҷ,*

*В-ин саъй мекунад, ки бигирад гариқро…*

Дар фарқи олиму обид, ҳарфи дурусте гуфтааст.

аст. Ба ҷои ин ки ӯ суроғи занҳо биравад, занҳо суроғи ӯ меоянд. Рӯзе нест, ки садҳо нома ва пайғом барои ӯ наёяд, ва аз ҳама болотар ин ки муташаххистарини занони Миср ошиқи ӯ шудааст. Шароитро фароҳам карда ва хатари ҷонӣ барои ӯ эҷод карда, ки ё ком медиҳӣ ва ё туро ба куштан хоҳам дод ва хуни туро хоҳам рехт. Аммо Юсуф чӣ мекунад? Даст ба сӯи Худо бармедорад ва мегӯяд:

قَالَ رَبِّ السِّجْنُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا يَدْعُونَنِي إِلَيْهِ

*«Парвардигоро! Зиндон барои ман аз он чи ин занҳо маро ба сӯи он даъват мекунанд беҳтар аст…» (Сураи Юсуф, ояти 33)* Худоё! Маро ба зиндон бифирист, вале ба чанголи ин занҳо гирифтор макун; имкон ва қудрати эъмоли шаҳват дорам, вале намекунам. Қуръон ин тавр таълим медиҳад.

Бинобар ин, камоли инсон дар заъфи инсон нест, гарчи гоҳе дар адабиёти мо аз ин навъ ҳарфҳо дида мешавад, ки камоли инсонро дар заъфи инсон муаррифӣ мекунанд. Ҳатто Боботоҳир дар яке аз ашъори худаш ҳаминро мегӯяд:

*Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд,*

*Ҳар он чи дида бинад, дил кунад ёд.*

То ин ҷо дуруст аст, вале баъд мегӯяд:

*Бисозам ханҷаре нешаш зи фӯлод,*

*Занам бар дида то дил гардад озод.*

Ҳар чи мебинам, дилам мехоҳад. Барои ин ки дилро роҳат кунам, як ханҷар мехоҳам, ки бо он худро кӯр кунам, то дилам роҳат шавад. Хуб, як чизҳоеро ҳам мешунавӣ ва боз дилат мехоҳад. Пас як ханҷар ҳам бояд дар гӯшҳоят фурӯ кунӣ! Ахта ҳам, ки қатъан бояд бишавӣ, то худатро роҳати роҳат карда бошӣ! Баъд мешавӣ шери бе думу сару ишкаме, ки Мавлавӣ дар Маснавӣ нақл мекунад.[1] Аҷаб инсони комиле Боботоҳир дуруст карда! Инсони комили Боботоҳир дигар хеле олӣ мешавад! Инсоне, ки на даст дорад, на по дорад, на чашм дорад, на гӯш дорад ва ҳеҷ чизи дигаре ҳам надорад.

---

[1] *Шери бе думму сару ишкам кӣ дид?*

*Инчунин шере Худо кай офарид?*

Мо аз ин навъ дастуруламалҳо ва ахлоқҳои заъифпарвар ва данипарвар дар гӯшаву канори адабиёти худамон зиёд дорем, вале бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки башар иштибоҳ мекунад ва ҳамеша дар ҳоли ифроту тафрит аст. Аз ин ҷо инсон мефаҳмад, ки воқеан ислом наметавонад ҷуз аз ноҳияи Худо бошад. Агар одам Суқрот бошад, як гӯшаро мегирад ва иштибоҳ мекунад, Афлотун як гӯшаро мегирад ва иштибоҳ мекунад, Бӯалӣ Сино як гӯшаро мегирад, Муҳйиддини Арабӣ ва Мавлавӣ як гӯшаро мегиранд, Ниче як гӯшаро мегирад, Корл Моркс як гӯшаи дигарро мегирад, Жон Пул Сортр як гӯшаи дигарро мегирад. Он вақт чӣ тавр метавонад пайғамбар як башар бошад ва ин гуна мактабаш ҷомеъ ва олӣ ва мутараққӣ бошад?! Гӯӣ инҳо ҳама як идда бачча ҳастанд, ҳарфҳояшонро задаанд ва дар ниҳояти амр як муаллим ҳарфи худро мегӯяд, он ҳам чӣ қадр роқӣ ва олӣ!

## Мактаби муҳаббат (мактаби маърифат)

Мактаби дигаре дар мавриди инсони комил вуҷуд дорад, ки онро, ҳам метавон мактаби муҳаббат номид ва ҳам мактаби маърифат ба маънои маърифатуннафс.

Аз чанд ҳазор сол пеш дар шарқи Осиё афкору андешаҳои бисёр баланде вуҷуд дошта, ки алъон ҳам китобҳои бисёр қадимии ҳиндӣ — ки ба форсӣ ҳам тарҷума шуда — вуҷуд дорад, мисли Упонишодҳо, ки фавқулъода олӣ аст.

Устоди бузургвори мо Алломаи Таботабоӣ вақте дар чандин сол пеш барои аввалин бор Упонишодҳоро хонда буданд, хеле эъҷоб доштанд ва мегуфтанд, ки матолиби бисёр-бисёр баланде дар ин китобҳо ҳаст, ки камтар мавриди таваҷҷӯҳ аст.

Дар ин мактаб, меҳвари ҳамаи камолоти инсон худшиносӣ аст. Ин мактаб мегӯяд: худатро бишнос. Албатта “худатро бишнос”-ро Суқрот ҳам гуфтааст ва ҳамаи пайғамбарон ҳам гуфтаанд. Пайғамбари ислом ҳам фармудааст, ки:

من عرف نفسه فقد عرف ربه

Вале дар ин мактаб фақат рӯи ҳамин нукта такя шудааст, ки худатро бишнос.

Китобе тарҷума шудааст, ки дабардорандаи теъдоде аз мақолот ва номаҳои Гондӣ аст ба номи «*Ин аст мазҳаби ман*«, ки ба назари ман китоби хубе аст. Гондӣ дар ин китоб мегӯяд: ман аз мутолеаи Упонишодҳо ба се асл пай бурдам, ки ин се асл барои ман як умр

дастуруламали зиндагӣ буд. Аввалин асле, ки Гондӣ зикр мекунад ин аст: танҳо як ҳақиқат дар олам вуҷуд дорад, ва он шинохтани нафс аст,[1] худатро бишнос! Гондӣ бар асоси ҳамин матлаб, ба қадре зебо ба дунёи фаранг ҳамла мекунад (он ҷо, ки) мегӯяд: "*Фарангӣ дунёро шинохта ва худашро нашинохта ва чун худашро нашинохта, ҳам худашро бадбахт кардааст ва ҳам дунёро*", ва аҷиб дар ин ҷо доди сухан медиҳад ва суханаш фавқулъода олӣ аст.

Асли дуввум: ҳар ки худро шинохт, Худоро ҳам мешиносад ва дигаронро ҳам мешиносад.

Асли севвум: фақат як нерӯ ва як озодӣ ва як адолат вуҷуд дорад, ва он, нерӯи тасаллут бар хештан аст. Ҳар кас бар хештан мусаллат шуд, бар ашёи дигар мусаллат мешавад ва дуруст ҳам мусаллат мешавад. Ва танҳо дар дунё як некӣ вуҷуд дорад, ва он, дӯст доштани дигарон монанди дӯст доштани хеш аст, ва ба иборати дигар, дигаронро бояд монанди худ ангорем. Инҳо мақсудашон аз "маърифат" ҳамон маърифатуннафс (шинохтани худ) аст. Медонед дар фалсафаи ҳиндӣ масъалаи "муроқиба" ва дар худ фурӯ рафтан матраҳ аст.[2] Асоси фалсафаи ҳиндӣ бар шинохтани нафс ва муроқиба ва тарди хотирот ва кашфи ҳақиқати "худ" аст, ва аз шинохтани худ, муҳаббат пайдо мешавад.

Пас, инсони комил дар ин мактаб яъне инсоне, ки худро бишносад, ки агар худро шинохт, бар худ мусаллат мешавад ва баъд, ки бар худ мусаллат шуд, нисбат ба дигарон муҳаббат пайдо мекунад. Ҳол мехоҳед исми ин мактабро "мактаби маърифат" бигузоред ва ё «мактаби муҳаббат".

## Ду мактаби дигар

Дар ду се қарни ахир як силсила мактабҳои дигар пайдо шудааст, ки инҳо бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ гароиш пайдо кардаанд, на ба ҷанбаҳои фардӣ. Яке инсони комилро инсони бетабақа медонад; мӯътақид аст, ки агар инсоне дар табақае бошад — махсусан дар табақаҳои олитар — ҳамеша як инсони маъюб аст ва балки дар ҷомеаи табақотӣ ҳеч вақт инсони дурусту солим вуҷуд надорад. Ин мактаб ба инсони комили идеол ҳам чандон

[1] Дар тарҷумаи форсӣ навишта шуда: «ва он, шиносоии "зот " аст.» Вале дар тарҷума иштибоҳ шудааст. Зоту нафс хеле ба ҳам наздик аст, аммо "зот " дар форсӣ ин маъноро намедиҳад. Бояд дар тарҷумаи форсӣ гуфта мешуд: «шиносоии нафс…»

[2] Албатта ҳоло ба сурати риёзатҳои шоққа ва корҳои ҷукиҳо даромада ва чизҳои дигаре дар он пайдо шудааст. Ман инҳоро намегӯям.

мӯътақид нест, чун барои инсон мақоми зиёде қоил нест. Инсони комил аз назари ин мактаб яъне инсони бетабақа, инсоне, ки ҳамеша бо инсонҳои дигар дар вазъе мусовӣ зиндагӣ кунад.

Баъзе дигар бештар рӯи масъалаи озодӣ ва огоҳии инсон — ки манзурашон аз огоҳӣ, бештар огоҳиҳои иҷтимоӣ аст — такя кардаанд. Мактаби экзистентсиализм такяаш бештар рӯи озодӣ ва огоҳӣ ва масъулиятҳои иҷтимоӣ аст. Аз дидгоҳи ин мактаб, инсони комил яъне инсони озод, инсони огоҳ, инсони мутааҳҳид, инсони масъул, ва лозимаи озодӣ ҳолати пархошгарӣ ва исёнгарӣ аст.

## Мактаби бархӯрдорӣ

Дар ин миён метавон гуфт, мактаби дигаре ҳам вуҷуд дорад, ва он, мактаби “бархӯрдорӣ” аст, ки ба мактаби қудрат хеле наздик аст. Мегӯянд: ин ки бояд “инсони комил ҳаким бошад”, “инсони комил ба Худо бирасад” ва чунину чунон бошад, ҳама ҳарф аст ва фалсафабофӣ. Агар мехоҳӣ ба камоли инсонии худат бирасӣ, кӯшиш кун, ки бархӯрдор бошӣ. Ҳар чи аз мавоҳиби хилқат бештар бархӯрдор бошӣ, комилтар ҳастӣ. Аслан инсони комил яъне инсони бархӯрдор. Аз ин рӯ, касоне, ки камоли инсонро ба илм медонанд (на ба ҳикмат) ва илмро ҳам иборат аз шинохти табиат медонанд ва шинохти табиатро ҳам барои тасаллут бар табиат ва барои ин ки табиат дар хидмати инсон қарор гирад ва инсон аз он баҳра барад, дар охир, ҳарфашон ба ин бармегардад, ки арзиши илм барои инсон, як арзиши василаӣ аст, на арзиши зотӣ. Илм барои инсон аз ин ҷиҳат хуб аст, ки василаи тасаллути инсон бар табиат аст ва табиатро мусаххари инсон қарор медиҳад ва дар натиҷа инсон беҳтар аз табиат баҳраманд ва мустафиз ва бархӯрдор мешавад. Пас, агар мехоҳед инсонҳоро ба камол бирасонед, бояд кӯшиш кунед онҳоро ба бархӯрдорӣ аз табиат бирасонед, ва камоле ҳам ғайр аз бархӯрдорӣ аз табиат вуҷуд надорад, ва ин ки барои илм арзиши зотӣ ва камоли зотӣ ва ин ҳама қадосатҳо қоил шудаанд, ҳама ҳарф аст. Илм як абзор бештар нест, илм барои башар назири шох аст барои гов, назири дандон аст барои шир.

* * *

Инҳо як силсила назариёт аст, ки назари исломро дар бораи ҳар як ба тафсил баён хоҳам кард, ки ислом барои ақл чӣ қадр арзиш қоил аст, барои он чи онҳо ишқ меноманд чӣ қадр арзиш қоил аст ва барои қудрат, масъулиятҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаи бетабақа чӣ қадр арзиш қоил аст. Ҳар кадом аз инҳо достони муфассале дорад.

**Иҷмоли назариёти макотиби мухталиф дар бораи инсони комил (3)**

**Тарзи мувоҷеҳа бо марг**

Шак надорем яке аз мазоҳири камоли инсон, тарзи мувоҷеҳаи ӯ бо марг аст, чун тарс аз марг як нуқтаи заъфи бузург дар инсон аст ва бисёре аз бадбахтиҳои башар ношӣ аз тарс аз марг аст, монанди тан ба пастиҳо ва даноатҳо додан ва ҳазорон бадбахтии дигар. Агар касе аз марг натарсад, саросари зиндагияш иваз мешавад ва инсонҳои хеле бузург он инсонҳое ҳастанд, ки дар мувоҷеҳаи бо марг, дар ниҳояти шаҳомат ва балки болотар аз шаҳомат, бо лабханду хушрӯӣ ба суроғи марг рафтаанд.[1] Агар марг дар роҳи анҷоми масъулият фаро расад, барои инсон саодат аст:

اني لا أرى الموت الاّ سعادة ولا الحياة مع الظالمين الاّ برما

*«Ба дурустӣ, ки ман маргро ҷуз саодат намебинам, ва зиндагӣ бо ситамкоронро ҷуз нангу ор намедонам.» (Имом Ҳусайн*).

Мувоҷеҳаи бо марг ба ин шаклро касе наметавонад иддао кунад ҷуз авлиёи Ҳақ, онҳо, ки марг барояшон ҷуз интиқол аз хонае ба хонаи дигар ва ё ба таъбири Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) ҷуз убур аз рӯи як пул, чизи дигаре нест. Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) субҳи Ошӯро ба асҳобаш фармуд:

ما الموت الاّ قنطرة تعبر بكم عن البؤس والضراء الى الجنان

«*Марг ҷуз як пул, ки аз рӯяш мегузаред, чизи дигаре нест…*» Асҳоби ман! Мо як пуле пеши рӯ дорем, ки бояд аз рӯи он убур кунем. Ин пул номаш марг аст. Аз ин пул, ки рад шудем,

[1] Вале на марге, ки худкушӣ бошад, балки марге, ки дар роҳи ҳадафашон бошад, чун эҳсос мекунанд, ки дар зиндагӣ рисолат ва масъулият доранд. Одаме, ки худкушӣ кунад, аз зери бори масъулият шона холӣ кардааст.

дигар расидаем ба он ҷо, ки қобили тасаввур нест. Лаҳза ба лаҳза, ки марг наздиктар мешавад, чеҳраи Абӯабдуллоҳ (Имом Ҳусайн) хандонтар ва мутабассимтар мешавад.

Яке аз касоне, ки ҳамроҳи Умари Саъд ва вақойеънигори қазоё буд, дар лаҳазоти охири ҳаёти Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) — ки дигар ҷангҳо тамом шуда буд ва эшон дар ҳамон гудоли қатлгоҳ бе ҳол афтода буданд — барои ин ки савобе карда бошад, рафт назди Умари Саъд[1] ва гуфт: иҷоза бидеҳ ман як ҷуръа об барои Ҳусайн ибни Алӣ бибарам, чун ӯ ба ҳар ҳол рафтанӣ аст; ин обро бихӯрад ё нахӯрад, барои ту таъсире надорад. Умари Саъд иҷоза дод. Вале вақте ин мард рафт, он лаъини азалу абад (Шимр ибни Зилҷавшан) дошт бармегашт, дар ҳоле, ки сари муқаддасро ҳамроҳ дошт. Ҳамин марде, ки барои Имом об бурда буд, мегӯяд:

**والله لقد شغلني نور وجهه عن الفكرة في قتله**

«*Башошати чеҳрааш нагузошт, ки аслан дар бораи кушта шуданаш фикр кунам*.» Яъне дар ҳоле, ки сари Имом Ҳусайн бурида мешуд, лабаш хандон будааст.

Инсони комил яъне инсоне, ки ҳаводис рӯи ӯ асар намегузорад… Алӣ (Алайҳис салом) он касе аст, ки мароҳил ва маротиби иҷтимоиро аз поинтарин шуғл аз ҷанбаи иқтисодӣ мисли амалагӣ (коргарӣ)[2] то олитарин маносиби иҷтимоӣ, ки зимомдорӣ ва хилофат аст, тай кардааст. Алӣ Алвардӣ мегӯяд: Алӣ (Алайҳис салом) фалсафаи Корл Морксро нақз кард, барои ин ки Алӣ дар кӯх ҳамон ҷур зиндагӣ мекард, ки дар кох, ва дар кох ҳамон тавр зиндагӣ мекард, ки дар кӯх. Яъне Алӣ (Алайҳис салом) дар мансаби амалагӣ ҳамон тавр фикр мекунад, ки дар мансаби хилофат. Ба ин далел, инҳоро инсони комил мегӯянд.

## Дафни махфиёнаи Алӣ

Мо барои чӣ ин ҷо ҷамъ шудаем? Дар азои як инсони комил. Алиро шабона дафн карданд. Чаро? Барои ин ки Алӣ ҳамон тавр, ки дӯстони фавқулъода шефтае дорад, душманони

---

[1] Мисли баъзе аз одамҳои муқаддаспешаи мо, ки мехоҳанд амале, ки ҳеҷ заҳмате ва аксуламале надошта бошад, анҷом диҳанд ва дар зимн савобе ҳам карда бошанд.

[2] Алӣ (Алайҳис салом) муддатҳо амалагӣ ҳам кардааст. На ин ки мол надоштааст, Алӣ ҳар чи, ки медошт, инфоқ мекард ва фардо дунболи кор кардан мерафт.

сарсахте ҳам дорад. Дар китоби «*Ҷозиба ва дофеаи Алӣ*» гуфтаем, ки ин гуна инсонҳо, ҳам ҷозибаи фавқулъода шадид доранд ва ҳам дофеаи фавқулъода шадид; дӯстоне доранд дар ниҳоят дараҷаи самимият, ки ҷон додан барояшон чизе нест, ва душманоне доранд, ки дигар хунхортар аз онҳо душмане нест, махсусан душманҳои дохилӣ, душманҳои муқаддасмаоб, муқаддасини Хавориҷ, ки инҳо воқеан мардуме муҷаҳҳаз ба эътиқод ва имон буданд, вале ҷоҳил. Худи Алӣ (Алайҳис салом) эътироф дорад, ки инҳо мӯъминанд, вале мефармояд ҷоҳиланд:

**لا تقتلوا الخوارج بعدي فليس من طلب الحق فأخطأ كمن طلب الباطل فأدركه**

Миёни Хавориҷ (мориқин) ва асҳоби Муовия (қоситин) муқоиса мекунад, мефармояд:

«*Баъд аз ман инҳо (Хавориҷ)-ро накушед; инҳо бо асҳоби Муовия фарқ доранд, инҳо ҳақро мехоҳанд, вале аҳмақанд, иштибоҳ кардаанд, вале онҳо (асҳоби Муовия) ҳақро мешиносанд ва дониста бо он мубориза мекунанд.*» (*Наҳҷул-балога, хутбаи 59*)

Чаро Алӣ (Алайҳис салом)-ро бо он ҳама дӯстоне, ки дорад, шаб ба таври маҳрамона дафн мекунанд? Аз тарси Хавориҷ. Чун онҳо мегуфтанд Алӣ мусалмон нест, ва ин хатар буд, ки шаб бираванд ва қабри Алиро бишкофанд ва ҷанозаи Алиро берун биёваранд.

То авохири давраи ҳазрати Содиқ (Алайҳис салом) (яъне то ҳудуди сад сол баъд) ҷуз имомон ва гурӯҳе аз асҳоби хосс, касе намедонист Алӣ (Алайҳис салом)-ро куҷо дафн кардаанд.

Субҳи 21 (аз моҳи рамазон), Имом Ҳасан (Алайҳис салом) сурати ҷанозае сохт ва онро ба иддае дод, ки ба Мадина бибаранд, то мардум хаёл кунанд, ки Алиро ба Мадина бурданд, то дар он ҷо дафн кунанд. Фақат авлоди Алӣ (Алайҳис салом) ва як идда аз шиъаёни хосс маҳалли дафни Алӣ (Алайҳис салом)-ро медонистанд (чун ҳамон шаб иддае аз шиъаёни хосс дар дафни Алӣ (Алайҳис салом) ширкат карданд) ва онҳо дар наздикии Куфа — дар ҳамин маҳалли феълӣ — ба зиёрати қабри Мавло меомаданд.

Дар замони ҳазрати Содиқ (Алайҳис салом), ки Хавориҷ мунқариз шуданд ва ин хатар аз байн рафт, эшон ба марде ба номи Сафвон — ки дуои Алқамаро нақл кардааст — дастур доданд, ки аломат ва соябоне он ҷо дуруст кунад ва аз он ба баъд ҳама мутаваҷҷеҳ шуданд, ки қабри Алӣ (Алайҳис салом) он ҷост ва ба зиёрати қабри мавлояшон меомаданд.

Ҳамроҳи ҷаноза иддаи каме буданд; фақат авлоди ҳазрат буданд ва чанд нафар аз асҳоби хосс. Яке аз онҳо марде аст ба номи Саъсаъа ибни Суҳон. Ӯ аз он дӯстони мусаффо ва покдили Амирулмӯъминин аст ва суханвар ва хатиб ҳам ҳаст ва дар ҳузури Амирулмӯъминин суханвариҳо кардааст. Ҳамин ки Алӣ (Алайҳис салом)-ро дафн карданд, дар ҳоле, ки ҳузну ғайзу хашми фавқулъодае дар ҳама ба вуҷуд омада ва буғз гулӯи ҳамаро фишор медиҳад ва ё гиря мекунанд, якмартиба ин Саъсаъа дар ҳоле, ки қалбаш дар як фишори сахте буд, як мушт хок аз қабри Алӣ (Алайҳис салом) бардошт ва бар сари худ пошид ва баъд дасташро рӯи қалбаш гузошт ва он вақт шурӯъ кард ба сухан гуфтан бо Алӣ (Алайҳис салом):

**السلام عليك يا أمير المؤمنين لقد عشت سعيدا ومت سعيدا**

Ту чӣ қадр саодатманд зиндагӣ кардӣ ва чӣ саодатманд аз дунё рафтӣ! Таваллуди ту дар хонаи Худо буд ва дар хонаи Худо ҳам шаҳид шудӣ (аз хонаи Худо то хонаи Худо). Алиҷон! Ту чӣ қадр бузург будӣ ва чӣ қадр ин мардум кучак буданд! Ба Худо қасам, агар мардум барномаи туро иҷро карда буданд

**لأكلوا من فوقهم ومن تحت أرجلهم**

— неъматҳо аз болову поин барои онҳо меҷӯшид ва неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ба онҳо мерасид. Вале афсӯс, ки мардум қадри туро надонистанд ва ба ҷои он ки аз дастурҳои олии ту пайравӣ кунанд, чӣ хунҳо ба дили ту карданд ва охир туро бо ин ҳол ва бо фарқи шикофта равонаи қабр ва хок карданд.

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم**

# ИНСОНИ КОМИЛ АЗ ДИДГОҲИ МАКТАБИ АҚЛ

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا مِن قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُّبِينٍ

Шинохти “инсони комил” ба истилоҳи қудамо, ва “инсони идеол” ба истилоҳи имрӯз, бисёр лозим ва зарурӣ аст. Тарбияту ахлоқ дар ҳар мактабе, бар асоси шинохти инсони комил ва инсони идеол дар он мактаб аст. Мо барои он ки назари исломро дар бораи инсони комил бишносем, ночорем ҳар кадом аз мактабҳоеро, ки дар ин замина вуҷуд дорад, ба тафсил баҳсу интиқод кунем ва назари исломро дар бораи ҳар як аз онҳо баён кунем. Дар ҷаласаи пеш ба таври иҷмол макотиби мухталифро баён кардем. Дар ин ҷаласа баҳси худро аз мактаби ақлгароён шурӯъ мекунем.

## Хулосаи назариёти ақлгароён

Арз кардем, ки ба ақидаи фалосифаи қадим, асосан ҷавҳари инсон ҳамон ақли ӯст, “ман”-и воқеии инсон ҳамон ақли ӯст. Ҳамчунон, ки бадани инсон ҷузъи шахсияти инсон нест, қувваҳо ва истеъдодҳои руҳӣ ва равонии мухталифе, ки инсон дорад, ҳеч кадом ҷузъи шахсияти воқеии инсон нестанд. Шахсияти воқеии инсон ҳамон нерӯе аст, ки фикркунанда аст. Инсон яъне ҳамон, ки фикр мекунад, на он ки мебинад (он ки мебинад, абзоре аст дар дасти он ки фикр мекунад), на он ки тахайюл мекунад (он ки тахайюл мекунад, абзоре аст дар дасти он ки фикр мекунад) ва на он ки масалан мехоҳад ва дӯст дорад ё дорои шаҳвату хашм аст. Ҷавҳари инсон, фикр кардан аст, ва инсони комил яъне инсоне, ки дар фикр кардан ба ҳадди камол расидааст, яъне ҷаҳон ва ҳастиро ончунон ки ҳаст, дарёфт ва кашф кардааст.

Дар ин мактаб, амри дигаре ҳам (ғайр аз ин ки ҷавҳари инсон ва мани воқеии ӯ ақли ӯст) мавриди таваҷҷӯҳ аст, ва он ин аст, ки ақл нерӯе аст, ки тавоноӣ дорад ҷаҳонро ончунон, ки

ҳаст кашф кунад, воқеияти ҷаҳонро ончунон, ки ҳаст, дар худ мунъакис кунад, ойинае аст, ки метавонад сурати ҷаҳонро дар худ саҳеҳу дуруст мунъакис кунад.

Ҳукамои исломӣ, ки ин назарро қабул кардаанд, мӯътақиданд, ки имони исломӣ (имоне, ки дар Қуръон омадааст) яъне шинохти ҷаҳон ба таври куллӣ ончунон, ки ҳаст. Имон яъне шинохти мабдаи ҷаҳон, шинохти ҷараёни ҷаҳон, шинохти низоми ҷаҳон ва шинохти ин ки ҷаҳон ба чӣ нуқтае бармегардад. Мегӯянд: ин ки дар Қуръон аз имон ба Худо, имон ба малоикаи Худо, ки васоит ва пиллаҳои вуҷуд ҳастанд, имон ба махлуқ будани олам, имон ба ин ки Худо оламро вонагузошта ва ҳидоят карда ва аз он ҷумла башарро ба василаи анбиё ҳидоят намуда, ва имон ба ин ки ҳама чиз аз Худо омадааст ва ба Худо бармегардад — ки исмаш маъод аст — сухан ба миён омада, мақсуд ҳамон (шинохти ҷаҳон) аст ва чизи дигаре нест. Ин ҳукамо дар тафосири худашон ҳамеша имонро ба сурати маърифат ва шинохт ва ба сурати ҳикмат тафсир мекунанд. Мегӯянд: имон яъне шинохт, аммо шинохте, ки як шинохти фалсафӣ ва ҳакимона аст, на шинохти илмӣ, ки шинохти ҷузъӣ аст. Шинохти фалсафӣ ва куллӣ ва ҳакимона яъне ин ки мабдаъ ва мунтаҳои ҷаҳон ва маротиби ҳастӣ ва ҷараёнҳои куллии ҷаҳонро кашф кунем ва бидонем.

## Макотиби зидди ин мактаб

Ин мактаб, ки мактаби ақлгароён аст, дар нуқтаи муқобили худ мактабҳоеро доштааст, ки ҳамеша бо он мубориза мекардаанд. Аввалин мактабе, ки дар ҷаҳони ислом бо ин мактаб мубориза карда ва зидди он аст, мактаби ишроқийюн ва мактаби урафо ва мактаби аҳли ишқ аст, ки инро баъд шарҳ медиҳем. Мактаби дигар, мактаби аҳли ҳадис аст. Ахборийюн ва аҳли ҳадис, ақлро бо ин ҳама арзиши фаровоне, ки ҳукамо барои он қоил ҳастанд, инкор мекунанд ва мегӯянд он қадрҳо ҳам, ки шумо барои ақл арзиш қоил ҳастед, арзиш надорад. Беш аз инҳо, дар асри ҷадид мактаби ҳиссгароён бар зидди мактаби ақлгароён қиём кард. Дар ин се-чаҳор қарни ахир, мактаби ҳиссгароён бештар равнақ дошт. Ҳиссгароён гуфтанд: ақл ин ҳама арзише, ки шумо барояш қоил ҳастед, надорад. Ақл хеле аҳаммият надорад, навкари ҳисс аст. Асл дар инсон, ҳавосс ва маҳсусоти инсон аст. Ақл ҳаддиаксар коре, ки метавонад бикунад ин аст, ки дар мавриди фаровардаҳои ҳавосс як амалиёте анҷом диҳад. Шумо корхонаеро дар назар бигиред, ки дар он моводди хоме ворид мешавад. Баъд

дастгоҳҳои корхона он маводдро таҷзия мекунанд. Агар корхонаи ресандагӣ ва бофандагӣ аст, масалан аввал пахтаҳоро пок мекунанд, баъд ришта мекунанд ва баъд онҳоро ба шакли хоссе мебофанд. Ақл корхонае аст, ки коре аз он сохта нест, магар ин ки рӯи маводди хоме, ки аз роҳи ҳисс ба даст омадааст, амалиёте анҷом диҳад. Вале албатта мактаби ақлгароён ба куллӣ аз эътибор наафтодааст; боз мактаби ақлгароён сари пои худ истодааст, ки ҳол намехоҳам баҳси ақлгароёнро дар муқобили ғайриақлгароён ба таври тафсил матраҳ кунам, балки мехоҳам назари исломро баён кунам.

## Асолати маърифати ақлӣ дар ислом

Дар мактаби ақлгароён чанд матлаб матраҳ аст, ки ҳар як аз инҳоро бояд бибинем бо назари ислом интибоқ дорад ё на. Аввалин баҳси ақлии ақлгароён, масъалаи эътибор ва асолати маърифати ақлӣ аст. Яъне чӣ? Яъне ақли инсон қодир аст ҳақоиқи ин оламро кашф кунад ва маърифати ақлӣ маърифати асил ва қобили эътимод ва истинод аст ва беэътибор нест.

Хеле аз мактабҳо чунин эътибореро барои ақл қоил нестанд. Ҳол бибинем оё мо аз мадорики исломӣ ин қадр метавонем барои ақл эътибор ва ҳайсият қоил бошем, ки лоақал маърифати ақлӣ қобил эътимод аст?

Иттифоқан як ҳимояти фавқулъодае аз ақлро дар мутуни ислом мебинем ва дар ҳеч дине аз адёни дунё ба андозаи ислом аз ақл яъне аз ҳуҷҷияти ақл ва аз санадият ва эътибори ақл ҳимоят нашудааст. Шумо исломро бо масеҳият муқоиса кунед. Масеҳият дар қаламрави имон, барои ақл ҳаққи мудохила қоил нест. Мегӯяд: он ҷое, ки инсон бояд ба чизе имон биёварад, ҳақ надорад фикр кунад. Фикр моли ақл аст, ва ақл дар ин навъ масоил ҳаққи мудохила надорад. Он чи ки бояд ба он имон дошт, набояд дар бораи он фикр кард ва набояд иҷозаи фикр кардан ва чуну чаро кардан ба ақл дод. Вазифаи як мӯъмин, махсусан вазифаи як кашиш ва ҳофизони имони мардум ин аст, ки ҷилави ҳуҷуми фикру истидлолу ақлро ба ҳавзаи имон бигиранд. Аслан таълимоти масеҳӣ бар ҳамин асос аст.

Дар ислом, қазия дуруст баръакс аст. Дар усули дини ислом, ҷуз ақл ҳеч чизи дигаре ҳаққи мудохила надорад. Яъне агар аз шумо бипурсанд, ки яке аз усули дини шумо чист, мегӯед “тавҳид”, вуҷуди Худои ягона. Агар дубора бипурсанд, ба чӣ далел ба Худо имон овардаед,

ислом ҷуз аз роҳи ақл аз шумо қабул намекунад. Агар бигӯед, ман худам қабул дорам, ки Худо ягона аст, далеле ҳам надорам, ту чӣ кор дорӣ,

**خذ الغايات واترك المبادي**

— ту натиҷаро бигир, ба муқаддима чӣ кор дорӣ, ман аз қавли модарбузургам яқин пайдо кардаам, билохира ба як ҳақиқате яқин пайдо кардаам ҳарчанд аз қавли модарбузургам бошад, ҳарчанд хоб дида бошам! Ислом мегӯяд: на, ҳарчанд ба вуҷуди Худои ягона эътиқод дошта бошӣ, аммо он эътиқоде, ки решааш хоб дидан ё тақлид аз падару модар ё таъсири муҳит аст, мавриди қабул нест. Ҷуз таҳқиқе, ки ақли ту бо далелу бурҳон матлабро дарёфт карда бошад, ҳеч чизи дигар пазируфта нест.

Усули имони масеҳият, минтақае мамнӯъ барои вуруди ақл аст ва вазифаи як мӯъмин (мӯъмини масеҳӣ) ҳифзи ин минтақа аз ҳуҷуми қуввaҳои ақлӣ ва фикрӣ аст. Вале имон дар ислом, минтақае аст, ки дар қуруқи ақл аст ва ғайр аз ақл ҳеч қудрати дигаре ҳаққи мудохила дар ин минтақаро надорад.

Дар ислом ва дар мутуни исломӣ суханони фавқулъода баланд ва аҷиб дар бораи ақл гуфта шудааст. Аввалан, худи Қуръон доиман дам аз таъаққул мезанад.[1] Гузашта аз ин, дар ахбор ва аҳодиси мо он қадр барои ақл асолат ва аҳаммият қоил шудаанд, ки вақте шумо китобҳои ҳадисро боз кунед, аввалин бобе, ки мебинед “Китобул-ъақл» аст. Масалан, агар суроғи «*Усули кофӣ*» биравед, аввалин бобе, ки бо боз кардани ин китоб мебинед, «Китобул-ъақл» аст. Дар ин китобул-ъақл, аҳодиси шиъа аз аввал то ба охир ба ҳимоят аз ақл бархостааст.

Мӯсо ибни Ҷаъфар (Саломуллоҳи алайҳи) таъбире фавқулъода аҷиб дорад, мефармояд: Худо ду ҳуҷҷат дорад, ду пайғамбар дорад: як пайғамбари дарунӣ, ки ақли инсон аст, ва як пайғамбари берунӣ, ки ҳамон пайғамбароне ҳастанд, ки инсонанд ва мардумро даъват кардаанд. Худо дорои ду ҳуҷҷат аст ва ин ду ҳуҷҷат мукаммили якдигар ҳастанд. Яъне агар ақл бошад ва анбиё набошанд, башар ба танҳоӣ роҳи саодати худро наметавонад тай кунад, ва агар анбиё бошанд ва ақл набошад, боз инсон роҳи саодати худро намепаймояд. Ақлу

---

[1] Ҳол шояд муваффақ шавам дар ҳамин ҷаласа ҳадиси Мӯсо ибни Ҷаъфарро, ки бо истинод ба оёти Қуръон, асолати ақлро баён кардаанд, бароятон бихонам иншоаллоҳ.

набӣ ҳар ду бо якдигар як корро анҷом медиҳанд. Дигар аз ин болотар дар ҳимояти ақл намешавад гуфт.

Таъбироте аз ин қабил зиёд дорем: “*Хоби оқил аз ибодати ҷоҳил болотар аст*”, “*Хӯрдани оқил аз рӯза гирифтани ҷоҳил болотар аст*”, “*Сукуту сукуни оқил аз ҳаракат кардани ҷоҳил болотар аст*” ва “*Худо ҳеч пайғамбареро мабъус накард, магар он ки аввал ақли он пайғамбарро ба ҳадди камол расонд, ба тавре, ки ақли ӯ аз ақли ҳамаи умматаш комилтар буд*.” Мо ҳазрати Расул (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)-ро “ақли кулл” меномем. Ин бо завқи масеҳият ҳаргиз ҷур дарнамеояд, чун аслан дар масеҳият ақл бо дин ду ҳисоби ҷудогона доранд. Вале мо пайғамбарро “ақли кулл” меномем ва медонем.

Бинобар ин, масъалаи асолати ақл дар шинохт, ва ҳуҷҷияти он ба ин маъно, ки ақл метавонад ба маърифати ростин даст ёбад — ки як бахш аз назари ҳукамост — қатъан то ин ҷо мавриди таъйиди ислом аст.

## Ду ишколи ворид бар мактаби ақлгароён

Аз назари фалосифа, ҷавҳари инсон фақат ақли ӯст, боқӣ ҳама туфайлианд, ҳама абзору восила ҳастанд. Агар бадан дода шуда, абзоре барои ақл аст. Агар чашму гӯш дода шуда, абзоре барои ақл аст. Ҳофиза ва қувваи хаёл ва қувваи воҳима ва ҳар қувва ва нерӯ ва истеъдоде, ки дар мо вуҷуд дорад, ҳама василаҳое барои зоти мо ҳастанд, ва зоти мо ҳамон ақл аст.

Оё мо метавонем таъйиде барои ин матлаб аз ислом пайдо кунем? На. Мо барои ин матлаб, ки инсон ҷавҳараш фақат ақл бошаду бас, наметавонем аз ислом таъйиде биёварем. Ислом он назарияҳои дигарро таъйид мекунад, ки ақлро як шоха аз вуҷуди инсон медонад, на тамоми вуҷуд ва ҳастии инсон.

Суроғи матлаби севвум меравем. Маъмулан китобҳои фалсафии мо[1] имони исломиро фақат ба шинохт тафсир мекунанд. Мегӯянд: имон дар ислом яъне шинохту бас. Имон ба Худо яъне шинохти Худо. Имон ба пайғамбар яъне шинохти пайғамбар. Имон ба малоик

---

[1] Ҳатто Муллосадро, ки то андозае завқи урафоро ҳам дар фалсафа ворид кардааст, бо ин ҳама ин матлаб дар калимоташ ҳаст.

яъне шинохти малоик. Имон ба явмулохир (маъод) яъне шинохти маъод, ва ҳар куҷо, ки дар Қуръон "имон" омадааст, маънояш маърифат ва шинохт аст ва ғайр аз ин чизе нест. Ин матлаб ба ҳеч ваҷҳ бо он чи ки ислом мегӯяд, қобили интибоқ нест. Дар ислом, "имон" ҳақиқате аст беш аз шинохт.

Шинохтан ҳамон донистан аст. Касе, ки обшинос аст, обро мешиносад ҳамчунон ки як ситорашинос ситораҳоро мешиносад, як ҷомеашинос ҷомеаро мешиносад, як равоншинос равонро мешиносад, як ҳайвоншинос ҳайвонро мешиносад. "Мешиносад" яъне чӣ? Яъне нисбат ба он равшан аст, онро дарк мекунад. Оё "имон" дар Қуръон яъне фақат "шинохт"? Имон ба Худо яъне фақат Худоро дарк кардан? На. Дуруст аст, ки шинохт рукни имон аст, ҷузъи имон аст ва имони бидуни шинохт имоне нест, вале шинохти танҳо ҳам имон нест. Имон гароиш аст, таслим аст. Дар имон унсури гароиш, унсури таслим, унсури хузӯъ ва унсури алоқа ва муҳаббат ҳам хобидааст. Вале дар шинохт, дигар масъалаи гароиш матраҳ нест. Агар як нафар ситорашинос аст, маънояш ин нест, ки ба ситора гароише ҳам дорад, балки ситораро мешиносад. Агар як нафар маъданшинос ё обшинос аст, маънояш ин нест, ки ба маъдан ё об гароише ҳам дорад. Мумкин аст инсон чизеро бишносад, ки аз он бисёр танаффур дорад.

Аҳёнан дар сиёсатҳо, душман душмани худро аз худаш беҳтар мешиносад. Масалан, мумкин аст афроде, ки дар «Исроил» арабшинос ва мусалмоншинос ва ҳатто ба як маъно исломшинос бошанд, аз теъдоди ин гуна афрод дар байни худи мусалмонон бештар бошанд. Мусаллам аст, ки дар «Исроил» Мисршинос, Сурияшинос ё Алҷазоиршинос хеле бештар аз Эрон вуҷуд дорад. Аслан дар Эрон шояд Мисршиноси воқеӣ як нафар ҳам надошта бошем, вале онҳо садҳо нафар доранд. Дар Миср ҳам Исроилшинос хеле зиёд доранд. Вале оё маънии ин ки Исроил Мисрро мешиносад, ин аст, ки нисбат ба он гароиш дорад? Ё маънии ин ки Миср Исроилро мешиносад, ин аст, ки нисбат ба он гароиш дорад? Иттифоқан баръакс аст, чун инҳо аз якдигар танаффур доранд.

Уламои мусалмонон мегӯянд: далели он ки имони ислом фақат шинохт нест — ончунон, ки фалосифа иддао мекунанд — ин аст, ки Қуръон беҳтарин намунаҳои кофирро, аз беҳтарин шиносандаҳо овардааст; олитарин шиносандаҳоро муаррифӣ карда, ки Худоро дар ҳадди аъло мешиносад, пайғамбарҳоро дар ҳадди аъло мешиносад, ҳуҷҷатҳои Худоро

дар ҳадди аъло мешиносад ва маъодро ҳам дар ҳадди аъло мешиносад, аммо кофир аст ва мусалмон нест. Ӯ кист? Шайтон! Оё шайтон Худоро дарк мекунад ва Худошинос аст ё зидди Худо ва материалист аст ва Худоро қабул надорад? Шайтон хеле бештар аз мову шумо Худоро мешиносад, чандин ҳазор сол ҳам Худоро ибодат кардааст. Қуръон ба мо мегӯяд: ба малоика имон биёваред. Оё шайтон малоикаро мешиносад ё на? Солҳо балки ҳазорҳо сол бо малоика ҳамсаф буда ва дар як килос кор мекардаанд. Аз ману шумо Ҷабраилро беҳтар мешиносад. Пайғамбаронро чӣ тавр? Оё пайғамбаронро мешиносад ва медонад, ки инҳо пайғамбаранд ё на? Ҳамаро аз мо беҳтар мешиносад. Маъодро чӣ тавр? Худаш ҳамеша бо Худо роҷеъ ба қиёмат сӯҳбат мекунад, маъодро ҳам комилан мешиносад. Вале дар айни ҳол, чаро Қуръон шайтонро кофир мехонад? Мефармояд:

**وكان من الكافرين**

Агар имон — ончунон, ки фалосифа гуфтаанд — фақат шинохт мебуд, шайтон бояд аввалин мӯъмин бошад. Вале шайтон мӯъмин нест, чун ӯ шиносандаи ҷоҳид аст. Яъне мешиносад, вале дар айни ҳол ъинод ва мухолифат меварзад, дар муқобили ҳақиқате, ки мешиносад, таслим нест; гароиш ба он ҳақиқат надорад, алоқае ба он ҳақиқат надорад, ҳаракат ба сӯи он ҳақиқат надорад. Бинобар ин, имон фақат шинохт нест. Пас, ин ки бисёре аз ҳукамои мо дар тафсири ин сураи муборака, ки мефармояд:

**وَالتِّينِ وَالزَّيْتُونِ. وَطُورِ سِينِينَ. وَهَذَا الْبَلَدِ الْأَمِينِ. لَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنسَانَ فِي أَحْسَنِ تَقْوِيمٍ. ثُمَّ رَدَدْنَاهُ أَسْفَلَ سَافِلِينَ. إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ**

(*Сураи Тин, оятҳои 1-6*) Мегӯянд: «... *магар касоне, ки имон овардаанд*» ҳикмати назарӣ ва «... *ва амали солеҳ анҷом додаанд*» яъне ҳикмати амалӣ, саҳеҳ нест. Чизе болотар аз ҳикмати назарӣ дар «... *магар касоне, ки имон овардаанд*» вуҷуд дорад. Ҳикмати назарӣ ҷузъи он аст, пояи он аст, аммо тамоми имон ҳикмат ва дарёфт ва илм ва маърифат ва шинохт нест. Чизе болотар аз шинохт, дар имон вуҷуд дорад.

То ин ҷо мо се масъаларо дар мавриди мактаби ақлгароён баён кардем: яке ин ки ақл ҳуҷҷат аст, дарёфтҳои ақл қобили эътимод аст ва ақл метавонад ба маърифати ростин даст ёбад,

ки ислом мегӯяд ин матлаб саҳеҳ ва мавриди қабул аст. Дуввум ин ки ақл танҳо ҷавҳари одамӣ аст, ки ислом инро таъйид намекунад. Ва севвум ин ки имони исломӣ ҳамон дарёфти ақл аст, ҳамон маърифат аст, ҳамон шинохт аст ва ҷуз шинохт чизи дигаре нест, ки ин ҳам аз назари ислом дуруст нест.

## Асолати имон

Як матлаби дигар ин аст, ки оё имон ва маърифат — ҳол аъам аз ин ки имонро ҳамон маърифат бидонем ё маърифатро ҷузъе аз имон бидонем, ки гуфтем дуввумӣ дуруст аст — асолат дорад, ё муқаддимаи амал аст ва асолате надорад?

Ин ҷост, ки боз ду мактаби бузург дар муқобили якдигар саффоройӣ мекунанд.

Мақсуд аз ин ки "имон асолат дорад" чист? Ин ки ислом имонро — бо ҳамон хусусиёте, ки гуфтем — ба мо тавсия кардааст, оё аз ин назар аст, ки имон пойгоҳи эътиқодии амали инсон аст? Яъне аз ин боб аст, ки чун инсон дар дунё бояд талошу кӯшиш кунад ва ҳамеша дар фаъолият бошад ва ин фаъолият бояд бар асоси як нақша бошад ва инсон бояд ҳадаф ва барнома ва токтик дошта бошад, пас бояд зербинои эътиқодӣ дошта бошад? Ва ба иборати дигар: оё чун инсон хоҳ нохоҳ мавҷуде аст, ки фаъолияташ фикрӣ аст ва агар бихоҳад як барномаи амалӣ дар зиндагӣ дошта бошад ва ба ҳадафҳои худ дар зиндагӣ бирасад, бидуни як зербинои фикрӣ ва эътиқодӣ имкон надорад, пас ба ин далел бояд як зербинои фикрӣ ва эътиқодӣ (ба номи имон) ба ӯ дод, то битавонад ин рӯбиноҳои фикриро бар асоси он зербино бисозад? Дуруст мисли касе, ки мехоҳад як солун бисозад; он касе, ки мехоҳад солун бисозад, чизе, ки барои ӯ ҳадаф ва мақсуд аст ин аст, ки ин солун дорои чаҳор девор ва як сақф ва дарҳо ва ғайра бошад, аммо он зерсозиҳо ва зербиноҳо ва таҳпояҳое, ки маъмулан заминро мекананд ва миқдоре аз ҳар пояро дар дохили он қарор медиҳанд, ҷузъи ҳадафи ӯ нест; балки барои ин ки ин бино муҳкам биистад ва налағзад ва наафтад, бояд он зербиноро эҳдос кард.

Масалан, кумунизм як силсила усули фикрӣ ва эътиқодӣ дорад, ки он усул бар мабнои материализм ва моддигарӣ аст; ва ҳамчунин як силсила усули иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва иқтисодӣ ва ахлоқӣ дорад, ки аз назари созмони фикрӣ, он усули эътиқодӣ зербинои ин усул ҳастанд. Вале барои як кумунист он усули фикрӣ ҳадаф нест. Воқеан барои як

кумунист, материализм ҳадаф нест ва асолате надорад,[1] вале фикр мекунад — ва фикраш ҳам ғалат аст — ки бидуни материализм, ин усули иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва иқтисодиро намешавад ба ҳеч ваҷҳ тавҷеҳ кард. Пас, барои ин ки бишавад ин усулро тавҷеҳ кард, он усули фикриро мепазирад. Ахиран бисёре аз кумунистҳо дар дунё пайдо шудаанд, ки кумунизмро аз материализм тафкик кардаанд; гуфтаанд на танҳо барои мо материализм асолат надорад, балки ҳеч зарурате надорад, ки мо ҳатман материализмро ба сурати як асле, ки намешавад раддаш кард дар назар бигирем; мо кумунизмро мехоҳем ҳарчанд минҳои материализм бошад. Магар алъон дар гӯшаву канори дунё аз раҳбарони кумунизм нестанд касоне, ки кам-кам мубориза бо мазҳабро доранд тахфиф медиҳанд?

Ин аз он ҷиҳат аст, ки барои онҳо имон ба он усули фикрӣ асолат надорад. Он усули фикрӣ фақат пойгоҳи эътиқодӣ ва зербинои фикрӣ аст. Аз он ҷо, ки намешавад як идеулужӣ бидуни ҷаҳонбинӣ бошад, ин ҷаҳонбиниро дар зери ин сохтмон қарор медиҳанд барои ин ки битавонанд идеулужии худро бар рӯи ин ҷаҳонбинӣ бигузоранд. Вале асосу ҳадаф, идеулужӣ аст.

Дар ислом чӣ тавр? Оё ислом имони исломиро (имон ба Худо, имон ба малоика, имон ба анбиё ва авлиё ва имон ба маъодро) фақат барои ин тарҳ карда, ки як зербинои фикрӣ ва эътиқодӣ дода бошад? Оё ба ин далел усули фикриро арза медорад, ки мехоҳад идеулужиро рӯи як усули фикрӣ бино кунад ва ҳадафи аслӣ он идеулужӣ аст, вагарна худи ин усули фикрӣ асолате надоранд? Ё на, худи ин усули фикрӣ асолат доранд?

Ҷавоб ин аст, ки дар айни ин ки ин усули фикрӣ зербинои фикрӣ ва эътиқодии идеулужии ислом аст, аммо арзиши он фақат арзиши зербиноӣ нест. Дар ислом, имони исломӣ зербинои фикрӣ ва эътиқодӣ аст ва идеулужии исломӣ бар асоси ин имон бино шудааст, вале имон дар айни доштани арзиши зербиноӣ, асолат ҳам дорад. Яъне ҳадаф низ шумурда мешавад.

---

[1] Асосан инҳо ҳам, ки ба водии материализм афтоданд, ба хотири муборизаи аҳмақонае буд, ки калисо бо афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ ва махсусан бо озодихоҳӣ кард, ба тавре, ки ин фикр дар дунёи Урупо пайдо шуд, ки инсон ё бояд озод бошад ва худро дар иҷтимоъ зиҳақќ бидонад ва Худоро канор бигузорад ва ё бояд ба Худо мӯътақид бошад ва худро зиҳақќ ва озод надонад ва аз ин қабил ҳарфҳо. Баъд, барои ин ки битавонанд роҳе барои озодӣ ва ҳуқуқи иҷтимоии инсон дуруст кунанд, омаданд мазҳабро аз зербино ҳазф карданд.

Пас дар ин ҷиҳат ҳақ бо фалосифа аст, ки имон, худаш асолат дорад, на ин ки арзиши имон арзиши муқаддимаии амал будан аст. Ин тавр нест, ки ҳар чи ҳаст амал ва фаъолият ва кӯшиш аст, балки агар имонро аз амал бигирем, як пояро хароб кардаем, ҳамчунон ки агар амалро аз имон бигирем, як пояи дигарро хароб кардаем. Қуръон ҳамеша мегӯяд:

**الذين آمنوا وعملوا الصالحات**

Агар имон, минҳои амал бошад, як рукни саодат вуҷуд дорад, вале рукни дигари он мавҷуд нест, ва агар амалро бигирем ва имонро раҳо кунем, боз ҳам дуруст нест. Хаймаи саодат рӯи як поя намеистад. Имон аз назари исломӣ, арзиши зотӣ ва асолат дорад ва воқеан камоли инсон дар ин дунё ва ба хусус дар дунёи дигар, ба ин аст, ки имон дошта бошад, барои ин ки дар ислом руҳ воқеан истиқлол дорад ва аз худ камоле дорад ва баъд аз мурдан боқӣ аст. Агар руҳ ба камолоти худаш нарасад, ноқис ва фосид аст ва ба саодати худаш ноил намешавад.

## Шавоҳиде аз Қуръон ва Наҳҷул-балоға

Бибинед, Қуръон дар ин замина чӣ мегӯяд:

**وَمَن كَانَ فِي هَذِهِ أَعْمَى فَهُوَ فِي الآخِرَةِ أَعْمَى وَأَضَلُّ سَبِيلًا**

«*Ҳар кас дар ин дунё кӯр бошад, дар охират ҳам кӯр аст ва гумроҳтар.*» (*Сураи Исро, ояти 72*) Дар тафсирҳо гуфтаанд — ва равшан аст — ки мақсуд ин нест, ки ҳар кас чашмҳои зоҳириаш дар ин дунё кӯр бошад, дар он дунё ҳам кӯр хоҳад буд. Мақсуд ин аст, ки ҳар кас дар ин дунё чашми ботинаш аз дидани ҳақоиқ, аз дидани Худои худаш, аз дидани оёти Худованд ва аз он чи ки бояд ба он имон дошта бошад кӯр бошад, дар он дунё кӯр маҳшур мешавад ва ғайр аз ин имкон надорад. Агар фарз кунем касе дар ин дунё тамоми аъмоли хуберо, ки як инсон бояд анҷом диҳад анҷом дода, тамоми амр ба маъруфҳо ва наҳй аз мункарҳоро анҷом дода ва мисли зоҳидтарини зоҳидҳо дар дунё зиндагӣ карда ва умри худро вақфи халқи Худо кардааст, аммо ба Худо имон надорад ва маъод ва олами ҳастиро намешиносад, ин инсон кӯр аст ва қатъан дар он дунё ҳам кӯр аст. Дигар сӯҳбат ин нест, ки

имон, фақат муқаддимаи ин заҳматҳо ва талошҳо ва амалҳост ва амали як фард бояд дуруст бошад, имон ҳам надошт масъалае нест.

Фахри Розӣ дар як рубоии хеле олӣ мегӯяд:

*Тарсам биравам олами ҷон нодида,*

*Берун равам аз ҷаҳон, ҷаҳон нодида.*

*Дар олами ҷон чун равам аз олами тан,*

*Дар олами тан олами ҷон нодида.*

Метарсам аз ин ҷаҳон биравам, аммо ҷаҳонро надида бошам. Мақсуд ин нест, ки ин дару девору замину кӯҳу дарёву ситораро надида бошам. Мақсуд ин аст, ки метарсам чашми дилам боз нашуда бошад ва руҳи ҷаҳон, мабдаъ ва оғози ҷаҳон ва он чизеро, ки ислом "имон" мегӯяд дарк накарда бошам ва аз ин ҷаҳон биравам. Мегӯяд: ман, ки дар олами тан олами ҷонро надидаам, пас чӣ гуна вақте аз олами тан ба олами ҷон рафтам, он ҷоро метавонам бибинам? Ин ҷо бояд медидам, ки натавонистам бибинам. Ӯ дар ин рубоӣ ҳамин ояти:

**وَمَن كَانَ فِي هَذِهِ أَعْمَى فَهُوَ فِي الآخِرَةِ أَعْمَى وَأَضَلُّ سَبِيلًا**

«*Ҳар кас дар ин дунё кӯр бошад, дар охират ҳам кӯр аст ва гумроҳтар.*» (*Сураи Исро, ояти 72*) — ро маънӣ мекунад.

Қуръон дар ҷои дигаре мефармояд:

**قَالَ رَبِّ لِمَ حَشَرْتَنِي أَعْمَى وَقَدْ كُنتُ بَصِيرًا. قَالَ كَذَلِكَ أَتَتْكَ آيَاتُنَا فَنَسِيتَهَا وَكَذَلِكَ الْيَوْمَ تُنسَى**

Дар қиёмат ҳамин бандае, ки кӯр маҳшур мешавад эътироз мекунад, мегӯяд: Худоё! Ту чаро маро кӯр маҳшур кардӣ? Ман, ки дар он дунё чашм доштам, чаро дар ин ҷо кӯр ҳастам? Хитоб мерасад, ки он чашме, ки дар он дунё доштӣ, ба дарди ин ҷо намехӯрад, ин ҷо чашми дигаре лозим аст ва ту худат он чашми дигарро дар дунё кӯр кардӣ, ин ҷо ҳам кӯр ҳастӣ. Нишонаҳои мо дар он дунё буд, ту ба ҷои ин ки аз рӯи он нишонаҳо моро бибинӣ ва бишносӣ ва ҳақиқатро дарк кунӣ, худатро дар он дунё кӯр кардӣ ва ҳол ки дар олами ҳақиқат меойӣ, кӯр маҳшур мешавӣ. Дар ин олам фақат биниши ҳақиқӣ аст, ки муфид аст. (*Сураи Тоҳо, оятҳои 125-126*)

Дар сураи Мутаффифин мефармояд:

كَلَّا إِنَّهُمْ عَن رَّبِّهِمْ يَوْمَئِذٍ لَّمَحْجُوبُونَ

*«Раҳошон кун! Инҳо дар он рӯз аз Худои худ дар парда ва ҳиҷобанд.»* (*Сураи Мутаффифин, ояти 15*) Инҳо дар дунё бояд пардаи ғафлатро аз ҷилави чашмашон ақиб бизананд ва бибинанд. Маънои имон ин аст: эй инсон! Ту дар ин дунё омадаӣ, ки чашми ту дар ҳамин дунё он дунёро бибинад, гӯши ту дар ҳамин дунё он дунёро бишнавад.

Мукаррар гуфтаам, ки хеле хушвақтам, ки мебинам ҷавонони мо – бахусус — ба "*Наҳҷул-балоға*" таваҷҷӯҳ доранд. Аммо ҳамаи ҷанбаҳои "*Наҳҷул-балоға*"-ро бибинед. Бибинед "*Наҳҷул-балоға*" роҷеъ ба гӯшҳои инчунин, чӣ гуна сухан мегӯяд. "*Наҳҷул-балоға*" барои имон асолат қоил аст. Намегӯяд арзиши имон фақат арзиши зербиноӣ ва фикрӣ ва эътиқодӣ аст (на ин ки мехоҳам бигӯям зербино нест), мегӯяд, дар айни ин ки имон арзиши зербиноӣ ва фикрӣ ва эътиқодӣ дорад, арзиши асил ҳам дорад.

Алӣ (Алайҳис салом) дар "*Наҳҷул-балоға*" дар бораи "аҳлуллоҳ" мегӯяд:

يتنسمون بدعائه روح التجاوز

Инҳо касоне ҳастанд, ки дар ҳоле, ки Худоро мехонанд ва истиғфор мекунанд ва ғарқ дар истиғфор ҳастанд, насими омурзишро дар даруни худ эҳсос мекунанд. (*Наҳҷул-балоға, хутбаи 220*) Яъне эҳсос мекунанд, ки омурзида шудаанд, насими таҷовузро дар руҳи худ эҳсос мекунанд[1],[2]. Алӣ (Алайҳис салом) мефармояд:

---

[1] Инҳо чизҳое аст, ки аз сатҳи фикри амсоли мо болотар аст ва шояд натавонем бовар кунем.
[2] "Таҷовузи Ҳақ" яъне гузашти Ҳақ аз гуноҳон, мағфирати Ҳақ, омурзиши Ҳақ.

**ان الله سبحانه وتعالي جعل الذكر جلاء للقلوب، تسمع به بعد الوقرة، وتبصر به بعد العشوة، وتنقاد به بعد المعاندة، وما برح لله عزت آلاؤه في البرهة بعد البرهة، وفي أزمان الفترات، عباد ناجاهم في فكرهم، وكلمهم في ذات عقولهم**

(*Ибтидои ҳамон хутбаи 220*) Фақат қисмати ахирашро бароятон маънӣ мекунам: дар ҳар даврае[1] афроде вуҷуд доранд, ки дар фикр ва даруни худ бо Худои худ ҳарф мезананд ва аз ӯ сухан мешунаванд:

**عباد ناجاهم في فكرهم، وكلمهم في ذات عقولهم**

Худо дар фикру ақлашон бо онҳо ҳарф мезанад.

Пас, дар ислом маърифати Худо ва ҳатто малоикаи Худо, ки васоити олами вуҷуданд, ва маърифати анбиё ва авлиёи Худо, ки ба сурати дигаре воситаи файзи Ҳақ ба сӯи мо ҳастанд, ва маърифати ин ки мо дар ин дунё, ки омадаем барои чӣ омадаем ва ба куҷо меравем, ва маърифати ин ки билохира хоҳ нохоҳ ба сӯи Ҳақ бозгашт мекунем ва ҳама чиз ба сӯи Ҳақ бозгашт мекунад (яъне маъод), ин маориф асолат дорад. Имон ба ҳақоиқ асолат дорад ва зимни ин ки асолат дорад, зербинои фикрӣ ва эътиқодии идеулужии исломӣ ҳам ҳаст. Ва як имони сад дар сад асил метавонад зербинои фикрӣ ва эътиқодии бисёр хубе барои як идеулужӣ бошад. Пас, ҳеч вақт амалро фидои имон накунед ва имонро ҳам фидои амал накунед. Ҳеҷ кадом аз ин ду набояд фидои дигаре шавад.

Маҷмӯан "инсони комил"-и фалосифа, инсони комил нест, инсони ноқис аст, яъне қисмате аз камолро дорад. Ин ки барои камоли ақлӣ асолат қоил шудаанд дуруст аст. Вале инсони комили фалосифа, аз ин ҷиҳат, ки онҳо соири ҷанбаҳои камолоти инсониро нодида гирифтаанд ва ҳамаи камолоти инсонро дар камоли ақлии ӯ ҷустуҷӯ кардаанд, инсони нимакомил аст, инсони ноқис аст. Инсони комили фалосифа фақат муҷассамае аст аз доноӣ, фақат медонад. Яъне инсони комиле, ки онҳо фарз кардаанд, мавҷуде аст, ки хуб

[1] Бино ба гуфтаи Алӣ (Алайҳис салом), ҳеч даврае нест, ки дар он чунин афроде вуҷуд надошта бошанд. Дар замони мо ҳам вуҷуд доранд.

медонад. Чунин инсоне хуб медонад, вале мавҷуде аст холӣ аз шавқ, холӣ аз ҳаракат, холӣ аз ҳарорат, холӣ аз зебоӣ, холӣ аз ҳама чиз; фақат медонад. Он мавҷуде, ки тамоми ҳунараш ин аст, ки хуб медонад ва донистанаш ҳам тамоми ҳастиро фаро мегирад ва "ҷаҳоне аст биншаста дар гӯшае", инсони комили ислом нест, инсони нимакомили ислом аст.

Фурсат накардам ривояти Мӯсо ибни Ҷаъфар (а)-ро дар боби арзиши ақл, барои таъйиди он қисмат аз ҳарфи фалосифа, ки дуруст аст, барои шумо бихонам. Дар ин замина матлаб зиёд аст. Агар бихоҳем сӯҳбат кунем, яке ду ҷаласаи дигар бояд сӯҳбат кунем, вале арзи худамонро дар бораи ин мактаб дар ҳамин ҷо хотима медиҳем.

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم**

# ИНСОНИ КОМИЛ АЗ ДИДГОҲИ МАКТАБИ ИРФОНУ ТАСАВВУФ

**هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا مِن قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُّبِينٍ**

(*Сураи Ҷумъа, ояти* 2)

Гуфтем, ки инсони комил аз диди фалосифа як ҷур аст ва аз диди урафо ба сурати дигаре аст ва аз диди бисёре аз фалосифаи ҷадид таври дигар аст. Мактабҳоеро ба таври иҷмол муаррифӣ кардем, ки баъд ба таври тафсил дар бораи онҳо баҳс кунем: мактаби ақлгароён, мактаби қалбийюн ё арбоби дил (урафо), мактаби муҳаббат, мактаби қудрат, мактаби хидмат.

Дар ин ҷаласа яке дигар аз ин мактабҳоро ба таври тафсил баррасӣ мекунем ва назари исломро дар бораи қисматҳои мухталифе, ки дар ин мактаб вуҷуд дорад баён мекунем. Ҳамчунон ки баҳси мо дар ҷаласаи гузашта ба мактаби ақлгароён ихтисос дошт, баҳси ин ҷаласа дар бораи инсони комил аз дидгоҳи мактаби ирфону тасаввуф аст.

Баҳс дар бораи инсони комил аз диди ирфон ва тасаввуф, барои мо аҳаммияти бештаре дорад. Инсони комиле, ки фалосифае аз қабили Арасту ва Ибни Сино баён кардаанд, дар миёни мардум ривоҷ пайдо накардааст; ҳарфе буда, ки дар матни китобҳои фалсафӣ омада ва аз он ҷо хориҷ нашудааст, вале мактаби ирфону тасаввуф назари худро дар бораи инсони комил дар миёни мардум ба насру шеър баст додааст. Китобҳои ирфонӣ аз он ҷиҳат, ки матолибро бо забони тамсил ва бо забони шеър баён мекунанд, қаҳран дар миёни мардум нуфузи бештаре доранд. Ин мактаб ҳам монанди мактаби фалосифа матолиб ва масоиле дорад, ки аз назари ислом қобили қабул аст, вале дар айни ҳол холӣ аз интиқод ҳам нест ва инсони комили ислом сад дар сад бо инсони комили урафо ва мутасаввифа татбиқ намекунад.

# Ишқ аз назари урафо

Арз кардем, ки фалосифа зоту ҷавҳари инсонро ҳамон ақли ӯ медонанд. Ғайри ақл ҳар чи ҳаст, онро хориҷ аз зоти инсон ва дар ҳукми васоилу абзор медонанд. "Ман"-и инсон яъне ҳамон қувваи фикр кардани инсон, қувваи тафаккури мантиқии инсон. Урафо "ман"-и инсонро ақлу фикри инсон намедонанд, балки ақлу фикрро ба манзилаи як абзор — он ҳам на абзори хеле мӯътабар — медонанд ва "ман"-и ҳақиқии ҳар касро он чизе медонанд, ки аз он ба "*дил*" таъбир мекунанд. Ҳаким ва файласуф "ман"-ро он чизе медонад, ки аз он ба «*ақл*» таъбир мекунад, ва ориф "ман"-и воқеии инсонро он чизе медонад, ки аз он ба «*дил*» таъбир мекунад.

Албатта шак нест, ки мақсуди ориф аз *дил*, ин дили гӯштӣ, ки дар тарафи чапи бадани инсон аст, нест; намехоҳад бигӯяд "ман"-и инсон ҳамон дили гӯштӣ аст, ки пизишки ҷарроҳ онро амали ҷарроҳӣ мекунад ё пайванд мезанад. Ақл яъне маркази андеша ва тафаккур ва ҳисобгарӣ. Дил яъне маркази эҳсос ва хост дар инсон. Ақл як конун ва марказ аст, ва дил конун ва маркази дигаре аст. Ориф барои эҳсос, ва барои ишқ ба таври куллӣ — ки қавитарин эҳсосҳо дар инсон аст — арзиш ва аҳаммияти зиёде қоил аст. Ҳар чи, ки ҳаким ва файласуф барои фикр кардан ва барои истидлол ва далели мантиқӣ овардан арзиш қоил аст, ориф барои ишқ арзиш қоил аст. Албатта ишқе, ки ориф мегӯяд, бо ишқҳои рӯзномаии мо фавқулъода мутафовит аст. Ишқҳои рӯзномаӣ, ишқҳои ҷинсӣ аст. Ишқи ориф ишқе аст, ки аввалан, дар инсон авҷ мегирад, то ӯ ба Худо мерасад, ва маъшуқи ҳақиқии ориф фақат Худосту бас. Сониян, ишқе, ки ориф мегӯяд, мунҳасир ба инсон нест. Ориф мӯътақид аст, ки ишқ дар ҳамаи мавҷудот сараён дорад. Дар китобҳои ирфонӣ ва баъзе китобҳои фалсафии мутамойил ба ирфон (мисли Асфор), бобе таҳти унвони "Фи сараёнил-ъишқ фи ҷамиъил-мавҷудот" вуҷуд дорад, яъне мӯътақиданд ишқ як ҳақиқате аст, ки дар тамоми зарроти вуҷуд ҷараёну сараён дорад. Дар ин ҳаво ҳам ишқ ҳаст, дар он санг ҳам ишқ ҳаст, дар он зарроти атомӣ ҳам ишқ ҳаст, ва аслан ҳақиқат ишқ аст, ва он чи ғайр аз ишқ мебинӣ, маҷозе аст бар рӯи ин ҳақиқат. Мавлавӣ мегӯяд:

*Ишқ баҳре, осмон бар вай кафе,*

*Чун Зулайхо дар ҳавои Юсуфе.*

Ишқ як дарёст. Ҳамаи осмонҳо ва замин ва ҳамаи олами табиат аз назари ориф ба манзилаи кафе аст бар рӯи як дарё, ки он дарё “ишқ” аст. Ҳофиз мегӯяд:

*Мо бад-ин дар на пайи ҳишмату ҷоҳ омадаем,*

*Аз бади ҳодиса ин ҷо ба паноҳ омадаем.*

*Раҳрави манзили ишқему зи сарҳадди адам*

*То ба иқлими вуҷуд ин ҳама роҳ омадаем.*

Бибинед чӣ қадр олӣ мегӯяд! Ин байти Ҳофиз тарҷумаи ҷумлае аз аввалин дуои Имом Саҷҷод (Алайҳис салом) дар Саҳифаи Саҷҷодия аст. Баъд аз ин ки Худоро ҳамду сано мегӯяд, мефармояд:

**ابتدع بقدرته الخلق ابتداعا واخترعهم على مشيّته اختراعا ثم سلك بهم طريق عبادته وبعثهم في سبيل محبّته**

Яъне, Худо ибтидо оламро аз адам офарид, оламро ибдоъ кард,[1] баъд махлуқотро аз роҳи муҳаббати худ барангехт. Ҳофиз ҳам ҳаминро мегӯяд:

*Раҳрави манзили ишқему зи сарҳадди адам*

*То ба иқлими вуҷуд ин ҳама роҳ омадаем.*

## Роҳи расидан ба камол

Вақте ориф барои ҳамаи олам як ҳақиқат бештар қоил нест ва он ҳақиқат ишқ аст, қаҳран аз назари ӯ дигар ҳақиқати инсон фикр нест, ки файласуф мегуфт, ҳақиқати инсон дили ӯст. Дил ҳам яъне ҳамон маркази ишқи илоҳӣ. Пас, як тафовут байни мактаби ақл ва мактаби ирфон дар масъалаи “ман”-и инсон аст. Оё “ман”-и инсон ҳамон аст, ки фикр мекунад, ё он аст, ки ишқ меварзад? Ориф мегӯяд, “ман”-и ту ҳамон аст, ки ишқ меварзад, на он ки фикр мекунад.

Аз назари файласуф, агар инсон бихоҳад ба мақоми инсони комил бирасад, бо чӣ абзоре бояд пеш биравад? Бо абзори истидлол ва қиёс, бо суғро ва кубро ва муқаддамот чидан ва

[1] Ибдоъ яъне анҷоми коре, ки аз рӯи намунае набудааст.

фикр кардан, бо пойи мантиқ. Вале ориф мегӯяд: хайр, абзори он, илму саводу ҳарфу гуфту шунуду суғро ва кубро ва муқаддима ва натиҷа ва истидлол нест:

*Дафтари сӯфӣ саводу ҳарф нест,*

*Ҷуз дили испед ҳамчун барф, нест.*

Ба ҷои ҳамаи ин корҳо тазкияи нафс кун. Файласуф мегӯяд: фикр кун, дарс бихон, пеши муаллим бирав, вале ориф мегӯяд: худатро тасфия кун, таҳзиби нафс кун, ахлоқи разиларо аз худ дур кун, таваҷҷӯҳ ба ғайри Ҳақро ҳар чи метавонӣ аз худ бирон ва бар таваҷҷӯҳи худ ба Ҳақ бияфзо, бар хотироти худ мусаллат бош, ҳар чи андешаи ғайри Худо дар дили ту биёяд, дев аст, то дев ҳаст, фаришта, ки нури Худост, ҳаргиз дар дили ту намеояд:

*Бар сари онам, ки гар зи даст барояд,*

*Даст ба коре занам, ки гусса сар ояд.*

*Хилвати дил нест ҷои сӯҳбати аздод,*

*Дев чу берун равад, фаришта дарояд.*

*Сӯҳбати ҳукком зулмати шаби ялдост,*

*Нур зи хуршед ҷӯй, бу, ки барояд.*

*Бар дари арбоби бемурувввати дунё,*

*Чанд нишинӣ, ки хоҷа кай бадар ояд?*

*Тарки гадоӣ макун, ки ганҷ биёбӣ,*

*Аз назари раҳраве, ки дар гузар ояд.*

Баъд, ки инсонро аз ин ки ба дари хонаи акобиру бузургону соҳибони қудрат биравад барҳазар медорад, мегӯяд: тарки гадоӣ макун! Аммо гадоӣ пеши чӣ касе? Гадоӣ пеши як инсони комил.

Ба ҳар ҳол василае, ки ин мактаб барои расидани инсон ба мақоми инсони комил муаррифӣ мекунад, ислоҳу таҳзиби нафс аст, таваҷҷӯҳ ба Худост. Ҳар чи бештар инсон ба Худо таваҷҷӯҳ кунад ва ҳар чи бештар таваҷҷӯҳ ба ғайри Худоро аз зеҳни худ дур кунад ва ҳар чи бештар ба даруни худ фурӯ равад ва ҳар чи иртиботи худро аз берун бештар қатъ кунад, ба мақоми инсони комил наздиктар мешавад.

Қаҳран инҳо барои баҳсу истидлолу мантиқ арзише қоил нестанд. Мавлавӣ мегӯяд:

*Пойи истидлолиён чӯбин бувад,*

*Пойи чӯбин сахт бетамкин буд.*

Ва дар ҷои дигаре мегӯяд:

*Баҳси ақлӣ гар дуру марҷон бувад,*

*Он дигар бошад, ки баҳси ҷон бувад.*

*Баҳси ҷон андар мақоме дигар аст,*

*Бодаи ҷонро қивоме дигар аст.*

Поёни роҳ чист? Поёни роҳ аз назари ҳаким (файласуф) ин буд, ки инсон як ҷаҳон бишавад вале ҷаҳоне аз андеша ва фикр:

**صيرورة الانسان عالما عقليا مضاهيا للعالم العيني**

Нақши ҳамаи ҷаҳон — ҳарчанд ба таври куллӣ — дар ойинаи ақлаш биафтад, яъне ҷаҳонро дар даруни худ мебинад. Ниҳояти роҳи ҳаким, доноӣ ва дидани ҷаҳон аст. Аммо ниҳояти роҳи ориф расидан аст, на дидан. Расидан ба чӣ чиз? Расидан ба зоти Ҳақ. Мӯътақиданд, ки агар инсон даруни худро тасфия кунад ва бо маркаби ишқ ҳаракат кунад ва манозили байни роҳро зери назари як инсони комилтар тай кунад, поёни ин роҳ ин аст, ки пардаи миёни ӯ ва Худо ба куллӣ бардошта мешавад, ва ба таъбири худашон, ба Худо мерасад. Дар Қуръон масъалаи *“лиқоуллоҳ”* матраҳ аст ва урафо дар боби *лиқоуллоҳ* хеле сухан гуфтаанд, ки достони муфассале дорад ва ман аҷолатан намехоҳам дар мавзӯи *лиқоуллоҳ* ворид шавам, ки оё ин ҳарф метавонад маънӣ дошта бошад ё на. Вале ба ҳар ҳол, ориф намегӯяд, ки ман ба ҷое бирасам, ки ҷаҳоне аз андеша шавам, ойинае шавам, ки ҷаҳон дар ман мунъакис шавад; мегӯяд, меравам то ба маркази ҷаҳон бирасам:

**يَا أَيُّهَا الْإِنسَانُ إِنَّكَ كَادِحٌ إِلَى رَبِّكَ كَدْحًا فَمُلَاقِيهِ**

*«Эй инсон! Ҳаққо, ки ту ба сӯи парвардигори худ ба сахтӣ дар талошӣ ва ӯро мулоқот хоҳӣ кард.» (Сураи Иншиқоқ, ояти 6*) Ба он ҷо, ки рафтӣ ва расидӣ, ҳама чиз ҳастӣ ва ҳама чиз дорӣ:

## العبودية جوهرة كنهها الربوبية

Ҳама чиз дорӣ, вале ҳеч чизро намехоҳӣ. Муаммо ин аст. Ба мақоме мерасӣ, ки ҳама чиз ба ту медиҳанд ва ту ба ҳеч чиз эътино надорӣ, ҷуз ба худи ӯ. Абӯсаъиди Абулхайр чӣ ширин мегӯяд:

*Он кас, ки туро шинохт, ҷонро чӣ кунад?*

*Фарзанду аёлу хонумонро чӣ кунад?*

*Девона кунӣ, ҳар ду ҷаҳонаш бахшӣ,*

*Девонаи ту ҳар ду ҷаҳонро чӣ кунад?*

Аввал чунин касеро девонаи худат мекунӣ ва баъд ҳар ду ҷаҳонро ба ӯ медиҳӣ. Аммо замоне ҳар ду ҷаҳонро ба ӯ медиҳӣ, ки ӯ аслан онҳоро намехоҳад. То рӯзе, ки туро нашнохта, ҳама чиз мехоҳад, вале дар он мавқеъ ба ӯ намедиҳӣ. Вақте, ки туро шинохт, ҳама чизро ба ӯ медиҳӣ, аммо ӯ дар ин ҳангом ба ҳеч чиз эътино надорад, чун туро пайдо кардааст. Дигар на дунёро мехоҳад ва на охиратро, чун ту мофавқи дунё ва охират ҳастӣ.

* * *

Ҳол бояд назари исломро дар ин замина баён кунем, ки оё “инсони комил”-и урафо бо мавозини исломӣ ҷур дармеояд ё на, чун маълум шуд, ки манзури урафо аз инсони комил чист. Инсони комили урафо инсоне аст, ки ба Худо мерасад; вақте ба Худо расид, мазҳари комили ҳамаи асмо ва сифоти илоҳӣ мешавад ва ойинае мешавад, ки зоти Ҳақ дар ӯ зуҳур ва таҷаллӣ мекунад.

Дар мавриди мактаби фалосифа гуфтем он чи ки фалосифа онро инсони комил медонанд, аз назари ислом инсони нимакомил аст, на инсони комил, ва баъд қисматҳои мухталифро арз кардем, ки дар кадом қисмат мактаби фалосифа мавриди таъйиди ислом аст ва дар кадом қисмат мавриди таъйиди ислом нест. Дар ин ҷо низ ба ҳамон шакл баҳс мекунем.

Оё дар ислом масъалае ба номи таҳзибу тазкияи нафс матраҳ аст? Бидуни шак. Чун дар матни Қуръон ин матлаб матраҳ аст:

**قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّاهَا**

*«Ҳар кас онро (нафсро) пок гардонид, қатъан растгор шуд. Ва ҳар ки олудааш сохт, қатъан дарбохт.» (Сураи Шамс, оятҳои 9-10*)

Яъне баъд аз ҳафт қасами мутаволӣ мефармояд: растгорӣ моли мардуме аст, ки тазкияи нафс кардаанд ва бадбахт он мардуме ҳастанд, ки нафсу руҳу ботини худро фосиду табоҳ кардаанд.

## Илми ифозӣ

Оё дар ислом тасфияи нафс роҳест ба сӯи маърифат? Дар ин ки Қуръон мегӯяд: «*Ҳар касе, ки тазкияи нафс кард растгор шуд*» (*Сураи Шамс, ояти 9*) ҳарфе нест, вале оё ин тазкияи нафс роҳе ба сӯи маърифати Ҳақ аст, ё роҳи маърифат фақат далелу бурҳону истидлол яъне ҳамон роҳи ҳукамо ва фалосифа аст?

То ин андоза ҳам бидуни шак мавриди таъйиди ислом аст. Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ҷумлае дорад, ки он ҷумларо, ҳам шиъа ва ҳам аҳли тасаннун ривоят кардаанд ва аз мусалламот аст. Мефармояд:

**من أخلص لله أربعين صباحا، جرت ينابيع الحكمة من قلبه على لسانه**

Ҳар кас чиҳил шабонарӯз худро барои Худо холис кунад, яъне чиҳил шабонарӯз ҳеч ангезае дар вуҷуди ӯ ҷуз ризои Ҳақ ҳоким набошад: ҳарф бизанад барои ризои Худо, сукут кунад барои ризои Худо, нигоҳ кунад ва нигоҳашро бардорад барои Худо, ғизо бихӯрад барои Худо, бихобад ва бедор шавад барои Худо, яъне он чунон барномаашро танзим кунад ва он чунон руҳи худро ислоҳ кунад, ки асосан ҷуз барои Худо, барои чизи дигаре кор накунад, яъне бишавад Иброҳими Халилуллоҳ, ки:

**إِنَّ صَلاَتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ**

(*Сураи Анъом, ояти 162*) намозам, ибодатам ва балки зиндагӣ ва мурданам, *лиллоҳ* ва барои ӯст. Оре, Пайғамбар фармуд: агар касе муваффақ шавад чиҳил шабонарӯз ҳавову ҳавасро ба куллӣ мураххас кунад ва дар ин чиҳил шабонарӯз ҷуз барои Худо коре накунад ва ҷуз

барои ӯ зинда набошад, чашмаҳои маърифат ва ҳикмат аз дарунаш меҷӯшад ва бар забонаш ҷорӣ мешавад.

Пас, маълум мешавад, ки ислом илмеро, ки ба он “илми ифозӣ” мегӯянд (яъне илме, ки аз дарун меҷӯшад) қабул дорад. Зимни ин ки илми ақлиро қабул дорад ва ба сӯи он даъват мекунад, ин илмро ҳам қабул дорад. Ба Мӯсо (а) мефармояд: мо як бандае дорем, назди ӯ меравӣ ва аз ӯ илм меомӯзӣ:

وَعَلَّمْنَاهُ مِن لَّدُنَّا عِلْمًا

*«Мо ба он банда аз назди худамон илм додем.» (Сураи Каҳф, ояти 65*) Яъне ӯ илмашро аз як башар наомӯхта, аз дарун ва ботинаш илме ҷӯшондаем. (Калимаи «*илми ладуннӣ*» аз ҳамин оят иқтибос шудааст.)

Ҳофиз бо он забони рамзии ширини худ ҳамин ҳадисро маънӣ мекунад, мегӯяд:

*Саҳаргаҳ раҳраве дар сарзамине*

*Ҳамегуфт ин муаммо бо қарине,*

*Ки эй сӯфӣ шароб онгаҳ шавад соф,*

*Ки дар шиша бимонад арбаъине.*

Боз Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармуд:

لولا أن الشياطين يحومون حول قلوب بني آدم لنظروا الى ملكوت السموات

*«Агар на ин аст, ки шаётин гирди дилҳои фаразандони Одам ҳаракат мекунанд ва ғубору торикӣ эҷод мекунанд, Банӣ Одам метавонист бо чашми дил малакутро мушоҳида кунад.» (Мҳаҷҷатул-байзо, 2/125*)

Ин ҳадисе аст, ки дар бархе китобҳои худи мо мисли «*Ҷомеъус-саъодот*» омадааст. Ҳамчунин фармуд:

**لولا تكثير في كلامكم وتمريج في قلوبكم لرأيتم ما أري ولسمعتم ما أسمع**

«*Агар набуд пурҳарфиҳо ва ҳарфҳои изофии шумо, ва агар набуд тамриҷ*[1] *дар дили шумо (ки дилатон ҳолати чаманро дорад ва ҳар ҳайвоне дар он мечарад), метавонистед он чиро, ки ман мебинам бибинед, ва садоҳоеро, ки ман мешунавам бишнавед.*»

Яъне лозим нест одам пайғамбар бошад, то битавонад ин чизҳоро бибинад ва ё бишнавад; гоҳе ғайри пайғамбар ҳам инҳоро мешунавад, мисли Марям, ки мешунид.

Алӣ (Алайҳис салом) кӯдаки даҳсолае буд, ки дар кӯҳи Ҳиро ҳамроҳи Пайғамбар буд. Аввалин боре, ки ваҳй бар Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) нозил шуд ва олам барои Пайғамбар дигаргун шуд, Алӣ (Алайҳис салом) ҳамон садоҳоеро, ки Пайғамбар аз ғайб ва малакут мешунид, мешунид. Худи Алӣ (Алайҳис салом) дар "*Наҳҷул-балоға*" нақл мекунад, мегӯяд:

**ولقد سمعت رنّة الشيطان حين نزل الوحي عليه**

«*Садои нолаи шайтонро барои аввалин бор, ки ваҳй нозил шуд, шунидам.*» Ба Пайғамбар арз кардам:

**يا رسول الله، ما هذه الرنّة**

«*Ин садои нола чист?*» Паёмбар фармуд:

**إنك تسمع ما أسمع وترى ما أرى**

«*Он чи ман мешунавам, ту мешунавӣ, ва он чи ман мебинам, ту мебинӣ…*»

**الاّ أنك ليت بنبيّ**

«*Вале дар айни ҳол, ту пайғамбар нестӣ.*» (*Наҳҷул-балоға, хутбаи 190*)

Бинобар ин, тасфияи нафс, ихлос, дур кардани ҳавову ҳавас на танҳо асараш ин аст, ки қалби инсонро соф мекунад, балки асари бештар ва болотаре дорад, ва он ин аст, ки илму ҳикмат аз даруни инсон меҷӯшад.

---

[1] "Мараҷ" яъне чаман.

## Суъуду нузули руҳ

Дар «*Биҳор*» ҳадисе нақл мекунад: асҳоби Расули Акрам, ки мардони мӯъмине буданд, ҳолате дар худ диданд. Дағдаға дар онҳо пайдо шуд, ки накунад, мо мунофиқ бошем ва худамон намедонем. Ба Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) арз карданд:

**يا رسول الله، نخاف علينا النفاق**

«*Мо метарсем мунофиқ бошем.*» Фармуд: чаро? Арз карданд: барои ин ки вақте дар маҳзари мубораки шумо менишинем ва шумо сӯҳбат мекунед, мавъиза мекунед, аз Худо мегӯед, аз қиёмат мегӯед, роҷеъ ба гуноҳон ва тавба ва истиғфор сухан мегӯед, як ҳоли бисёр хуше пайдо мекунем, вале баъд, ки аз ҳузури шумо мураххас мешавем ва —

**شممنا الاولاد ورأينا العيال والأهل**

— муддате бо зану баччаамон менишинем (таъбири худашон ин аст, ки баччаҳоямонро бӯ мекунем), мебинем, ки ҳоламон баргашт, боз ҳамон одами аввал шудем. Эй Расули Худо! Оё ин нифоқ нест? Накунад нифоқ бошад ва мо мунофиқ бошем!

Фармуд: на, ин нифоқ нест. Нифоқ дӯруӣ аст, ин “дуҳолатӣ” аст. Инсон гоҳе руҳаш авҷ мегирад ва боло меравад, ва гоҳе руҳаш поин меояд. Албатта шумо вақте пеши ман ҳастед ва ин ҳарфҳоро мешунавед, қаҳран чунин ҳолате пайдо мекунед. Баъд ин ҷумларо фармуд:

**لو تدومون على الحالة التي وصفتم أنفسكم بها لصافحتكم الملائكة ومشيتم على الماء**

Агар ба он ҳолате, ки пеши ман ҳастед боқӣ бимонед ва аз он ҳол хориҷ нашавед, мебинед малоика меоянд ва бо шумо мусофаҳа мекунанд ва шумо бар рӯи об метавонед роҳ биравед бидуни ин ки фурӯ биравед. Он ҳолат, ҳолате нест, ки барои шумо ҳамеша боқӣ бимонад. Агар он ҳолат бароятон ба сурати як малака боқӣ бимонад, ба ин мақомҳо мерасед.

Ба назари ман, ин қитъаи маъруфи Саъдӣ тарҷумаи ҳамин ҳадис аст,[1] вале ба сурати дигаре матлабро аз забони Яъқуб (а) мегӯяд:

---

[1] Оқоён таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки адабиёти ирфонии мо имрӯз дар дунё ҷузъи шоҳкорҳои адабии дунёст ва ҳар чи дорад, аз ислом дорад. Навкарҳои истеъмор ҳар чи мехоҳанд бинависанд,

*Яке пурсид аз он гумкарда фаразанд,*

*Ки эй равшангуҳар, пири хирадманд.*

*Зи Мисраш бӯйи пероҳан шунидӣ,*

*Чаро дар чоҳи Канъонаш надидӣ*?

Юсуф дар Миср худро ба бародаронаш муаррифӣ кард ва пероҳанашро ба онҳо дод ва гуфт, инро бибаред. Инҳо ҳанӯз наомада буданд, ки Яъқуб гуфт:

**إِنِّي لَأَجِدُ رِيحَ يُوسُفَ لَوْلاَ أَن تُفَنِّدُونِ**

Бӯи Юсуфро эҳсос мекунам, агар нагӯед ин шахс пиру хирифт шудааст. (*Сураи Юсуф, ояти 94*) Саъдӣ аз забони фарде хитоб ба Яъқуб мегӯяд: ту чӣ тавр бӯи пероҳани Юсуфро аз Миср эҳсос мекунӣ, дар ҳоле, ки қаблан ӯ худаш дар чоҳи Канъон дар деҳи худатон буд, вале ӯро эҳсос намекардӣ? (Чаро дар чоҳи Канъонаш надидӣ?)

*Бигуфт: аҳволи мо барқи ҷаҳон аст,*

*Даме пайдову дигар дам ниҳон аст.*

*Гаҳе бар торами аъло нишинем,*

*Гаҳе бар пушти пойи худ набинем.*

Ҳоли мо мисли барқе ҷаҳанда аст, як лаҳза меҷаҳад ва лаҳзае дигар хомӯш аст. Ба қавли Ҳофиз:

*Барқе аз манзили Лайлӣ бидурахшид саҳар,*

*Ваҳ, ки бо хирмани Маҷнуни дилафгор чӣ кард*!

То ин ҷо дунболаи суоле аст, ки аз Яъқуб шуда ва ӯ ҳам ҷавоб додааст. Баъд мегӯяд:

*Агар дарвеш дар ҳоле бимондӣ,*

*Сару даст аз ду олам барфишондӣ.*

Агар ориф дар ҳоле, ки барояш рух медиҳад боқӣ бимонад, аз ду олам болотар меравад.

---

бинависанд. Ҳар чи лутф дар Мавлавӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ ва Носири Хусрав ва амсоли инҳо ҳаст, аз ислом аст. Худи Ҳофиз тасреҳ мекунад, ки ҳар чи дорам, аз давлати Қуръон дорам.

## Сулуки инсони комил

Ҳол барои таъйиди ҳамаи инҳо, қисматеро аз “*Наҳҷул-балоға*” барои шумо мехонам. Дар ин ҷаласот мукаррар гуфтаем, ки “*Наҳҷул-балоға*” мисли худи Алӣ (Алайҳис салом) аст. Каломи инсон мисли худи ӯст, чун калом таназзули руҳи инсон аст, таҷаллии руҳи инсон аст. Як руҳи паст каломаш паст аст, ва як руҳи олӣ каломаш олӣ аст. Як руҳи якбуъдӣ каломаш якбуъдӣ аст, ва як руҳи чандбуъдӣ каломаш ҳам чандбуъдӣ аст.

Алӣ (Алайҳис салом) як шахсияти ҷомеъулаздод аст, каломаш ҳам ҷомеъулаздод аст. Дар каломаш ирфон ҳаст дар авҷи ирфон, фалсафа ҳаст дар авҷи фалсафа, озодихоҳӣ ҳаст дар авҷи озодихоҳӣ, ҳамоса ҳаст дар авҷи ҳамоса, ахлоқ ҳаст дар авҷи ахлоқ. “*Наҳҷул-балоға*” мисли худи Алӣ, ҷомеъ аст. Дар яке аз ҷумалоташ мефармояд:

**قَدْ أَحْيَا عَقْلَهُ وَأَمَاتَ نَفْسَهُ**

Вазъи як соликро баён мекунад, ки ақли худро зинда кардааст ва нафси худро мирондааст…

**حَتَّى دَقَّ جَلِيلُهُ وَلَطُفَ غَلِيظُهُ**

То он ҷо, ки ин муроқибату риёзати шаръӣ нозукаш карда ва ин гӯштҳоро то андозае аз таниш зудудааст; ғилзати руҳашро табдил ба лутф карда ва руҳаш рақиқ шудааст….

**وَبَرَقَ لَهُ لَامِعٌ كَثِيرُ الْبَرْقِ**

Дар он ҳолат якмартиба як барқе аз дарун дар ӯ меҷаҳад…

**فَأَبَانَ لَهُ الطَّرِيقَ**

Роҳро барояш равшан мекунад…

**وَسَلَكَ بِهِ السَّبِيلَ وَتَدَافَعَتْهُ الْأَبْوَابُ إِلَى بَابِ السَّلَامَةِ**

Аз ин дар ба он дар ва аз ин манзил ба он манзил меравад, то ба охирин манзил, ки манзили саодат аст ва ниҳояти роҳи ӯст, мерасад. (*Наҳҷул-балоға, хутбаи 218*)

Бинобар ин, дар бораи инсони комил то ин ҳудуд, ки инсони комил бояд инсоне бошад, ки таҳзибу тазкияи нафс карда бошад, ислом мегӯяд бале, ҳамин тавр аст.

Масъалаи болотар ин ки: оё инсони комили ислом, инсони солик аст? Инсоне аст, ки марҳила ба марҳила ва қадам ба қадам пеш рафта? Инсоне аст, ки сайру сулук карда ва манзил ба манзил ҷилав рафта? Бале. Алӣ (Алайҳис салом) мегӯяд:

**وَتَدَافَعَتْهُ الْأَبْوَابُ إِلَى بَابِ السَّلَامَةِ**

Аз ин дар ба он дар меравад ва дари дигаре ба рӯи ӯ боз мешавад ва манзили дигареро пушти сар мегузорд, то ба даре мерасад, ки ба он “бобуссалома” мегӯянд. Ба он ҷо, ки бирасад, ба ниҳояти роҳ расидааст.

Оё “қурб ба Ҳақ” дуруст аст? Бидуни шак. Мусаллам аст, ки инсон агар ба он ҷо бирасад, байни ӯ ва Худо ҳиҷобе нест ва Худоро бо дидаи дил мебинад. Ӯ дигар мисли мо нест, ки лозим бошад барояш ин тавр истидлол кунанд: ба осмон нигоҳ кунед, то Худоро кашф кунед, ба замин нигоҳ кунед, то Худоро кашф кунед, ба барги дарахт нигоҳ кунед, то Худоро кашф кунед. Худо барои ӯ аз ин барги дарахту ин замину осмон равшантар аст.

Магар Имом Ҳусайн (Алайҳис салом) ҳамин матлабро нафармудааст:

**أيكون لغيرك من الظهور ما ليس لك**

(*Оё барои ғайри ту зуҳуре аст, ки барои ту нест?*)

Шахсе аз Алӣ (Алайҳис салом) пурсид: оё Худоро дидаӣ? Фармуд: ман аслан Худоеро, ки надида бошам, ибодат накардаам! Баъд барои ин ки ӯ хаёл накунад, манзур дидани Худо бо чашм аст, ки Худо дар як ҷое қарор гирифта бошад, фармуд:

**لا تراه العيون بمشاهدة العيان ولكن تدركه القلوب بحقائق الايمان**

Бо чашми сар ӯро надидаам, вале бо чашми дил дидаам, шуҳудаш кардаам.

# Бархе ишколоти мактаби ирфон

## 1) Таҳқири ақл:

То ин миқдор (ки дар бахши пешин овардем), мешавад барои "инсони комил"-и урафо аз ислом таъйид овард. Аммо дар мактаби ирфон як чизҳое таҳқир шудааст, ки ислом бо он таҳқирҳо мувофиқ нест ва ба ҳамин далел инсони комили ирфон, инсони нимакомил аст.[1] Дар ирфон хеле илму ақл таҳқир шудааст; дар ҳоле, ки ислом дар айни ин ки дилро қабул дорад, ақлро ҳам таҳқир намекунад. Дар айни ин ки дилро қабул дорад, ишқу сайру сулукро қабул дорад, ҳаргиз ҳозир нест ақлу фикру истидлолу мантиқро таҳқир кунад; барои ақлу фикру истидлолу таъаққул ниҳояти эҳтиромро қоил аст. Ин аст, ки дар давраҳои исломӣ ва ба хусус дар давраҳои мутааххир, гурӯҳе пайдо шуданд, ки барои дилу ақл, ҳар ду эҳтиром қоил шуданд. Шайх Шаҳобуддин Сӯҳравардӣ (Шайхи Ишроқ) тақрибан роҳаш ҳамин аст ва Садрулмутааллиҳини Шерозӣ (Мулло Садро) аз ӯ бештар, мехоҳад роҳи ақлу роҳи дил ҳар дуро ба пайравӣ аз Қуръон мӯҳтарам бишуморад; намехоҳад мисли Бӯалӣ масалан роҳи дилро таҳқир кунад,[2] ва намехоҳад монанди баъзе аз урафо ва мутасаввифа роҳи ақлро таҳқир кунад, мехоҳад ҳар ду роҳро мӯҳтарам бишуморад.

Пас, он ҷанбаҳое, ки илму ақл дар ирфон ё лоақал дар суханони баъзе аз урафо таҳқир мешавад, мавриди таъйиди ислом нест. Инсони комили Қуръон инсоне аст, ки камоли ақлӣ ҳам пайдо кардааст, камоли ақлӣ ҳам ҷузъи камолоти ӯст.

## 2) Дарунгароии мутлақ:

Масъалаи дигаре, ки дар инсони комили ирфон вуҷуд дорад ва ислом онро таъйид намекунад, ин аст, ки дар ирфон фақат дарунгароӣ матраҳ аст, яъне бурунгароӣ хеле таҳтушшуъо қарор гирифтааст; ҷанбаи фардӣ дар он зиёд аст ва ҷанбаи иҷтимоӣ маҳв

---

[1] Албатта мумкин аст баъзе урафо мантиқашонро ба ислом хеле наздик карда бошанд. Мо роҷеъ ба он баҳсе надорем.

[2] Албатта Бӯалӣ дар авохир, аз ин назари худаш баргашт.

шуда ё бигӯем камранг шудааст. Инсони комили ирфон инсони иҷтимоӣ нест, инсоне аст, ки фақат сар дар гиребони худаш дораду бас. Вале ислом зимни он ки ҳамаи он чиро, ки дар мавриди дилу ишқу сайру сулуку илми ифозӣ ва илми маънавӣ ва таҳзиби нафс гуфта мешавад таъйид мекунад, инсони комилаш инсони ҷомеъ аст, бурунгаро ҳам ҳаст, ҷомеагаро ҳам ҳаст, ҳамеша сар дар гиребони худаш фурӯ набурдааст. Агар шаб сар дар гиребони худ фурӯ мебарад ва дунё ва мофиҳоро фаромӯш мекунад, рӯз дар матни ҷомеа қарор гирифтааст…

Худи Қуръон ҳам инҳоро бо якдигар ҷамъ мекунад:

**التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدونَ**

*«(Он мӯъминон) ҳамон тавбакунандагони парастандагони сипосгузорони рӯзадорони рукӯъкунандагони саҷдакунандагон…»*

Инҳо ҳама, он ҷанбаҳои дарунӣ аст. Баъд мефармояд:

**الآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنكَرِ**

«… *водоркунандагон ба корҳои писандида, боздорандагон аз корҳои нописанд…*» (*Сураи Тавба, ояти 112*) Фавран вориди ҷанбаҳои ҷомеагароии онҳо мешавад: онҳо муслиҳони ҷомеаи худ ҳастанд. Ё дар он ояти карима мефармояд:

**مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاء عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاء بَيْنَهُمْ**

«*Муҳаммад (с) паёмбари Худост, ва касоне, ки бо ӯянд, бар кофирон сахтгир (ва) бо ҳамдигар меҳрубонанд…*» Дар ин ҷо аввал ҷанбаи ҷомеагароиро мегӯяд: паёмбар ва ҳамроҳонаш «*бар кофирон сахтгир (ва) бо ҳамдигар меҳрубонанд*» дар муқобили пӯшандагони ҳаққу ҳақиқат ва касоне, ки бо ҳақиқат инод меварзанд, босалобат ва муҳкам ва монанди девори руйин ҳастанд ва нисбат ба аҳли имон якпорча муҳаббат, меҳрубонӣ, хайру раҳмат. Баъд мефармояд:

**تَرَاهُمْ رُكَّعًا سُجَّدًا**

«… *онoнро дар рукӯъу суҷуд мебинӣ…*» (яъне) ҳамин ҷомеагароҳоро дар ҳоли рукӯъу суҷуд мебинӣ.

**يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ اللَّهِ وَرِضْوَانًا**

«… *фазлу хушнудии Худоро хостоpанд…*» Аз Худои худ фузунӣ мехоҳанд ва ба он чи доранд қонеъ нестанд ва ризои Ҳақро мехоҳанд. Яъне афроде нестанд, ки барои худ дунё ё охиратро бихоҳанд, барои онҳо ризои Ҳақ аз ҳар чизе бартару болотар аст.

**سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِم مِّنْ أَثَرِ السُّجُودِ**

«… *аломати онон бар асари суҷуд, дар чеҳраҳояшон аст…*» (*Сураи Фатҳ, ояти 29*) Дар чеҳраи онҳо осори ибодат ва осори суҷудро мебинӣ.

Ин як нуқтаи заъфи дигаре аст, ки дар инсони комили тасаввуф дида мешавад. Албатта бисёре аз пешравони ирфон чун шадидан таҳти таъсири таълимоти исломӣ будаанд, мутаваҷҷеҳи ин нукта будаанд ва дар калимоти худ ба ин нукта ишора кардаанд. Аммо ба ҳар ҳол, гоҳе каму беш ин ифрот пайдо шудааст. Яъне дарунгароӣ ба ҳадде расида, ки дигар бурунгароӣ нафй шудааст. Ислом ин ҷиҳатро таъйид намекунад.

## 3) Нафскушӣ:

Як ҷиҳати дигар дар ин мактаб матраҳ аст ва он марбут ба нафскушӣ аст. Мо дар таъбироти исломӣ калимаи "нафскушӣ" надорем. Яке ду ҷо таъбири «амота нафсаҳу» (нафсашро кушта) дорем, ки яке дар "*Наҳҷул-балоға*" аст — ки бароятон хондам — ва таъбири:

**موتوا قبل أن تموتوا**

(*Бимиред пеш он ки бимиред*) дорем. Маъмулан дар таъбироти исломӣ сӯҳбат аз таҳзибу ислоҳи нафс аст.

Дар таъбироти шуаро масъалаи нафскушӣ ва нафс куштан зиёд омадааст. Ҳол мо бо таъбир чандон мухолифате надорем, вале дар бораи масъалаи нафскушӣ ва ба иборати дигар, худро дарҳам шикастан, худро кӯбидан, яъне худбин набудан ва худписанд ва худхоҳ набудан, дар ирфони мо тавре сухан гуфта шудааст, ки ғолибан як нуктаи бисёр асосӣ, ки дар ислом аз он ба "кароматi нафс" таъбир мекунем, мавриди ғафлат воқеъ шудааст. Ин баҳс андаке муфассалтар аст.

Ҳамон тавр, ки дар ибтидои суханам арз кардам, чун ирфон ширин аст ва урафо бо забони адаб, насру назм муддаои худашонро хеле гуфтаанд ва пахш кардаанд, инсони комили урафо дар сарнавишти ҷомеаи мо хеле асар дорад. Яъне, мо бештар инсони воло ва инсони мутаъолиро ҳамон медонем, ки урафо муаррифӣ кардаанд. Аз ин ҷиҳат лозим аст миқдоре бештар дар бораи инсони мутаъолие, ки урафо муаррифӣ кардаанд баҳс кунем. Матлаби охирӣ, ки унвон кардам, фақат барои ин буд, ки арз карда бошам ин ҳам як нуқтаи заъфи дигаре аст.

Иншоаллоҳ дар ҷаласаи баъд дар бораи ин матлаб ва баъзе аз қисматҳои дигар сӯҳбат хоҳам кард.

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم**

# НАҚДУ БАРРАСИИ МАКТАБИ ИРФОН (1)

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا مِن قَبْلُ لَفِي ضَلَالٍ مُّبِينٍ

(*Сураи Ҷумъа, ояти 2*)

Баҳсҳои мо дар ин ҷаласот, дар воқеъ талошу кӯшише барои шинохти инсони комил аз назари ислом аст. Гуфтем, ки инсон, танҳо мавҷудест, ки худаш аз худаш тафкикпазир аст. Яъне мо наметавонем санге дошта бошем, ки хислати сангӣ надошта бошад, ё гурбае дошта бошем фоқиди гурбагӣ, ё саге дошта бошем фоқиди сагӣ, ё паланге фоқиди хислати палангӣ; ҳар паланге дар дунё он хислатҳоеро, ки "палангӣ" меномем, ба ҳукми ғариза дорост. Вале ин инсон аст, ки инсон будани худашро надорад ва бояд онро таҳсил кунад. Ҳамчунин гуфтем, инсон будани инсон аслан марбут ба ҷанбаҳои зистӣ ва ба истилоҳ, биулужик нест. Яъне, он чи ки ба номи инсоният ва ё одамият дар забони қадим номида мешавад, ғайр аз вежагиҳои зистии инсон аст.

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*

*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*

Иҷмолан ҳама медонанд ба сирфи ин ки як мавҷуд, як инсони зистӣ яъне як инсон аз назари илмулҳаёт ва пизишкӣ бошад, кофӣ нест, ки мо онро инсон биномем. "Одам шудан" худаш чизи дигаре аст. Ҳар кас, ки аз модар мутаваллид мешавад, ба ин маъно одам нест, то он ҷо, ки гуфтаанд:

*Мулло шудан чӣ осон, одам шудан чӣ мушкил!*

Яъне ҳамон тавр, ки инсон вақте ба дунё меояд, олими билқувва аст, на олими билфеъл, ҳамчунин одами билқувва аст, на одами билфеъл.

Вақте масъала ба ин марҳила мерасад, ба ин шакл тарҳ мешавад, ки он одам шудан ва инсоният, ки ҳар касе бояд одам ва инсон шавад чист? Ин инсониятро як зистшинос наметавонад ба мо нишон диҳад ва як пизишк ҳам наметавонад онро ба мо муаррифӣ кунад. Инсоният амрест, ки ҳатто моддитарин мактабҳои олам ҳам онро инкор

намекунанд, вале дар айни ҳол бо меъёрҳои моддӣ ҳам намешавад онро шинохт, ва аз ин рӯ гуфтем, ки инсон, худаш барои худаш дарвозаи маънавият аст. Яке аз дарвозаҳо, ки инсон метавонад аз вуҷуди худаш ба олами маъно пай бибарад ва бифаҳмад, ки ғайр аз масоили моддӣ чизҳои дигаре ҳам ҳаст[1] инсоният аст, ки амре варои зистшиносӣ аст. Моддитарини моддиҳои олам ҳам қоил ба як чизҳое аст, ки исмашро “арзишҳои инсонӣ” мегузорад. Вақте мегӯяд, арзишҳои инсонӣ, яъне умури инсонии ғайримоддӣ.

Мо мехоҳем арзишҳои асили инсониро бар мабнои ислом бишносем. Яъне мехоҳем бифаҳмем ислом арзишҳои асили инсониро чӣ чиз медонад. Мо то мактабҳои мухталифро тарҳ ва сипас нақд накунем, наметавонем назари исломро бишносем. Манзур аз нақд, нақд ба маънии воқеӣ аст, ки ба маънии эрод гирифтан нест. Нақд ба маънии воқеӣ монанди амали сарроф аст, яъне он коре, ки сарроф бо як сикка анҷом медиҳад. Ӯ сиккаро ба маҳак мегузорад ва аёрашро ба даст меоварад; мехоҳад бифаҳмад чанд дарсади як сикка тилои холис ё нуқраи холис аст ва чӣ қадр махлут дорад. Бинобар ин, на ин аст, ки нақд кардан ҳамааш рад кардан бошад. Нақд кардан яъне ин ки бибинем, ки бо меъёрҳо ва маҳакҳои исломӣ, он сиккаҳо чӣ аз об дармеоянд. Сиккаеро фалосифа арза доштаанд, сиккаеро урафо арза доштаанд ва сиккаҳоеро мактабҳои дигар. Мо инҳоро як-як тарҳ мекунем, ва то сиккаҳои дигаронро дақиқан баррасӣ накунем, наметавонем сиккаи исломиро бишносем, ки он сиккае, ки ислом тарҳ ва пешниҳод мекунад, чӣ гуна сиккае аст, вагарна агар инҳоро тарҳ накунем ва ман аз пеши худ бигӯям, ки арзишҳои асили инсонӣ иборат аз фалон чизҳост, мутмаин ҳастам як нафар ҳам нест, ки бигӯяд, хайр, як чизи дигар ҳам дар ин ҷо ҳаст ва ё бигӯяд, чаро ин як арзиш аст ва дигаре як арзиш нест? Вале вақте, ки мактабҳои дигарро тарҳ мекунем ва ба маънои воқеӣ нақд мекунем яъне дар маҳаки исломӣ мегузорем, он вақт метавонем хеле мантиқӣ ва мустадал бигӯем, ки арзишҳои исломӣ дар боби инсон ва арзишҳои инсоние, ки ислом барои онҳо воқеан арзиш қоил аст чист, ва ҳатто метавонем дарсади ҳар якро баён кунем. Яъне агар маҷмӯаи арзишҳоро сад ҳисоб кунем, рӯи ҳассосиятҳое, ки худи ислом дар ин заминаҳо нишон додааст, метавонем бигӯем

---

[1] Ҳаст, вале маҳсусу малмус нест ва дар лоборотур намешавад онро пайдо кард ва ҳамаи мардуми дунё ҳам онро қабул доранд.

фалон арзиш масалан панҷоҳ дарсади арзишҳои инсониро ташкил додааст ва дигаре сӣ дарсад ва севвуме даҳ дарсад.[1]

## Таҳқири ақл тавассути бархе урафо

Баҳси мо дар ҷаласаи гузашта дар бораи сиккаи ирфон яъне инсони комил дар сиккаи ирфонӣ буд. Инсони комили мактаби ирфон, ҳатто инсони комили ирфони исломӣ, ки бо ирфонҳои дигар хеле мутафовит аст ва заминаҳои исломӣ дар он хеле зиёд аст ва "инсони комил"-и бисёре аз урафоро мешавад гуфт, ки хеле ба инсони комили ислом наздик аст, дар айни ҳол, ба назари мо қобили нақд аст. Ман эътироф дорам, ки мактаби ирфон аз тамоми мактабҳои қадиму ҷадид, дар боби инсони комил ғанитар аст. На қадимиҳо тавонистаанд ба пояи инҳо бирасанд ва на имрӯзиҳо. Вале чунонки арз кардам, мактабе ғайриқобили нақд нест.

Дар ҷаласаи гузашта, се нақд[2] бар инсони комили ирфонӣ зикр кардем. Яке ин буд, ки гуфтем, урафо беш аз андоза ақлро таҳқир кардаанд ва гоҳе — на хеле — то ҳадди беэътибор будани ақл ҳам ҷилав рафтаанд.

Дар ин ки мақоми ишқро аз мақоми ақл болотар бурдаанд, шакке нест. Ба қавли Ҳофиз: «*Ҷаноби ишқро даргаҳ басе болотар аз ақл аст*." Вале дар марҳилаи таҳқири ақл гоҳе то ҳадди ифрот ҳам ҷилав рафтаанд. Яъне асосан тафаккуру таъаққулу мантиқу истидлолу бурҳонро сахт беэътибор муаррифӣ кардаанд, то он ҷо, ки онро "ҳиҷоби акбар" ҳам номидаанд, ва гоҳе дар ҳайрат фурӯ рафтаанд агар дидаанд ҳакиме ба ҷое расидааст.

Дар ин замина, достони маъруфе аст, ки дар китобҳо навиштаанд. Бӯалӣ Сино, ин ҳакими бисёр бузурги машшоӣ ва ақлӣ, бо як орифи бисёр муҳим ва бузург яъне Абӯсаъиди Абулхайр муосир будааст. Бӯалӣ дар ҳамон зодгоҳаш яъне навоҳии Мовароуннаҳр ва Балху Бухоро буд, вале баъд, аз тарси Султон Маҳмуд маҷбур шуд фирор кунад, чун Султон Маҳмуд мехост ӯро ба даргоҳи худ бибарад ва Бӯалӣ намехост биравад.

---

[1] Баъзе шитоб доранд, мегӯянд зудтар бигӯед арзишҳои асили исломӣ чист, то мо онҳоро бифаҳмем. Агар мо акнун онҳоро бигӯем, дар он вақт аст, ки шумо чизи дурусте нафаҳмидаед. Пас бигузоред мактабҳои дигарро ба маънии воқеӣ нақд кунем.

[2] Ин нақдҳо моли ман нест. Ман бо меъёри ислом дорам нақд мекунам. Дар воқеъ ислом аст, ки дорад нақд мекунад.

Бӯалӣ ба Нишопур омад ва дар он ҷо бо Абӯсаъиди Абулхайр мулоқот кард. Навиштаанд, ин ду се шабонарӯз бо якдигар хилват карданд ва ҳарфҳояшонро бо якдигар мезаданд ва ҷуз барои намози ҷамоат берун намеомаданд. Баъд, ки аз ҳам ҷудо шуданд, аз Бӯалӣ пурсиданд:

— Бӯсаъидро чӣ гуна дидӣ?

Гуфт:

— Он чи мо медонем, ӯ мебинад.

Аз Бӯсаъид пурсиданд:

— Бӯалиро чӣ гуна дидӣ?

Гуфт:

— Ҳар ҷо, ки мо рафтем, ин кӯр бо асои худаш дунболи мо омад.[1]

Урафо беш аз андоза ақлро таҳқир кардаанд. Ҳарфи ман ин аст: мо агар мантиқи Қуръонро дар як тараф ва мантиқи ирфонро дар боби ақл дар тарафи дигар бигузорем, инҳо бо якдигар хуб намехонанд. Қуръон хеле бештар аз ирфон барои ақл эҳтирому арзиш қоил аст ва рӯи ақлу тафаккур ва ҳатто истидлолҳои холиси ақлӣ такя кардааст.

Тамоми урафо аъам аз шиъа ва суннӣ силсилаи худро мунтаҳӣ ба Алӣ (а) мекунанд… Алӣ (а), ки урафо ӯро қутбулорифин медонанд, дар "*Наҳҷул-балога*" он муххи ирфон — ки ба қавли Ибни Абилҳадид, гоҳе он чиро, ки урафо дар ҳамаи китобҳо гуфтаанд дар чаҳор сатр баён кардааст — якҷо ончунон файласуф мешавад ва истидлолоти ақлии файласуфона мекунад, ки ҳеч файласуфе ба гардаш намерасад. Яъне Алӣ (а) ҳаргиз ақлро таҳқир намекунад.

Бинобар ин, инсони комили ислом бо инсони комили ирфон дар ин ҷиҳат фарқ мекунад. Ақл дар инсони комили ислом рушду нумӯ карда ва дар камоли эҳтиром аст, дар сурате, ки дар инсони комили ирфон, ақл таҳқир мешавад.

Масъалаи дигар "ҷомеагароӣ" буд, ки инро ҳам дар ҷаласаи гузашта арз кардам.

---

[1] Яъне, ҳар чи мо ёфтаем ва расидаем, ӯ медонад.

## Рӯгардонӣ аз табиат

Дар ин ҷаласа, як матлаби дигарро арз мекунам, ва он ин аст, ки ирфон мантиқаш ин аст: “*Аз худ биталаб*[1] *ҳар он чи хоҳӣ, ки туӣ*.” Ирфон мактабе дарунгарост. Дар ин мактаб, дил аз ҷаҳон бузургтар аст. Яъне агар тамоми оламро як тараф ва он чиро, ки онҳо “*дил*”[2] мегӯянд, тарафи дигар бигузорем, дил аз ҳамаи олам бузургтар аст. Онҳо ба олам инсони сағир, ва ба дил инсони кабир мегӯянд, ва чун ҷаҳону дилро яке медонанд ба ин маъно, ки ду нусхаи мухталиф аз ду олами мутатобиқ ҳастанд, ҷаҳонро “олами сағир” ва дилро “олами кабир” меноманд. На ин ки бигӯянд, инсон олами сағир аст ва ин олам олами кабир, балки мегӯянд, ин олам — ки мо онро олами кабир мегӯем — олами сағир аст ва инсон олами кабир. Ва олам инсони сағир аст, ва инсони кабир ҳамон аст, ки дар даруни ту вуҷуд дорад. Бибинед, Мавлавӣ чӣ мегӯяд:

*Чист андар хум, ки андар наҳр нест?*

*Чист андар хона к-андар шаҳр нест?*

Оё мешавад чизе дар хона бошад, вале дар шаҳр набошад? На. Чун хона худаш ҷузъи шаҳр аст. Ҳар чи дар хона аст, намунае аст аз он чи ки дар шаҳр аст. Оё мешавад чизе дар хуми об бошад, ки дар наҳр набошад? Он чи дар хум аст, қисмати кучаке аст аз он чи ки дар наҳр аст.

*Ин ҷаҳон хумм асту дил чун ҷӯйи об,*

*Ин ҷаҳон ҳуҷрасту дил шаҳри ъуҷоб.*

Намегӯяд, ин дил хум аст ва ҷаҳон чун ҷӯйи об. Мегӯяд: ин ҷаҳон хум аст ва дил чун ҷӯйи об. Ин чӣ қадр инсонро аз берун мунсариф мекунад! Инсон суроғи хона меравад ё суроғи шаҳр? Маълум аст вақте ҳар чи дар хона аст, дар шаҳр ҳам ҳаст, инсон суроғи шаҳр меравад. Оё инсон суроғи хум ва як зарфи кучак меравад ё суроғи ҷӯйи об? Маълум аст, ки суроғи ҷӯйи об меравад, на суроғи як зарфи кучак ва як хум.

---

[1] “Аз худ биталаб” яъне аз дил биталаб, аз дарун биталаб.

[2] Диле, ки онҳо мегӯянд яъне ҳамон руҳи илоҳие, ки дар ҳар инсоне дамида шудааст: «Ва нафахту фиҳӣ мин руҳӣ…»

Ирфон бар асоси бар дарунгароӣ ва дилгароӣ ва таваҷҷӯҳ ба ботин ва инсироф аз берун аст, ва ҳатто арзиши берунро ба унвони ин ки бишавад матлуби худ яъне Ҳақро аз ҷаҳони берун ба даст овард нафй мекунад. Мегӯяд, аз дарун бояд онро ба даст овард:

*Солҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард,*
*В-он чӣ худ дошт, зи бегона таманно мекард.*
*Гавҳаре, к-аз садафи кавну макон берун аст,*[1]
*Талаб аз гумшудагони лаби дарё мекард.*
*Мушкили хеш бари пири мугон бурдам дӯш,*
*К-ӯ ба таъйиди назар ҳалли муаммо мекард.*
*Дидамаш хурраму хандон, қадаҳи бода ба даст,*
*В-андар он ойина садгуна тамошо мекард.*
*Гуфтам: ин ҷоми ҷаҳонбин*[2] *ба ту кай дод ҳаким?*
*Гуфт: он рӯз, ки ин гунбади мино мекард.*
*Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд,*
*Ӯ намедидашу аз дур, Худоё мекард.*
*Ин ҳама шӯъбадаи хеш, ки мекард ин ҷо,*
*Сомирӣ пеши асову яди байзо мекард.*
*Гуфт он ёр к-аз ӯ гашт сари дор баланд,*
*Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард…*

Ирфон дар таваҷҷӯҳ ба дарун, ҳар чи бихоҳед ҷилав рафтааст.

## Тамсили Мавлавӣ

Мавлавӣ дар дафтари шашуми Маснавӣ достоне овардааст, ки албатта тамсил аст. Мегӯяд: марде буд толиби ганҷ, ки доиман аз Худо ганҷ мехост. Ин одам — ки аз ин танбалҳое буд, ки дилашон мехоҳад пояшон дар як ганҷе фурӯ равад ва баъд як умр роҳат зиндагӣ кунанд — мегуфт: Худоё! Ин ҳама одам дар ин дунё омадаанд ва ганҷҳо зери хок пинҳон кардаанд,

---

[1] Яъне Ҳақ, он ки дар замону макон намегунҷад.
[2] Яъне қалбу дили "валӣ", ки тамоми олам дар он мунъакис аст.

ин ҳама ганҷ дар зери замин мондааст ва соҳибонаш рафтаанд,[1] ту як ганҷ ба ман бинамоён. Муддатҳо кори ин мард ҳамин буд ва шабҳо то субҳ зорӣ мекард. То ин ки як шаб хоб дид. Ҳотифе дар олами хоб ба ӯ гуфт: аз Худо чӣ мехоҳӣ? Гуфт: ман аз Худо ганҷе мехоҳам. Ҳотиф гуфт: ман аз тарафи Худо маъмурам ганҷро ба ту нишон диҳам. Ман нишониҳое ба ту медиҳам ва аз рӯи он нишониҳо сари фалон теппа меравӣ ва тиру камоне бо худат бармедорӣ, рӯи фалон нуқта меистӣ ва тирро ба камон мекунӣ. Ин тир ҳар ҷо, ки афтод, ганҷ ҳамон ҷост. Бедор шуд, дид аҷаб хоби равшане аст. Пеши худ гуфт: агар нишониҳо дуруст буд, яъне чунин ҷое бо он нишонаҳо вуҷуд дошт, ҳатман метавонам ганҷро пайдо кунам. Вақте рафт, мутаваҷҷеҳ шуд ҳамаи нишонаҳо дуруст аст. Рӯи он нуқта истод. Фақат бояд тирро партоб кунад, тир ба ҳар ҷо, ки афтод, он ҷо ганҷ аст. Вале ёдаш омад, ки ҳотиф ба ӯ нагуфт тирро ба кадом тараф партоб кун. Гуфт: аввал ба як тараф, масалан рӯ ба қибла, партоб мекунам, иншоаллоҳ, ки ҳамон тараф аст. Тирро бардошт ба камон кард ва ба қувват кашид ва онро рӯ ба қибла партоб кард. Тир дар ҷое афтод. Белу кулангро бардошт ва рафт он ҷоро канад, вале ҳар чи канд, ба ганҷе нарасид. Гуфт: ҳатман ҷиҳатро иштибоҳ кардаам. Тирро ба тарафи дигаре партоб кард, вале боз ба натиҷа нарасид. Ба ҳар тарафе, ки партоб кард, ганҷе пайдо накард. Муддате кораш ин буд ва ин заминро сӯрох-сӯрох кард, вале ба чизе даст наёфт. Нороҳат шуд. Боз ба гӯшаи масҷид омад ва шурӯъ ба гила кардан кард: Худоё! Ин чӣ роҳнамоие буд, ки ба ман кардӣ?! Падари ман даромад ва ба натиҷа нарасидам. Муддатҳо зорӣ мекард, то билохира он ҳотиф дубора ба хобаш омад. Яқаашро гирифт, гуфт: ин чӣ муаррифие буд, ки ба ман кардӣ?! Ҳарфи ту ғалат аз кор даромад. Ҳотиф гуфт: магар ту чӣ кардӣ? Гуфт: ба ҳамон ҷо рафтам, нишониҳо дуруст буд ва ман нуқтаи мавриди назарро пайдо кардам. Тирро ба камон кардам ва аввал ба тарафи қибла ба қувват кашидам. Ҳотиф гуфт: ман кай чунин чизе ба ту гуфтам? Ту аз дастури ман тахаллуф кардӣ. Ман гуфтам, тирро ба камон бигузор, ҳар ҷо афтод ҳамон ҷо ганҷ аст, нагуфтам ба қувват бикаш. Гуфт: рост мегӯӣ. Фардо бо белу куланг ва тиру камон рафт,

---

[1] Дар қадим на исканос буду на бонк. Мардум сиккаҳои худро дар зери хок махфӣ мекарданд ва гоҳе аз тарси ин ки касе бифаҳмад, ба баччаҳо ва ворисонашон ҳам намегуфтанд. Қабл аз он ки сирри худро ба касе бигӯянд, ки масалан ман пулҳоро дар фалон ҷойи утоқам зери хок махфӣ кардаам, мемурданд ва ин ҳама пул зери хок мемонд.

тирро ба камон гузошт. То тирро раҳо кард, пеши пойи худаш афтод. Зери пояшро канд, дид ганҷ ҳамон ҷост. Муллои Румӣ ба ин ҷо, ки мерасад, мегӯяд:

*Он чи ҳақ аст, ақраб аз ҳаблулварид,*

*Ту фикандӣ тири фикратро баъид.*

*Эй камону тирҳо барсохта,*

*Сайд наздику ту дур андохта.*[1]

Дар ирфон рӯи ин заминаҳо: аз худ биталаб, дил шаҳри ъуҷоб аст, ҷаҳон хум асту дил чун ҷӯйи об, ҷаҳон хона асту дил шаҳр аст.. ва амсоли он фавқулъода такя шудааст. Яъне, ҷаҳони берун ва табиат хеле таҳқир шудааст. Дар мактаби ирфон, табиат ҳатто ба унвони як китоби кучак, камтар муаррифӣ мешавад (намегӯям, ҳеч муаррифӣ намешавад) ва ҳол он ки дар каломи мансуб ба Амирулмӯъминин, олам олами акбар аст ва инсон олами асғар:

**دواؤك فيك وما تبصر**

**وداؤك منك وما تشعر**

**وانت الكتاب المبين الذي**

**بأحرفه يظهر المضمر**

**أتزعم أنك جرم صغير**

**وفيك انطوى العالم الاكبر**

Ҳол, мо агар ин мантиқро бар мантиқи Қуръон ҳам арза бидорем, дар айни ин ки бисёре аз ҷиҳоти мусбат дар он вуҷуд дорад, вале аз ин ҷиҳат онро ланг мебинем, ки Қуръон ин

---

[1] Яке аз уламои ахир, ки аз фузало ва одами боҳолу мӯътақиде буд, мегуфт: ман ин достонро хонда будам ва маъниашро намедонистам. Аз марди воизе, ки завқи ирфонӣ дошт ва хеле ба Маснавӣ мусаллат буд пурсидам: Мулло дар ин достон чӣ мехоҳад бигӯяд? Ӯ дар ҷавоби ман як ҷумла бештар нагуфт, гуфт: «Ва фи анфусикум афало тубсирун.» Мехоҳад бигӯяд, ҳақ дар худи шумост.

қадр ба табиат беэътино нест, балки аз назари Қуръон оёти офоқу анфус дар канори якдигар аст:

سَنُرِيهِمْ آيَاتِنَا فِي الْآفَاقِ وَفِي أَنفُسِهِمْ حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ

*«Ба зудӣ нишонаҳои худро дар табиат ва дар ҷонҳои худашон ба онон бинамоем, то барояшон равшан шавад, ки ӯ (Худо ё Қуръон) ҳақ аст…»* (*Сураи Фуссилат, ояти 53*)

Албатта ман қабул дорам, ки олитарин ва шарифтарин маърифатҳо барои инсон, аз даруни худи инсон ба даст меояд, вале на ин аст, ки дигар табиат чизе набошад ва ояти ҳақ ва ойинаи Худо набошад ва фақат дил ойинаи Худо бошад; балки дил як ойинаи Худост ва табиат як ойинаи дигари Худо.

## Робитаи инсон бо табиат

Ин ҷо як нуктаи бисёр дақиқе вуҷуд дорад,[1] ва он ин ки: робитаи инсон бо табиат чӣ гуна робитае аст? Оё робитаи инсон бо табиат, робитаи як бегона бо бегона аст? Оё робитаи инсон бо табиат — ҳатто болотар аз робитаи бегона бо бегона — робитаи як зиндонӣ бо зиндон ва робитаи як мурғ бо қафас аст? Робитаи Юсуф бо чоҳи Канъон аст? Ин худаш масъалае аст.

Мумкин аст касе бигӯяд, асосан омадани инсон ба дунё, яъне дар қафас қарор гирифтани як мурғ, дар зиндон қарор гирифтани як озод, ба чоҳ афтодани як Юсуф. Пас, агар бино шавад табиат барои мо як зиндон ё чоҳ ё қафас бошад, робитаи инсон ва табиат дар ҳадди аъло “зидд” аст. Бинобар ин, талоши мо дар табиат чӣ гуна бояд бошад? Талош барои наҷот? Як мурғ бояд худро аз қафас наҷот диҳад ва кори дигаре ғайр аз ин надорад. Як зиндонӣ бо зиндон коре надорад ҷуз ин ки агар битавонад девори зиндонро хароб кунад ва

[1] Ман махсусан дар боби мактаби ирфон бештар баҳсамро идома медиҳам, зеро — чунонки арз кардам — мактаби ирфон бештар бо руҳҳои мо тамос доштааст, вале мактаби фалосифа моли худашон ва китобҳояшон буда ва байни мардум наомадааст. Мактаби ирфон ба воситаи завқу шӯру ҳарорате, ки дар он аст ва ҷазаба ва зебоӣ ва ҷамоле, ки дорад, дар тамоми хонаҳо нуфуз дорад. Мавлавӣ дар ҳамаи хонаҳо нуфуз дорад, Саъдӣ ва Ҳофиз дар ҳамаи хонаҳо нуфуз доранд. Ва аз ин рӯ ин мактаб бисёр хидмат карда ва аҳёнан агар инҳироф ва лағзише ҳам дар калимоти баъзе аз урафо бошад — ки ҳаст — он ҳам ба навбаи худ асари зиёде дорад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ман баҳси худро дар бораи мактаби ирфон нисбат ба мактаби фалсафа бештар баст медиҳам.

худашро аз он ҷо халос кунад. Юсуф дар он чоҳ интизоре надорад ҷуз ин ки мусофирине биёянд ва барои кашидани об, далве ба даруни чоҳ бифиристанд ва ӯ худашро ба ҷои об дар он далв биандозад ва вақте танобро боло бикашанд, як вақт бибинанд ба ҷои об, Юсуф аз чоҳ берун омадааст.
Оё Қуръон ва ислом, робитаи инсон бо табиатро робитаи зиндонӣ ва зиндон медонад? Робитаи Юсуф ва чоҳ медонад? Робитаи мурғ ва қафас медонад? Дар ирфон, рӯи ин матлаб хеле такя шудааст. Саноӣ мегӯяд: "*Қафас бишкан чу товусон, яке барпар бар ин боло*", ва дигаре мегӯяд: "*Эй Юсуфи Миср даро аз чоҳ…*"

## Назари ислом

Дар ислом, робитаи инсон бо табиат, робитаи кишоварз аст бо мазраъа (киштзор), робитаи бозаргон аст бо бозори тиҷорат, робитаи обид аст бо маъбад. Барои кишоварз, мазраъа ҳадаф нест, вале васила ҳаст. Яъне маҳалли зиндагӣ ва конуни зиндагии кишоварз шаҳр аст, аммо аз ин мазраъа аст, ки васоили хушӣ ва саодаташро ба даст меоварад. Як кишоварз бояд ба мазраъа биравад ва заминро шахм бизанад, базр бипошад ва заминро ободкунад. Баъд, ки маҳсул рӯйид, агар алафи ҳарзае пайдо шуд ваҷин кунад (яъне гиёҳҳои ҳарзаро биканад ва дур резад) ва баъд дарав ва сипас хирман кунад. Каломи Паёмбар (с) аст:

**الدنيا مزرعة الآخرة**

«*Дунё киштзори олам охират аст.*» Бале, агар кишоварз мазраъаро бо хона ва мақарри худ иштибоҳ кунад, хато кардааст. Мазраъаро ба унвони мазраъа будан, набояд бо чизи дигаре иштибоҳ кунад. Бозор барои як бозаргон, ҷои кор аст, ки сармоя ва амал ва талошеро барои суд ва даромади бештаре ба кор андозад ва бар он чи дорад, биафзояд. Дунё ҳам барои инсон чунин чизе аст. Каломи Амирулмӯъминин аст:

**الدنيا متجر أولياء الله**

(«*Дунё маҳалли тиҷорати дӯстони Худост.*») Шахсе дар ҳузури Амирулмӯъминин шурӯъ кард ба мазаммат кардани дунё. Шунида буд, ки Алӣ (а) дунёро мазаммат мекунад, вале намефаҳмид, ки ӯ аз чӣ ҷанбае дунёро мазаммат мекунад. Ӯ хаёл мекард, ки вақте Алӣ (а)

дунёро мазаммат мекунад, масалан табиатро мазаммат мекунад. Намедонист, ки ӯ дунёпарастиро мазаммат мекунад; ӯ туро аз назари парастиши дунё, ки зидди ҳақпарастӣ ва ҳақиқатпарастӣ аст ва мусовӣ бо нафйи ҳамаи арзишҳои инсонӣ аст, мазаммат мекунад. Вақте он мард дунёро мазаммат кард, Алӣ (а), ки зидди дунёпарастӣ аст ва онро мазаммат мекунад — барошуфт ва фармуд:

**أيها الذامّ للدنيا المغترّ بغرورها المخدوع بأباطيلها، أتغترّ بالدنيا ثم تذمّها؟ أنت المتجرم عليها أم هي المتجرمة عليك**

*«Эй оқои мазамматгари дунё! Эй касе, ки фиребӣ дунёро хӯрдаӣ! Дунё туро фиреб надод, ту фиреб хӯрдӣ…»* Хеле таъбири аҷибе аст. Дунё касеро фиреб намедиҳад, инсон худаш фиреб мехӯрад.

Ман дар ин бора масале мегӯям: як вақт пиразане бо ороишҳои маснуъӣ инсонро гӯл мезанад: дандон дар даҳонаш надорад, дандони маснуъӣ мегузорад; мӯ ба сараш надорад, мӯйи маснуъӣ мегузорад, ба қавли он шоири араб:

**عجوز تمنّت أن تكون فتيّة**

**وقد يبس العينان واحدودب الظهر**

Як бечорае ӯро ба сурати як зани ҷавон хаёл мекунад ва вақте кор аз кор гузаштааст, мебинад, ки иштибоҳ кардааст.

Вале як вақт ҳамин пиразан мегӯяд: оқо! Синни ман 59 солу 6 моҳу 6 рӯз аст ва ҳақиқатро мегӯяд. Дандонҳо ва мӯҳояшро нишон медиҳад, мегӯяд: як дандон ҳам ба даҳонам надорам ва мӯҳое, ки мебинӣ, мӯи маснуъӣ аст, ки ба сарам гузоштаам. Ман ҳамин ҳастам. Оё ҳозирӣ бо ман издивоҷ кунӣ? Ӯ ҳар чи мегӯяд: ман дандон надорам, инсон мегӯяд: қурбони ҳамон дандонҳое, ки надорӣ! Ҳар чи мегӯяд: ман зулф надорам, инсон мегӯяд: шумо таъоруф мефармоед, ман мефаҳмам, ки шумо доред, ҳазми нафс мекунед. Пас, ин пиразан туро фиреб надода, ту худат омодаи фиреб хӯрдан ҳастӣ, худат мехоҳӣ худатро фиреб бидиҳӣ, як мавзӯъ барои фиреб хӯрдан мехоҳӣ.

Алӣ (а) мефармояд: дунё, ки чизеро махфӣ накардааст. Дунё чӣ чизро махфӣ карда, ки мегӯӣ дунё маро гӯл зад? Он рӯзе, ки ба дасти худат падаратро дафн кардӣ, дунё туро гӯл зад?! Дунё мегӯяд: ман ҳаминам, ки ҳастам, ман маҳалли тағайюр ҳастам ва саботе дар ман нест. Дунё мегӯяд: манро ҳамон тавр, ки ҳастам дарк кун, чаро мехоҳӣ маро он тавр, ки нестам бовар кунӣ? Ман як тавре ҳастам ва дорам худамро ҳам ба ту нишон медиҳам, вале ту мехоҳӣ маро он тавр, ки нестам ва худат хаёл мекунӣ, бовар кунӣ. Пас, дунё касеро фиреб намедиҳад, инсон фиреб мехӯрад.

**أنت المتجرم عليها أم هي المتجرمة عليك**

Биё ҳисоб кунем, *«оё ту бар дунё ҷиноят кардӣ ё дунё бар ту ҷиноят кард?»* Ту ба ин олам хиёнат мекунӣ ё олам ба ту хиёнат мекунад?

**متى غرّتك**

*«Дунё кай туро фиреб дод?«*

**أم متى استهوتك**

*«Кай дунё ҳавои нафси туро талаб кард?»* Ин ту ҳастӣ, ки бо ҳавои нафси худ дунболи дунё ҳастӣ.

**أبمصارع آبائك من البلى؟ أم بمضاجع أمّهتك تحت الثرى**

Баъд фармуд:

**الدنيا مسجد أحباء الله**

*«Дунё масҷиди дӯстони Худост.»* Оё агар масҷид набошад, обид метавонад ибодат кунад?

**متجر أولياء الله**

*«Дунё бозори тиҷорати авлиёи Худост.»* (*Наҳҷул-балога, ҳикмати 131*) Агар бозор набошад, оё бозаргон метавонад бозаргонӣ кунад ва суд бибарад?

Он фикр, ки дунёро барои инсон ба манзилаи зиндону чоҳу қафас медонад ва мегӯяд, вазифаи инсон берун рафтан аз ин зиндон ва хориҷ шудан аз ин чоҳ ва шикастани ин қафас

аст, мубтанӣ бар як асли дигаре дар боби маърифатуннафс ва маърифатурруҳ аст, ки ислом онро қабул надорад.

## Такомули руҳ дар дунё

Қабл аз ислом, дар бархе аз кишварҳо мисли Юнону Ҳинд ақидае вуҷуд доштааст ва он ин ки: руҳи инсон қаблан дар олами дигар ба тамому камол офарида шудааст ва баъд, аз он ҷо мисли мурғе, ки дар қафас мекунанд, ӯро ба ин олам меоваранд. Агар ин тавр бошад, бояд инсон қафасро бишканад. Вале Қуръон дар яке аз оёти сураи Мӯъминун ин назарро рад мекунад ва таъбири аҷибе дорад, ки Садрулмутаалливҳин мегӯяд: ман назарияи "ҷисмониятул-ҳудус ва руҳониятул-бақо" будани руҳро аз ин оят кашф кардам. (Қуръон) вақте дар бораи инсон баҳс мекунад, мефармояд: мо инсонро аз хок офаридем; марҳила ба марҳила пеш омад, то ин ки нутфа шуд, нутфа ъалақа шуд, ъалақа музға шуд ва музға устухон шуд ва бар рӯи устухон гӯшт пӯшонида шуд. Баъд мефармояд:

**ثمّ أنشأناه خلقا آخر**

(*Сураи Мӯъминун, ояти 14*) Мо ҳамин модда ва табиатро табдил ба чизи дигаре — ки руҳ аст — кардем. Яъне руҳ зоидаи ҳамин табиат аст. Руҳ муҷаррад аст, вале муҷарради зоида аз модда аст. Пас, инсон дар ҷои дигаре ба сурати комил набуда то баъд дар ин олам дар қафас қарор гирифта бошад. Инсон дар ин ҷо дар домани модари худаш аст. Табиат, модари руҳи инсон аст, ва инсон дар табиат, ки зиндагӣ мекунад, дар домани модар зиндагӣ мекунад. Бинобар ин, дар ҳамин ҷо бояд такомул пайдо кунад, на ин ки қаблан такомул пайдо кардааст ва баъд ин ҷо дар зиндон ё чоҳ гирифтор шуда ва бояд берун биёяд. Ин, фикри исломӣ нест.

Албатта, ислом мегӯяд, ту барои ҳамеша набояд дар домани модар бимонӣ. Агар барои ҳамеша бихоҳӣ дар домани модар бошӣ, як баччанана хоҳӣ буд ва ҳаргиз марди майдон нахоҳӣ шуд. Агар аз табиат уруҷ накунӣ ва аз домани ин модар барнахезӣ ва боло наёӣ, дар табиат мемонӣ, як мавҷуди табиӣ мешавад,

**ثمّ رددناه أسفل سافلين**

— мешавӣ ва дигар

**الاّ الذين آمنوا وعملوا الصالحات**

(*Сураи Тин, оятҳои 5-6*) нестӣ, дар асфалуссофилин мемонӣ. Агар инсон дар асфалуссофилин — ки табиат аст — маҳбус бимонад, ба ин маъно, ки аз ҳадди табиат боло наравад, ин амр дар дунёи дигар ҷаҳаннами ӯст,

**فأمّه هاوية**

(*Сураи Қориъа, ояти 9*) модараш ҳамон ҷаҳаннам аст. Худованд мавлудеро дар домани ин модар (табиат) мутаваллид карда, ки аз домани ин модар боло биравад, мадраса биравад ва мадрасаро тай кунад ва болотар биравад. Агар ӯ дар ин доман бимонад, барои ҳамеша дар ин ҷо хоҳад монд. Агарчи ин ташбеҳ хеле ноқис аст, вале чунин шахсе ҳолати баччаеро дорад, ки воқеан баччанана шудааст, як баччананае, ки вақте 25-сола ҳам шуда, боз бояд дар бағали модараш бихобад ва модараш пистонашро бағали сураташ бигузорад, ки ин оқозода хобаш бибарад! Ин одам дигар чӣ аз об дармеояд?!

Пас, инсон, дар инсоншиносӣ ва ҷаҳоншиносии ислом, як мурғи сохта ва пардохтаи қаблӣ, ки дар фазои олами қудс парвоз мекарда («*Тоири олами қудсам, чӣ диҳам шарҳи фироқ*«) нест, ки баъд ӯро дар ин қафас зиндонӣ карда бошанд ва вазифааш фақат ин бошад, ки қафасро бишканад. Ислом инро қабул надорад. Бале, агар шумо шунидаед, ки олами арвоҳ бар олами аҷсом тақаддум дорад, ба ин маъност, ки синхи арвоҳ тақаддум дорад. Яъне, руҳ партаве аст, ки таквинаш дар ин олам аст, вале партаве аст, ки аз олами дигар ба ин олам тобидааст, на ин ки ба тамому камол дар ҷои дигаре буда ва баъд ӯро ба ин ҷо овардаанд ва дар қафас кардаанд. Ин фикр, яъне фикри таносух, як фикри ҳиндӣ ва як фикри афлотунӣ аст. Афлотун дар байни юнониҳо мӯътақид буд, ки руҳи инсон сохта ва пардохтаи олами қабл аз ин олам (олами мусул) аст, баъд ин сохта ва пардохтаро овардаанд ва ба ҳукми маслиҳате дар ин ҷо зиндонӣ кардаанд, аз ин рӯ бояд аз ин зиндон раҳо шавад ва биравад. Вале ислом бо ин дид ба табиат нигоҳ намекунад.

Албатта, инро ҳам арз кунам: барои ин ки баъзе агар таърихчаҳоеро хондаанд, таваҳҳум накунанд: намехоҳам бигӯям тамоми урафо ин қадр иштибоҳ кардаанд, балки урафои бузург гоҳе лоақал дар калимоти худашон мутаваҷҷеҳи ин нукта будаанд, на тарки ҷомеагарой кардаанд ва на тарки табиатгарой. Онҳо ба ин нукта, ки Қуръон оёти офоқу анфусро дар канори якдигар зикр кардааст ва табиат ҳам оят ва ойинаи ҷамоли Ҳақ аст, комилан таваҷҷӯҳ кардаанд. Магар Шабистарӣ нест, ки дар он манзумаи бисёр-бисёр олӣ ва роқии худаш, ки воқеан шоҳкоре дар олами инсоният аст,[1] мегӯяд:

*Ба номи он, ки ҷонро фикрат омӯхт,*

*Чароғи дил ба нури ҷон барафрӯхт.*

*Зи фазлаш ҳар ду олам гашт равшан,*

*Зи файзаш хоки Одам гашт гулшан.*

Дар як ҷо таваҷҷӯҳаш ба оёти офоқӣ комилан хуб аст, мегӯяд:

*Ба назди он, ки ҷонаш дар таҷаллист,*

*Ҳама олам китоби Ҳақ Таолист.*

*Араз иъробу ҷавҳар чун ҳуруф аст,*

*Маротиб ҳамчу оёти вуқуф аст.*

Ғараз ин матлаб аст, ки гоҳе ин таваҷҷӯҳот дар байни урафо ҳаст. Ё Ҷомӣ мегӯяд:

*Салои бода зад пири харобот,*

*Биё соқӣ, ки фиттаъхирӣ офот.*

*Ҷаҳон миръоти ҳусни шоҳиди мост,*

*«Фа шоҳид ваҷҳаҳу фи кулли миръот«.*

Агар мо Қуръонро як тараф ва ирфонро дар тарафи дигар бигузорем ва бибинем, ки Қуръон то чӣ андоза ба табиат таваҷҷӯҳ дорад ва ирфон то чӣ андоза ба табиат таваҷҷӯҳ дорад, мутаваҷҷеҳ мешавем, ки Қуръон беш аз ирфон ба табиат таваҷҷӯҳ дорад, бидуни он ки Қуръон масъалаи таваҷҷӯҳ ба ботини нафс ва руҷӯъ ба онро ба шакле инкор карда бошад.

---

[1] Пайдоиши ин китоб ҳам аҷиб аст. Суолҳое аз Хуросон дар масоили ирфонӣ аз ӯ мекунанд ва ӯ ин суолҳоро дар як ҷаласа ҷавоб медиҳад. Албатта худаш мегӯяд, ки баъд онҳоро баст додааст ва як шоҳкор ба вуҷуд меоварад.

Бинобар ин, инсони комили Қуръон, дар канори ақлгароӣ ва дар канори дилгароӣ, ҷомеагаро ва табиатгаро ҳам ҳаст. Ҳол арзиши ҳар кадом аз инҳо чӣ қадр аст, матлабе аст, ки вақте симои инсони комили исломро бароятон зикр мекунам, шояд муваффақ шавам ин қисматро ҳам баён кунам. Вале ба ҳар ҳол инсони комили Қуръон, инсони ақлгаро ва дилгаро ва табиатгаро ва ҷомеагарост.

## Тарки худӣ

Масъалае дар охири ҷаласаи гузашта унвон кардам, ки боз дар ин ҷаласа дар охири баҳсам ба ин матлаб расидам. Ин баҳс муқаддамоте дорад, ки агар он муқаддамотро зикр накунам, аслан ҳеҷу пуч аст. Фақат заминаи баҳсро бароятон арз мекунам. Он масъала, "тарки худӣ" аст.

Ирфон дилро мӯҳтарам мешуморад, вале чизеро, ки ба номи "нафс" дар Қуръон омадааст, хор мешуморад. Қисмате аз даъвати ирфон ба тарки худӣ ва рафтан аз худ ва нафйи худ ва нафйи худбинӣ аст. Ин матлаб фи ҳадди зотиҳи (ба худии худ) матлаби дурусте аст ва мантиқи ислом ҳам онро таъйид мекунад. Мо дар ҷаласаи оянда ба ҳавлу қувваи илоҳӣ, ҳам баёни ирфон ва ҳам баёни исломро дар мавриди нафйи "худ" (нафс) зикр мекунем.

Мо дар ислом бо ду "худ" ва ҳатто бо ду нафс бархӯрд мекунем. Ислом дар айни ин ки як "худ"-ро нафй мекунад ва онро хурд мекунад, "худ"-и дигарро дар инсон зинда мекунад ва ин матлаб, хеле дақиқ аст. Медонед ин масъала мисли чист? Мисли ин аст, ки як дӯст ва як душман дар канори якдигар истода бошанд ва дӯст дар хатар бошад. Агар дӯстро бизанем, тамоми ҳадафамон аз байн рафтааст. Масалан, баччае болои дарахте биравад барои ин ки мевае бичинад. Иттифоқан як мори бисёр хатарнок дар болои дарахт зоҳир шуда, паҳлӯи он бачча биравад. Ин ҷо як сайёди бисёр моҳире лозим аст, ки сари он морро нишонагирӣ кунад ва он морро бизанад, вале тир ба он бачча ҳам нахӯрад. Агар сайёд як зарра иштибоҳ кунад, тир ҳадар рафтааст. Агар каме ин тараф ё он тараф бизанад, тир ҳадар рафта, на ба мор хӯрда на ба бачча, ва ё ин ки ба бачча хӯрда ва ба ҷои ин ки морро бикушад, баччаро куштааст. Сайёд бояд нишонагириаш он қадр дақиқ бошад, ки морро бизанад бидуни ин ки ба бачча осебе бирасад. Ва назири ин масъала замоне аст, ки дӯсту душмане бо якдигар

галовез мешаванд ва ҳар як мехоҳад дигареро бикушад. Шумо бояд тир ё шамшератонро ончунон бизанед, ки душманро бикушед ва ба дӯстатон исобат накунад.

Ин ду “худ” дар одамӣ ончунон ба якдигар пайваста ҳастанд, ки як шикорчии фавқулъода моҳире мехоҳад, ки як “худ”-ро, ки даноат ва пастӣ аст дарҳам бишканад ва як “худ”-и дигарро, ки тамоми арзишҳои инсонӣ ба он “худ” вобаста аст, аз осеб масун бидорад.

Мӯъҷизаи ислом ин аст, ки ин ду “худ”-ро ончунон дақиқ ташхис додааст, ки ҳеч иштибоҳ намешавад. Дар ирфон гоҳе мебинем ин ташхис ҳаст. Вале гоҳе мебинем ба ҷои ин ки “худ”-и душманро нишонагирӣ карда ва зада бошанд, “худ”-и дӯстро задаанд. Яъне ба ҷои ин ки нафс қурбонӣ шуда бошад, ҳамон чизе, ки худи урафо онро “дил” ё “инсон” меноманд, қурбонӣ шудааст. Ин масъала нуктаи бисёр дақиқе аст, ки иншоаллоҳ дар ҷаласаи баъд дар атрофи он тавзеҳ медиҳам.

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم**

# НАҚДУ БАРРАСИИ МАКТАБИ ИРФОН (2)

**فَأَمَّا مَن طَغَى. وَآثَرَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. فَإِنَّ الْجَحِيمَ هِيَ الْمَأْوَى. وَأَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوَى. فَإِنَّ الْجَنَّةَ هِيَ الْمَأْوَى**

(*Сураи Нозиъот, оятҳои 37-41*)

Яке аз масоили муҳим дар мавриди инсони комил дар мактаби ирфон, масъалаи робитаи инсон бо нафси худаш аст. Албатта ин масъала дар айни ҳол як масъалаи исломӣ ҳам ҳаст. Яъне мо, ҳам дар забони урафо ва аҳли тасаввуф ва ҳам дар таълимоти олии исломӣ, масъалаи мубориза бо худхоҳӣ ва худпарастӣ ва пайравӣ аз ҳавои нафсро мебинем… Мо дар ин ҷаласа мехоҳем дар атрофи ин матлаб тавзеҳ диҳем.

Дар он чи, ки тазкияи нафс номида мешавад, бо "худ" — ки дар арабӣ ба он "нафс" гуфта мешавад — мубориза мешавад. Мегӯянд: ҷиҳод бо нафс. Ҳатто нафс ба унвони як душмани дарунӣ барои инсон талаққӣ мешавад, чунонки Саъдӣ мегӯяд:

*Ту бо душмани нафс ҳамхонаӣ,*

*Чӣ дар банди пайкори бегонаӣ.*

Ин таъбир иқтибос аз каломи муқаддаси набавӣ аст, ки фармуд:

**أعدى عدوّك نفسُك التي بين حنبيك**

«*Хатарноктарини душманони ту, ҳамон нафси худат аст, ки дар миёни ду паҳлӯят қарор гирифтааст.*» Саъдӣ дар Гулистон мегӯяд: аз орифе маънии ин ҳадисро пурсиданд, ки чаро Пайғамбар фармуд:

**أعدى عدوّك نفسُك**

Нафси худат аз ҳамаи душманҳо бо ту душмантар ва аз ҳама нисбат ба ту хатарноктар аст? Он марди ориф ин тавр ҷавоб дод: барои ин ки агар ту ба ҳар душмане некӣ кунӣ ва он чи мехоҳад ба ӯ бидиҳӣ, бо ту дӯст гардад, илло нафс, ки ҳар чи бештар хостаҳояшро ба ӯ бидиҳӣ, бо ту душмантар мегардад.

Пас, ба чашми як душман ба нафс нигоҳ кардаанд ва ин нафс ҳамон “худ” аст…
Ҳол мехоҳем ин матлабро бишкофем, бибинем, ки ин “худ” ё худхоҳие, ки гуфта мешавад, бад аст чист?

## Дараҷаи аввали худхоҳӣ

Як дараҷа аз худхоҳӣ ин аст, ки инсон худмеҳвар бошад, ба ин маъно, ки фақат барои худаш кор мекунад ва тамоми корҳо ва ҳаракоташ барои худаш аст; аз субҳ, ки ҳаракат мекунад то шаб, ки мехобад, тамоми талошҳояш барои зиндагии худаш аст, барои шикамаш аст, ки сер шавад, барои танаш аст, ки пӯшида шавад ва барои масканаш аст, ки дар ҷое сукно гузинад. Фаъолият дар ин ҳадд чӣ тавр аст? Оё ин, зидди ахлоқ аст, ки инсон барои худаш дар ин ҳадд фаъолият кунад? Бояд гуфт, ин гуна фаъолият ахлоқ нест, яъне як арзиши инсонӣ нест, вале дар айни ҳол зидди ахлоқ ва ё як беморӣ ҳам нест.
Дар ин ҷо тавзеҳе дар бораи ахлоқ ва зидди ахлоқ арз мекунам. Қуръон барои инсон як мақоми фавқи ҳайвонӣ қоил аст, ва як мақоми ҳамдараҷа бо ҳайвон, ва як мақоми поинтар аз ҳайвон. Яъне, инсон гоҳе дар ҳайвоният бо ҳайвон ҳамдараҷа мешавад, гоҳе арзише болотар аз ҳайвон — ва ҳатто болотар аз малаку фаришта — пайдо мекунад ва гоҳе арзиши манфӣ пайдо мекунад ва зери сифр қарор мегирад, яъне аз ҳайвон ҳам пасттар мешавад.
Корҳои инсон ҳам се қисм аст:
1) Ахлоқ, яъне болотар аз ҳадди ҳайвон;
2) Зидди ахлоқ, яъне поинтар аз ҳайвон;
3) «На ахлоқ”, яъне ахлоқ нест, вале зидди ахлоқ ҳам нест. “На ахлоқ ва на зидди ахлоқ” яъне як кори оддӣ дар ҳадди ҳайвон.
Ҳол, агар шумо як одамеро дар дунё пайдо кунед — ва ин тавр одамҳо зиёд ҳастанд — ки дуруст хислати кабӯтар ва ё гӯсфандро дорад, яъне фақат дар фикри худаш асту бас, аз субҳ, ки баланд мешавад, ҳамаи фаъолияташ барои ин аст, ки шиками худро сер кунад ва шаб ҳам бихобад, чунин одаме дар ҳадди ҳайвон аст. Кори ӯ дар ин ҳадд, ахлоқ нест, вале зидди ахлоқ ҳам нест.

## Дараҷаи дуввуми худхоҳӣ

Аммо як вақт дар масъалаи “худ”, масъала ин нест, ки инсон ба фикри зиндагии худ аст; (балки) масъала ин аст, ки дучори навъе беморoption равонӣ аст ва дар воқеъ он мақоми инсонияш дар хидмати ҳайвонияташ қарор мегирад. Баъд мебинед “ба худкаш”[1] мешавад, на фақат ба андозае, ки бихоҳад зиндагӣ кунад, балки ҳадафаш бештар ҷамъ кардан аст. Кабӯтар дона ҷамъ мекунад барои ин ки сер шавад ва ин як амри табиӣ ва оддӣ аст. Асб мечарад барои ин ки сер шавад, ин ҳам як амри оддӣ аст. Агар як башар бихоҳад дар ин ҳадд бошад оддӣ аст, яъне як ҳайвон аст. Аммо як вақт башар гирифтори озу ҳирс мешавад. Ин ҷо дигар сӯҳбат ин нест, ки мехоҳад барои зиндагии худ фаъолият кунад, балки фақат барои ин ки ҷамъ кунад фаъолият мекунад ва ҳар чи ҳам ҷамъ мекунад, боз мехоҳад бештару бештар ҷамъ кунад ва ҷамъ кардани ӯ ҳадде надорад. Исми ин ҳолат “оз” аст. Чунин одаме он ҷо, ки мехоҳад бидиҳад, бибахшад ва ё эҳсон кунад, дучори “бухл” аст (ин бемории дигаре аст), дучори “имсок” аст ва ба таъбири Пайғамбари Акрам “шуҳҳун мутоъ”[2] дорад, як ҳолати равонӣ дорад, ки он ҳолати равонӣ ҳоким бар ӯст, на фикру ақлу иродааш. Пул ба ҷонаш часбида ва ҳеҷ ҳисобу китобу ақлу мантиқе дар кор нест, ва илло агар ақлу мантиқ дар кор бошад, мефаҳмад, ки ин ҷо ҷои харҷ кардан аст, яъне хайру маслиҳату манфиату хушӣ ва саодаташ, дар харҷ кардан аст, вале бухл ба ӯ иҷоза намедиҳад. Ҳолати ҳирсу оз, зидди ахлоқ аст. Яъне поинтар аз ахлоқ аст ва беморӣ аст.

## Дараҷаи севвуми худхоҳӣ

Инсон, ҳолатҳои дигаре низ дорад. Бемории нафси инсон фақат ин нест, ки дучори ҳирсу оз мешавад, дучори бухл мешавад, балки инсон гоҳе як навъ бемориҳои печидае пайдо мекунад, ки аз бемориҳои тан печидатар ва мушкилтаранд; бемориҳое, ки асосан бо мантиқу ақл созгор нестанд ва фақат бо руҳи ҳамон бемор созгоранд, ҳамон чизҳое, ки имрӯз «уқдаҳои равонӣ» меноманд мисли ҳолати “ҳасад”. Ҳолати ҳасад дар инсон як ҳолати зидди мантиқ аст. Яъне, инсон ҳолате пайдо мекунад, ки фаромӯш мекунад дар

---

[1] Яъне ҳама чизро барои худ мехоҳад.
[2] Таъбир “шуҳҳ” аз Қуръон аст: «Ва ман йуқа шуҳҳи нафсиҳӣ.» (Ҳашр/9)

фикри саодати худаш бошад, фақат дар фикри бадбахтии дигаре аст. Орзуяш ин нест, ки худаш хушбахт шавад. Агар ҳам орзу дорад, ки худаш хушбахт шавад, даҳ баробари орзуяш ин аст, ки дигаре бадбахт шавад. Ин дигар бо чӣ мантиқе ҷур дармеояд?! Дар ҳеч ҳайвоне чунин ҳолате нест, ки орзуи он ҳайвон бадбахтии ҳайвони дигаре бошад. Ҳайвон дар фикри шиками худаш асту бас, вале дар инсон чунин ҳолате пайдо мешавад.

Гоҳе дар инсон ҳолати такаббур пайдо мешавад ва гоҳе дар ӯ бархе уқдаҳои равонӣ пайдо мешавад, ки дар ботини нафси инсон махфӣ шудааст ва худаш ҳам аз он бехабар аст. Инҳо мушкилоте аст, ки нафси инсон барои инсон ба вуҷуд меоварад.

## Тасвил

Гоҳе нафси инсон, инсонро фиреб медиҳад. Яъне, худи одам худи одамро фиреб медиҳад. Ин дигар чӣ ҳисобе аст, ки инсон аз даруни худаш фиреб бихӯрад?! Дар Қуръон мефармояд:

بَلْ سَوَّلَتْ لَكُمْ أَنفُسُكُمْ

*«Балки нафси шумо амреро бар шумо тасвил кардааст (оростааст)…» (Сураи Юсуф, ояти 83)*

«Тасвил” як таъбири равоншиносонаи бисёр дақиқе аст, ки дар Қуръон омадааст ва ба ин маънӣ аст, ки инсон гоҳе худаш аз даруни худаш фиреб мехӯрад. Агар нафси инсон чизеро мехоҳад, ончунон онро барои инсон ҷилва медиҳад ва ончунон онро ороишу зинат мекунад ва ончунон ба дурӯғ ба он нақшу нигор мебандад, ки инсон хаёл мекунад як чизе аст, вале ҳамон даруни худи инсон аст, ки ин корро карда, барои ин ки инсон худашро фиреб диҳад. Таъбири “тасвил” таъбири аҷибе аст. Имрӯз, ки равоншиносӣ хеле пешрафт ва тараққӣ карда, амиқан ва дақиқан ба ин нукот расидаанд. Ҳатто ба ин нукта расидаанд, ки гоҳе инсон девона мешавад ва ин девонагӣ ҳеч иллати асабӣ ва ҷисмӣ надорад ва фақат иллати дохилӣ ва равонӣ дорад. Масалан, вақте таҳаммули мусибатҳо хеле сахту душвор мешавад, равони инсон барои ин ки худашро аз шарри ин ғуссаҳо роҳат кунад, ақлро мураххас мекунад. Ба қавли шоир:

*Зи ҳушёрони олам ҳар киро дидам ғаме дорад,*
*Дило, девона шав, девонагӣ ҳам оламе дорад.*

Ва ин як асли равоншиносӣ аст.

Ба ҳар ҳол, масъалаи кайду макри нафс (макойиди нафс) — на макри нафси инсон бо дигаре, балки макри нафси инсон бо худи инсон — як масъалаи бисёр муҳимме аст ва дар ирфон ба ин нукот хуб таваҷҷӯҳ шудааст. Ин ду қисмати охир,[1] ки инсонро вориди зидди ахлоқ намуда, бемор мекунад ва аз ҳайвон ҳам пасттар мекунад, дар ирфон дар ҳадди аъло хуб баён шудаанд ва ҳатто нукоте гуфта шудааст, ки воқеан ҳайратовар аст. Яъне инсон таъаҷҷуб мекунад, ки чӣ гуна ин афрод дар шашсад сол, ҳафтсад сол ва ё ҳазор сол пеш, ин нукоти бисёр дақиқи равониро гуфтаанд, ки имрӯз дар қарни бистум, равоншиносӣ ба умқи ин нукот пай мебарад. Албатта — ҳамон тавр, ки гуфтам — ҳамаи ин матолиб мисли ҳамон масъалаи "тасвил" аз Қуръон илҳом гирифта шудааст, мунтаҳо чун инҳо афроди боистеъдоде ҳастанд, аз як сарриштае, ки Қуръон ба даст медиҳад, хуб метавонанд дунболаи риштаро бигиранд ва матлабро пайдо кунанд. Масалан, дар заминаи ҳамин "тасвил", матлаберо аз Мавлавӣ барои шумо бигӯям.

## Уқдаҳои равонии махфӣ

Имрӯз ин матлаб собит шудааст, ки гоҳе дар шуъури ботини инсон шароратҳое русуб мекунад, ки чун дар берун нест ва русуб карда ва дар таҳи ҳавз аст, инсон худаш аз вуҷуди онҳо огоҳ нест ва фақат дар шароити хоссе, ки муҳаррикоте пайдо мешавад, инсон якмартиба мебинад, ки аз он умқи умқи руҳаш ин русубот боло меояд, ки одам худаш таъаҷҷуб мекунад ва бовар намекунад, ки дар дарунаш чунин чизҳое вуҷуд дошта бошад. Гоҳе инсон, худаш ба худаш имон пайдо мекунад: вақте ба худаш нигоҳ мекунад, мебинад дар қалбаш ҳеч гуна кудурате нест, кина ва ҳасаде нисбат ба касе надорад, такаббуру уҷбе надорад, ва воқеан ҳеч як аз инҳоро дар худаш намебинад. Вале як мавқеъ — ба таъбири Қуръон — "имтиҳон" пеш меояд ва дар имтиҳон якмартиба инсон мебинад, ки такаббурҳо ва уҷбҳое аз дарунаш берун омад, ҳасадҳо ва кинаҳо ва ҳиқдҳое аз дарунаш берун омад, ки он сараш нопайдост. Мавлавӣ мегӯяд:

*Нафсат аждарҳост, ӯ кай мурдааст?*

[1] Зоҳиран мақсуд дараҷаи севвуми худхоҳӣ ва масъалаи "тасвил" аст, ки тавзеҳ дода шуд.

*Аз ғаму беолатӣ афсурдааст.*

Нафси инсон, ҳолати мори афъиро дорад. Мори афъӣ дар зимистон ҳолати яхзадагӣ ва карахӣ пайдо мекунад ва агар инсон ба он даст ҳам бизанад, такон намехӯрад ва агар баччае бо он бозӣ кунад, ӯро неш намезанад ва инсон хаёл мекунад, ки ин мор ба хубӣ ром шудааст. Аммо вақте офтоби гарме ба ин мор битобад, якмартиба иваз мешавад ва чизи дигаре мешавад, ки Мавлоно роҷеъ ба он моргир, ки аждаҳоеро аз кӯҳ овард, достони муфассале овардааст, ки дар охирҳои он ҳамин байтро мегӯяд:

*Нафсат аждарҳост, ӯ кай мурдааст?*

*Аз ғаму беолатӣ афсурдааст.*

Хаёл накун, ки нафсат мурдааст, ӯ аждаҳои яхзада аст. Агар ҳарорат ба он битобад, он вақт мефаҳмӣ чӣ хабар аст!

Мавлавӣ дар ҷои дигаре роҷеъ ба майлҳои пинҳону хуфта дар инсон ташбеҳе мекунад, ки равонковҳоро ба ҳайрат меандозад. Мегӯяд:

*Майлҳо ҳамчун сагони хуфтаанд,*

*Андар эшон хайру шарр бинҳуфтаанд.*

*Чунки қудрат нест, хуфтанд ин рада,*

*Ҳамчу ҳезум пораҳову танзада.*

Гоҳе дидаед теъдоде саг дар ҷое хобидаанд ва сарҳояшонро рӯи дастҳояшон гузоштаанд ва чашмҳояшонро рӯи ҳам гузошта ва ором гирифтаанд, ба тавре, ки инсон хаёл мекунад инҳо теъдоде барра ва гӯсфанд ҳастанд.

*То ки мурдоре дарояд дар миён,*

*Нафхи сури ҳирс кӯбад бар сагон.*

*Чун дар кӯча харе мурдор шуд,*

*Сад саги хуфта бад-он бедор шуд.*

Аммо агар дар ин байн як лошаи мурдор пайдо шавад, ҳаминҳое, ки ин тавр хобидаанд ва мисли гӯсфанд сарҳоро рӯи дастҳо гузоштаанд, якмартиба аз ҷо ҳаракат мекунанд ва чашмҳояшон аз қолаб берун мезанад ва садои хур-хур аз ҳалқи инҳо берун меояд ва ҳар кадом аз мӯҳояшон мисли як дандон мешавад.

*Ҳирсҳои рафта андар катми ғайб,*

*Тохтан овард, сар барзад зи ҷайб.*

*Мӯ ба мӯйи ҳар саге дандон шуда,*

*В-аз барои ҳила дум ҷунбон шуда.*

То ин ҷо масал аст, баъд мегӯяд:

*Сад чунин саг андар ин тан хуфтаанд,*

*Чун шикоре нестшон, бинҳуфтаанд.*

Чӣ ҳақиқати бузурге ва чӣ нуктаи дақиқу борике аст!

## Ҷиҳод бо нафс дар Қуръон ва ҳадис

То ин ҷо, матолиб сад дар сад дурусту бисёр амиқу дақиқ аст ва шавоҳиди қуръонӣ ва ҳадисии бисёре ин матолибро таъйид мекунад, ки агар бихоҳам онҳоро бароятон зикр кунам, хеле муфассал мешавад. Ба таври иҷмол арз мекунам, ки ҳеч шакке дар ин матлаб нест, ки инсон, гузашта аз он «худ»-и ибтидоии ҳайвонии худмеҳварӣ, ки фақат дар фикри худаш аст ва аз ҷанбаи мусбат ё манфӣ дар фикри дигарон нест, ки ин як ҳолати оддӣ аст, ҳолати озу ҳирс дорад, ки як бемории аҷиб аст ва ҳамчунин дучори бемориҳои махфӣ ва укдаҳои рухӣ ва равонӣ мешавад. Инҳо ҳама дар ҷои худ дуруст аст, ҳол натиҷа чист? Натиҷа ин аст, ки нафсро, он ҷо, ки ба сурати озу ҳирс дармеояд ва он ҷо, ки он майлҳо ба сурати сагҳои хуфтае дар даруни инсон махфӣ мешаванд ва он ҷо, ки нафси инсон ҳолати он афъиро пайдо мекунад, бояд аз байн бурд ва ҷиҳод бо нафс кард. Яъне бояд бо нафси «амморатун биссуъ» (фармондиҳанда ба бадӣ), ки ин таъбир ҳам аз Қуръон аст, ин нафсе, ки ба шиддат фармон ба бадӣ медиҳад, мубориза кард. Он ҳадди аввал, ки мехоҳад як луқма нон бихӯрад, фармон ба бадӣ нест. Он ғариза, табиӣ аст ва хуб ҳам ҳаст. Вале вақте ба сурати озу ҳирс ва бухлу ҳасад ва кинаву укда ва хашму ғазаб ва амсоли инҳо дармеояд, он вақт аст, ки ин нафс “амморатун биссуъ” (фармондиҳанда ба бадӣ) мешавад. Қуръон ҳам мегӯяд, бо нафси амморатун биссуъ бояд мубориза кард:

فَأَمَّا مَن طَغَى. وَآثَرَ الْحَيَاةَ الدُّنْيَا. فَإِنَّ الْجَحِيمَ هِيَ الْمَأْوَى. وَأَمَّا مَنْ خَافَ مَقَامَ رَبِّهِ وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوَى. فَإِنَّ الْجَنَّةَ هِيَ الْمَأْوَى

*«Аммо ҳар ки туғён кард ва зиндагии пасти дунёро баргузид, пас ҷойгоҳи ӯ ҳамон оташ аст. Ва аммо касе, ки аз истодан дар баробари парвардигораш ҳаросид ва нафси худро аз ҳавас боздошт, пас ҷойгоҳи ӯ ҳамон биҳишт аст.»* (*Сураи Нозиъот, оятҳои 37-41*)

Қуръон тасреҳ мекунад, ки бояд ҷилави нафсро гирифт ва бояд онро аз ин ки дунболи ҳавои худаш биравад, наҳй кард. Дар ҷои дигар мефармояд:

أَفَرَأَيْتَ مَنِ اتَّخَذَ إِلَهَهُ هَوَاهُ

*«Оё дидӣ он касеро, ки маъбудаш ҳамон ҳавои нафсаш аст?»* (*Сураи Ҷосия, ояти* 23) Дар ҷои дигар, аз забони Юсуфи Сиддиқ нақл мекунад:

وَمَا أُبَرِّئُ نَفْسِي إِنَّ النَّفْسَ لأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ

*«Ман ҳаргиз нафси худамро табриа намекунам; чаро ки нафс қатъан ба бадӣ амр мекунад…»* (*Сураи Юсуф, ояти 53*) Бибинед, Юсуф чӣ мегӯяд. Юсуфе, ки аз худаш мутмаин аст, дар айни ҳол мегӯяд:

إِنَّ النَّفْسَ لأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ

Мехоҳад бигӯяд, дастгоҳи нафси инсон он қадр печида ва печида аст, ки гоҳе мумкин аст дар он лояи даҳумаш чизе бошад, ки инсон худаш нафаҳмад, ва аз ин рӯ мегӯяд: ман ҳаргиз нафси худамро табриа намекунам, ва хислати мӯъмин ин аст, ки ҳеч гоҳ ба нафси худ аз назари шарорат накардан эътимод намекунад.

Бинобар ин, ислом ҳам ҷиҳод бо нафсро таъйид мекунад ва аслан калимаи “ҷиҳоди нафс” аз худи ислом аст. Калимаи “ҷиҳод бо нафс” он ҷо матраҳ шуд, ки гурӯҳе аз саҳоба аз ғазвае мурoҷеат карданд ва ба таври дастаҷамъӣ хидмати ҳазрат (с) расиданд. Бибинед Пайғамбар чӣ қадр фурсатшинос аст ва медонад дар куҷо чӣ суханеро бигӯяд. Мардуме сарбозу ғозӣ (яъне, ҷангҷӯ) аз ҷанг баргаштаанд, Пайғамбар мехоҳад ба онҳо офарин бигӯяд, ҳамин ҷо бузургтарин дарси ахлоқро ба онҳо медиҳад, мефармояд:

**مرحبا بقوم قضوا الجهاد الأصغر وبقي عليهم الجهاد الأكبر**

«*Офарин! Офарин бар мардуме, ки аз набарди кучак бозгаштаанд ва набарди бузург бар онҳо боқӣ мондааст.*» Арз карданд:

**يا رسول الله، وما الجهاد الأكبر**

«*Набарди бузург чист?*» Фармуд:

**جهاد النفس**

«*Муҷоҳидаи бо нафси аммора*«, ки аз ҷиҳод бо инсони дигар бузургтар аст. Пас, ҷиҳод бо нафсро ҳам ислом гуфтааст. То ин ҷо матолиби мактаби ирфон дар ин бора дуруст аст.

Вале мо дар ин мактаб — ки исмашро мактаби ирфону тасаввуф мегузорем — дар марҳилаи ҷиҳод бо нафс ва мубориза бо худхоҳӣ ва худпарастӣ ва дарҳам кӯбидани “худ”, гоҳе ба ҷое мерасем, ки ислом онро таъйид намекунад. Албатта мегӯям “гоҳе”, намехоҳам бигӯям ҳатто акобир ҳам ин иштибоҳро мекардаанд, вале ин иштибоҳ дар калимоти аҳли ин мактаб зиёд аст.

Яке аз мароҳил, риёзатҳои шоққа аст. Ба ин ҷо, ки мерасад, ислом дар муқобили он меистад, мегӯяд баданат бар ту ҳақ дорад. Асҳобе аз Пайғамбар буданд, ки мехостанд худашонро дар ин риёзатҳои шоқ ворид кунанд. Пайғамбар ба шиддат бо онҳо мубориза кард. Дар айни ҳол гоҳе дида мешавад афроде тан ба риёзатҳои шоққае медиҳанд, ки ислом дар он ҳадд, ин риёзатҳоро таъйид намекунад. Ин як ишкол, ки хеле муҳим нест.

Муҷоҳидаи бо нафс ду гуна аст: гоҳе муҷоҳидаи бо нафс ба шакли риёзат аст. Яъне хеле ба тан сахтӣ медиҳанд; ғизо хеле кам мехӯранд ва хобро хеле тақлил медиҳанд. Бадани инсон ҳам ҳолате дорад, ки ҳар тавр, ки инсон онро парвариш диҳад, қабул мекунад. Мумкин аст касе дар асари муморисати зиёд, коре кунад, ки дар шабонарӯз воқеан битавонад бо чанд мағзи бодом ба сар бибарад ва ҳамаи хобаш дар шабонарӯз ба як рубъ соат тақлил пайдо кунад. Яъне ин танро дар ҳолати заҷр қарор диҳад, ки ин кор бештар дар байни ҳиндиҳо маъмул аст ва дар миёни мусалмонон камтар ёфт мешавад, чун мантиқи ислом иҷоза намедиҳад, ки ин кор роиҷ шавад.

Вале қисми дигари ҷиҳод бо нафс, муборизаи бо тан нест, мубориза бо худи нафс ва бо равон аст, яъне бар хилофи майли нафс рафтор кардан аст, ки ин ҳам то ҳадде дуруст аст. Вале дар ҳамин ҷо гоҳе чизҳое мебинем, ки бо мантиқи ислом ҷур дарнамеояд, яъне инсони комили ислом ин тавр нест. Ҳол инҳоро як-як барои шумо арз мекунам.

* * *

## Равиши маломатӣ

Яке аз онҳо, равише аст, ки дар миёни баъзе аз мутасаввифон маъмул будааст, вале каму беш дар миёни ҳама асар гузоштааст, ки онро "равиши маломатӣ" ё "равиши маломатиён" меноманд. Равиши маломатӣ нуқтаи муқобили равиши риёкорӣ аст. Одами риёкор ботинаш бад аст, вале тазоҳур ба хубӣ мекунад, вале одами маломатӣ як одами хуб аст, ки барои ин ки мардум ба ӯ ақида пайдо накунанд, тазоҳур ба бадӣ мекунад, масалан шароб намехӯрад, вале тазоҳур ба шаробхорӣ мекунад, зино намекунад, вале ба гунае рафтор мекунад, ки мардум ӯро як одами фосиди зинокор бидонанд. Чаро? Мегӯяд: ман ин корро мекунам барои ин ки нафсро бикушам, барои ин ки нафс бимирад. Воқеан ҳам ин корҳо муборизаи шадиде бо нафс аст, чун нафс дилаш мехоҳад дар миёни мардум обрӯ ва виҷҳа дошта бошад ва мардум ба ӯ эътиқод дошта бошанд, вале ӯ амдан коре мекунад, ки мардум ба ӯ эътиқод надошта бошанд: дузд набуд, вале тазоҳур ба дуздӣ мекард; басо буд моли мардумро ба ҷое мебурд, ки ӯро бигиранд ва кутак бизананд, ва агар намефаҳмиданд, дубора он молро сари ҷояш мегузошт; шишаи машрубро бо худаш ҳамл мекард, дар ҳоле, ки шаробхор набуд.

Оё ин корҳо бо мантиқи ислом вифқ медиҳад? На. Ислом мегӯяд, ъирзи (обрӯ, номус) мӯъмин дар ихтиёри худаш нест. Мӯъмин ҳақ надорад коре кунад, ки шарафу эҳтирому ъирзи худро дар миёни мардум бирезад. Ислом мегӯяд: риёкорӣ накун, тазоҳур ба хубӣ накун, вале тазоҳури дурӯғин ба бадӣ ҳам накун. Ҳам он, дурӯғи амалӣ аст ва ҳам ин. На он дурӯғро бигӯ ва на ин дурӯғро.

Яке аз иллатҳои ин ки дар адабиёти ирфонӣ, маъонии баланди муқаддаси маънавиро дар либоси алфози фисқу фуҷуре баён кардаанд ва аз забони шоҳиду маъшуқу маю най сухан гуфтаанд, ин аст, ки мехостаанд ба чизе, ки худашон аҳли он набудаанд тазоҳур кунанд.

Ҳатто дар Ҳофиз ҳам ин матлаб зиёд дида мешавад, гӯ ин ки худаш мегӯяд, ки ман маломатӣ нестам ва риёкор ҳам нестам:

*Дило, далолати хайрат кунам ба роҳи наҷот,*

*Макун ба фисқ мубоҳоту зуҳд ҳам мафурӯш.*[1]

Равиши маломатӣ як навъ муҷоҳидаи сӯфиёна бо нафс аст, ки ислом онро намепазирад. Албатта боз ҳам таъкид мекунам, ки ин равиш дар миёни ҳамаи мутасаввифа набудааст. Дар миёни бисёре аз мутасаввифа аз қабили Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳифзи одоби шариат хеле қавӣ будааст, вале дар миёни гурӯҳе ин матлаб будааст. Мегӯянд, дар миёни мутасаввифаи Хуросон, маломатиён зиёд будаанд. Ба ҳар ҳол, ислом дар ҷиҳоди бо нафс, равиши маломатиро иҷоза намедиҳад.

## Тасаввуф ва иззати нафс

Гоҳе дар мактаби тасаввуф, дар ҳамин ҷиҳоди бо нафс, тан ба даноат ва пастӣ медиҳанд барои ин ки нафсро рому залил карда, аз фармон додан боздоранд. Чӣ тавр? Масалан, шахсе дар ҷое метавонад аз ҳайсияти худаш дифоъ кунад, вале дифоъ намекунад. Чизе, ки мо исмашро "иззати мӯъмин" мегузорем, дар баъзе аз мактабҳои тасаввуф маънӣ надорад. Дар миёни бисёре аз ин макотиб дар маросиме, ки солик бояд ба шайху устоди худ хидмат кунад, он устод ба солик фармон медиҳад, ки корҳоеро, ки хеле пасту данӣ аст анҷом диҳад.

---

[1] Манзури ӯ аз "ба фисқ мубоҳот кардан" ҳамонҳое ҳастанд, ки ин корҳоро мекунанд, вале шояд аз баъзе аз калимоти худи Ҳофиз ҳам бишавад ин матлабро фаҳмид.

Устод Мутаҳҳарӣ дар ҳавошии худ бар Девони Ҳофиз чанд байт аз абётеро, ки далел бар маломатӣ будани Ҳофиз гирифта шудааст, мушаххас кардаанд, монанди ин абёт:

Гар муриди роҳи ишқӣ, фикри бадномӣ макун,

Шайхи Санъон хирқа раҳни хонаи хаммор дошт.

Вақти он ширин қаландар хуш, ки дар атворм сайр

Зикри тасбеҳи малак дар ҳалқаи зуннор дошт.

Ва ё ин байт:

Он, ки ҷуз Каъба мақомаш набуд аз ёди лабат,

Бар дари майкада, дидам, ки муқим афтодаст.

Масалан, ин солик ҳатман бояд муддате саргинҳои ҳайвонотро ҷамъ кунад, канносӣ кунад ва ё корҳое бадтар аз инҳоро анҷом диҳад, барои ин ки нафсаш кушта шавад, ки ислом инҳоро иҷоза намедиҳад.

Иброҳими Адҳам, ки аз машойихи тасаввуф аст мегӯяд:[1] ман дар умрам ҳеч вақт ба андозаи се мавзеъ хушҳол нашудам:

Яке он ки: вақте мариз будам ва дар масҷиде афтода будам ва наметавонистам баланд шавам, ходими масҷид омад ва гадоҳо ва фақирҳоро, ки хобида буданд, баланд кард. Ба ман ҳам, ки расид, бо итоб гуфт: баланд шав! Ва чанд лагад бо пояш ба ман зад, ва ман ҳам наметавонистам баланд шавам. Ҳама рафтанд ва ман танҳо будам. Баъд ходим поямро гирифт ва маро мисли як лоша аз масҷид берун андохт. Хеле хушҳол шудам, чун дидам ин нафс дар ин ҷо дорад ҳисобӣ кӯбида ва залилу хор мешавад.

Мавриди дуввум ин ки: як вақт ҳамроҳи иддаи зиёде савори киштӣ будем. Далқаке дар ин киштӣ буд, ки барои саргармии аҳли киштӣ, далқакбозӣ мекард ва қисса мегуфт ва мардумро механдонд. Аз ҷумла гуфт: дар фалон ҷо ба ҷанги куффор рафта будем ва чунину чунон мекардем ва баъд як кофири касифе дар он ҷо буд ва ман рафтам ва риши ӯро гирифтам ва кашидам.

Он далқак дар маҷлис нигоҳ кард, чун одаме мехост, ки ӯро ба истилоҳ, сужаи худаш қарор диҳад, аз ман пасттар касеро пайдо накард, омад риши маро гирифт ва кашид ва мардум хандиданд. Ин ҷо ҳам хеле хушҳол шудам, чун дидам ҳисобӣ нафс дорад кӯбида мешавад.

Мавриди севвум ҳам ин ки: рӯзе дар зимистон дар ҷое будам. Аз ҷои худ берун ва дар зери офтоб омадам. Ба пӯстинам нигоҳ кардам, дидам он қадр шапуш дошт, ки нафаҳмидам пашми он зиёдтар аст ё шапуш. Ин ҳам яке аз он мақомоте буд, ки хеле хушҳол шудам.

Бале, инҳо муборизаи бо нафс аст, ҷиҳод бо нафс аст, аммо ҷиҳод бо нафсе аст, ки ислом онро иҷоза намедиҳад. Асосан, ислом ба ҳеч ваҷҳ чунин муҷоҳидаи бо нафсро, ки инсон тан ба хорӣ бидиҳад ва он далқак бихоҳад мардумро бихандонад, яъне як кори баттолӣ бикунад — ки асли кораш хилоф аст ва тавҳин кардани ӯ ба ман хилофи дигар аст — қабул надорад. Оё ӯ биёяд ришамро бо даст бигирад ва маро ин тарафу он тараф бикашад ва ман

[1] Нақли ман дар ин ҷо аз Ибни Абилҳадид аст. Иброҳими Адҳам, аввал шоҳзода буд, баъд фирор кард ва дар ҳоли танҳоӣ зиндагӣ кард ва машғули сулуку муҷоҳидаи бо нафс шуд.

ҳеч чиз нагӯям ва таслими ӯ шавам барои ин ки ҷиҳод бо нафс аст?! Ислом мегӯяд, нафси мӯъмин, азизу мӯҳтарам аст; мӯъмин бояд аз шарофати худ дифоъ кунад. Тибқи мантиқи ислом, бар Иброҳими Адҳам воҷиб буда, ки дар он ҷо дар муқобили он далқак биистад ва бигӯяд: фузулӣ мавқуф! Дур шав!

Дигаре мегӯяд: шабе як нафар маро барои ифторӣ ба хонааш даъват кард. Вақте ба дари хонааш рафтам, роҳам надод. Як шаби дигар маро даъват кард, вале боз ҳам маро роҳ надод ва бори дигар ин матлаб такрор шуд. Охири кор гуфт: воқеан таъаҷҷуб мекунам, ман се дафъа туро даъват кардам ва ҳар се дафъа роҳат надодам, вале дар айни ҳол ҳар вақт туро даъват мекунам, боз меоӣ, аҷаб одаме ҳастӣ! Гуфтам: саг ҳам, ки ҳамин тавр аст. Сагро агар даҳ дафъа ҳам садояш кунӣ ва баъд биронӣ, дубора бармегардад.

Вале ислом иҷоза намедиҳад, ки инсон то ин ҳадд нафси худро хору таҳқир кунад ва ба он тавҳин кунад. Чаро? Рози матлаб ин ҷост:

Мо дар ислом аз як тараф ба ҷое мерасем, ки вақте сӯҳбати нафс пеш меояд, мегӯянд бояд бо ин нафс муҷоҳида ва мубориза кард ва онро миронд ва нафси амморатун биссуъ чунину чунон аст. Аз тарафи дигар, дар ислом ба ҷои дигаре мерасем, мебинем ба ҳамин андоза — ва балки беш аз ин андоза — сӯҳбат аз иззати нафс ва қуввати нафс ва кароматӣ нафс аст; сӯҳбат аз ин аст, ки нафси мӯъмин азиз аст, нафси мӯъмин мӯҳтарам аст ва ҳатто ҳамаи ахлоқи исломӣ бар асоси таваҷҷӯҳ додани инсон ба каромат ва шарофати нафсаш аст, мегӯяд: шарофати нафси худатро лаккадор накун! Чӣ тавр мешавад, ки ислом аз як тараф мегӯяд, муҷоҳидаи бо нафс кун, ва аз тарафи дигар мегӯяд, шарофати нафси худро лаккадор накун? Магар ду нафс вуҷуд дорад, ки бояд бо як нафс муҷоҳида кард ва нафси дигарро мӯҳтарам шумурд?

Ҷавоб ин аст, ки: ду нафс ба маънои ин ки ду шахс бошад вуҷуд надорад. Як нафс вуҷуд дорад, вале як нафс аст, ки ҳам дараҷаи олӣ дорад ва ҳам дараҷаи донӣ ва паст. Нафс дар дараҷаи олии худаш шариф аст ва вақте дар дараҷаи донии худ пояшро аз гилемаш дарозтар мекунад, на ин ки бигӯем паст аст, аммо бояд ҷилави ӯро гирифт.

Ин матлаб аст, ки дар забони урафо, ба он, чунонки бояд, таваҷҷӯҳ нашудааст ва аз ин рӯ он ҷо, ки масъалаи ҷиҳод бо нафс дар калимоти онҳо матраҳ аст, зимнан ҷиҳод бо он нафси

шарифа ҳам шудааст, на ин ки фақат ҷиҳод бо нафси аммора шуда бошад. Яъне ба ин матлаб, ки чунин «худ»-е дар кор аст, камтар таваҷҷӯҳ шудааст.

## «МАН»-И ВОҚЕИИ ИНСОН

Нуктае дар ин ҷо ҳаст, ки дар фалсафаи ҷадид ҳам ба сурати дигаре матраҳ аст, ва он ин ки: "ман"-и воқеии инсон кист ва чист? Фалосифа назари хоссе доранд. Назарашон ин аст, ки "ман"-и ҳар кас ҳамон равону руҳи ӯст; ҳамон аст, ки инсон онро ташхис медиҳад. "Ман"-ро, ки инсон эҳсос мекунад, яъне ҳамон руҳи ӯ. Вақте ба инсон мегӯянд, "ман" кист?, мегӯяд "ман" яъне руҳам.

Равоншиносии имрӯз лоақал ба ин ҳадд аз матлаб расидааст, ки миқдоре аз худатро, ки ту эҳсос мекунӣ, як қисмат аз "ман"-и туст. Қисмати бештар аз "ман"-и ту, "ман"-и ноогоҳи туст, ки ту худат аз вуҷуди ӯ огоҳ нестӣ, яъне дар шуъури зоҳири ту вуҷуд надорад. Урафо дар ин ҷо эъҷоз кардаанд ва чанд дараҷа аз равонковҳои имрӯз ҳам дақиқтар рафтаанд ва сареҳан бо фалосифа мухолифат карда, гуфтаанд: фалосифа иштибоҳ кардаанд, ки гуфтаанд: "ман"-и инсон ҳамон руҳи инсон аст; "ман" хеле дақиқтар ва амиқтар аст аз он чи ки фалосифа онро руҳи инсон медонанд. Ба қавли Шабистарӣ:

*Ману ту бартар аз ҷону тан омад,*
*Ки ҷону тан зи аҷзои ман омад.*

Албатта, онҳо мегӯянд, ҳар кас ба "ман"-и ҳақиқии худаш он вақт даст меёбад ва "ман"-и худро он вақт кашф мекунад, ки Худоро кашф карда бошад. Шуҳуди "ман"-и худ, аз шуҳуди Худо ҳеч вақт ҷудо нест. Ва ин матлаб дар Қуръон аст:

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنسَاهُمْ أَنفُسَهُمْ أُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

*«Ва мисли касоне мабошед, ки Худоро фаромӯш карданд ва Худо низ ононро дучори худфаромӯшӣ кард, онон ҳамон нофармононанд.»* (*Сураи Ҳашр, ояти 19*), ки достонаш муфассал аст.

Урафо шадидан таваҷҷӯҳ доранд, ки "ман"-и инсон хеле амиқтар аз он ҳадде аст, ки фалосифа дарк кардаанд. Муҳйиддини Арабӣ (1) фалосифае назири Бӯалиро сахт таҳқир

мекунад… Сухани Шабистарӣ ҳам айни сухани Муҳйиддин аст. Муллои Румӣ дар якҷо аҷиб ин матлабро баён кардааст, мегӯяд:

*Эй ту дар бегор худро бохта,*

*Дигаронро ту зи худ нашнохта.*

Эй касе, ки худ (яъне ҳамон "ман")-ро бохтаӣ! Ин таъбир ҳам аз Қуръон аст:

قُلْ إِنَّ الْخَاسِرِينَ الَّذِينَ خَسِرُوا أَنفُسَهُمْ

(*Сураи Зумар, ояти 15*) Қуръон мегӯяд, ки бузургтарин бохтанҳо ва бузургтарин бохтан дар қиморҳо ин аст, ки инсон "худ"-ро бибозад:

*Эй ту дар бегор худро бохта,*

*Дигаронро ту зи худ нашнохта.*

*Ту ба ҳар сурат, ки ойӣ, бистӣ,*

*Ки «манам ин», валлаҳ он ту нестӣ.*

Баъд далел меоварад, мегӯяд:

*Як замон танҳо бимонӣ ту зи халқ,*

*Дар гаму андеша монӣ то ба ҳалқ.*

Оё замоне, ки хилват бароят рух диҳад, ки иҷборан дар хилват биравӣ ва ё ихтиёран аз мардум ҷудо шавӣ, аз танҳоӣ ваҳшат мекунӣ ё намекунӣ? Кадом як аз мо ҳастем, ки даҳ шабонарӯз дар якҷо танҳо бошем ва ҳавсалаамон сар наравад? Ҳабси таксиллулӣ болотарини ҳабсҳост, чун одам танҳо мемонад. Агар худатро ёфта будӣ ва худатро дарк карда будӣ, чунин ҳолате пайдо намекардӣ.

*Ин ту кай бошӣ? Ки ту он авҳадӣ,*

*Ки хушу зебову сармасти х(в)адӣ.*

Агар ту худатро кашф карда будӣ, вақте дар хилват бо худат будӣ, ниёзе ба ҳеч чиз надоштӣ. Ин ки дар хилват ваҳшат мекунӣ, барои ин аст, ки бо худат ҳам нестӣ, худатро ҳам гум кардаӣ, худатро бохтаӣ.

Ин аст, ки руҳ ва ҳақиқати ибодат, ки таваҷҷӯҳ ба Худост, бозёфтани худи воқеӣ аст. Инсон худи ҳақиқиашро дар ибодат ва дар таваҷҷӯҳ ба зоти Ҳақ пайдо мекунад ва меёбад.

Бинобар ин, урафо то ин ҳадд ин масъаларо кашфу дарк кардаанд. Вале дар айни ҳол, мо дар масъалаи ҷиҳод бо нафс, таваҷҷӯҳи мактаби ирфон ба масъалаи каромату иззату шарофати мақоми олии нафсро — ки набояд лаккадор шавад ва асосан бо такя ба он аст, ки инсон ба мақомоти олӣ мерасад – хеле-хеле кам мебинем, он қадр кам мебинем, ки бояд бигӯем нест. Яъне агар онро бо дастурҳое, ки дар мутуни ислом омадааст муқоиса кунем, мебинем бо ин ки урафо ҳама чизро аз дастурҳои ислом илҳом гирифтаанд, ин илҳомро камтар гирифтаанд ва шояд сирраш ин буда, ки камтар нуктаи ин матлабро дарк кардаанд.

## Иззати нафс дар Қуръон ва ҳадис

Дар ислом, бо ҳамаи инҳо, ки:

**وَنَهَى النَّفْسَ عَنِ الْهَوَى**

(*«Ва нафси худро аз ҳавас боздошт.»* (*Сураи Нозиъот, ояти 40*) ҳаст,

**إِنَّ النَّفْسَ لأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ**

(*«Нафс қатъан ба бадӣ фармон медиҳад…»* (*Сураи Юсуф, ояти 53*) ҳаст,

**قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّاهَا. وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّاهَا**

(*«Ҳар кас онро (нафсро) пок гардонид, қатъан растгор шуд. Ва ҳар ки олудааш сохт, қатъан дарбохт.»* (*Сураи Шамс, оятҳои 9-10*) ҳаст,

**موتوا قبل أن تموتوا**

(«*Бимиред қабл аз он ки бимиред.» (ҳадис*)) ҳаст, дар айни ҳол, рӯи иззати нафс ҳам такя шудааст. Қуръон мефармояд:

**وَلِلَّهِ الْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ**

(«*Ва иззат аз они Худо ва аз они паёмбари ӯ ва аз они мӯъминон аст…» (Сураи Мунофиқун, ояти 8*). Намегӯяд, иззати нафс худпарастӣ аст. Пайғамбар фармуд:

## اطلبوا الحوائج بعزّة الأنفس

Башар ба башар ҳоҷат пайдо мекунад. Фармуд: агар ҳоҷате доред, ҳеч вақт пеши касе бо зиллат ҳоҷат нахоҳед, бо иззати нафс бихоҳед. Яъне, иззати худатонро лаккадор накунед, нагӯед аз назари ҷиҳоди нафс ва мубориза бо ҳавои нафс беҳтар аст, ки ба шакли як гадо аз касе чизе бихоҳам. На! Ислом иҷоза намедиҳад. Агар ҳоҷате пеши касе дорӣ, бо иззати нафс ҳоҷати худро аз ӯ бихоҳ ва бигир.

Бибинед, Алӣ (а) дар майдони ҷанг чӣ мегӯяд. Ин ҷо сӯҳбат аз иззати нафс ва шарофат аст, мефармояд:

**فالموت في حياتكم مقهورين والحياة في موتكم قاهرين**

(*Наҳҷул-балога, хутбаи 51*)

*Тани мурдаву гиряи дӯстон,*

*Беҳ аз зиндаву хандаи душманон.*

*Маро ор ояд аз ин зиндагӣ,*

*Ки солор бошам, кунам бандагӣ.*

Имом Ҳусайн (а) мефармояд:

**موت في عزّ خير من حياة في ذلّ**

«*Мурдан дар сояи иззат, беҳтар аст аз зиндагӣ бо зиллат.*» Имом Ҳусайн (а) намегӯяд, ҷиҳод бо нафс ҳукм мекунад, ки мо тан ба ҳукми Язид ва Ибни Зиёд бидиҳем, чун бештар бо нафси худамон муҷоҳида кардаем!

**ألا وإن الدعيّ بن الدعيّ قد ركز بين اثنتين بين السلّة والذلّة وهيهات منّا الذلّة يأبى الله ذلك لنا ورسوله والمؤمنون وحجور طابت وطهرت**

«*Писари Зиёд, ин нокас писари нокас, аз ман хостааст, ки яке аз ин дуро баргузинам: ё тан ба зиллат бидиҳам ва ё шамшер. Ва ҳайҳот минназ зилла! Мо куҷо ва тан ба зиллат додан куҷо! Худо розӣ намешавад тан ба зиллат бидиҳем…*» (*Луҳуф, с.85*) Мехост бифармояд, на ин ки эҳсосоти шахсии ман аст; мактаби ман ба ман иҷоза намедиҳад: «*Худои ман ба ман иҷоза*

*намедиҳад, пайғамбари ман ба ман иҷоза намедиҳад*«, тарбияти ман ба ман иҷоза намедиҳад, ман дар домани Алӣ (а) ва дар домани Заҳро (а) бузург шудаам, аз пистони Заҳро шир хӯрдаам. Он пистоне, ки ба ман шир дода, ба ман иҷоза намедиҳад, яъне гӯӣ модарам ин ҷо ҳозир аст ва ба ман мегӯяд: Ҳусайн! Ту аз пистони ман шир хӯрдаӣ. Он, ки аз пистони ман шир хӯрда тан ба зиллат намедиҳад. Имом Ҳусайн нафармуд, мо меравем тан ба зиллати Ибни Зиёд медиҳем, бигузор ҳар коре мехоҳад бикунад, магар ғайр аз ин аст, ки ба мо иҳонату тавҳин мекунад ва фуҳш медиҳад? Ҳар чи ӯ бештар аз ин корҳо бикунад, бештар ҷиҳоди бо нафс кардаем! Абадан, чунин чизе нест:

**لا والله لا أعطيكم بيدي إعطاء الذليل ولا أفرّ فرار العبيد**

*«Ман ҳаргиз дасти зиллат ба шумо намедиҳам ва монанди бандагон фирор намекунам.»* (*Иршод, с.235*) Ё ба нақли дигаре:

**ولا أقرّ إقرار العبيد**

*«Монанди бардагон иқрору эътироф намекунам ва тан ба зиллат намедиҳам.»* Аз ин навъ таъбирот дар Қуръон ва ҳадис ва дар калимоти имомони атҳор (а) махсусан дар калимоти Имом Ҳусайн (а) хеле зиёд аст.

## Тавсияе ба ҷавонон

Ман матлаберо дар масҷиди Ҷовид гуфтам, ки барои тавзеҳ боз дар ин ҷо такрор мекунам. Дар яке аз он ҷаласот дар бораи ин ҷумлае, ки ахиран ба номи Имом Ҳусайн (а) маъруф шуда, ки:

**إنّ الحياة عقيدة وجهاد**

— арз кардам, ки дар ҳеҷ мадраке аз мадорики исломӣ чунин ҷумлае аз Имом Ҳусайн (а) нақл нашудааст, бинобар ин санад надорад. Ин ҷумла маънояш ҳам дуруст нест ва бо мантиқи Имом Ҳусайн ҷур дарнамеояд. Мантиқи ислом ин нест, ки зиндагӣ ин аст, ки инсон як ақидае дошта бошад ва дар роҳи ақидааш ҷиҳод кунад. Дар ислом сӯҳбати ақида нест, сӯҳбати “ҳақ” аст. Зиндагӣ ин аст, ки инсон ҳақро пайдо кунад ва дар роҳи ҳақ ҷиҳод

кунад. Ин масъала, ки дар роҳи ақида бояд ҷиҳод кард, як фикри фарангӣ аст, ки баъдҳо дар миёни мусалмонон ба сурати ин шеър омадааст:

**قف دون رأيك في الحياة مجاهدا**

**إنّ الحياة عقيدة وجهاد**

Ман мехоҳам ин матлабро арз кунам — чун дидам чанд нафар аз ҷавонон дилашон мехоҳад, ки ин ҷумла аз Имом Ҳусайн бошад ва хушашон наомадааст, ки ман гуфтам ин ҷумла аз Имом Ҳусайн нест — ки мо барои насли ҷавон ин эҳтиромро нисбат ба насли гузашта қоил ҳастем, ки ононро ҳақиқатҷӯ медонем, на мутаассиб дар ақидае, ки — ҳарчанд бидуни далел — пайдо кардааст. Аввалан, агар бино шавад насли ҷавон ин тавр бошад, ки агар як чизе дар каллааш рафт, нашавад онро берун овард, ва агар бидуни ҳеч далелу мантиқе чизеро гуфт, нашавад бо ӯ дар бораи ақидааш ҳарф зад, ин насл ҳам монанди насли куҳан мешавад; мунтаҳо шумо аз ин ҷумла хушат омада ва ӯ аз ҷумлаи дигаре хушаш омада; ӯ бе далел ба ақидаи худаш часбида, шумо ҳам бе далел ба ақидаи худат часбидаӣ. Сониян, шумо аҷолатан аз забони дӯсти худатон мешунавед, ки ин ҷумла на мантиқан бо ислом татбиқ мекунад ва на дар ҳеч китобе мадраку санаде дорад. Ҳол фарз кунем як одаме аз мухолифон ва душманони шумо, як одами ғайримусалмон, ки инсони вориде бошад, ба шумо, ки доиман мегӯед ҷумлаи:

**إنّ الحياة عقيدة وجهاد**

-ро Имом Ҳусайн гуфтааст, бигӯяд: ҳар чи, ки Имом Ҳусайн гуфтааст, лобуд мадраку санаде дар китобе дорад, Имом Ҳусайн дар куҷо ин суханро гуфтааст? Шумо, ки пайдо намекунед, баъд меойед сუроғи ман, мегӯед: ин ҷумлаи:

**إنّ الحياة عقيدة وجهاد**

дар куҷост? Зуд ба ман нишон бидеҳ, мехоҳам мадракашро ба як одами мухолифе, ки бо ӯ мубоҳиса кардаам, нишон диҳам. Он вақт ман ба шумо мегӯям: ин ҷумла дар ҳеч китобе вуҷуд надорад. Ба ман хоҳед гуфт: пас чаро то ба ҳол ба ман нагуфтед? Шумо, ки ҳамеша медидӣ мо ин ҳарфҳоро мезанем, чаро як бор ба мо нагуфтӣ ин ҷумла аз калимоти Имом

Ҳусайн нест, ки мо ин иштибоҳро накунем? Ҳамон вақт, мисли шумое ба мисли мане ҳамла хоҳед кард, ки шумо чаро ин қадр сукут кардед, нагуфтед ва нагуфтед, то вақте, ки мо дар муқобили душман гирифтор шудем ва маҳкумаш шудем? Ҳоло дорӣ ба мо мегӯӣ, ки чунин ҷумлае нест?!
Солисан, агар шумо аз ҷанбаи ҳамосӣ шефтаи ин ҷумла ҳастед, Имом Ҳусайн (а) ҷумлаҳои сад дараҷа болотар аз ин ҷумла дорад. Оё

**إنّ الحياة عقيدة وجهاد**

болотар аст ё ҳамин ҷумлае, ки хондам:

**موت في عزّ خير من حياة في ذلّ**

Кадом як беҳтар аст? Оё он ҷумла беҳтар аст ё ҷумлаи рӯзи Ошурои Имом Ҳусайн (а), ки фармуд:

**الموت أولى من ركوب العار**

**والعار أولى من دخول النار**

Оё он ҷумла болотар аст ё ҳамон ҷумлаи дигари рӯзи Ошурои Имом Ҳусайн (а), ки фармуд:

**ألا وإن الدعيّ بن الدعيّ قد ركز بين اثنتين بين السلّة والذلّة وهيهات منّا الذلّة يأبى الله ذلك لنا ورسوله والمؤمنون وحجور طابت وطهرت**

Оё он ҷумла болотар аст ё ҷумлае, ки дар хутбааш фармуд:

**من كان باذلا فينا مهجته وموطّنا على لقاء الله نفسه فليرحل معنا فإنّي راحل مصبحا ان شاء الله تعالى**

ва даҳҳо ҷумлаи дигар?
Мо, ки дар фақри шиор нестем. Агар мо мардуме будем, ки дар фақри ин ҷур шиорҳо будем, яъне шиорҳои зиндаи ҳамосӣ надоштем, агар мегуфтанд ҷумлае аз Имом Ҳусайн

аст, мегуфтем ҳол, ки мо аз худамон чизе надорем, як ҷумлаи дигарро – Алаёзу биллоҳ! — ба номи Имом Ҳусайн мегӯем. Мо ҳеч дучори фақри шиор нестем. Он қадр аз худи Имом Ҳусайн, аз падари Имом Ҳусайн, аз бародари Имом Ҳусайн, аз модари Имом Ҳусайн, аз фарзандони Имом Ҳусайн шиорҳои зинда дорем, ки дунё бояд биёяд аз мо қарз кунад. Мо чаро биравем шиори мардум, он ҳам шиори нодурусти мардумро қарз кунем?! Шоиста нест насли ҷавон таъассуб биварзад.

Боз ҳам мегӯям: агар воқеан касе ин ҷумларо пайдо кард, ман қавл медиҳам, ки болои ҳамин минбар биёям ва бигӯям, ки ман иштибоҳ кардам. Вале мо бояд мустанад ҳарф бизанем, на ҳамин тавр ғайримустанад як чизеро бигӯем. Боз дар ин заминаҳо матолиби зиёде дорем, ки чун вақт гузашт, ночорамароизи худамро дар ҳамин ҷо хотима бидиҳам.

Пас, ин ҳам худаш як нақди дигаре бо маҳаки ислом буд, ки дар адабиёти сӯфиёнаи мо, дар масъалаи ҷиҳоди нафс ончунон пеш рафтаанд, ки зимнан иззату кароматӣ нафс ҳам поймол шудааст ва вақте бо меъёри ислом бисанҷем, бояд ин қисматро ислоҳ кунем.

# НАҚДУ БАРРАСИИ НАЗАРИЯИ МАКТАБИ ҚУДРАТ (1)

وَكَأَيِّن مِّن نَّبِيٍّ قَاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَمَا وَهَنُواْ لِمَا أَصَابَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَمَا ضَعُفُواْ وَمَا اسْتَكَانُواْ وَاللّهُ يُحِبُّ الصَّابِرِينَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 146*)

Яке дигар аз мактабҳо дар мавриди инсони комил, инсони бартар, инсони намуна, инсони идеол ва инсони мутаъолӣ, мактаби қудрат аст. Дар ин мактаб, инсони комил мусовӣ бо инсони муқтадир ва соҳиб қудрат аст, ва ба иборати дигар, камол дар ин мактаб мусовӣ бо тавоноӣ, ва нақс мусовӣ бо аҷзу нотавонӣ аст. Ҳар инсоне, ки қавитар аст комилтар, ва ҳар инсоне, ки заифтар аст ноқистар аст, ва асосан ҳаққу адолат, ҳақиқате нест ва маъное ғайр аз ҳамон қудрату тавоноӣ надорад. Яъне агар ду нерӯ дар баробари якдигар қарор гиранд, мо маъмулан ин тавр фикр мекунем ва мегӯем, ки қатъи назар аз ин ки ин нерӯ пирӯз шавад ё он нерӯ, яке аз инҳо ҳаққу адолат аст ва дигаре ботилу зулму ҷавр. Мумкин аст дар як ҷо ҳақ ботилро шикаст диҳад ва бар ботил пирӯз шавад ва як ҷо ҳам мумкин аст акси қазия иттифоқ биафтад, яъне ботил бар ҳақ пирӯз шавад. Албатта тибқи мантиқи Қуръон, пирӯзии ниҳоӣ ҳамеша бо ҳақ аст ва пирӯзии ботил, пирӯзии муваққат аст, ва ин як матлабе аз дидгоҳи Қуръон аст, ки бисёр қобили таваҷҷӯҳ аст. Вале аз назари Қуръон ҳам матлаб аз ин қабил нест, ки агар ду нерӯ дар баробари якдигар қарор гиранд, он нерӯе, ки нерӯи муқобилро шикаст диҳад ҳақ аст ва он, ки шикаст бихӯрад ботил аст.

Аммо тарафдорони ин мактаб (мактаби қудрат) мегӯянд, ҳар ки тарафи муқобилро шикаст диҳад, ҳамон бар адолат аст; коре, ки тавоно ва муқтадир мекунад, ба далели ин ки тавоност, айни адолат аст.

# Таърихчаи мактаби қудрат

Ин мактаб собиқаи зиёде дар дунё дорад ва собиқаи он ба давраи қабл аз Суқрот мерасад. Суқрот дар ҳудуди чаҳорсад сол қабл аз мелоди Масеҳ будааст ва аз замони ӯ ҳудуди 2500 сол мегузарад. Қабл аз давраи Суқрот гурӯҳе будаанд, ки дар масоили фалсафӣ онҳоро «суфастоиён» меноманд ва инҳо дар масоили иҷтимоӣ чунин назаре доштаанд, ва ин фикр дар ҳамон дунёи Юнон бо зуҳури файласуфоне аз қабили Суқрот ва Афлотун ва Арасту мансух шуд ва баъд бо омадани масеҳият ҳеч ҷое барои ин навъ афкор набуд, чун масеҳият дуруст дар нуқтаи муқобили ин тарзи фикр аст. Яъне на танҳо аз қудрат таблиғ намекунад, балки аз заъф таблиғ мекунад. Ин ки дар масеҳият гуфта мешавад агар касе ба тарафи рости сурати ту силӣ зад, тарафи чапи сурати худро биёвар ва ҳатто аз худат дифоъ накун, навъе таблиғи заъф аст. Баъд, ки ислом дар дунё зуҳур кард — гӯ ин ки як мантиқи хоссе дар мавриди қуввату қудрат дорад, ки тавзеҳ хоҳем дод — мусаллам аст, ки матлабро ба ин сурат тарҳ накард, ки зӯр мусовӣ бо ҳаққу адолат аст ва ҳаққу адолат мусовӣ бо зӯр. Худи фарангиҳо истилоҳи “ҳаққи зӯр”-ро ба кор мебаранд, яъне ҳаққе, ки мусовӣ бо зӯр аст.

Бори дигар дар Мағрибзамин ин фикр зинда шуд, ки бале, ҳақ мусовӣ аст бо зӯр, ва ин фикр барои аввалин бор дар фалсафаи сиёсӣ (яъне дар ҳадди сиёсат ва на беш аз он) зуҳур кард. Мокёвеллӣ, донишманд ва файласуфи маъруфи итолиёӣ, асоси фалсафаи сиёсиашро бар сиёдат гузошт. Ӯ мегӯяд: дар сиёсат танҳо чизе, ки бояд малҳуз шавад, сиёдат аст ва ҳеч асли дигаре дар сиёсат мӯътабар нест. Барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ — ки ҳамон сиёдат аст — ҳар чизе ҷоиз аст: дурӯғ, фиреб, макр, қасамҳои дурӯғ, хиёнат кардан, по рӯи ҳақ гузоштан. Мегӯяд: дар сиёсат, мазмум шумурдани ин масоил, ба ҳеч наҳв набояд матраҳ бошад.

Баъд аз ӯ, файласуфони дигаре пайдо шуданд, ки на танҳо дар сиёсат, (балки) мутлақан ин масъаларо тарҳ карданд ва ба унвони як ахлоқи умумӣ чароғи сабзе ба сиёсатмадорон доданд, ки шумо дар сиёсат ин роҳро дар пеш бигиред, балки асосан мӯътақид шуданд, ки

ахлоқи олӣ ва ахлоқи инсонӣ яъне ҳамин. Дар ин ҷиҳат, Ниче,[1] файласуфи маъруфи олмонӣ, ба таври умум асли қудратро дар ахлоқ матраҳ кард.

## Назарияи Бекан ва таъсироти он

Ин ҷо бояд муқаддимае арз кунам, ки зикри он лозим аст. Медонед, ки дар ҳудуди чаҳор қарни пеш яъне дар қарни шонздаҳум, таҳаввуле дар илму мантиқ пайдо шуд ва ду нафар аз файласуфони бузурги ҷаҳон — ки яке ангилисӣ (*Фронсис Бекан, Francis Bacon*) ва дигаре фаронсавӣ (*Рене Декорт, René Descartes*) аст — пешрави илми ҷадид хонда шуданд. Ба хусус Бекан назаре дар боби илм дорад, ки ин назар ҳамаи назариёти гузаштаро дигаргун кард. Ин назар, ки маншаъи тараққии улум ва тасаллути зиёд ва фавқулъодаи инсон бар табиат шуд, айнан маншаъи фосид шудани инсонҳо гардид. Яъне ин назария, ҳам табиатро ба дасти инсон обод кард ва ҳам инсонро ба дасти худи инсон харобу фосид кард. Ин назария чист?

Қабл аз Бекан, бузургон, аъам аз фалосифа ва ба хусус адён, илмро дар хидмати ҳақиқат гирифта буданд, на дар хидмати қудрат ва тавоноӣ. Яъне, вақте инсонро ташвиқ ба фарогирии илм мекарданд, такягоҳи ин ташвиқ ин буд, ки эй инсон! Олим бош, огоҳ бош, ки илм туро ба ҳақиқат мерасонад, илм, василаи расидани инсон ба ҳақиқат аст. Ва ба ҳамин далел, илм қадосат дошт, яъне ҳақиқати муқаддас ва мофавқи манофеи инсон ва умури моддӣ буд. Ҳамеша илмро дар муқобили молу сарват қарор медоданд: оё илм беҳтар аст ё молу сарват? Мебинед, дар адабиёти мо — чӣ форсӣ ва чӣ арабӣ — миёни илму сарват муқоиса мекунанд ва он вақт илмро бар сарват тарҷеҳ медиҳанд:

*Илм доданд ба Идрису ба Қорун зару сим,*

*Он яке зери замину дигаре фавқи фалак.*

Амирулмӯъминин Алӣ (а) дар ҷумлаҳое, ки дар "*Наҳҷул-балога*" аст, миёни илму сарват муқоиса мекунад ва илмро бар молу сарват тарҷеҳ медиҳад. Ҳамеша ба илм ба унвони амре

[1] Ӯ дар охири умр девона шуд, ва ба ақидаи ман, осори ин ҷунун дар ҳамон авоил ҳам зоҳир будааст. Ниче нависандаи бисёр муқтадире аст, ки қисматҳое аз ибороташро барои шумо хоҳам хонд.

муқаддас ва мофавқи умур ва манофеи моддӣ нигоҳ мекарданд ва муаллим як мақоми қудсӣ дошт. Алӣ (а) мефармояд:

**من علّمني حرفا فقد صيّرني عبدا**

«*Касе, ки як ҳарф ба ман биёмӯзад, маро бандаи худаш сохтааст.*» Бибинед Қуръон мақоми илм ва қадосати илмро то куҷо боло бурда, ки дар достони хилқати Одам ва таълими асмо ва саҷдаи малоика мефармояд: эй малоика! Эй фариштагони ман! Ба Одам саҷда кунед, ба далели ин ки Одам медонад чизеро, ки шумо намедонед.

Бекан назари ҷадиде иброз кард ва гуфт: инҳо барои инсон саргармӣ аст, ки дунболи илм биравад барои ин ки мехоҳад ҳақиқатро кашф кунад, зеро худи кашфи ҳақиқат муқаддас аст. Инсон илмро бояд дар хидмати зиндагӣ қарор диҳад; он илме хуб аст, ки бештар ба кори зиндагии инсон бихӯрад, он илме хуб аст, ки инсонро бар табиат мусаллат кунад, он илме хуб аст, ки ба инсон тавоноӣ бидиҳад. Ин буд, ки илм ҷои ҷанбаи осмонии худашро ба ҷанбаи заминӣ ва моддӣ дод. Яъне масири илму таҳқиқ иваз шуд ва илм дар масири кашфи асрору румузи табиат афтод барои ин, ки инсон бештар бар табиат мусаллат шавад ва беҳтар битавонад зиндагӣ кунад, ва ба иборати дигар, рафоҳашро беҳтару бештар фароҳам кунад.

Албатта, ин назария аз як назар хидмати бисёр бузурге ба башарият кард, чаро ки илм дар масири кашфи табиат барои тасаллути инсон бар табиат ва баҳраманд шудани ӯ аз табиат афтод, ва аз ин назар бисёр хуб буд. Аммо дар канори ин, илм дигар он қадосат ва волоӣ ва мақоми қудс ва таҳорати худро аз даст дод. Алъон ҳам агар таваҷҷӯҳ кунед, барои донишҷӯён ва туллоби улуми диние, ки дар ҳавзаҳо ва бо меъёрҳои қадим таҳсил мекунанд, илм ҳамон арзишро дорад; ҳамон арзише, ки масалан китоби «*Одобул-мутаъаллимин*» ё китоби «*Мунятул-мурид*«-и Шаҳиди Сонӣ баён кардааст ва он китобҳо пур аз ривояту ҳадис дар фазилати илм аст. Ин аст, ки барои онҳо илм, як қадосат ва таҳорате дорад. Масалан, мӯътақиданд, ки вақте мехоҳем дар як ҳавзаи илмӣ дарс бихонем, беҳтар аст вузӯ бигирем ва бо таҳорат барои таҳсил биравем. Барои як талаба, устод ва муаллим як эҳтирому ҷалолату қадосати хоссе дорад. Як талаба воқеан дар умқи руҳаш нисбат ба устодаш хузӯъ дорад. Агар бихоҳад илмро барои мол таҳсил кунад, дар худаш эҳсоси шарм

мекунад, ки ман илмро таҳсил кунам барои ин ки дар оқибат пуле гири ман биёяд! Ё як муаллим агар бихоҳад таълим диҳад ва таълимашро дар изои пул ва музду аҷр қарор диҳад, инро таназзули мақоми илм медонад.

Вале дар таҳсилоти ҷадид, ки идомаи ҳамон равиши Бекан аст, масъалаи таълиму таъаллум он қадосати худро ба куллӣ аз даст додааст. Як донишҷӯ вақте таҳсил мекунад, таҳсил барои ӯ як амали муқаддимотӣ барои зиндагӣ аст. Дигар фарқе нест байни ин ки як инсон дар мадраса ва донишгоҳ дарс бихонад барои ин ки фардо дуктуру муҳандис шавад ва як зиндагии хуб фароҳам кунад, ва ин ки дар бозор шогирди як тоҷир шавад ё як аттор ва баққол гардад. Ӯ дунболи пул медавад ва он дигаре ҳам дунболи пул медавад. Дар бораи муаллими худаш ҳам фикр мекунад, ки ин фард дар моҳ чанд ҳазор тумон ҳуқуқ мегирад ва дар изои ҳуқуқаш бояд ин ҳарфҳоро дар ин ҷо бизанад. Амалан ҳам мо мебинем, ки шогирд пушти сари устод даҳто фуҳш ҳам мумкин аст бидиҳад ва ҳеч дар виҷдони худ эҳсоси шарм намекунад ва барои ӯ масъалае нест.

Бекан гуфт: илм, барои қудрат ва дар хидмати қудрат; доноӣ барои тавоноӣ, на барои чизи дигар. Ин назария дар ибтидо асари бади худашро зоҳир накард. Вале тадриҷан, ки башар аз илм, фақат тавоноӣ ва қудрат мехост, ба ҷое расид, ки ҳама чиз дар хидмати қудрату тавоноӣ қарор гирифт.

Алъон чархи дунё бар ин асос мегардад, ки илм ба таври куллӣ дар хидмати қудратҳост. Ҳеч вақт дар дунё илм ба андозаи имрӯз асир ва дар хидмати зӯрмандон ва қудратмандон набудааст ва уламои тирози аввали олам, асиртарин ва зиндонитарини мардуми дунё ҳастанд. Олимтарин фард масалан оқои Энштейн аст, вале илми Энштейн дар хидмати кист? Дар хидмати Рузвелт. Энштейн навкари оқои Рузвелт аст ва наметавонад набошад. Чӣ дар урдугоҳи империёлизм ва чӣ дар урдугоҳи сусиёлизм ҳамин тавр аст, фарқ намекунад, дар ҳама ҷо илм дар хидмати қудрат аст. Алъон дунёро қудрат мечархонад, на илм. Ин ҷумларо, ки мегӯем: "Дунёи мо, дунёи илм аст" бояд андаке тасҳеҳ кунем. Дунёи мо дунёи қудрат аст, на дунёи илм, ба ин маъно, ки илм ҳаст, вале на илми озод, балки илм дар хидмати қудрату зӯру тавоноӣ. Илм имрӯз асир аст ва озод нест ва аз ин рӯ ҳар ихтироъ ва иктишофе, ки дар дунё рух медиҳад, агар бишавад онро дар хидмати зӯр қарор дод ва аз он як силоҳи маҳиби хатарнок ва ваҳшатноке барои куштани инсонҳо сохт, аввал он ҷо

аз он истифода мешавад, баъд дар хидмати корҳои дигари башар қарор мегирад. Яъне аввал дар хидмати зӯр қарор мегирад, магар ин ки иктишофе бошад, ки ба дарди зӯр нахӯрад. Аҳёнан дар ибтидо иктишофро буруз намедиҳанд ва то вақте, ки лозим бошад, ин сиррро ҳифз мекунанд барои ин ки "зӯр" ба он эҳтиёҷ дорад.

Роҳе, ки Бекан тай кард, хоҳ нохоҳ ба он чи ки Мокёвеллӣ ва махсусан Ниче гуфтааст мунтаҳӣ мешавад.

## Истифодаи Ниче аз усули Дорвин

Як асли дигар дар дунё пайдо шуд, ки ин асл ҳам пояи дигаре барои ҷаноби Ниче шуд, ва он асл яке аз усули дорвинизм буд. Дорвин худаш шахсан як масеҳии мутадайин аст ва як одами зидди Худо нест ва дар калимоти худ ба вуҷуди Худо тасреҳ ва иқрор ва эътироф мекунад ва ба ҳазрати Масеҳ (а) эҳтиром мегузорад,[1] вале усули Дорвин дар дунё мавриди суистифодаҳои зиёде воқеъ шуд, ки худи ӯ ҳам намехост чунин шавад. Аз ҷумла, моддигароён (материалистҳо) усули такомули Дорвинро абзоре барои инкори Худо қарор доданд, ки ин худаш достоне аст.

Яке аз суистифодаҳои дигаре, ки аз фалсафаи Дорвин шуд, дар "ахлоқ" буд, дар мавриди сохтани инсони хуб ва намуна, инсони бартар ё комил; чаро ки яке аз усули Дорвин «асли танозӯъи бақо» буд. Дорвин чаҳор асл таъсис кард, ки яке «асли ҳубби зот» буд, яъне ҳар ҳайвоне ҳубб ба зот дорад ва барои сиёнати зоти худ кӯшиш мекунад. Асли дигар ҳамин асли «танозӯъи бақо» буд, ки гуфт: асоси зист ва ҳаёт дар ин олам ин аст, ки ҷондорҳо бо якдигар доиман дар ҳоли ҷангу мубориза ҳастанд, ва он ки қавитар аст, боқӣ мемонад. Ҷондорон дар ғирболи табиат, ғирбол мешаванд, ва табиат, дар ҷангу кашмакаши доимӣ, ки ҳайвонот доранд, ғирбол мекунад ва аслаҳ (солеҳтар)-ро барои бақо интихоб мекунад, ва "аслаҳ барои бақо" яъне он мавҷуде, ки дар майдони мубориза беҳтар тавонистааст худро нигаҳ дорад ва тавонистааст ҳарифро аз байн бибарад ва худро ҳифз кунад.

---

[1] Ҳатто дар таърихи зиндагии ӯ навиштаанд: вақте, ки дошт мемурд ва дар ҳоли эҳтизор буд, китоби муқаддасро рӯи синааш муҳкам гирифта ва ба он часбида буд.

Ҳол, бар ин асли Дорвин эродҳое гирифтаанд, ки: на, мавҷудоте на ба далели қавӣ будан, балки ба далоили дигаре боқӣ мондаанд ва аслаҳият барои бақо ғайр аз қавӣ будан аст, ки мо аҷолатан коре ба ин эродҳо надорем.

Ба ҳар ҳол, оқои Ниче аз ин асл натиҷа гирифт, ки асл дар ҳаёти ҳамаи ҷондорон ва ҳатто дар ҳаёти инсон, ҳамин аст, ва ҷангу танозӯъ асле дар зиндагии инсонҳост, ва ҳар инсоне, ки қавитар бошад, боқӣ мемонад ва ҳақ ҳам бо ҳамон аст, ки боқӣ мемонад. Ва баъд гуфт, ки табиат ба сӯи инсони бартар[1] сайр мекунад ва инсони комил бояд дар оянда ба вуҷуд биёяд. Инсони комил (ба назари ӯ) яъне чӣ? Яъне инсони қавитар ва нерӯмандтар; инсоне, ки ахлоқи заъифпарвар аслан дар ӯ вуҷуд надорад. Ахлоқи заъифпарвар чист? Ҳаминҳое, ки мо имрӯз онҳоро камол мешуморем: муҳаббат варзидан, меҳр варзидан, эҳсон кардан, хидмат ба халқ кардан… Мегӯяд: ин ахлоқ, падари башарро даровардааст. Инҳо монеъи такомули башарият ва монеъи бурузи инсони бартар ва қавитар ва инсони комил аст. Инсони комил он аст, ки дар ӯ ин нуқтаҳои заъф — ки мо онҳоро камол ҳисоб мекунем — вуҷуд надошта бошад. Ва аз ин рӯ, Ниче, ҳам душмани Суқрот аст ва ҳам душмани Масеҳ. Мегӯяд: Суқрот, ки дар ахлоқи худаш, ба иффату покӣ ва адолату меҳрубонӣ ва амсоли ин ҳарфҳо тавсия кард, хиёнат кард, ва бадтар аз Суқрот — ба ақидаи ӯ — Масеҳ аст, ки ин ҳама роҷеъ ба меҳрубонӣ ва утуфат ва муҳаббати инсонҳо сухан гуфтааст. Аз назари Ниче, инҳо нуқоти заъфи инсон аст; инсон ҳар чи аз ин сифот надошта бошад, ба камол наздиктар аст, чун камол яъне тавоноӣ, ва нақс яъне нотавонӣ, ва инҳо аз нақс ношӣ мешавад.

## Хулосае аз назариёти Ниче

Ҳол, барои ин ки бибинед мавзӯъ то куҷо кашида шудааст, қисматҳое аз калимоти ӯро, ки дар китобҳои таърихи фалсафа зиёд нақл кардаанд, барои шумо мехонам. Шояд дар китобҳои мутаъаддиде, ки дар ин бора хондаам Фурӯғӣ беҳтар аз дигарон нақл карда бошад ва аз ин рӯ ман қисматҳое аз он чиро, ки Фурӯғӣ нақл кардааст, барои шумо мехонам. Фурӯғӣ менависад:[2]

---

[1] Инсонеро, ки мо инсони комил мегӯем, инҳо инсони бартар ё “суперман” меноманд.
[2] Ибороти нақлшуда аз китоби «Сайри ҳикмат дар Урупо», ҷ.3 мебошад.

*«Ҳамаи донишмандони дунё худпарастиро мазмум, ва ғайрпарастӣ ва шафқатро мустаҳсан (писандида) шумурдаанд. Ниче ба хилофи ҳама, худпарастиро ҳақ дониста ва шафқатро заъфи нафс ва айб пиндоштааст.»*

Мо роҷеъ ба ин мавзӯъ бояд сӯҳбат кунем, ки оё воқеан шафқат, заъфи нафс аст ё на? Ин худаш як матлабе аст. (Дар идома Фурӯғӣ менависад:)

*«Аз раъйи Дорвин, Ниче «кӯшиш дар бақо»-ро пазируфта ва онро ба маънии танозӯъ гирифта ва он чиро дигарон натиҷаи фосиди раъйи Дорвин шумурдаанд, ӯ дуруст пиндошта, ки афрод бо якдигар дар кашмакаш бошанд ва таҳсили тавоноӣ кунанд, то ғалаба ёбанд. Умуми хайрхоҳони олами инсоният, риояти ҳоли аксарро воҷиб шумурда ва мадори амри дунёро бар салоҳи ҳоли омма қарор додаанд. Ниче ҷамъияти аксарро хор пиндошта, ҷамоати қалил яъне хавоссро зиҳаққ шумурдаасту бас. Бунёди фикри Ниче ин аст, ки шахс бояд ҳар чи бештар тавоно шавад ва зиндагониаш пурҳиддату хуштар ва “ман” яъне нафсаш шукуфтатар ва нерӯмандтар ва аз тамоюлот ва тақозои нафс бархӯрдортар бошад.»*

Ҳам фол ва ҳам тамошо! То ба ҳол дигарон мегуфтанд, агар ин корҳоро анҷом диҳед, зидди ахлоқ аст, вале ӯ мегӯяд: на, ин корҳоеро, ки мутобиқи ҳавои нафсатон аст, анҷом диҳед, ва ахлоқ ҳам ҳаминҳост; аслан, кори хуб ҳам ҳамин аст! (Фурӯғӣ аз забони Ниче идома медиҳад:)

*«Баъзе мегӯянд, беҳтар он буд, ки ба дунё наёем. Шояд чунин бошад, намедонам. Аммо медонам, ки хуб ё бад, ба дунё омадаам ва бояд аз дунё мутаматтеъ (баҳраманд) шавам ва ҳар чи бештар, беҳтар.»*

Мегӯяд: ман бояд ҳадафам ин бошад, ки битавонам ҳар чи беҳтар худро мутаматтеъ (баҳраманд) кунам ва бештар аз дунё баҳра бибарам; ҳар чи, ки маро дар расидан ба ин мақсад кӯмак кунад, хуб ва ахлоқ аст… (Идома медиҳад:)

*«Он чи барои ин мақсуд мусоид аст агарчи қасоват ва бераҳмӣ ва макру фиреб ва ҷангу ҷидол бошад, хуб аст, ва он чи музоҳим ва мухолифи ин ғараз аст агарчи ростӣ, меҳрубонӣ, фазилат ва тақво бошад, бад аст… Ин сухан ботил аст, ки мардум ва қабоил ва милал дар ҳуқуқ яксонанд, ва ин ақида бо пешрафти олами инсоният мунофӣ аст.»*

Мегӯяд: тасовии (баробарии) ҳуқуқи ҳамаи инсонҳо ғалат аст, зеро сабаб мешавад заъифҳоро дар ҳадди қавиҳо нигаҳ дорем ва дигар қавиҳои бечора ҳам пеш нараванд;

бигузор заъифҳо поймол бишаванд, то майдон барои қавӣ боз шавад. Вақте майдон барои қавӣ боз шуд, "инсони бартар" ба вуҷуд меояд. (Идома медиҳад:)

*«Мардум бояд ду даста бошанд: яке забардастон ва хоҷагон, ва яке зердастон ва бандагон, ва асолату шараф мутаъаллиқ ба забардастон аст ва онҳо ғояти вуҷуданд*[1] *ва зердастон олат ва василаи иҷрои ағрози эшон мебошанд… Ҳайъати иҷтимоия ва маданият барои пешрафти кори он табақаи шариф ташкил шудааст, на чунонки гумон рафтааст, ки забардастон барои ҳифзи зердастонанд.»*

Мегӯяд: иҷтимоъ фақат барои ин аст, ки ақвиё ба навоӣ бирасанд ва заъифон ҳукми чаҳорпоёнро доранд, ки бояд барои ақвиё боркашӣ кунанд. Ба ақидаи ӯ, ин ки Саъдӣ мегӯяд:

*Гӯсфанд аз барои чӯпон нест,*

*Балки чӯпон барои хидмати ӯст.*

— дуруст нест, аслан гӯсфанд барои чӯпон аст. (Идома медиҳад:)

*«Забардастон ва нерӯмандон, ки хоҷагонанд, бояд парвариш ёбанд, то аз эшон мардумони бартар ба вуҷуд оянд ва инсон дар мадориҷи суъуд ва тараққӣ қадам занад.»*

Худи фарангиҳо баҳсе роҷеъ ба беҳбуди насли башар ва ислоҳи нажод доранд, ки ҳатто Олексис Корл дар охири китоби «*Инсон мавҷуди ношинохта*» то андозае ҳамин аслро пайравӣ мекунад, ки хулоса, нажодҳоро бояд ислоҳ кард, ва мӯътақид аст, ки асосан набояд ба инсонҳои заъиф ҳаққи тавлиди насл дод. (Идома медиҳад:)

*«Усули ахлоқӣ, ки мардум то кунун пайравӣ кардаанд, дар салоҳи омма ва табақаи аксар яъне зердастон тартиб дода шудааст, на дар салоҳи забардастон ва табақаи шариф.*[2] *Ин аст, ки бояд он усулро баҳам зад ва усуле бояд ихтиёр кард, ки дар салоҳи ҳоли шарифон бошад. Тавзеҳи ин маънӣ чунин аст, ки ба ақидаи Ниче, некӣ ва ростӣ ва зебоӣ, ки умуре аст, ки ҳама пешниҳоди хотир доранд, умури ҳақиқӣ ва мутлақ нестанд; он чи ҳақиқат аст ин аст, ки ҳама кас хоҳони тавоноӣ аст.»*

Баъд махсусан ба адён ҳамла карда, мегӯяд: адён ба башарият хиёнат карданд, зеро башарро даъват ба адолат ва ҳимояти зердастон ва заъифон карданд. Аввал, ки адён

---

[1] Яъне хилқат барои онҳост.

[2] Ба ақидаи ӯ, табақаи шариф, забардастон ҳастанд.

набуданд ва ҳамон қонуни ҷангал ҳукмфармо буд, даврони хубе буд. Ҳар ки қавитар буд, заъифтарро мехӯрд ва заъиф аз байн мерафт. (Идома медиҳад:)

*«Дар огози амр, дунё бар вифқи хоҳиши мардумони нерӯманд мегузашт ва нотавонон зердаст ва бандаи эшон буданд, ва лекин нерӯмандон андаканд ва нотавонон бисёр. Пас, ин бисёриро василаи пешрафти худ сохтанд ва ба ҳилаву тадбир, усули раъфату шафқату фурӯтанӣ ва ғайрхоҳӣ ва меҳрубонӣ ва адолату кароматро дар азҳон ба сурати некӣ ва дурустӣ ва зебоӣ ҷилва доданд ва қабулониданд, то тавоноии нерӯмандонро таъдил кунанд ва аз бандагии онҳо раҳоӣ ёбанд, ва ин мақсудро бештар ба василаи адён (динҳо) пеш бурданд ва номи Худо ва ҳақро ҳисори онҳо қарор доданд.»*

Ин назария, дуруст нуқтаи муқобили назарияи Корл Моркс аст. Ниче ва Моркс ҳар ду зидди дин ҳастанд, вале Ниче муддаӣ аст динро заъифон алайҳи қавиҳо ихтироъ карданд, то ба қавиҳо афсор бизананд, чун худашро тарафдори қавиҳо медонад, ва Моркс, ки худашро тарафдори заъифон муаррифӣ мекунад, мегӯяд: динро қавиҳо ихтироъ карданд барои ин ки ҷилави шӯриши заъифонро бигиранд.

Ниче баъд ба Суқрот ва Будо ва Исои Масеҳ (а) ҳамла мекунад ва мегӯяд:

*«Ахлоқи масеҳӣ, ахлоқи бандагӣ аст ва ахлоқи хоҷагиро табоҳ кардааст, ва гуфтугӯи бародарӣ ва баробарӣ ва сулҳ ва риояти ҳуқуқи занон ва ранҷбарон ва амсоли ин суханон, ки имрӯз дар дунё шойеъ шуда, аз он маншаъ аст ва худъа ва тазвир ва фиреб аст ва мояи фақру заъфу инҳитот мебошад ва бояд ин усулро хароб кард ва усули зиндагии хоҷагӣ бояд ихтиёр намуд. Усули зиндагии хоҷагӣ кадом аст? Фикри Худо ва зиндагии ухравиро бояд канор гузошт…*[1] *Бояд раъфату риққати қалбро дур андохт. Раъфат аз аҷз аст, фурӯтанӣ ва фармонбардорӣ аз фурӯмоягӣ аст, ҳилму ҳавсала ва афву игмоз (чашмпӯшӣ) аз беҳимматӣ ва сустӣ аст. Мардонагӣ бояд ихтиёр кард. Башар бояд ба марҳилаи марди бартар*[2] *бирасад. Марди бартар он аст, ки аз неку бад бартар бошад,*[3] *азму ирода дошта бошад.»*

---

[1] Ба қавли ӯ, инҳо хеле асбоби заҳмат аст.

[2] Ҳамон инсони комил, абармард ва ё "суперман".

[3] Ба қавли Мавлавӣ:

*Ҳин, макун «лоҳавл», имронзодаам,*

*Ки зи «лоҳавл» ин тараф афтодаам.*

Дар миёни фарангиҳо мактабҳои зиёде зуҳур кардааст. Хушбахтона дар миёни мо чунин мактабҳое (яъне чунин вабоҳое) пайдо нашудааст.

Руҳи урупоӣ ҳамин аст. Эъломияи ҳуқуқи башарро ҳам, ки онҳо медиҳанд, барои фиреби дигарон аст. Тарбияти урупоӣ ва ахлоқи воқеии урупоӣ яъне ахлоқи мокёвеллиӣ ва ничеӣ. Амале, ки истеъмор дар дунё анҷом медиҳад, бар ҳамин асос аст ва руҳи фарангӣ, аъам аз омрикоӣ ва урупоӣ, истеъмор ва ҳамин ахлоқ аст. Агар ҷилави мо дам аз ҳуқуқи башар мезананд ва мо бадбахтҳо гоҳе оби даҳони худамонро қурт медиҳем ва меойем ҳарфҳои онҳоро бозгӯ мекунем, ба Худо қасам иштибоҳ мекунем. Бибинед, оё коре, ки масалан Омрико алъон дар Ветном мекунад, ғайр аз иҷрои фалсафаи Ниче аст? Айни ҳамон аст ва ҳеч чизи дигаре нест. Инҳо ин ҳама дам аз инсоният ва инсондӯстӣ мезананд ва мо мегӯем Росел чунин гуфтааст ва Сортр чунин гуфтааст, вале ҳам Росел таҳи фикраш ҳамин аст ва ҳам Сортр. Тамоми фарангиҳо асоси фикрашон бар ҳамин аст. Шояд хеле афроди истисноӣ пайдо шаванд, ки ин тавр набошанд ва эҳтимолан дар онҳо ҳам хуне аз Машриқзамин вуҷуд дорад; лобуд модарашон аҳли Машриқзамин буда, вагарна нажоди инҳо ин нажод нест.

Ниче мегӯяд:[1]

*«Нафс куштан чаро? Бояд нафсро парварид. Ғайрпарастӣ чист? Худро бояд хост ва худро бояд парастид. Заъифу нотавонро бояд раҳо кард, то аз миён биравад ва ранҷу дард дар дунё коста шавад… Марди бартар он аст, ки нерӯманд бошад ва ба нерӯмандӣ зиндагӣ кунад ва ҳавоҳо ва тамоюлоти худро бароварда намояд.»*

Ин, таърифи марди бартар аст, ки он ғояти ҳастӣ ва ғояти камол аст ва мегӯяд, хилқат барои ӯст ва ҳама муқаддимаи вуҷуди ӯ ҳастанд. Ҳол, бибинед инсони комили оқои Ниче чӣ чиз аз об дармеояд: ҳеч чиз набояд монеъаш шавад ва бояд ахлоқу раҳму инсонияту муруввату меҳрубониву адолату ҳамаи ин ҷур ҳарфҳоро дур бирезад ва худро аз ҳамаи инҳо поку мубарро карда бошад. (Идома медиҳад:)

[1] Боз Худо падарашро биёмурзад, ки ақидаашро буруз додааст!

*«Ҳавоҳо ва тамоюлоти худро бароварда намояд, хуш бошад ва худро хоҷа ва худованд бидонад ва ҳар монеъе, ки барои хоҷагӣ дар пеш биёяд, аз миён бардорад ва аз хатар наҳаросад ва аз ҷангу ҷидол натарсад.»*

Баъд ҳам суроғи занҳо меравад ва мегӯяд:

*«Баробарии зан бо мард ва лузуми риояти ҳуқуқи ӯ низ, аз суханони ботил аст. Асл мард аст. Мард бояд ҷангӣ буда ва зан василаи тафаннуну тафреҳи ҷангиён бошад ва фаразанд биёварад.»*

Мегӯяд: зан барои кори дигаре наомадааст; фақат василае барои тафреҳ, ва тафаннуне барои мард ва мошине барои бачча зоидан аст.

Ин ҳам як меъёр дар дунё барои муаррифии инсони комил, инсони намуна, инсони аъло, марди бартар ва ё суперман аст. Бо кадом миқёс? Миқёси қудрат ва тавоноӣ. Дар ин ҷо роҷеъ ба масъалаи қудрат ва тавоноӣ чӣ бояд гуфт?

Нуқтаи муқобили ин мактаб, мактабе аст, ки заъфро таблиғ мекунад ва хубӣ ва некиро дар заъф медонад, ва чунин макотибе ҳастанд ва будаанд ва махсусан ин эрод бар масеҳият ворид аст, ки дар ахлоқи масеҳият бар рӯи заъф хеле таблиғ шудааст. Аслан ҳамин ҳарф, ки "агар ба тарафи рости суратат навохтанд, тарафи чапи сурати худро биёвар", таблиғи заъф аст.

## Мантиқи ислом дар масъалаи қудрат

Мантиқи ислом дар ин ҷо чист? Оё ислом қудратро таблиғ кардааст ё заъфро, ва ё на қудрат ва на заъфро ба ин маъно таблиғ накардааст? Ҷавоб ин аст, ки ислом ба як маъно қудратро таблиғ кардааст, вале қудрате, ки на танҳо қудрати ничеӣ нест, балки қудрате аст, ки аз он ҳамаи сифоти олии инсоният монанди меҳрубонӣ ва раҳм ва шафқат ва эҳсон бармехезад. Дар ислом, бидуни шак, даъват ба қудрат ва тавоноӣ шудааст ва насси Қуръону аҳодиси мост. Дигарон ҳам, ки дар мавзӯи ислом мутолеа кардаанд, исломро дар миёни адён ба ин мушаххаса шинохтаанд, ки ҳеч дине ба андозаи ислом пайравони худро ба қуввату қудрат даъват накардааст. Вил Дуронт дар ҷилди 11-уми китоби «*Таърихи тамаддун*«, ки ихтисос ба таърихи тамаддуни ислом дорад, ин ҷумларо мегӯяд:

*«Ҳеч дине ба андозаи ислом, мардумро ба қудрату қуввват даъват накардааст.»*

Дар ин замина, дар Қуръон матлаб хеле зиёд аст. Як ҷо хитоб ба Яҳё мефармояд:

**يَا يَحْيَى خُذِ الْكِتَابَ بِقُوَّةٍ**

*«Эй Яҳё! Китобро ба қувват бигир.» (Сураи Марям, ояти* 12) Оёте, ки дар аввали суханам барои шумо тиловат кардам, бибинед бо чӣ ҳамосае роҷеъ ба ин ки мӯъминин мардуми қавӣ ҳастанд ва ҳаргиз заъфу ваҳнро ба худашон роҳ намедиҳанд сухан мегӯяд:

**وَكَأَيِّن مِّن نَّبِيٍّ قَاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَمَا وَهَنُواْ لِمَا أَصَابَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَمَا ضَعُفُواْ وَمَا اسْتَكَانُواْ وَاللّهُ يُحِبُّ الصَّابِرِينَ**

*«Чӣ бисёр паёмбароне, ки мардони илоҳӣ ҳамроҳи онон ҷангиданд ва бо ботил набард карданд ва ҳаргиз сустӣ пайдо накарданд ва заъф нишон надоданд ва Худованд муқовиматкунандагонро дӯст медорад.» (Сураи Оли Имрон, ояти* 146)

Дар ҷои дигар мефармояд:

**إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِهِ صَفًّا كَأَنَّهُم بُنيَانٌ مَّرْصُوصٌ**

*«Худованд мардумеро, ки дар роҳи ӯ меҷанганд ва монанди девори филизӣ, ки ҳеч қудрате наметавонад онҳоро аз ҷо биканад ва ҳаракат диҳад истодагӣ мекунанд, дӯст дорад.» (Сураи Сафф, ояти* 4)

Боз дар ин замина мефармояд:

**مُّحَمَّدٌ رَّسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاء عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاء بَيْنَهُمْ**

*«Муҳаммад (с) паёмбари Худост ва касоне, ки бо ӯянд, бар кофирон сахтгир ва бо ҳамдигар меҳрубонанд…» (Сураи Фатҳ, ояти 29*)

Ва амсоли ин оёт дар Қуръон зиёд аст.

Шуҷоат дар ислом, як ҳақиқати мамдуҳ аст. Иззат (яъне мақоми маниъ доштан) ва дар он ҳадд қудрат доштан, ки касе натавонад инсонро хору залил кунад, дар ислом амре мамдуҳ аст. Бибинед Қуръон роҷеъ ба муқобила бо душман чӣ мегӯяд:

**وَأَعِدُّواْ لَهُم مَّا اسْتَطَعْتُم مِّن قُوَّةٍ وَمِن رِّبَاطِ الْخَيْلِ تُرْهِبُونَ بِهِ عَدْوَّ اللّهِ وَعَدُوَّكُمْ**

*«Дар муқобили душман, то он ҳадди ниҳоии қудрататон нерӯ таҳия кунед, ки душман ҳаргиз натавонад ба шумо тамаъ бибандад.» (Сураи Анфол, ояти 60)*

Дар ояти дигаре мефармояд:

**وَقَاتِلُواْ فِي سَبِيلِ اللّهِ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَكُمْ وَلاَ تَعْتَدُواْ إِنَّ اللّهَ لاَ يُحِبُّ الْمُعْتَدِينَ**

*«Бо касоне, ки бо шумо набард мекунанд, ба набард бипардозед, вале таҷовуз накунед…» (Сураи Бақара, ояти 190)* «Ва ло таътаду…» яъне бо душман ҳам, ки набард мекунед, ҳаққу адолатро ҳаргиз фаромӯш накунед. Дар тафсири ин оят гуфтаанд: бо душман, ки набард мекунед, то он вақт идома диҳед, ки душман набардро идома медиҳад. Агар душман гуфт: “таслим” ва аслиҳаро замин гузошт, шумо дигар аслиҳа ба кор набаред, ки ин эътидо ва таҷовуз аст. Пирамардҳоро накушед, баччаҳо ва занҳоро накушед ва мутаъаррizи онҳо нашавед, ба касе, ки аз майдони ҷанг берун рафтааст коре надошта бошед. Фақат бо касе, ки бо шумо набард мекунад, дар камоли нерӯмандӣ набард кунед. Инҳо як силсила дастурҳост, ки дар Қуръони Маҷид ҳаст, ки боз ҳам оёте шабеҳ ба ин оёт дар Қуръон вуҷуд дорад.

## Қуввату қудрат дар аҳодис

Дар ин ҷо чанд ҳадис барои шумо мехонам, то мушаххас шавад, ки ислом чӣ гуна ҷубну заъфу тарсро маҳкум, ва қуввату қудратро ситоиш кардааст. Аммо он қуввату қудрате, ки ислом ситоиш мекунад, ҳаргиз сар аз фалсафаи Ниче дарнамеоварад.

Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармуд:

**لا ينبغي للمؤمن أن يكون بخيلا ولاجبانا**

*«Ду чиз барои мӯъмин сазовор нест: яке, бухл, ва дигаре тарс (тарсу будан).» (Биҳор, 75/301)*

Мӯъмин тарсу нест, шуҷоъ ва қавӣ аст. Пайғамбари Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар дуои худаш мефармуд:

**اللهمّ إنيّ أعوذ بك من البخل وأعزذ بك من الجبن**

*«Худоё! Аз ду чиз ба ту паноҳ мебарам: бухл ва тарс.» (Ҷомеъус-сағир, 1/58)*

Алӣ (а) дар бораи мӯъмин мефармояд:

**المؤمن نفسه أصلب من الصلد**

*«Мӯъмин руҳаш аз санги хоро сахттар ва муҳкамтар аст.» (Наҳҷул-балоға, ҳикмати 333)*

Имом Содиқ (а) фармуд:

**إنّ الله عزّ وجلّ فوّض الى المؤمن أموره كلّها ولم يفوّض اليه أن يكون ذليلا**

*«Худо ихтиёри мӯъминро дар ҳар чиз ба худи ӯ додааст, илло дар як чиз, ва он ин ки хору залил бошад.«*

**أما تسمع قول الله تعالى يقول: ولله العزّة ولرسوله وللمؤمنين**

Баъд фармуд:

**فالمؤمن يكون عزيزا ولا يكون ذليلا**

*«Мӯъмин ҳамвора азиз аст ва ҳеч гоҳ тан ба хорӣ намедиҳад.»*

**إنّ المؤمن أعزّ من الجبل**

*«Мӯъмин аз кӯҳи баланд поятар ва маниътар ва азизтар аст«*, зеро лоақал як тикка аз кӯҳро метавон бо куланг канд, вале бо ҳеч куланге намешавад як қитъаи кучак аз руҳи мӯъминро ҷудо кард ва руҳи ӯро кучак кард:

**إنّ الجبل يُستقلّ منه بالمعول والمؤمن لايُستقلّ من دينه شيء**

(*Кофӣ, 5/63*)

Имом Боқир (а) мефармояд: Худованд ба мӯъмин се хислат додааст: иззат дар дунё ва охират, растгорӣ дар дунё ва охират,

**والمهابة في صدور الظالمين**

«*Ва ҳайбат дар синаи ситамкорон.*» Яъне мӯъмин ҳолате дорад, ки ситамкор дар дили худ аз ӯ эҳсоси ҳайбат мекунад. Чун ғайрат ҳам аз қувват аст ва беғайратӣ аз заъф. Аҳодиси зиёде дар ин замина омадааст. Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) фармуд: Иброҳими пайғамбар, ғаюр буд ва ман аз ӯ ғаюртар ҳастам. Ҳамчунин фармуд:

**جدع الله أنف من لا يغار على المؤمنين والمسلمين**

«*Худо бинии он касеро, ки нисбат ба мӯъминин ва мусалмонон гайрат наметварзад қатъ кунад!*« Дар бораи Саъди ғаюр фармуд: Саъд ғаюр аст ва ман аз ӯ ғаюртар ҳастам ва Худо ғаюр аст. Иқболи Покистонӣ ҷумлаи хубе дорад ва гӯё онро дар муқобили ҷумлаи Мусилинӣ гуфтааст. Мусилинӣ мегӯяд: "*Он ки оҳан дорад, нон дорад.*" Яъне агар мехоҳӣ нон дошта бошӣ, оҳан (яъне зӯру аслиҳа) дошта бош; он ки зӯр дорад, нон дорад. Иқбол мегӯяд: «*Он ки оҳан аст, нон дорад.*» Мусулинӣ рӯи аслиҳа такя мекунад: ҳар ки зӯри моддӣ дорад, нон дорад. Вале Иқбол рӯи руҳу равон такя мекунад ва мегӯяд: ҳар касе, ки худаш оҳан аст, нон дорад. Таъбири Амирулмӯъминин ин буд:

**المؤمن نفسه أصلب من الصلد**

«*Руҳи мӯъмин аз санги хоро сахттар аст.*» Иқбол мегӯяд: руҳи мӯъмин оҳан аст. Мақсуд дар ҳамаи инҳо як чиз аст. Ба ҳар ҳол, ислом даъват ба қуввату қудрат мекунад.
Бибинед Алӣ (а) дар "*Наҳҷул-балога*" чӣ қадр даъват ба қуввату қудрат кардааст ва ҳаргиз заъфро шоистаи ҷомеаи исломӣ намедонад. Мефармояд:

**فوالله ما غُزي قوم قطّ في عقر دارهم الاّ ذلّوا**

«*Савганд ба Худо, ҳаргиз бо қавме дар миёни хонаашон ҷанг нашуда, магар он ки залилу маглуб гаштаанд.*» (*Хутбаи* 27) Ё дар ҷои дигаре мефармояд:

**ولا يمنع الضّيم الذليل ولا يدرك الحقّ الاّ بالجدّ**

«*Ҳаргиз одами забун наметавонад бо зулм мубориза кунад ва ҷилави зулмро бигирад, ва ҳаргиз ба ҳақ наметавон расид магар бо ҷиддияту кӯшиш.*» (*Хутбаи 29*)

## «Ҳақ» гирифтанӣ аст ё доданӣ?

Фарангиҳо мегӯянд: ҳақ гирифтанӣ аст. Ин худаш масъалае аст, ки оё ҳақ гирифтанӣ аст ё доданӣ? Яъне оё ҳақ, чизе аст, ки инсонҳо ба майли худашон онро ба зиҳаққо медиҳанд ё ҳақ чизе аст, ки зиҳақ бояд бигирад? Баъзе мактабҳо бар ин асос аст, ки ҳақ доданӣ аст. Яъне он ҳаққеро, ки золим гирифтааст, бояд пасбидиҳад; агар надод, дигар написал надодааст, чун ҳақ доданӣ аст, на гирифтанӣ. Масеҳият бар ин асос дуруст шуда, ки: ба золим мегӯем ҳақро ба ту бидиҳад, ту коре бо ӯ надошта бош. Эй касе, ки ҳаққат поймол шудааст! Тавсия мекунем, хоҳиш мекунем, то ҳақро ба ту бидиҳанд. Мабодо як вақт худат барои гирифтани ҳақ қиём кунӣ, ки ин бар хилофи шаъни инсоният ва ахлоқ аст. Аз назари инҳо ҳақ доданӣ аст.

Як идда мегӯянд: ҳақ фақат гирифтанӣ аст. Магар мумкин аст инсоне, ки ҳаққеро хӯрдааст, биёяд ва ба як шакле он ҳақро бидиҳад? Яъне инҳо мункири отифа ва инсоният ва виҷдони инсонӣ ҳастанд.

Аз назари ислом, ҳақ ҳам гирифтанӣ аст ва ҳам доданӣ. Яъне, аз ду ҷабҳа бояд барои истифои ҳақ мубориза кард. Ислом он касеро, ки ҳақро рабудааст, бо таълиму тарбияти худаш омодаи пасдодан мекунад — ва кардааст — вале ба ин қаноат намекунад. Дар айни ҳол, ба он касе, ки ҳаққаш рабуда шудааст мегӯяд: ҳақ гирифтанӣ аст, ту ҳам бояд барои ҳаққи худат қиём кунӣ ва онро бигирӣ.

Ҷумлае аст, ки Алӣ (а) дар номаи маъруфи худашон ба Молики Аштар, аз Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) нақл мекунад, мефармояд:

**فإنّي سمعت رسول الله (ص) يقول في غير موطن: لن تُقدّس أمّة حتّى يؤخذ للضعيف حقّه من القويّ غير متتعتع**

*«Ҳеч уммате ва қавме ба мақоми қадосат ва тақдис ва — ба таъбири мо — ба мақоми тараққӣ намерасад, магар он ки қаблан ин марҳиларо гузаронда бошад, ки заъиф дар муқобили қавӣ биистад ва ҳаққи худро мутолиба кунад, бидуни он ки забонаш ба лукнате биафтад.»* (*Наҳҷул-балога, номаи 53*) Яъне, ислом он заъиферо, ки ҳаққи худро наметавонад мутолиба кунад, ба

расмият намешиносад. Ҷомеае, ки дар он, заъифон он қадр заъифуннафс бошанд, ки натавонанд ҳуқуқи худро мутолиба кунанд, як ҷомеаи исломӣ нест.

Мардҳои бартари худамон дар гузашта чӣ гуна будаанд? Аслан худи Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) чӣ гуна инсоне аст? Яке аз мушаххасоти Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) қуввати руҳӣ ва қудрати баданӣ, ҳар дуст. Қуввати руҳии Пайғамбарро таърихи зиндагии эшон нишон медиҳад.

## Қуввати руҳӣ ва ҷисмии Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)

Нависандаи китоби «*Муҳаммад; паёмбаре, ки аз нав бояд шинохт*»[1] ду чизро хуб парвариш додааст.[2] Яке аз он ду чизе, ки хуб муҷассам карда, ин аст, ки Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) дар шароите қарор мегирифт, ки аз назари сиёсӣ ва иҷтимоӣ умедаш аз ҳама ҷо қатъ буд, тамоми шароит алайҳи ӯ буд ва байни ӯ ва пирӯзӣ ба андозаи як мӯ ҳам пайванд набуд, вале Пайғамбар ҳеч вақт иродаи худашро намебохт; иродаи Пайғамбар дар ҳамаи аҳвол монанди кӯҳе буд, ки як зарра тазалзул дар он пайдо намешуд. Воқеан қудрати руҳии Пайғамбар дар ин муддати 23 сол аҷиб аст! Вақте инсон мутолеа мекунад, ҳайратангез аст ва шоир — ки зоҳиран Ҳассон ибни Собит аст — дар замони худи Пайғамбар дуруст гуфтааст:

له همم لا منتهى لكبارها

وهمّته الصغرى أجلّ من الدهر

Ба илова, Пайғамбар аз назари қудрату қуввати зоҳирӣ ҳам марде қавӣ буд. Андоми Пайғамбар, андоми як далер ва як диловар буд. Марде қавӣ ва шуҷоъ буд ва маҷмӯи андомаш андоми як марди шуҷоъ буд:

---

[1] Нависандаи ин китоб Кунстонтин Виржил Геургиу (Constantin Virgil Gheorghiu), аҳли Румонӣ аст.

[2] Албатта дар ин китоб нуқоти заъфи зиёде ҳам ҳаст. Билохира як хориҷӣ бар ҳамаи мадорик ончунон, ки бояд, тасаллут надорад.

## كان بادنا متماسكا

(*Макорими ахлоқ, с.12*) Пайғамбар на чоқ буд ва на лоғар, мутавассит буд; баданаш гӯшт дошт, аммо гӯшти мутамосик. Бадани мутамосик яъне мисли бадани одамҳои варзишкор, аз ин ҷиҳат, ки гӯшти баданашон сифту муҳкам ба якдигар часбидааст. Одамҳое, ки чоқ ҳастанд ва пай дар баданашон ҷамъ шуда, гӯшти баданашон шул аст, вале Пайғамбар ин ҷур набуд.

Аслан, шуҷоати Пайғамбар дар ҳадде буд, ки Алӣ (а) мефармояд: гоҳе, ки шароит бар мо сахт мешуд, ба Пайғамбар паноҳ мебурдем:

**وكنا اذا احمرّ البأس اتّقينا برسول الله**

(*Наҳҷул-балога, калимоти гариб, 9*)

Ҳудуди ҳашт сол пеш (яъне соли 1345 шамсӣ), ки барои аввалин бор ба Макка мушарраф шудам, хобе дар Макка дидам, ки хеле аҷиб буд! Дар он ҷо Пайғамбари Акрамро аз пушти сар мушоҳида кардам, андоми аҷибе дидам ва дар олами хоб ба ёди ҷумлаи Амирулмӯъминин афтодам, гуфтам: бе ҷиҳат нест, ки Алӣ (а) мефармояд:

**وكنا اذا احمرّ البأس اتّقينا برسول الله**

Пайғамбари Акрам инчунин буд: қавӣ буд, шуҷоъ буд, қувватро ситоиш мекард ва шуҷоатро низ ситоиш мекард.

* * *

Пас, дар ислом қуввату қудрат ситоиш шуда, яъне ислом онро ба унвони як арзиш барои инсон мешиносад.

Матлаберо мухтасаран арз мекунам ва тафсираш барои ҷаласаи баъд бошад. Ва он ин ки: дар ислом қудрату тавоноӣ як арзиш аз арзишҳои инсонӣ дар канори чандин арзиши дигар аст, ки маҷмӯан ҳамаи ин арзишҳо дар канори якдигар инсони комили исломро ташкил медиҳад. Оқои Ниче дар тамоми арзишҳо фақат ҳамин як арзишро (яъне қудратро) дидааст. Маълум аст, агар ҳамаи шохаҳои як дарахтро бизананд ва як шохаро нигаҳ доранд, фақат ҳамон шоха рушд мекунад ва ҳамаи шохаҳои дигар аз байн меравад.

Фарқи мактаби Ниче ва мактаби ислом дар ин аст, ки дар мактаби Ниче инсоният як арзиш бештар надорад, ва он, тавоноӣ ва қудрат аст, пас ҳамаи арзишҳои дигар маҳв ва фидои ин арзиш мешавад. Вале дар ислом, қудрат як арзиш аз маҷмӯае чандин арзиши мутаъолӣ дар инсон аст. Вақте ин арзиш дар канори соири арзишҳо қарор гирифт, он вақт шакли дигаре пайдо мекунад.

**ولا حول ولا قوّة الاّ يالله العليّ العظيم**

# НАҚДУ БАРРАСИИ НАЗАРИЯИ МАКТАБИ ҚУДРАТ (2)

إِنَّ اللّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالإِحْسَانِ وَإِيتَاء ذِي الْقُرْبَى وَيَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاء وَالْمُنكَرِ وَالْبَغْيِ يَعِظُكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

(*Сураи Наҳл, ояти 90*)

Баҳси ҷаласаи гузаштаи мо дар мавзӯи инсони комил, дар атрофи назарияи мактаби қудрат буд. Арз кардем, ки дар ин мактаб, камол мунҳасиран мусовӣ бо тавоноӣ, ва нақс мунҳасиран мусовӣ бо аҷзу нотавонӣ аст ва ҳатто неку бад ҳам бо ҳамин миқёсу меъёр санҷида мешавад: нек яъне тавоно, ва некӣ ва некӯӣ яъне тавоноӣ; ва бад яъне нотавон, ва бадӣ яъне нотавонӣ.

Фалосифа маъмулан баҳсҳоро бар асоси камолу нақс, ва мутакаллимин бар асоси ҳусну қубҳ тавҷеҳ мекунанд. Дар ин мактаб, ҳар дуи инҳо (яъне камолу нақс ва ҳусну қубҳ)-ро бо меъёри тавоноӣ ва нотавонӣ санҷидаанд. Фалосифа мегӯянд, камолу нақс; инҳо мегӯянд камол яъне тавоноӣ, нақс яъне нотавонӣ. Мутакаллимин мегӯянд, ҳусну қубҳ, некӣ ва бадӣ; инҳо мегӯянд некӣ яъне тавоноӣ, бадӣ яъне нотавонӣ. Дар ин мактаб “ҳаққу ботил” ва “адлу зулм” ҳам қаҳран бо ҳамин миқёс санҷида мешавад. Яъне ҳақ чизе нест, ки аз тавоноӣ ҷудо бошад, ва ботил чизе нест, ки аз нотавонӣ ҷудо бошад. Адлу зулм ҳам ҳамин тавр аст: адл тавоноӣ, ва зулм нотавонӣ аст. Бинобар ин, агар ду нафар бо якдигар даргир шаванд ва яке аз дигаре тавонотар бошад, он фарди тавонотар аз назари ин мактаб, ҳам комилтар аст, ҳам нектар аст, ҳам ҳақ аст ва ҳам адл, ва он ки мағлуб аст ва шикаст хӯрдааст ба ҳамин далел, ки мағлуб аст ноқис ва бад ва ботил ва зулм аст; мағлуб будан ва нотавон будан яъне нақс, бадӣ, ботил будан ва зулм.

## Ишколи аввали мактаби қудрат

Дар ин мактаб, ду иштибоҳ вуҷуд дорад. Яке ин ки: тамоми арзишҳои инсонӣ ҷуз як арзиш — ки ҳамон қудрат аст — нодида гирифта шудааст. Дар ин ки қудрат, худ як арзиши инсонӣ ва дар истилоҳи имрӯзиҳо як Valeur (арзиш) аст ва ба истилоҳи фалосифаи худамон, як камол аст, тардиде нест. Қудрат бидуни шак мусовӣ бо камол аст, аммо на ин ки камол мусовӣ бо қудрат аст, ва аз ин рӯ ҳукамо ва фалосифаи мо баъд аз он ки дар мавриди зоти воҷибулвуҷуд собит мекунанд, ки ӯ вуҷуди маҳз аст, ва вуҷуди маҳз мусовӣ бо камол аст, ҳар чизеро, ки мусовӣ бо камол бошад, барои зоти Худо бо бурҳон исбот мекунанд. Мегӯянд, яке аз он камолҳо қудрат аст. Қудрат, фи ҳадди зотиҳи (дар ҳадди зоти худ) камол аст, бимо ҳува ҳува камол аст, ҳамчунон, ки илму иродаву ихтиёр камол аст ва ҳамчунон, ки ҳаёт камол аст.

Бинобар ин, дар ин ки қудрат, худ як камол барои башар аст, набояд тардид кард. Мактабҳои заъфгаро, ки аз заъф таблиғ кардаанд, қатъан иштибоҳ мекунанд. Вале масъала ин аст, ки қудрат, танҳо камол нест, ҳамчунон, ки дар зоти Ҳақ Таъоло ҳам қудрат танҳо сифати камолия нест. Зоти Ҳақ сифоти камолия ва асмои ҳуснои зиёде дорад. Яке аз он сифоти камолия, қудрат, ва яке аз он асмои ҳусно “қодир” аст, на ин ки сифоти камолияи Ҳақ Таъоло мунҳасир дар қудрат бошад.

## Ишколи дуввум

Иштибоҳи дуввуми ин мактаб — ки аз иштибоҳи аввал агар бузургтар набошад, кучактар нест — иштибоҳ дар худи “қудрат” аст. На танҳо камолҳо ва арзишҳои дигар дар ин мактаб нодида гирифта шудааст, балки ин мактаб алорағми иддаое, ки мекунад, ки тарафдори қудрат аст, худи қудратро ҳам хуб нашнохтааст. Ин мактаб, як дараҷа аз дараҷоти қудратро шинохтааст, ки ҳамон қудрати ҳайвонӣ бошад. Қудрати ҳайвонӣ иборат аст аз ҳамон зӯре, ки дар азулоти ҳайвон аст. Ҳамаи қудратҳои ҳайвон қудрати азулонӣ аст, қудратҳое, ки дар азулоти ҳайвон вуҷуд дорад ва ҳамаи хостаҳои ҳайвон хостаҳои нафсонӣ аст.

Аҳаммияти башар дар ин аст, ки дар инсон мабдаи қудрате ғайр аз қудрати азулонӣ вуҷуд дорад. Яъне фаразан агар мактаби мо мактаби қудрат бошад, натиҷа он нест, ки оқои Ниче

гирифтааст, ки: инсон бояд тобеъи қудрат бошад, кӯшиш кунед қудрат ба даст биёваред, ҳол, ки қудрат ба даст овардед, бар сари ҳар касе, ки заъиф аст бизанед, нафсро бипарваред ва мухолифат бо нафс накунед ва ҳар чи метавонед аз таматтуъоти моддии дунё баҳраманд шавед. На. Натиҷаи худи қудрат ҳам инҳо нест.

## Қудрати руҳӣ

Ин ҷо ман бо меъёрҳои исломӣ матлаберо бароятон арз мекунам ва аз як достон аз ҳазрати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) шурӯъ мекунам.

Дар китобҳои ҳадис омадааст, ки Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ҳангоме, ки дар Мадина аз маконе убур мекарданд, ҷамъе аз ҷавонони мусалмонро диданд, дар ҳоле, ки сангеро ба аломати вазнабардорӣ ва озмоиши зӯр бармедоштанд ва бо ин санги бузург зӯрозмоӣ мекарданд (мисли инҳое, ки имрӯз вазна бармедоранд). Яке, як миқдор аз замин баланд мекард ва дигаре андаке бештар ва ба ҳамин тартиб… Ҳар кас талош мекард, ки сангро болотар бибарад. Пайғамбари Акрам он ҷо истоданд ва фармуданд:

— Оё дилатон мехоҳад, ки ман довари ин мусобиқа бошам?

Ҳама хушҳол шуданд ва гуфтанд:

— Чӣ аз ин беҳтар, ё Расулаллоҳ! Шумо довари мусобиқа бошед ва ҳукм кунед, ки кадом як аз мо қавитар ва зӯрмандтарем.

Фармуд:

— Бисёр хуб, ман довар мешавам. Эҳтиёҷ надорад, ки сангро бардоред. Ҳанӯз сангро барнадоштаед. Ман меъёре ба дасти шумо медиҳам, ки кадом як аз шумо қавитар ҳастед.

Пурсиданд:

— Кадом як қавитар ҳастем?

Фармуд:

— Он касе, ки нафсаш ӯро ба сӯи маъсияте тарғиб кунад ва дар ӯ майли як маъсият бошад ва дар муқобили ин майл истодагӣ кунад; (яъне) ин ки инсон аз чизе хушаш биёяд ва гуноҳу маъсият бошад, вале дар муқобили нафси худ истодагӣ кунад.

Пайғамбар дар ин ҷо қудрати иродаро дар муқобили майли нафсонӣ матраҳ карданд. Зӯр фақат ин нест, ки инсон сангеро аз замин бардорад. Ва қудрат фақат ин нест, ки вазнаи

бисёр сангинеро ба дӯш кашад. Ин як навъ қудрат аст, ки қудрати азулонӣ аст; қудрате аст, ки дар азулоти ҳайвонҳо ҳам вуҷуд дорад ва ваҷҳи муштараки инсону ҳайвон аст. На ин ки бихоҳам бигӯям, ки ин навъ қудрат камол нест, зӯр ҳам барои инсон як камол аст. Вале болотар аз қудрати азулонӣ, ки дар бозу ва азулоти инсон ҳаст, қудрати ирода аст. Қудрати ирода ин аст, ки инсон битавонад дар муқобили муштаҳёти нафсонии худ истодагӣ ва муқовимат кунад.

Рӯи ҳамин мантиқ аст, ки дар ахлоқи исломӣ ва аз ҷумла дар адабиёти ирфонии мо, ҳамеша ин масъала ба унвони як қудрат номида шудааст. Боз Пайғамбар фармуд:

**أشجع الناس من غلب هواه**

*«Аз ҳамаи мардум шуҷоътар ва диловартар ва далертар он касе аст, ки бар ҳавои нафси худ пирӯз шавад.»*

Ин ҷо низ масъалаи шуҷоат ва қудрат ва ғалаба матраҳ аст. Саъдӣ мегӯяд:

*Гарат аз даст барояд, даҳане ширин кун,*

*Мардӣ он нест, ки муште бизанӣ бар даҳане.*

Мардонагӣ[1] (яъне қуввату қудрат) ин нест, ки инсон мушти гиреҳкардаро ба даҳони дигаре бизанад; қудрат ин аст, ки инсон алорағми майли нафсонии худ, ба ҷои коми худаш коми дигареро ширин кунад. Мавлавӣ мегӯяд:

*Вақти хашму вақти шаҳват, мард ку?*

*Толиби марде давонам кӯ ба кӯ.*

Мавлавӣ мардонагиро дар ин ҷо месанҷад ва мегӯяд: вақти хашму шаҳват, мард ку? Мард он касе аст, ки вақте хашмаш барангехта мешавад ва табдил ба конуне аз оташ мегардад, дорои як иродаи қавӣ бошад ва дар муқобили ин оташ, ки исмаш хашм аст истодагӣ кунад. Ва ҳамчунин дар вақте, ки шаҳват ба ҳаяҷон меояд ва мехоҳад инсонро беихтиёр кунад, дар муқобили шаҳвати худ қиём кунад. Инҳоро "қувват" ва "қудрат" мегӯянд.

Тамоми он маҳосини ахлоқӣ, ки муаллимони ахлоқ гуфтаанд ва оқои Ниче ба унвони ин ки заъф аст нафю рад мекунад, агар дуруст бисанҷем, ҳамаи онҳо қудрат аст. Бале, ман қабул дорам, ки гоҳе дар баъзе аз маворид як чизҳое, ки дар воқеъ қудрат нест ва заъф аст,

[1] Саъдӣ ҳам ба дунболи "абармард" мегардад.

бо қудрат иштибоҳ мешавад ва аз ин рӯ ҳамеша уламои ахлоқ мегӯянд, ки отифа бояд тавъам бо ақлу имон бошад, яъне сирфи ин ки авотифи инсон дар як ҷо барангехта шуд, кофӣ нест; бояд бо миқёси ақл санҷид, ки оё ин отифа, баҷо ва мантиқӣ аст ё мантиқӣ нест?!

## Отифаҳои баҷо ва нобаҷо

Шеъре аз Саъдӣ ва ҳамчунин ояте аз Қуръонро барои шумо мехонам. Шеъри Саъдӣ ин аст:

*Тараҳҳум бар паланги тездандон,*

*Ситамкорӣ бувад бар гӯсфандон.*

Тараҳҳум ба паланги даранда ё як гург, ситам ба гӯсфанд аст. Яъне вақте мехоҳанд гургеро, ки садҳо гӯсфандро даридааст бигиранд ва бикушанд, агар касе ҳисси тараҳҳумаш барангехта шавад, бояд бидонад, ки ин тараҳҳум мусовии қасоват нисбат ба гӯсфандон аст. Ин албатта масал аст. Мақсудаш ин аст, ки тараҳҳум нисбат ба инсони золими ситамгар, қасоват нисбат ба инсонҳои зердасти маҳрум аст, ва одамҳои заъиф нисбат ба ситамгарон тараҳҳум меварзанд.

Ояти Қуръон дар бораи зонӣ ва зония аст, дар бораи марду зане, ки зино мекунанд. Агар марди зандоре зино кунад, муҷозоти ӯ дар ислом сангсор кардан аст, ва агар зани шавҳардоре зино кунад, муҷозоти ӯ низ сангсор кардан аст. Қуръон мегӯяд инҳоро муҷозот кунед

وَلْيَشْهَدْ عَذَابَهُمَا طَائِفَةٌ مِّنَ الْمُؤْمِنِينَ

*«Ва ҳатман гурӯҳе аз мӯъминин ҳозир бошанд ва дар маросими эъдоми онон ширкат кунанд.» (Сураи Нур, ояти 2*) Ин ҷо ҷое аст, ки нуфуси заъиф, ки масолеҳи олии иҷтимоъро дар назар намегиранд, чӣ басо вақте бибинанд ду инсон доранд эъдом мешаванд, авотифашон таҳрик шавад ва бигӯянд: чӣ хуб аст ба инҳо раҳм кунед ва ин корро накунед! Қуръон мегӯяд:

وَلَا تَأْخُذْكُم بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ

*«Дар кори дини Худо, нисбат ба он ду дилсӯзӣ накунед…» (Сураи Нур, ояти* 2) Ин ҷо мавқеъи муҷозоти илоҳӣ аст ва қонуни илоҳӣ бар асоси масолеҳи олӣ ва куллии башарият танзим шудааст ва ҷои раъфату дилраҳмӣ нест. Ин раъфат, қасоват нисбат ба иҷтимоъ аст.

Айни ҳамин матлаб, имрӯз хеле матраҳ аст, ки бисёре аз афрод пайдо мешаванд ва мегӯянд: муҷозоти эъдом яъне чӣ? Муҷозоти эъдом, ғайриинсонӣ аст. Яъне ҷонӣ ҳар ҷиноятеро муртакиб шуд, набояд эъдом шавад. Инҳо сухани худро чӣ гуна тавҷеҳ мекунанд ва чӣ таҳлиле мекунанд? Мегӯянд: ҷониро бояд ислоҳ кард.

Аҷаб муғолатаи бузурге! Шак надорад, ки инсонҳоро бояд ислоҳ кард, вале қабл аз он ки муртакиби ҷиноят шаванд бояд ислоҳ кард ва нагузошт, ки аз онҳо ҷинояте сар бизанад. Аммо дар ҷомеа, ё тарбият ба қадри кофӣ вуҷуд надорад ва на танҳо авомили ислоҳ вуҷуд надорад, балки авомили фасоду ифсод вуҷуд дорад, ва ё фаразан авомили ислоҳ ба қадри кофӣ вуҷуд дорад, вале ҳамеша аносури мунҳарифе ҳастанд, ки алорағми авомили ислоҳӣ даст ба ҷиноят мезананд. Барои инҳо чӣ фикре бояд кард? Ҳамин қадр, ки муҷозоти эъдом илғо шавад, он ҷониҳои билқувваи ислоҳнашуда — ки чун авомили тарбиятӣ вуҷуд надорад ва ё фаразан вуҷуд дорад ва кофӣ нест, ислоҳ нашудаанд — ва як идда ҷонии битфитрае, ки ба ҳар шакле рухи ҷиноят дар онҳо ҳаст, даст ба ҷиноят мезананд. Мо имрӯз ба баҳонаи ин ки ҷониро бояд ислоҳ кард, ба ин маъно, ки бигузор ҷонӣ ҷиноят кунад ва баъд, ки ҷиноят кард, биравем ӯро ислоҳ кунем, дорем ба ҳамаи ҷониҳои билқувва чароғи сабз медиҳем ва балки ин кори мо ташвиқи ҷонӣ ба ҷиноят аст. Ҷонӣ пеши худ мегӯяд: ҷомеа то ба ҳол ба фикри ислоҳи ман набуд ва ман бачча, ки будам, падарам маро тарбияту ислоҳ накард, баъд ҳам, ки бузург шудам, касе маро ислоҳ накард; биравем ҷиноят кунем, то моро зиндон бибаранд, балки дар зиндон моро тарбияту ислоҳ кунанд ва дар он ҷо одам бишавем; пас як ҷинояте бикунем, то муқаддимаи ислоҳ карданамон бошад!

Дигаре мегӯяд: яъне чӣ, ки дасти луздро бояд бурид?! Ин амал, ғайриинсонӣ аст ва дили инсон ба раҳм меояд. Одамҳое, ки шуоъи дидашон кӯтоҳ аст, ин ҳарфро мезананд. Шумо ба сафаҳоти ҳаводиси рӯзномаҳо нигоҳ кунед ва ин сафаҳотро бихонед ва бибинед, дар асари дуздӣ на фақат амволи зиёде рубуда мешавад, балки чӣ қадр ҷиноятҳо ва одамкушиҳо воқеъ мешавад. Агар муҷозоти дузд дар ҷои худаш сурат гирад ва дузд мутмаин бошад ва яқин дошта бошад, ки агар дуздӣ кунад ва ба чанголи пулис ва қонун биафтад, ин чаҳор ангушташро қатъ мекунанд ва то охири умр доғи ин ҷиноят рӯи баданаш ҳаст, ҳаргиз дуздӣ намекунад. Ба Худо, агар чанд дузд ва балки як дузд ин гуна муҷозот шавад, аслан дари дуздӣ баста мешавад.

Ҳоҷиҳое, ки дар панҷоҳ-шаст сол пеш Макка рафтаанд, медонанд ва касоне, ки худашон дар он мавқеъ нарафтаанд шояд шунида бошанд, ки дар Арабистон вазъи дуздӣ ба чӣ сурат будааст. Дар он замон, ки автомобил ва ҳавопаймо набуд, қофилаҳои ҳуҷҷоҷ бо шутур ва амсоли он ҳаракат мекарданд ва бо ин ки мусаллаҳ мешуданд ва афроди низомӣ ҳамроҳи худ мебурданд, аз ду ҳазор нафар камтар ҷуръат намекарданд, ки ин роҳҳоро тай кунанд. Бо ҳамаи ин аҳвол соле набуд, ки шунида нашавад, ки роҳзанҳо ба қофилаҳои ҳуҷҷоҷ шабихун заданд ва чӣ қадр одам куштанд ва чӣ қадр амволи мардумро бурданд ва чӣ қадр аз худи онҳо кушта шуданд, вале ин ҷур кушта шуданҳо чун рӯи ҳисоби эҳтимолот аст, ҷилави дуздии касеро намегирад. Шояд соле садҳо дузд ва садҳо ҳоҷӣ кушта мешуданд, вале асаре надошт. Давлати Саудӣ лоақал ҳамин як кораш дар дунё хуб буд — ҳол ба ин ки ҳазор кори бад дорад, ман коре надорам — ва яке ду сол ин корро кард, яъне ангушти дуздро бурид. Дуздеро ба Арафот ё Мино ва ё ҷои дигаре, ки ҳамаи ҳуҷҷоҷ буданд —

وَلْيَشْهَدْ عَذَابَهُمَا طَائِفَةٌ مِّنَ الْمُؤْمِنِينَ

— оварданд ва дасти ӯро бурианд ва бори дигар ин корро такрор карданд. Якдафъа диданд он ҳаромиён ва иддаи дигаре, ки ба иллати гуруснагии зиёд даст ба дуздӣ мезаданд, ин амалро тарк карданд ва асосан дуздӣ аз байн рафт. Мардум диданд, ки дар ҳамон сарзамин, бору чамадони ҳоҷӣ меафтад ва чандин рӯз мегузарад ва аҳаде ҷуръат намекунад ба он даст бизанад ё бо пояш онро такон диҳад ва дар охири кор, соҳибаш пайдо мешавад. Ин барои он аст, ки муҷозоте дар ҷои худаш сурат мегирад. Қуръон мегӯяд:

وَلَا تَأْخُذْكُم بِهِمَا رَأْفَةٌ فِي دِينِ اللَّهِ

Пас, ин навъ раъфатҳо, дил сӯхтанҳо ва тараҳҳумҳо, тараҳҳумҳои ғайримантиқӣ аст. Яъне қасоватҳое аст ба сурати тараҳҳум, ва ба иборати дигар, ин навъ тараҳҳум, тараҳҳум дар як маврид ва қасоват дар мавориди дигар аст. Ин навъ тараҳҳумҳоро набояд монанди истодагӣ дар баробари шаҳавот ва амёли нафсонӣ, навъе қудрат ба ҳисоб овард.

Бинобар ин, мактаби қудрат — ки доиман дам аз қудрат мезанад ва мегӯяд марди бартар ва инсони комил бояд аз қудрати комил баҳраманд бошад ва нуқоти заъфи вуҷуди худро масдуд карда бошад — гузашта аз ин ки соири арзишҳои инсонро нашнохтааст, худи

қудратро ҳам нашнохта ва маънии қудратро нафаҳмида ва ҳақиқати қудратро надонистааст.

## Қудрати воқеӣ дар аҳодис

Қудрат он аст, ки инсон ба кӯмаки дигарон биштобад. Як руҳи муқтадир он аст, ки ба фаразандони худ мегӯяд:

**كونا للظالم خصما وللمظلوم عونا**

Алӣ (а) хитоб ба ду фаразанди азизаш Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн (а) мефармояд: фаразандони ман! Ҳамеша қудрат ва нерӯи шумо ба кӯмаки мазлум ва ба ситезаи бо золим биштобад. (*Наҳҷул-балога, номаи 47*) Ин кор ношӣ аз қудрат аст. Иттифоқан кинатӯзиҳо, ҳасодатҳо, бадхоҳиҳо ва ҳамин чизҳое, ки оқои Ниче пешниҳод мекунад, ҳамагӣ ношӣ аз заъф аст. Одаме, ки дилаш мехоҳад доиман аз ҳамаи мардум интиқом бигирад ва бадии ҳамаи мардумро мехоҳад ва он касе, ки содизм дорад ва ҳамеша мехоҳад озораш ба дигарон бирасад, корҳояш аз қудрат нест — он тавр, ки оқои Ниче гуфта — балки ношӣ аз заъф аст. Инсон ҳарчи муқтадиртар бошад, ҳасаду кинааш камтар аст.
Ҷумлае аз Имом Ҳусайн (а) барои шумо нақл мекунам:

**القدرة تذهب الحفيظة**

Ҷумлаи хеле аҷибе аст ва бар мулоҳизоти равонии бисёр дақиқе бино шудааст. Мефармояд: қудрат кинаро аз байн мебарад. Яъне вақте инсон дар худаш эҳсоси қудрат кунад, нисбат ба дигарон кина надорад. Дар нуқтаи муқобил, одами заъиф аст, ки ҳамеша кинаи дигаронро дар дил дорад. Одами заъиф аст, ки ҳамеша нисбат ба дигарон ҳасодат меварзад.
Ҷумлаи дигаре аз Амирулмӯъминин (а) дар боби ғайбат нақл мекунам. Аз Алӣ (а) мепурсанд: чӣ касоне ғайбат мекунанд ва ҳамеша дилашон мехоҳад пушти сари мардум ҳарф бизананд ва бадгӯӣ кунанд ва аз бадгӯии дигарон лаззат мебаранд? Алӣ (а) мефармояд: заъифҳо, оҷизҳо, нотавонҳо:

## الغيبة جُهد العاجز

*«Ғайбат мунтаҳои кӯшиши як одами нотавон аст.»* (*Наҳҷул-балоға, ҳикмати 461*) Як инсони қавӣ ва муқтадир ва он касе, ки дар руҳи худ эҳсоси қудрат мекунад, ору нангаш меояд, ки ғайбат кунад ва ғайбатро кори даниҳо ва заъифон ва кори пасте медонад. Як инсони қавӣ ҳозир нест пушти сари мардум ғайбат кунад ва ё ғайбати дигаронро бишнавад. Алӣ (а) ғайбатро мустанад ба заъф мекунад ва мегӯяд: инсони қавӣ ва муқтадир ва як руҳи муқтадир ҳаргиз ғайбат намекунад.

Ҳатто Алӣ (а) зиноро ҳам ба заъф таълил мекунад, мефармояд:

## ما زنی غیور قطّ

(*Наҳҷул-балоға, ҳикмати 305*) Дар ҳамаи дунё як одаме, ки як ҷав ғайрат дошта бошад, бо зане зино накарда ва ба номуси мардум хиёнат накардааст; фақат одамҳои беғайрат зино мекунанд. Одами беғайрат одаме аст, ки дар худаш ҳам эҳсоси заъф мекунад, яъне одаме, ки воқеан агар дигарон ҳам нисбат ба номуси ӯ коре кунанд, он қадрҳо какаш намегазад (яъне барояш муҳим нест). Фақат беғайратҳо ҳастанд, ки зино мекунанд, ғаюрҳо ҳаргиз зино намекунанд:

## ما زنی غیور قطّ

Вале оқои Ниче ин қудратҳоро дигар намешиносад. Аз назари ӯ, қудрат яъне фақат зӯри бозу, яъне аслиҳа, яъне оҳан доштан ва бо оҳан ба сари дигаре задан ва кӯбидан. Марди бартар аз назари ӯ яъне як ҳайвони гунда, як марде, ки зӯри бозуяш хеле зиёд аст, вале ин одам аз қуввату қудрати руҳӣ асосан хабар надорад ва чизе намедонад.

Пас, дар мактаби ислом, бидуни шак, қудрат як арзиш ва як камоли инсонӣ ва яке аз хутути чеҳраи инсони комил аст. Ислом, инсони заъифро намеписандад:

## انّ الله یبغض المؤمن الضعیف

*«Худо аз одамҳои сусту нотавон бадаш меояд.»* (*Кофӣ, 5/59*)

Пас, ислом аввалан, танҳо арзиши инсонро қудрат намедонад ва дар канори он ба арзишҳои дигаре ҳам қоил аст. Ва сониян, таъбири қудрат дар ислом, бо таъбире, ки оқои

Ниче ва суфастоиён ва Мокёвеллӣ ва амсоли инҳо аз қудрат мекунанд, мутафовит аст. Ислом қудратҳоеро дар инсон суроғ дорад ва он қудратҳоро тақвият ва таҳрик мекунад, ки натиҷаааш ғайр аз чизе аст, ки Ниче гуфтааст, балки хайри ҷомеа дар он аст.

Ниче мегӯяд: аслан, ин ки инсон дилаш месӯзад, аз заъф аст. Бояд ба ӯ гуфт: сӯҳбати ин нест, сӯҳбати файёзият аст, сӯҳбати ҷуду карам аст, сӯҳбати хайр расондан аст. Чаро матлабро аз ин тараф намебинӣ? Оқои Ниче! Ин ҳарфро ба ин шакл матраҳ кун: оё як одами қудратманд файзаш ба дигарон мерасад ё як одами заъиф? Файз расондан, аз қудрат аст ё заъф? Файз расондан аз қудрат аст, на аз заъф.

# МАКТАБИ МУҲАББАТ

Мактаби дигар — ки бештар дар Ҳинд ва то андозае дар байни масеҳиён таблиғ шудааст — мактаби муҳаббат аст. Албатта, масеҳиён мактаби худро мактаби муҳаббат меноманд, вале — чунонки арз кардем — дар мактаби муҳаббат ба ҷое рафтаанд, ки мактаби онҳоро бояд мактаби заъф номид. Яъне мактаби заъфситоӣ аст, на мактаби муҳаббат. Вале мактаби ҳиндиҳоро мешавад мактаби муҳаббат номид. Мактаби муҳаббат чист?

Мактаби муҳаббат камоли инсонро мусовӣ бо хидмат ба халқ ва муҳаббат кардан ба мардум медонад, яъне дуруст нуқтаи муқобили мактаби Ниче. Ҳар чиро, ки Ниче нафй мекард, инҳо исбот ва тавсия мекунанд. Мегӯянд: асосан инсони комил яъне инсоне, ки хайраш ба халқи Худо бирасад. Инсоният яъне хайр расондан ба халқ. Алъон ҳам дар мактабҳои фарангӣ — гӯ ин ки чунонки арз кардам худи фарангиҳо амалан ба ин ҳарф пойбанд нестанд — вақте мегӯянд инсоният ва инсонгароӣ, мақсудашон ҳамин хидмат ба мардум ва муҳаббат ба мардум аст. Маҷаллот ва ҷароиди мо ҳам вақте мегӯянд фалон чиз инсонӣ аст ё инсонӣ нест, ҷуз ин қасд намекунанд.[1] Вақте мегӯянд фалон чиз инсонӣ аст, яъне аз назари халқи Худо хайрхоҳона аст, ва "инсонӣ нест" яъне ба нафъи мардум нест. Бинобар ин, аз назари инҳо инсоният ҷуз хидмат ба мардум ва халқи Худо чизи дигаре нест.

Гоҳе дар байни шуарои мо ҳам таъбироти муболиғаомезе шудааст. Масалан, Саъдӣ мегӯяд:

*Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест,*

*Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.*

Албатта Саъдӣ дар ин ҷо манзури дигаре дорад ва манзури ӯ он идда аз мутасаввифа аст, ки корашон фақат тасбеҳу саҷҷода паҳн кардан ва далқи дарвешӣ пӯшидан аст ва асосан аз корҳои хайрхоҳона чизе сарашон намешавад. Саъдӣ, бо ин ки худаш як дарвеш аст, хитобаш ба он дарвешҳое аст, ки аз хидмат ба халқ чизе намефаҳманд. Мунтаҳо, аввал бо як лисони муболиғаомезе мегӯяд: ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест.

---

[1] Ҳол бар ҳасби қасди онҳо мегӯям, аммо ба ин ки инҳо ҳам дар амал ҷури дигаре ҳастанд, коре надорам.

Гоҳе ҳамин матлабро бо таъбироти дигаре мегӯянд, ки таъбироти нодурусте аст: Май бихӯр, минбар бисӯзон, мардумозорӣ накун!
Аз назари инҳо, фақат дар дунё як бадӣ вуҷуд дорад, ва он мардумозорӣ аст, ва як хубӣ вуҷуд дорад, ва он эҳсон ба мардум аст. Мактаби муҳаббат ҳарфаш ин аст, ки фақат як камол ва як арзиш ва як некӣ вуҷуд дорад, ва он, хайр расондан ба мардум аст, ва фақат як нақс ва як бадӣ вуҷуд дорад, ва он, озор расондан ба мардум аст.

## Даъвати Қуръон ба эҳсону исор

Ин мактабро ҳам бояд бисанҷем. Дар ин ки аз назари ислом хидмат кардан ба халқ ва эҳсон ба мардум, худаш як арзише аз арзишҳои инсонӣ ва илоҳӣ аст, ҳеч шакке нест. Муҳаббат ва хидмат ба мардум ва дарди мардумро доштан, аз назари ислом худ як камол ва як арзиш ва як некӣ аст ва мақомаш ҳам бисёр олӣ аст, вале ислом бо инҳисораш мухолиф аст.
Оятеро дар ибтидои сухан тиловат кардам:

إِنَّ اللّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ وَالإِحْسَانِ وَإِيتَاء ذِي الْقُرْبَى وَيَنْهَى عَنِ الْفَحْشَاء وَالْمُنكَرِ وَالْبَغْيِ

(*Сураи Наҳл, ояти 90*)
Худо шумо мусалмонҳоро яке ба адл[1] амр мекунад ва фармон медиҳад ва дигаре ба эҳсон, ки аз назари ахлоқӣ — на иҷтимоӣ — болотар аз адл аст. Худо фармон медиҳад, ки на танҳо по рӯи ҳуқуқи мардум нагузоред ва таҷовуз ба ҳуқуқи мардум накунед, балки аз ҳуқуқи машрӯи худ ба мардум некӣ кунед.
Исор як асли қуръонӣ аст. Исор яъне гузашт. Яъне муқаддам доштани дигарон бар худ дар он чи моли худи инсон аст ва ба он камоли эҳтиёҷро дорад ва дар айни камоли эҳтиёҷ, дигариро бар худ муқаддам медорад. Исор яке аз бошукӯҳтарин мазоҳири инсоният аст ва Қуръон аҷиб исорро сутудааст. Дар бораи асҳоби Пайғамбар яъне Ансор, ки Муҳоҷиринро бар худашон муқаддам медоштанд, мефармояд:

---
[1] Адл яъне ин ки ҳуқуқи мардумро риоят кунед ва по аз марзи ҳуқуқи мардум он тарафтар нагузоред.

وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

*«Ва ҳарчанд дар хуашон эҳтиёҷе бошад, онҳоро бар худашон муқаддам медоранд…» (Сураи Ҳашр, ояти 9*) Ё дар оёте, ки дар сураи “Ҳал ато» дар шаъни Алӣ (а) ва Заҳрои Марзия (а) ва Ҳасанайн (а) ва аҳли байт нозил шудааст, мефармояд:

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا. إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمْ جَزَاء وَلَا شُكُورًا

*«Ва ба поси дӯстии Худо, бенаво ва ятим ва асирро таъом медоданд. (Ва мегуфтанд:) мо барои хушнудии Худост, ки ба шумо таъом медиҳем ва подошу сипосе аз шумо намехоҳем.» (Сураи Инсон, оятҳои 8 ва 9*), ки достонашро ҳама шунидаем. Баъд аз як бемори, ки Ҳасанайн доштанд, Алӣ (а) ва Заҳро (а) назр мекунанд ва рӯза мегиранд, ва авқоте аст, ки Алӣ (а) дар берун кор мекунад ва масалан ҷаве таҳия мекунад ва Заҳро аз он ноне мепазад ва омода мекунад. Вақти ифтор мискине мерасад ва инҳо он чи худ доштанд, ба ин мӯҳтоҷ медиҳанд ва дар ду шаби баъд дубора ин исорро мекунанд, ки ин оят нозил шуд.

Ба ҳар ҳол, масъалаи исор матраҳ аст, ва исор мақоми инсонии фавқулъода бошукӯҳе аст ва ислом онро сутуда ва ситоиш кардааст, ки достонҳои зиёде дар таърихи ислом дар бораи исор омадааст.

## Намунае аз меҳрубонӣ

Ба таври куллӣ раҳм, меҳрубонӣ ва тараҳҳум, амре аст, ки ҳамеша дар ислом матраҳ аст. Ин достонро шунидаед, ки марде аз ашрофи ҷоҳилият хидмати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) омад ва дид, ки эшон яке аз фаразандонашонро рӯи зонуи худашон нишондаанд ва ӯро мебӯсанд ва мебӯянд ва ба ӯ муҳаббат мекунанд. Рӯ кард ба Пайғамбар (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва гуфт: ман даҳто бачча дорам ва ҳанӯз дар умрам ҳеч

кадомашонро як бор ҳам набӯсидаам.[1] Дар яке аз ривоёте, ки дар ин замина омада, навиштаанд:

**فالتمع وجه رسول الله**

Пайғамбари Акрам аз ин ҳарф чунон нороҳат ва асабонӣ шуд, ки сурати муборакаш қирмиз шуд ва *ламаъон*[2] пайдо кард ва фармуд:

**من لا يرحم لا يُرحم**

«*Он, ки нисбат ба дигаре раҳм надошта бошад, Худо ҳам ба ӯ раҳм нахоҳад кард.*» Бино ба нақли дигаре, фармуд: агар Худо раҳмро аз дили ту кандааст, ман чӣ кунам?!
Дар ин замина ахбор ва ривоёт ва аҳодиси зиёде дорем. Зиндагии Амирулмӯъминин (а) худ беҳтарин намуна аст ва Алӣ (а) асосан муҷассамаи раҳмат ва меҳрубонӣ аст; дар муқобили заъиф, ки қарор мегирад, дарёи раҳмат ва муҳаббати Алӣ (а) ба ҷӯш меояд.

## Авотифи инсонӣ дар Ғарб

Ман дар ҷаласаи гузашта роҷеъ ба руҳияи шарқӣ ва ғарбӣ баҳс кардам ва гуфтам, ки асосан умқи руҳияи ғарбиҳо қасоват аст ва мардумони қасиюлқалбе ҳастанд. Албатта худи ғарбиҳо ҳам ин матлабро қабул доранд ва ин навъ авотиф, муҳаббатҳо, эҳсонҳо ва гузаштҳоро хислатҳои шарқӣ меноманд. Ҳатто муҳаббати падар нисбат ба фаразандони худ ва фаразандон нисбат ба падар ё модар ва ҳамчунин бародар нисбат ба бародар ё хоҳар, ва хоҳар нисбат ба хоҳар дар байни онҳо, хеле кам вуҷуд дорад… Мегӯянд, авотифи инсонӣ фақат дар Машриқзамин вуҷуд дорад ва зиндагӣ дар Мағрибзамин бисёр хушк аст ва дар он ҷо адолат — албатта дар миёни худашон, на нисбат ба дигарон — ва адли иҷтимоӣ вуҷуд дорад, вале эҳсону отифа ва амсоли он вуҷуд надорад.

---

[1] Ин ҳамон мактаби Ниче аст. Чун бӯсидани ман яъне ин ки онҳоро дӯст дорам ва нисбат ба онҳо тараҳҳум дорам, ва тараҳҳум заъф аст ва як одами қавӣ ҳаргиз аз ин корҳо намекунад ва ин корҳо барои як одами қавӣ сабук аст.
[2] Ба маънои тағайюр.

Яке аз дӯстони мо нақл мекард, ки ба Утриш рафта буд барои ин ки меъдаашро амал кунад ва писараш ҳам он ҷо таҳсил мекард. Мегуфт: ман баъд аз ин ки амал карда будам ва давраи нақоҳатро ба сар мебурдам, рӯзе дар растуроне нишаста будам ва дар он ҷо писарам ба ман хидмат мекард ва суфориши чой ва қаҳва ва ғизо медод ва даври ман мечархид. Дар тарафи дигари растурон, зану марде, ки нишон медод зану шавҳар ҳастанд, паҳлӯи якдигар нишаста буданд ва доиман моро мепоиданд. Як дафъа, ки писарам аз ҷо баланд шуд ва мехост аз канори онҳо рад шавад, дидам, ки аз писарам чизҳое мепурсанд ва ӯ ҳам дорад ба онҳо ҷавоб медиҳад. Баъд, ки омад, ба ӯ гуфтам: онҳо ба ту чӣ мегуфтанд? Гуфт: ба ман гуфтанд, ин кист, ки ту дорӣ ин қадр ба ӯ хидмат мекунӣ? Гуфтам: ӯ падарам аст. Гуфтанд: хуб, падарат бошад! Магар бояд ин ҳама ба ӯ хидмат кунӣ?! Писарам гуфт: ман бо мантиқи худашон бо онҳо ҳарф задам, гуфтам: охир, ӯ барои ман пул мефиристад ва ман дар ин ҷо дарс мехонам. Агар ӯ ин пулро нафиристад, ман наметавонам дарс бихонам. Бо таъаҷҷуб гуфтанд: аз пулҳое, ки худаш дармеоварад ба ту медиҳад, то харҷ кунӣ?! Гуфтам: Оре, аз пулҳое, ки худаш дармеоварад. Онҳо хеле таъаҷҷуб карданд ва он вақт моро мисли як ғулҳои шохдоре, ки асосан мавҷудоти аҷибе ҳастем, нигоҳ мекарданд. Баъд ҳар ду омаданд ва шурӯъ ба сӯҳбат карда, гуфтанд: бале, мо ҳам як писаре дорем, ки солҳост дар хориҷ аст ва чунину чунон аст. Баъд писарам ба таври хусусӣ дар бораи онҳо таҳқиқ кард ва маълум шуд, ки дурӯғ мегӯянд ва аслан писаре надоранд. Баъдан гуфтанд: мо 30 сол пеш бо ҳам номзад шудем ва гуфтем, муддате бо ҳам бошем, то бо ахлоқи якдигар ошно шавем; агар ахлоқи якдигарро писандидем, меравем расман издивоҷ мекунем, вале ҳанӯз фурсати издивоҷ кардан пайдо накардаем.

Оқои Муҳаққиқӣ — Худо ӯро биёмурзад! — ки марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ эшонро ба Олмон фиристода буданд, достоне нақл карда буд, ки воқеан достони аҷибе аст. Эшон гуфта буд: ҷузъи ашхосе, ки дар замони мо мусалмон шуданд, профессоре буд, ки марди олиму донишманде буд ва ин профессор пеши мо зиёд меомад ва мо ҳам пеши ӯ мерафтем. Ин профессор, ки дар авохири умр пирамарде шуда буд, саратон пайдо кард ва дар бемористон бистарӣ шуд. Эшон мегуфт: мо ва мусалмонҳои он ҷо ба бемористон мерафтем ва аз ӯ иёдат мекардем. Рӯзе ин пирамард забон ба шикоят гушуд ва гуфт: аввалин боре, ки ман мариз шудам, озмоиш карданд ва табибҳо гуфтанд саратон аст. Ҳам

писарам ва ҳам занам омаданд ва гуфтанд: ҳол, ки ту саратон дорӣ, маълум аст, ки мемирӣ, бинобар ин Худо ҳофиз! Мо дигар рафтем. Ҳар ду ҳамон ҷо Худоҳофизӣ карданд ва фикр накарданд, ки ин бадбахт дар ин шароит эҳтиёҷ ба муҳаббату меҳрубонӣ дорад. Оқои Муҳаққиқӣ мегуфт: мо чун дидем касеро надорад, мукаррар ба иёдаташ мерафтем. Рӯзе аз бемористон хабар доданд, ки ӯ мурдааст. Барои такфину таҷҳизаш ва ҷамъ кардани ҷанозааш рафтем. Дидем дар он рӯз писараш омад. Пеши худ гуфтем, хуб аст, ки лоақал барои ташйеъи ҷанозааш омадааст. Вале вақте таҳқиқ кардем, мутаваҷҷеҳ шудем ӯ аз пеш ҷанозаро ба бемористон фурӯхта ва ҳол омада ҷанозаро таҳвил диҳад ва пулашро бигирад ва биравад.

## Тақаддуми адолат бар исор

Бисёре аз корҳои мо, ки исмашро отифа мегузорем, отифа нест, навъе худхоҳӣ аст, ки исми отифа ва инсоният рӯи он мегузорем.

Маънои отифа чист? Маънои отифа ин аст, ки инсон аз ҳаққи машрӯи худ ба нафъи дигаре истифода кунад. Чунин одаме бояд килоси қабл аз инро тай карда бошад. Килоси қабл аз ин кадом аст? Ин аст, ки ба ҳуқуқи мардум таҷовуз накунад ва ҳуқуқи онҳоро мӯҳтарам шуморад ва баъд, аз ҳаққи машрӯи худ ба нафъи мардум истифода кунад. Ҳар касе ин корро кард, ба ин хислати ӯ, отифаи иҷтимоӣ мегӯянд.

Аммо шумо афродеро мебинед, ки ба ҳаққи худ қонеъ нестанд ва доиман дар зиндагӣ аз ҳар роҳе, ки шуда мехоҳанд пуле ба даст оваранд, на ҳалол мефаҳманд, на ҳаром ва ҳуқуқи мардумро мӯҳтарам намешуморанд ва ба ҳуқуқи дигарон таҷовуз мекунанд. Ҳамин одам як рӯзе ҳам ба хотири фалон дӯсташ чандин ҳазор тумон харҷ мекунад ва баъд мо мехоҳем инро ба ҳисоби саховат ва инсондӯстӣ ва отифаи иҷтимоӣ бигузорем. На, ин отифаи иҷтимоӣ нест; худхоҳӣ аст, номҷӯӣ аст. Ин ки инсон барои ин ки мехоҳад худпарастӣ карда ва номи худро баланд карда бошад ва чунин коре мекунад, инсондӯстӣ нест. Касе, ки ҳуқуқи чандин инсонро поймол карда ва баъд барои як инсони дигар харҷ мекунад, инсондӯст нест. Аксари корҳое, ки мо мекунем, инсондӯстӣ нест.

Ҳол, мисоли дигаре зикр кунам. Баъзе аз мо хислате дорем ва ё ба худамон мебандем ва исмашро “меҳмоннавозӣ” мегузорем ва мегӯем: мо мард ҳастем ва дари хонаи мард боз

аст! Ҳамеша як меҳмон меояд ва дигаре меравад. Барои ноҳору шом меҳмон дорад ва меҳмони шабхоб ҳам ба хонааш даъват мекунад. Ин, ба худии худ, хуб аст, вале аз тарафи дигар як мулоҳизаеро намекунем. Басо ҳаст, ки ба он зане, ки дар хонаи мо ҳаст — ки мо шаръан ҳақ надорем ба ӯ фармон бидиҳем ва ӯ озоду мухтор аст, ки агар майлаш бошад, дар хонаи мо кор кунад (яъне ҳамсари мо) — фишорҳо ва заҳматҳоеро таҳмил мекунем ва исмашро "меҳмоннавозӣ" мегузорем ва мегӯем: дари хонаи мо боз аст ва мо меҳмоннавоз ҳастем! Меҳмоннавозие, ки мусталзими зулм ба як инсон бошад, меҳмоннавозӣ нест.

Алӣ ибни Абӯтолиб (а) дар хона бо ҳамсараш Заҳро (а) ҳамкорӣ мекунад. Кори хонаро Заҳро ба ихтиёри худаш интихоб карда ва Алӣ ба ӯ таҳмил намекунад. Дар айни ҳол, Алӣ (а) мехоҳад фишоре бар ҳамсари азизаш ворид наёяд.

Ҳол, оё ин меҳмоннавозӣ ва инсондӯстӣ аст, ки одам доиман меҳмон биёварад ва он зани бадбахт агар як рӯз эҳсоси хастагӣ кунад, инсон падарашро дароварад ва бигӯяд, агар намехоҳӣ, аз хонаи ман берун бирав?!

Пас, инҳо ҳам отифаи иҷтимоӣ нест. Бале, агар воқеан коре ба марҳилаи исор (аз худ гузаштагӣ) бирасад, он чизи дигаре аст. Инсоне, ки мехоҳад амалаш бар асоси отифаи иҷтимоӣ бошад, аввал бояд аз марҳилаи адолат болотар биёяд, яъне одил бошад ва ба ҳуқуқи мардум таҷовуз накунад, он гоҳ агар мехоҳад аз ҳуқуқи машрӯи худ исор кунад, монеъе надорад. Ва аз ин рӯ бузургоне аз уламоро суроғ дорем, ки муқайяд буданд ҳеч вақт кучактарин таҷовузе ба ҳаққи касе накунанд. Инҳо дар дохили хона ҳозир набуданд ҳатто як бор ба сурати як амр, аз ҳамсар ё фаразандашон чизе бихоҳанд.[1] Дар бораи марҳум Мирзо Муҳаммадтақии Шерозӣ (р), ки аз мароҷеъи тақлиди бисёр-бисёр бузург ва устоди марҳум Оятуллоҳ Ҳоҷ Шайх Абдулкарими Ҳоирӣ буданд, нақл кардаанд, ки ҳеч вақт ба аҳли хона фармон намедод. Ҳатто як вақт, ки эшон мариз буданд ва хонаводаи эшон барояшон шӯрбо таҳия карда буданд, баччаҳо омада буданд ва ғизоро дами дар гузошта ва рафта буданд. Эшон ҳам мариз ва дар гӯшаи утоқ бистарӣ буд ва наметавонист аз ҷо баланд шавад. Чанд соат гузашт. Вақте омаданд, диданд ғизоро нахӯрдааст. Чаро? Барои ин ки

[1] Албатта дар кори шахсӣ, ки марбут ба худашон аст. Коре, ки марбут ба тарбияти фаразанд аст, ҳисоби дигаре дорад. "Ин косаи обро ба ман бидеҳ, то бихӯрам", дигар марбут ба тарбияти бачча нест.

мусталзими ин буд, ки яке аз баччаҳоро садо кунад ва бигӯяд, ин корро барои эшон анҷом бидиҳад. Шубҳа мекард, ки оё шаръан барои ман ҷоиз аст занамро аз ошпазхона садо кунам ва бигӯям, ин корро анҷом диҳад? Ҳол дар ошпазхона коре ба майл ва ризои худаш мекунад ва ман ҳам ба ӯ дастур надодаам ва худаш мегӯяд, ки моилам кор кунам, аммо коре, ки мусталзими ин бошад, ки ман ба ӯ фармон диҳам, намекунам.

Пас, отифа он вақт отифа аст ва исор он вақт исор аст, ки барои худнамоӣ ва аз рӯи худхоҳӣ набошад.

## Намунае аз исори воқеӣ

Достоне аз асҳоби ҳазрати Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) нақл кардаанд, ки марбут ба ҷанги Муъта аст ва воқеан ҳайратафзост. Инро намунае аз исор мегӯянд. Дар ҷанги Муъта, иддае маҷрӯҳ афтода буданд. Вақте хун аз бадани маҷрӯҳ меравад ва бадан эҳтиёҷ ба хуни ҷадид пайдо мекунад, табиат ташнагиро ғолиб мекунад, чун бадан барои ин ки хуни ҷадид бисозад, эҳтиёҷ ба об дорад ва аз ин рӯ худи маҷрӯҳ будан ва рафтани хуни зиёд аз бадан, ташнагиовар аст. Марде зарфи оберо бардошт ва дар миёни маҷрӯҳони мусалмон ҳаракат кард, то агар маҷрӯҳеро пайдо кунад, ки эҳтиёҷ ба об дорад, ба ӯ об бидиҳад. Ба яке аз маҷрӯҳон расид ва дид ташна аст. Омад ба ӯ об бидиҳад, аммо ӯ ба як нафари дигар ишора кард, яъне обро ба ӯ бидеҳ, ки ӯ аз ман мустаҳиқтар аст. Суроғи нафари дуввум рафт, вале ӯ ҳам як нафари дигарро суроғ дод ва гуфт: суроғи ӯ бирав, ки аз ман мустаҳиқтар аст. Рафт суроғи ӯ, дид, ки мурдааст. Баргашт суроғи дуввумӣ, дид, ӯ ҳам мурдааст. Рафт суроғи аввалӣ, дид, ӯ ҳам мурдааст.

Инро исор ва аз худ гузаштагӣ мегӯянд. Яъне, дар ниҳояти эҳтиёҷи худ, дигаронро бар худ муқаддам доштан.

## Ишколоти мактаби муҳаббат

Мактаби муҳаббат ва мактаби хидмат — ки албатта хидмати ношӣ аз муҳаббат мавриди назари мост — ду эрод дорад. Бидуни шак, хидмат ва муҳаббат арзише инсонӣ аст, вале яке

аз арзишҳои инсонӣ аст (на ҳамаи арзишҳои инсонӣ). Айни ду эроде, ки бар мактаби қудрат ворид буд, бар ин мактаб ҳам ворид аст.

Як эрод ин аст, ки ин мактаб ҳам такарзишӣ аст. Яъне, арзишҳои дигарро фаромӯш карда ва фақат ба як арзиш часбида, ки иборат аз хидмат ва муҳаббат аст. Муҳаббат барои инсон камол аст, файёзият барои инсон камол аст ва ҳамон тавр, ки фалосифа собит кардаанд, файёзият, ҷуд ва бахшиш яке аз сифоти камолия аст, ки ҳатто сифати зоти воҷиб таъоло ҳам ҳаст ва аз ин рӯ зоти воҷиб таъоло худаш файёзи ъалалитлоқ аст. Бинобар ин, дар ин ҷиҳат шакке нест. Иштибоҳи инҳо дар ин аст, ки арзишҳои дигарро фаромӯш карда ва гуфтаанд, ғайр аз хидмат ба халқ, чизи дигаре вуҷуд надорад ва инсоният мунҳасир ба ин арзиш аст.

Ҳамон тавр, ки мактаби қудрат иштибоҳи муҳимтараш ин буд, ки қудратро дуруст ташхис надода буд ва хаёл мекард, ки қудрат яъне фақат зӯр, ва қудратҳои равонӣ ва руҳиро фаромӯш карда буд, дар мактаби хидмат ба халқ ҳам, як иштибоҳи бисёр бузург вуҷуд дорад, ки ман дар ин ҷо тавзеҳ медиҳам.

Хидмат ба халқ яъне чӣ? Хидмат ба чӣ чизи халқ? Як касе суол мекунад: шумо мегӯед инсоният ба ин аст, ки инсон ба халқи Худо хидмат кунад. Бисёр хуб, вале як тавзеҳе ба ман бидиҳед! Ба чӣ чизи халқи Худо хидмат кунем? Мумкин аст бигӯед: ба шиками халқи Худо, яъне халқи Худо гурусна ҳастанд ва ба шикамҳои онон бояд хидмат кард. Бале, шак надорад, ки инсонҳои гурусна бояд сер шаванд. Ба тани халқи Худо ҳам бояд хидмат кард; агар урёнанд, бояд пӯшонда шаванд ва аз сармову гармо маҳфуз бимонанд ва маскан дошта бошанд. Агар озодӣ надоранд, озодӣ дошта бошанд. Ҳамаи инҳо дуруст аст ва хидмат ба халқи Худост.

Вале як суол дар ин ҷо матраҳ аст: натиҷаи ниҳоӣ чист? Оё ҳамин қадр, ки мо эҳтиёҷе аз эҳтиёҷоти халқи Худоро баровардем, ин амали мо эҳсону хайр аст? Агар худи халқи Худо дар шароите қарор доранд, ки худашон ба худашон хидмат намекунанд ва худашон душмани худашон ҳастанд, яъне аз рӯи нодонӣ ва ҷаҳолат ба гунае амал мекунанд, ки худашон душмани дараҷаи аввали худашон ҳастанд ва дар масире қарор гирифтаанд, ки на танҳо масири саодаташон нест, балки масири шақовати онҳо ва шақовати башарият аст, дар ин ҷо боз ҳамин тавр чашмҳоямонро бибандем ва бигӯем: ба халқи Худо бояд хидмат

кард, мо чӣ кор дорем, мо бояд шикамҳоро сер кунем? Оё саҳеҳ аст, ки бигӯем, ҳол чӣ кор дорем он, ки шикамаш сер мешавад, дар чӣ масиру ҳадафе қарор мегирад ва ё алъон дар чӣ масире қарор дорад? Ман ба масиру ҳадафаш чӣ кор дорам? Шикам бояд сер бошад ва тан бояд пӯшида бошад?

Ё на, хидмат ба инсонҳо ба шарти ин ки хидмат ба инсоният бошад, яъне хидмат ба арзишҳои инсонӣ бошад?

Матлаб ин аст: хидмат ба халқи Худо он ҷо арзиши инсонӣ дорад, ки дар масири арзишҳои дигари инсонӣ қарор гирад. Агар хидмат ба халқ дар масири соири арзишҳои инсонӣ қарор нагирад, ба андозаи як пул ҳам арзиш надорад.

## Хидмат ба халқ, муқаддимаи имон

Ин ҷо ин матлабро бояд тарҳ кунем, ки иддае мегӯянд: магар ҳамаи дастурҳои Худо ва асли имону ибодат, ҷуз барои ин аст, ки мардум дар ниҳояти амр хайрхоҳи халқи Худо бошанд ва ба халқи Худо хидмат кунанд? Мо бояд имон дошта бошем барои ин ки дар партави имон, ба халқи Худо хидмат кунем; бояд Худоро ибодат кунем, чун дар партави ибодат аст, ки беҳтар ба халқи Худо хидмат мекунем. Аз назари инҳо, ҳамаи дастурҳои ислом ва соири адён ва ҳамаи дастуроти бузургони башарият, муқаддимаи ин аст, ки ба халқи Худо хидмат шавад. Намегӯянд, худи халқи Худо билохира чӣ мехоҳад бишавад. Агар бояд ба халқи Худо хидмат шавад, худи халқи Худо чӣ барномае доранд? Оё ҳеч барномае надоранд?!

На, ин тавр нест. Имон, муқаддимаи хидмат ба халқ нест, ибодат муқаддимаи хидмат ба халқ нест, баръакс аст: хидмат ба халқ, муқаддимаи имон аст, хидмат ба халқ, муқаддимаи ибодат аст, хидмат ба халқ, муқаддимаи оқил шудан аст, хидмат ба халқ, муқаддимаи соири арзишҳои инсонӣ аст. Яъне мо бояд ба халқ хидмат кунем, то онҳоро дар масири имон биандозем, то онҳоро дар масири Худопарастӣ биандозем, то онҳоро дар масири соири арзишҳо биандозем.

Хидмат ба халқ, муқаддима ва замина барои имон аст, на ин ки имон муқаддима барои хидмат ба халқ аст, ва на ин ки ҳеч кадом муқаддимаи дигаре набошад. Ислом чунин мактабе аст ва чунин ҳарфе мезанад ва воқеан ҳам вақте мо ҳисоб кунем, мебинем ғайр аз ин маънӣ надорад, вагарна мо бояд ҳамаи инсонҳоро минҳои инсонияти онҳо дар назар

бигирем. Баъд бояд масалан ба Лумумбо (як озодихоҳ) ба ҳамон чашм нигоҳ кунем, ки ба Чумба (як диктотур) нигоҳ мекунем ва ба Мӯсо Чумба ҳам ба ҳамон чашм нигоҳ кунем, ки ба Лумумбо нигоҳ мекунем, чун ҳар ду инсонанд, ҳар ду шикам доранд, ҳар ду мумкин аст гурусна шаванд ва ҳар ду мумкин аст бараҳна бошанд ва аз ҷанбаи зистшиносӣ ин ду инсон бо якдигар фарқ намекунанд.

Ман баъзе аз маҷаллоти нисбатан сангину обрӯмандро, ки мехонам, мебинам иддае вақте мехоҳанд мақоми ирфони исломиро хеле боло бибаранд ва аз он таъриф кунанд, мегӯянд: ин урафои мо кучак нестанд, ҳарфҳои хеле бузург задаанд! Мепурсем: чӣ гуфтаанд? Мегӯянд: ирфон дар ниҳояти амр, сар аз хидмат ба халқ дармеоварад!

На, ин тавр нест. Ирфон ҳеч вақт дар ниҳояти амр сар аз хидмат ба халқ дарнамеоварад; дар васати роҳ ва балки дар муқаддимаи роҳ сар аз хидмат ба халқ дармеоварад. Хидмат ба халқ дар ирфон ҳаст ва бояд ҳам бошад, вале хидмат ба халқ ниҳояти ирфон нест; хидмат ба халқ муқаддимае аз муқаддамоти ирфон аст, ва агар ба таъбироти шаръии худамон бихоҳем таъбир кунем, мегӯем: ба Худо наздик шудан, муқаддимаи хидмат ба халқи Худо нест, балки ба халқи Худо хидмат кардан, муқаддимаи қурби илоҳӣ ва расидан ба мақоми қурби Худост.

Пас, бар мактаби муҳаббат ҳам ду эрод ворид аст: яке ин ки муҳаббатро танҳо арзиш медонад, ва дигар ин ки муҳаббатро ниҳояти инсоният дар назар мегирад, ва ба иборати дигар, ин мактаб охирин сайри инсониятро хидмат ва муҳаббат медонад. Вале ислом инро қабул намекунад. Ислом муҳаббат ва хидмат ба халқро мепазирад ва ситоиш мекунад ва онро як арзиш медонад, вале арзише, ки дар аввали роҳ аст, на дар поёни роҳ. Масир ба хидмат ба халқ мунтаҳӣ намешавад. Аввал аз он ҷо бояд шурӯъ кард, вале ҳадафи аслӣ чизи дигар аст.

**ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم**

# НАҚДУ БАРРАСИИ НАЗАРИЯИ МАКТАБИ СУСИЁЛИЗМ (СОТСИАЛИЗМ)

**قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْاْ إِلَى كَلَمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلاَّ نَعْبُدَ إِلاَّ اللّهَ وَلاَ نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلاَ يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ**

*(Сураи Оли Имрон, ояти 64)*

Яке дигар аз мактабҳо дар мавриди инсони комил, мактаби сусиёлизм (сотсиализм) аст. Дар ин мактаб, нақсу камоли инсоният дар ду чиз хулоса мешавад: нақс дар он ҷост, ки башар ҳар чи бештар ҷанбаи фардият дошта бошад, ва камоли инсоният дар ҷанбаи ҷамъӣ аст, ба ин маънӣ, ки инсон то “ман” аст, ноқис аст ва он вақт комил мешавад, ки “ман” аз байн биравад, вале на ба он маъно, ки урафо “ман”-ро аз байн мебаранд. Урафо мехоҳанд “ман”-ро барои “ӯ” аз байн бибаранд, яъне “ман” ба унвони замири аввали шахс, мунҳадим ва маъдум мешавад, то ӯ (замири севвуми шахс) ошкор ва пайдо шавад, ва албатта манзури онҳо аз “ӯ”, Худост. Фонӣ шудани “ман” дар “ӯ” яъне фонӣ шудани инсон дар Худо.

Ин мактаб дар ин ҷиҳат бо мактаби урафо ширкат дорад, ки тарафдори мунҳадим шудан ва шикастани “ман” аст, вале на барои ин ки “ӯ” пайдо шавад ва зоҳир ва ошкор гардад, балки “ман” аз байн биравад барои ин ки “мо” (замири мутакаллими маъалғайр) пайдо шавад. Аз назари инҳо (сусиёлистҳо), инсони комил инсоне нест, ки ориф бошад ва бигӯяд: «*Лайса фи ҷуббати илаллоҳ*», балки инсони комил он инсоне аст, ки “ман”-и худро дар ҷамъ мустаҳлик карда бошад. Чунин инсоне он чи, ки ҳис намекунад, “ман” аст ва он чи, ки ҳис мекунад, “мо” аст.

Бисёре аз мактабҳои дигар ҳам то ин андоза ин матлабро қабул доранд. Ҳатто мактабҳое, ки “ман”-ро барои пайдо шудани “ӯ” мунҳадим мекунанд, бо пайдо шудани “мо” мухолиф нестанд ва аз ин, ки “ман” табдил ба “мо” шавад, ҳимоят мекунанд.

## Хулосаи сухани ин мактаб

Ин мактаб (сусиёлизм), ки инсони комилро он инсоне медонад, ки дар ӯ “ман” табдил ба “мо” шуда бошад, роҳашро ҳам ироа медиҳад, мегӯяд: ҳар ҷо, ки ашёе ба “ман” таъаллуқ надоранд ва ба “мо” таъаллуқ доранд, ин амр сабаби “мо” будани афрод аст. Вақте шумо таъаллуқоти ашё ба инсонҳоро нигоҳ кунед, мебинед ду ҷур аст. Як силсила умур аст, ки дар ҳар ҷомеае ба “мо” таъаллуқ дорад. Масалан, оё забони форсӣ моли ман аст? На. Моли шумост? На. Моли он фарди дигар аст? На. Забони форсӣ моли як ҷамъ аст. Ватан моли кист? Моли як фард нест, моли ҷамъ аст. Ҳар чи аз ин қабил аст яъне ҳар чи, ки ба ҷамъ таъаллуқ дорад, на ба фард, афродро яке мекунад. Мо ба он далел бо якдигар муттаҳид ҳастем, ки ҳамзабонем, яъне забон ба “мо” таъаллуқ дорад, на ба “ман”, ва ҳамватан ҳастем, яъне ватан ба “мо” таъаллуқ дорад, на ба шахс ва фард. Мо ҳамчунин ҳамфарҳанг ҳастем, ҳамдину ҳамдил ҳастем. Ҳар чи, ки ба “мо” таъаллуқ дорад ва ба “ман” таъаллуқ надорад ва ҷанбаи ихтисосӣ надорад ва ҷанбаи иштирокӣ дорад, афродро ба ҳамон нисбат “мо” мекунад.

Аз тарафи дигар, суроғи ашёе меравем, ки ба фард-фард ҷудогона таъаллуқ дорад ва ҷанбаи ихтисосӣ дорад: хонаи ман, пули ман, либоси ман, фарши ман, худрави ман. Хонаи ман дигар моли шумо нест, моли ман аст. Пули ман пули шумо нест, пули мо нест, пули ман аст. Ин гуна таъаллуқот, ки ашё ба инсон таъаллуқ пайдо мекунанд, таъаллуқоти ихтисосӣ аст, на иштирокӣ. Мегӯянд, таъаллуқот, ки ихтисосӣ мешавад, “мансоз” аст. “Ман”-ро чӣ месозад? Моликияти фардӣ, ихтисос. “Мо”-ро чӣ месозад? Моликияти ҷамъӣ, иштирок. Пас, милоки комил будани инсонҳо, “мо” будани онҳост, ва милоки “мо” шудани инсонҳо ин аст, ки ихтисосҳо аз байн биравад ва иштирок ва сусиёлизм ҷойгузини ихтисос шавад.

Инҳо муддаӣ ҳастанд, дар аввал, ки ҷомеаи башарият ба вуҷуд омадааст, ҷомеаи башарӣ як ҷомеаи иштирокӣ буда ва моликият набудааст; замини ман ва замини ту, сарвати ман ва сарвати ту матраҳ набуда, ҳама чиз иштирокӣ будааст ва башар дар як биҳишт ва дар осоиш зиндагӣ мекардааст. Он чи, ки дар адён омадааст, ки ҷадди аълои мо ибтидо дар биҳишт буд ва баъд ба як шаҷара наздик шуд ва исён кард ва чун исён кард, аз биҳишт

ронда шуд ва гирифтори зиндагии хокии заминӣ шуд, аз назари онҳо ин амр таъбири дигаре аз ин аст, ки башар дар биҳишти иштирокият зиндагӣ мекард ва “мо” буд, на “ман” ва баъд як исён муртакиб шуд ва ба воситаи он исён аз биҳишти иштирокият ронда шуд, ва он исён, пайдоиши моликияти фардӣ аст. Вақте моликияти фардӣ пайдо шуд, башар аз биҳишти саодат ронда шуд ва дучори бадбахтӣ гардид ва ҳанӯз ҳам дучори ҳамон бадбахтӣ аст. Тавбаи инсон барои ин ки ба биҳишт бозгардад, тавба аз моликият аст ва ҳамон тавр, ки дар адён омада биҳиште, ки инсон баъдан меравад, аз аввал комилтар ва беҳтар аст. Ҳар вақт башар аз ин гуноҳи бузург тавба кард ва ба ҷои моликияти фардӣ ба иштирокият рӯ овард, бори дигар ба мақоми одамият ва инсонияти худаш мерасад.

Мегӯянд: моликият, ки падид омад, зулм пайдо шуд — ва зулм ношӣ аз моликият аст — ва аз ин рӯ истисморгару истисморшуда пайдо шуд. Башар дар ҳоле, ки истисморгар ва ё истисморшуда аст, ноқис аст. То вақте, ки ин ноҳамвориҳо ва пастиву баландиҳо дар байни афроди башар вуҷуд дорад, ки яке он қадр боло меравад, ки ба қуллаи Дамованд мерасад ва яке ҳам он қадр поин меравад, ки дар як дараи ҳавлнок суқут мекунад, ҳаргиз ҷомеаи башарият рӯи саодатро намебинад. Вақте рӯи саодатро мебинад, ки ҳолати даштро пайдо кунад ва мутасовӣ бошад. Баъд аз ин ки тасовӣ ва баробарӣ ҳоким шавад, бародарӣ ба вуҷуд меояд ва дар он ҳангом, инсон дигар инсони ноқис нест ва инсони комил аст.

Пас, ин мактаб, камоли инсонро мусовӣ бо нафйи таъаллуқоти ихтисосӣ ва ҳамаи лавозиму дунболаҳои он монанди истисморгариҳо ва истисмор шуданҳо медонад, ки истисмор дар ҳар ду тараф, ҳазорон айбу нақс эҷод мекунад: дар яке ҳиқду кина эҷод мекунад ва дар дигаре ҳирсу оз. Вақте, ки решаашро аз бун задед, камоли инсон буруз мекунад.

## Иштибоҳи асосии ин мактаб

Ин ки ҳадаф ҳамеша ин аст, ки “ман” бояд табдил ба “мо” шавад ва “ман” дар байн набошад, матлабе нест, ки аз мухтассоти сусиёлистҳо бошад. Он чи аз мухтассоти онҳост,

роҳе аст, ки нишон медиҳанд, ва он ин аст, ки мегӯянд: “мансоз” моликияти ихтисосӣ[1] аст ва “мосоз” моликияти иштирокӣ.[2]

Касоне, ки ба сусиёлистҳо ҷавоб медиҳанд ва ё метавонанд ҷавоб диҳанд, ин тавр метавонанд бигӯянд: оё он чи, ки “мансоз” аст, таъаллуқи ашё ба инсон аст ё таъаллуқи инсон ба ашё? Оё ин ки ашё ба инсон таъаллуқ дошта бошанд яъне инсон молик бошад ва ашё мамлук бошанд, “мансоз” аст ва миёни афрод марз месозад ва ҳисор мекашад ва афродро аз якдигар ҷудо мекунад ва ваҳдату иттиҳодро аз байн мебарад? Ва ё моликияти инсон бар ашё ва таъаллуқи ашё ба инсон маншаи ин амр нест, акси қазия аст: таъаллуқи инсон ба ашё ва моликияти ашё бар инсон ба ин маъно, ки инсон бандаи ашё бошад — ва ба таъбири ирфонии худамон, таъаллуқи қалбӣ ба ашё дошта бошад — “мансоз» аст. Молики пул будан, инсонро “ман” намекунад ва “мо” буданро аз ӯ намегирад; мамлук ва бандаи пул будан, инсонро “ман” мекунад ва “мо” буданро аз ӯ мегирад.

Сусиёлизм мегӯяд, моликиятро аз байн бибар, то “ман”-ҳо табдил ба “мо” шаванд. Ислом намегӯяд, моликиятро аз байн бибар; мегӯяд, инсонро бисоз, инсонро хуб тарбият кун, ба инсон идеяҳои олӣ ва воло бидеҳ, ки фаразан молики ашё ҳам бошад ва ашё ба ӯ таъаллуқ дошта бошанд, ӯ дигар ба ашё таъаллуқ надорад ва бандаи ашё нест ва озод аст. Кадом инсон “мо” аст? Он инсоне, ки озодии маънавӣ дорад, на инсоне, ки ҳеч чиз надорад. Ин тавр нест, ки агар як инсон ҳеч чиз надошт, “мо” аст; балки ба далели ин ки як инсон вобаста ба ашё нест ва таъаллуқи хотир ва қалбӣ ба ашё надорад ва ашё ӯро асири худашон накардаанд ва намекунанд, “ман”-и ӯ ҳеч вақт “ман” нест ва ҳамеша “мо” аст. Он вақт аз ду тараф мисол меоваранд, мегӯянд: мо мебинем ҳамеша инсонҳое дар дунё буда ва ҳастанд, ки молики ашё ҳастанд, вале тарбияташон як навъ тарбияте аст, ки инҳо мамлук ва банда ва асири ашё нестанд.[3] Зуҳд ба маънии воқеӣ ҳамин аст. Тарки дунё дар мафҳуми “*Наҳҷул-балога*”, яъне озод зистан аз дунё ва бандаи дунё набудан.

---

[1] Яъне таъаллуқи ашё ба фард, на ба ҷамъ.

[2] Яъне таъаллуқи ашё ба ҷамъ, на ба фард.

[3] Дар ин ҷо фақат барои як тараф мисол оварда шудааст. Мисол барои тарафи дуввум, афроде ҳастанд, ки аз дороии ночизе бархӯрдоранд, вале бандаи он ҳастанд.

# Дунё аз диди Алӣ (а)

Алӣ (а) мефармояд: дунё! Туро талоқ додам ва сеталоқа ҳам кардам ва дигар раҷъате дар ин талоқ нест.

**اعز عنّي**

*«Эй дунё! Аз ман дур шав!«*

**فوالله لا أذلّ لك فتستذلّني ولا أسلس لك فتقوديني**

*«Дунё! Ба Худо қасам, ҳаргиз таслиму роми ту намешавам, ки маро хору забун кунӣ…»* (*Наҳҷул-балога, номаи 45*) Алӣ (а) ҳамеша дар муқобили дунё яъне дар муқобили ашё, як ҳолати исёну тамарруду саркашӣ дорад ва ҳеч иҷоза намедиҳад, ки дунё дар руҳи ӯ чанг биандозад.

**ولا أسلس لك فتقوديني**

*«Ман маҳорамро ба дасти ту намедиҳам, ки ба ҳар ҷо, ки бихоҳӣ, бикашӣ ва бибарӣ…»* Ин ҳамон зуҳди исломӣ ва тарки дунёи исломӣ аст, яъне озод зистан нисбат ба неъматҳои дунё ва худро нафарӯхтан ба неъматҳои дунё.

Боз Алӣ (а) мефармояд:

**الدنيا دار ممرّ لا دار مقرّ، والناس فيها رجلان: رجل با ع فيها نفسه فأوبقها ورجل ابتاع نفسه فأعتقها**

«… *Мардум дар бозори дунё ду дастаанд: як даста, дар бозори дунё худро мефурӯшанд ва пули фурӯхтани худашонро мегиранд, ва дастаи дуввум, мардуме ҳастанд, ки дар дунё худро мехаранд ва озод мекунанд.» (Наҳҷул-балога, ҳикмати 133*)

Як вақт Алӣ (а) дирҳам ё динореро, ки моли худашон буд кафи даст гирифт, қадре ба он нигоҳ кард ва фармуд: эй пул! Ту то вақте, ки дар дасти ман ҳастӣ, моли ман нестӣ. Дуруст акси он чи мо мегӯем. Мо мегӯем, то вақте пул моли ман аст, ки дар ҷайби ман аст ва вақте харҷ кардам, аз дасти ман рафтааст. Алӣ (а) акси инро фармудааст: ту то вақте, ки дар дасти ман ҳастӣ, моли ман нестӣ, зеро то вақте, ки дар дасти ман ҳастӣ, бояд моли ту бошам ва навкари ту бошам ва туро нигаҳдорӣ кунам. Ту он вақт моли ман ҳастӣ, ки туро харҷ карда

бошам, вагарна то вақте, ки туро нигаҳ доштаам, ту моли ман ва дар хидмати ман нестӣ, ман моли ту ва дар хидмати ту ҳастам.

Алӣ (а) аз ҷилави як қассобе мегузашт.[1] Қассоб чашмаш, ки ба Алӣ (а) афтод, арз кард: имрӯз гӯштҳои хубе овардаам, агар мехоҳед бихаред. Ҳазрат фармуд: пул надорам. Қассоб гуфт: ман барои пулаш сабр мекунам. Фармуд: ман ба шиками худ мегӯям сабр кунад. Чаро аз ту гӯшт бигирам, ки ту бихоҳӣ барои пулаш сабр кунӣ? Ман шикамамро водор ба сабр мекунам, ки ин миқдор залилу мақрузу мадюни ту набошам.

* * *

**Ислоҳи дарун, роҳи раҳоӣ аз "ман" будан**

Ин мактаб (мактаби ислом) мегӯяд: агар мехоҳед инсонро аз "ман" будан хориҷ кунед ва "мо" кунед, ӯро дар дарунаш ислоҳ кунед, нагузоред бандаи ашё шавад, вагарна бо салби моликияти фардӣ, ин дард даво намешавад.

Албатта, дар ин ҷо боз ду мактаб аст: як мактаб мегӯяд, ки аслан ба моликиятҳо коре надошта бошед, ноҳамвориҳо ҳар миқдор бошад, фақат ба дарун бипардозед. Мактаби дигар мегӯяд: дуруст аст, ки асос дарун аст, вале бидуни ислоҳи берун, дарунро намешавад ислоҳ кард. Ва мо дар ислом мебинем, ки ба берун ҳам таваҷҷӯҳ аст. Яъне ислом мехоҳад ноҳамвориҳои берунро табдил ба ҳамворӣ кунад бидуни он ки моликиятро ба куллӣ илғо карда бошад. Ислом аз роҳҳое ворид мешавад, то тасовӣ пайдо шавад ва дар ҷомеа ҳамворӣ ба вуҷуд ояд, вале дар айни ҳол, ин амрро барои ин ки "ман" табдил ба "мо" шавад, кофӣ намедонад, магар он ки ҳақиқатеро бар руҳҳо ҳоким кунад.

Ҳатман дар адабиёт, "музоф" ва "музофун илайҳ"-ро хондаед.[2] Мактаби сусиёлизм таваҷҷӯҳаш ба "музоф"-ҳост, мегӯяд: ин музофҳо вақте ҳамроҳи "ман" меояд, масалан "хонаи ман" ва "пули ман" ва "либоси ман" мешавад, "ман"-ро "ман" мекунад. Музофҳоро бардоред, чун вақте музофҳо ихтисосӣ шуд, "мансоз" аст.[3] Вале ин мактаб (ислом) мегӯяд:

---

[1] Саъдӣ ин достонро дар мавриди як ориф ба шеър даровардааст, вале чунонки дар аҳодис аст, ин воқеа дар мавриди Алӣ (а) аст.

[2] Вақте як шайъро ба шайъи дигаре нисбат медиҳед ва масалан мегӯед: либоси ман, либосро "музоф" ва манро "музофун илайҳ" мегӯянд.

[3] Медонед, ки инҳо дар асл, ҳам дар қадимулайём ва ҳам дар давраи ҷадид, асли иштирокро дар мавриди хонавода ҳам гуфтанд, вале ба мушкил бархӯрд карданд. Ҳатто дар ибтидои инқилоби кумунистӣ дар Шӯравӣ, масъалаи иштирок дар зан ҳам пешниҳод шуд, вале баъд дар соли 1936

музофҳои “ман” коре намекунад, музофун илайҳҳои “ман” кор мекунад. Мегӯяд: “ман”-и чӣ? Яъне ин “ман” ба чӣ таъаллуқ дорад? Агар “ман” ба умури фардӣ ва маҳдуд таъаллуқ дошта бошад, “ман”, “ман” мешавад, ва агар “ман” ба умури ҷамъӣ ва номаҳдуд таъаллуқ дошта бошад, “ман” “мо” мешавад. Ба иборати дигар, вақте, ки руҳ ба умури фардӣ таъаллуқ дошта бошад, яъне умуре, ки ё бояд моли ман бошад ё моли шумо, табдил ба “ман” мешавад, вале вақте, ки руҳ ба умури ҷамъӣ мисли идея, имон ва Худо таъаллуқ дошта бошад, табдил ба “мо” мешавад. Тарафдорони ин мактаб мегӯянд: мо инсонҳоеро мебинем, ки ашёи зиёде ба онҳо таъаллуқ пайдо карда, вале “ман”-и онҳо “ман” боқӣ намонда ва “мо” шудааст. Вақте ҳеч чизе ба онҳо таъаллуқ надошта, “ман”-и онҳо “мо” буда ва вақте ҳам ҳама чизро доштаанд, “ман”-и онҳо “мо” будааст, чун руҳу равонашон ба ашё таъаллуқ надоштааст.

Алӣ (а) дар зиндагӣ чунин буд. Ӯ як зиндагии пурнавасоне дошт. Рӯзеро гузарондааст, ки нони ӯ ба ҳамон миқдоре, ки шаб бо ҳамсару фаразандонаш бихӯранд мунҳасир будааст ва вақте онро инфоқ кард, дигар чизе дар хона надошт. Айёме ҳам бар Алӣ (а) гузашт, ки дар раъси бузургтарин кишвари он рӯзи дунё буд, моликурриқоби мардум буд ва байтулмоли азиме дар ихтиёраш буд, васоил барои ҳар навъ танаъуме, ки бихоҳад ва ҳар гуна, ки бихоҳад “ман”-ро ишбоъ кунад, фароҳам буд. Вале на он рӯзе, ки чизе ба ӯ таъаллуқ надошт ва на он рӯзе, ки беш аз ҳамаи мардум ашё дар ихтиёраш буданд, ҳеч вақт “ман”-и ӯ “ман” набуд, ҳамеша “мо” буд. Ҳамеша худашро фаромӯш медошт ва дар фикри дигарон буд. Пас, маълум мешавад ин фалсафа дуруст нест, ки барои ин ки “ман” “мо” бишавад, бояд моликият ва ихтисосро аз байн бибарем.

## Адами инҳисори авомили “мансоз” дар моликият

Он чи, ки башар мехоҳад, ҳама аз қабили умури иқтисодӣ нест, то вақте моликиятро иштирокӣ кардем, якдафъа “ман” табдил ба “мо” шавад. Фақат як қисмат аз мавҳибатҳои

---

инро ба куллӣ ҳазф карданд. Дар ин ҷо ҳам масъалаи “ман” ва “мо” меояд, вале диданд амалӣ нест.

зиндагӣ умури иқтисодӣ аст, ки масъалаи моликият дар он ҷо матраҳ аст. Қисматҳои зиёди дигаре дорем, ки марбут ба умури иқтисодӣ ва моликият нест, мисли мақом.

Агар фарз кунем — ки тоза ин як фарз аст ва ҳақиқат надорад — он касе, ки дар раъси як кишвари сусиёлистӣ қарор гирифтааст, аз назари тағзия ва либосу маркаб бо бақияи мардум яксон аст, масалан нахуствазири фалон кишвари сусиёлистӣ аз назари истифода аз мавоҳиби иқтисодӣ бо фалон коргаре, ки дар фалон корхона ё мазраъа кор мекунад, дар як ҳадд ҳастанд ва аз назари ғизо ва осоишу хобу либосу худрав як ҷур ҳастанд, ва агар фарз кунем нахуствазири Чин аз раисиҷумҳури Омрико ҳадяе қабул намекунад ва ба он ҳадя ифтихор ҳам намекунад; бо фарзи ҳамаи инҳо, оё ӯ, ки дар мақоми нахуствазирӣ зиндагӣ мекунад ва ҳар рӯз садҳо ҳазор акс аз ӯ дар рӯзномаҳо мунташир мешавад ва рӯзе садҳо бор исми ӯ дар родиюҳои дунё бурда мешавад ва борҳо филми ӯро дар телевизиюн мебинанд, бо он коргари фаромӯшшуда дар таҳи корхона, як ҷур аз мавоҳиб бархӯрдоранд? На, ин тавр нест. Билохира, ӯ аз мавоҳиби ин мақом истифода мекунад, на дигаре. Намешавад инҳоро ба ҳолати иштирокӣ даровард. Намешавад мақоми он коргарро бо мақоми он нахуствазир рӯи ҳам бирезанд ва байни онҳо тақсим кунанд. Хоҳ нохоҳ раҳбарии ҳизб ба як нафар ихтисос пайдо мекунад ва муовинати ҳизб ба як нафари дигар ва симати мудири куллӣ ба фарди дигар, ва дар охир як идда дар поинтарин рутба қарор мегиранд. Мақомҳои идорӣ ҳам ҳамин тавр аст.

Пас, барои ин ки “ман” табдил ба “мо” шавад, кофӣ нест, ки моликиятҳои ихтисосӣ аз байн биравад, ва мо дидем, ки дар ҷоҳое, ки моликиятҳои ихтисосӣ аз байн рафт, “ман” табдил ба “мо” нашуд; ҷангҳо ва низоъҳо ва тасфияҳо дар дохили онҳо мешавад ва рақобатҳои дохилӣ сурат мегирад ва ҳатто ду урду ва ду ғули бузурги инҳо (Чин ва Шӯравӣ) бо якдигар дар ҳоли мубориза ҳастанд ва барои ин ки ҳамон нуқтаи муқобилашонро, ки империализм аст бо худашон рафиқ кунанд, бо ҳам мусобиқа гузоштаанд. Инҳо нишон медиҳад, ки “ман”-ҳо табдил ба “мо” нашудааст ва инҳо ҳарф аст.

Мо қабул дорем, ки ноҳамвориҳои моликият асари фаровоне дар “мансозӣ” ва мунофоти зиёде бо “мо” будан дорад, ва аз ин рӯ, ислом ба таъдили сарвату моликиятҳо инояти фавқулъода дорад. Вале масъала ин аст, ки аз байн бурдани ин ноҳамвориҳо кофӣ нест

барои ин ки “ман”-ҳо табдил ба “мо” шавад. Баъд мебинем, ки “мо” дар миёни онҳо исму лафзу ҳарф аст; пойи эҳтиёҷ, ки ба миён биёяд, матлаб аз ин қабил нест.

Мактаби ҳақиқӣ дар ин ҷо ин аст, ки аввалан, ин матлаб, ки “ман” бояд табдил ба “мо” шавад, яке аз шароити инсони комил аст ва мо инро қабул дорем, аммо ин ки касе хаёл кунад ба сирфи ин ки “ман”-и инсон табдил ба “мо” шуд, инсон комил шудааст, саҳеҳ нест. Мактаби сусиёлизм боз як мактаби такарзишӣ аст. Ин назария, ки тамоми арзишҳои инсоният мунҳасир аст ба ин ки “ман” табдил ба “мо” шавад, дуруст нест.

Чандин арзиши дигар ғайр аз табдили “ман” ба “мо” вуҷуд дорад, ки ҳамаи мактабҳое, ки қаблан шарҳ додем, ҳар кадом лоақал ба як арзиш дуруст таваҷҷӯҳ кардаанд. Пас, танҳо як чизро арзиши инсонӣ донистан, дуруст нест.

## Имон, роҳи “мо” шудани “ман”-ҳо

Сонияи, ин “ман” он вақт воқеан ва ҳақиқатан табдил ба “мо” мешавад, ки қаблан табдил ба “ӯ” шуда бошад, яъне ҳамон назарияи урафо. “Ман”, бидуни он ки қаблан табдил ба “ӯ” шуда бошад, табдил ба “мо” намешавад. Роҳи “мо” шудани “ман”-ҳо ин аст, ки аввал “ман”-ҳо “ӯ” бишаванд, яъне имон ба Худо пайдо шавад:

**قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْاْ إِلَى كَلَمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلاَّ نَعْبُدَ إِلاَّ اللّهَ وَلاَ نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلاَ يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ**

*(Сураи Оли Имрон, ояти 64)*

Мухотаб, аҳли китобанд: эй аҳли китоб! (Яҳудиҳо, насоро, зардуштиҳо!) Биёед ҳамаи мо гирди як калима ва як ҳақиқат ҷамъ шавем, ҳақиқате, ки:

**سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ**

Бибинед, таъбири Қуръон чӣ қадр аҷиб аст! Ҳақиқате, ки на аз ман аст ва на аз ту, на аз мост[1] ва на аз шумо; ҳақиқате аст, ки аз “мо”-и ба маънои аъамм аст; мо ва шумо ҳар ду дар

[1] «Мо” дар муқобили “шумо”, на дар муқобили “ман”.

ӯ шарикем ва ӯ мо ва шумо ҳар дуро дарбар мегирад. Ман, ки пайғамбари исломам, наметавонам бигӯям ӯ Худои ман аст ва Худои туи масеҳӣ нест, Худои туи яҳудӣ нест, Худои туи зардуштӣ нест, Худои туи бутпараст нест, Худои ин санг нест, Худои ин обу ҳаво нест; ӯ Худои ҳама аст ва ба ҳама таъаллуқ дорад, ва агар инсон ба ӯ таъаллуқ пайдо кунад, таъаллуқ ба як амри маҳдуд нест, ки "марзсоз" ва "мансоз" бошад. Ӯ дигар пул нест, ки агар ман ба ӯ таъаллуқ дошта бошам, шумо ҳам ба ӯ таъаллуқ дошта бошед, ҷанг дар бигирад; ҳақиқате аст, ки метавонад дар они воҳид ҳамаро дар худаш ҷамъ кунад. Биёед ҳама "мо" шавем, аммо ба чӣ восита? Ба василаи як имон, ба василаи як идея, ба василаи як калима: Худо, Худои мо. Биёед "мо" бишавем, аммо аввал бояд ҳама "ӯ" бишавем. Вақте, ки "ӯ" шудем, яъне ин манияти мо дар муқобили "ӯ" аз байн рафт ва ҳама якранг шудем, он вақт аст, ки метавонем ҳама "мо" бошем.

تَعَالَوْاْ إِلَى كَلَمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ

Биёед ба сӯи калима ва ҳақиқате, ки байни мо ва шумо баробар аст. Агар пайғамбари ислом (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) масалан пешниҳод кунад ки: эй мардум! Биёед ҳама забони арабиро ёд бигирем, то ҳама "мо" шавем, он касе, ки забонаш форсӣ аст мегӯяд: чаро забони арабӣ? Забони форсӣ бошад. Он касе, ки забонаш туркӣ аст мегӯяд: чаро забони арабӣ? Забони туркӣ бошад. Он касе, ки забонаш фаронсавӣ аст мегӯяд: чаро забони арабӣ? Он забон, фаронсавӣ бошад. Он касе, ки забонаш ангилисӣ аст, ҳамин тавр… Забони арабӣ наметавонад чизе бошад, ки барои ҳамаи мардум

سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ

— бошад. Забони арабӣ ва форсӣ ва туркӣ ва фаронсавӣ ва ангилисӣ ҳар кадом ба як миллате ихтисос дорад. Хеле чизҳои дигар ҳам ҳамин тавр аст.

Вале он ҳақиқате, ки моли ҳама аст ва моли ҳеч кас ҳам нест, Худои мост; он ҳақиқати куллӣ ва он касе, ки ҳамаи моро офаридааст, он касе, ки оламро халқ карда ва бозгашти олам ба сӯи ӯст. Биёед ҳама ба сӯи ӯ биштобем, танҳо ӯро парастиш кунем ва шарике ҳам барои ӯ қарор надиҳем. Баъд мефармояд:

وَلاَ يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ

Вақте, ки ба сӯи “ӯ” рафтем ва “ӯ” шудем, он вақт “мо” мешавем ва танҳо он вақт аст, ки метавонем “мо” бошем. Дар ин ҳангом, баъзе, баъзеи дигарро рабби худ (яъне Худои худ) интихоб накунад, сӯҳбати оқой ва навкарӣ аз миён биравад, сӯҳбати истисморгару истисморшуда аз байн биравад, сӯҳбати болову поин аз миён биравад, вале ба шарте, ки аз он ҷо шурӯъ кунем:

تَعَالَوْاْ إِلَى كَلَمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلاَّ نَعْبُدَ إِلاَّ اللّهَ وَلاَ نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلاَ يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِّن دُونِ اللّهِ

Ин аст, ки Қуръон тарафдори “мо” будааст ва ҳамеша дам аз “мо” мезанад.
Дар намоз, баъд аз он ки Худоро ҳамду ситоиш мекунем:

الْحَمْدُ للّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ

Худоро мухотаб қарор медиҳем. Ман танҳо дорам намоз мехонам ва намози ман фуродо аст. Мехоҳам бигӯям, Худоё, туро парастиш мекунам ва аз ту кӯмак мехоҳам, вале ин тавр мегӯям:

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ

Худоё, “мо” фақат туро парастиш мекунем ва “мо” фақат аз ту ёрӣ меҷӯем. Намегӯем, “ман” фақат туро парастиш мекунам. Дар охири намоз ҳам мегӯем:

السلام علينا وعلى عباد الله الصالحين

## Ноқис будани маънии шеъри Саъдӣ

Саъдӣ мегӯяд:

*Банӣ Одам аъзои якдигаранд,*

*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*

*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

*Ту к-аз миҳнати дигарон бегамӣ*

*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Ин шеъри Саъдӣ, ки ба ҳақ дар сатҳи бисёр олӣ ташхис дода шудааст, айни тарҷумаи як ҳадиси набавӣ аст; мунтаҳо каме ноқис аст ва ба камоли асли ҳадис нест. Ҳадиси набавӣ ин аст:

**مَثَلُ الْمُؤْمِنِينَ فِي تَوَادِّهِمْ وَتَرَاحُمِهِمْ وَتَعَاطُفِهِمْ، مَثَلُ الْجَسَدِ إِذَا اشْتَكَى مِنْهُ عُضْوٌ تَدَاعَى لَهُ سَائِرُ الْجَسَدِ بِالسَّهَرِ وَالْحُمَّى**

*«Масали аҳли имон дар туводуд (дӯстии мутақобил) ва тароҳум (меҳрубонии мутақобил), масали аъзои як пайкар аст…»* Оё вақте узве аз аъзои як пайкар ба дард ояд, соири аъзо роҳат мехобанд ва мегӯянд, он узв ҳар чи дард мекашад, бикашад? Ё узвҳои дигар бо ӯ ҳамдардӣ мекунанд? Пайғамбар мефармояд: соири аъзо ба ду васила бо ин узв ҳамдардӣ мекунанд: яке, ба василаи таб, ва дигар ба василаи бехобӣ. Аъзои дигар намехобанд ва доиман дар табу тобанд. Масалан, нороҳатӣ дар рӯда пайдо шуда ё як конуни чиркӣ дар кабид пайдо шуда, вале даст ҳам намехобад, сар ҳам намехобад, қалб ҳам намехобад, аслан бадан истироҳат намекунад, чун як узв ба дард омадааст. Таб, аксуламали ҳамаи бадан дар муқобили нороҳатие аст, ки дар як узв пайдо шудааст.

Вале пайғамбар таваҷҷӯҳ ба як нукта дорад. Вақте мефармояд: масали мӯъминин масали як пайкар аст, таваҷҷӯҳ дорад, ки пайкар руҳ мехоҳад. Як руҳ бояд вуҷуд дошта бошад, то ҳамаи аъзоро “ӯ” карда бошад ва баъдан “мо” шуда бошанд. Оё агар ҷасад мурда бошад ва шумо як узвро қитъа-қитъа кунед, соири аъзо ҳис мекунанд? На, чун руҳ вуҷуд надорад. Ин руҳ аст, ки ҳамаи мӯъмининро яке кардааст. Чун инҳо дар он руҳ яке ҳастанд, “мо” шудаанд ва бо якдигар ҳамдардӣ доранд. Он руҳ, имон аст; ҳамон калимаи:

**سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ**

— аст. Чун мӯъминин имон доранд ва калимаи:

سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ

— бар онҳо ҳукмфармост, “ман”-ҳои онҳо “ӯ” шудааст ва табъан ҳамдилу ҳамдард ҳастанд. Аммо инсонҳо бидуни “калимаи саво” ин тавр нестанд. Пайғамбар фармуд, “мӯъминин” яъне онҳо, ки дар як руҳ шариканд ва онҳо, ки

كَلِمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ

— бар онҳо ҳукмфармост. Саъдӣ иштибоҳ карда, ки гуфтааст: «*Банӣ Одам аъзои якдигаранд*«. Банӣ Одам то он

كَلِمَةٍ سَوَاء بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ

— бар онҳо ҳоким набошад, ҳаргиз аъзои як пайкар наметавонанд бошанд ва нестанд. Дурӯғ аст, ки банӣ Одам аъзои якдигаранд. Оё омрикоиҳо ва ветномиҳо банӣ Одам ҳастанд ё нестанд? Агар бигӯем, ветномиҳо банӣ Одаманд ва омрикоиҳо банӣ Одам нестанд, ё билъакс, ки дуруст нест. Ҳар ду банӣ Одаманд, вале дурӯғ аст, ки банӣ Одам аъзои як пайкаранд. Банӣ Одам ҳар гоҳ як руҳ ва як имон бар онҳо ҳоким шуд, яъне вақте, ки “ман”-ҳои эшон дар як “ӯ” ва дар як имон ҳал шуд ва “ман” барояшон боқӣ намонд, бо якдигар ҳамдардӣ доранд. Дар он вақт аст, ки:

*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*

*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Пас, дар ин мактаб (мактаби сусиёлистӣ), як иштибоҳ дар бораи инсони комил ин аст, ки ҳамаи арзишҳо ҷуз як арзиш, фаромӯш шудааст ва он ҳам арзиши “мо” будан аст. Ин “мо” будан ҳарфи дурусте аст, яъне агар инсоне “ман”-и ӯ табдил ба “мо” нашуда бошад, инсони комил нест. Аммо ин ки хаёл кунед ба сирфи ин ки “ман”-и инсон табдил ба “мо” шуд, комил шудааст, дурӯғ аст. “Мо” шудан яке аз хутути симои инсони комил аст, на тамоми он.

Иштибоҳи дигарашон ин аст, ки хаёл кардаанд он чизе, ки “ман”-ҳоро “мо” кардааст, моликиятҳои ихтисосӣ аст ва агар моликияти ихтисосиро аз байн бурдем ва моликияти иштирокӣ ҳоким шуд, дигар “ман”-ҳо “мо” шудааст ва ҳеч кас эҳсоси “маният” намекунад.

## Достони шутуру рӯбоҳ

Чандин сол пеш, достонеро дар маҷаллае хондам. Афсонае сохта буданд, ки рӯзе як шутур ва як рӯбоҳ бо ҳам рафиқ шуданд. Рӯбоҳ ба шутур пешниҳод кард, ки биё як зиндагии иштирокӣ дошта бошем ва ин зиндагии ихтисосӣ ва моликияти ихтисосиро илғо кунем ва бо якдигар дӯсту рафиқ бошем ва ҳатто якдигарро "рафиқ" садо бизанем. Ман ба ту мегӯям "рафиқ шутур" ва ту ҳам ба ман бигӯ "рафиқ рӯбоҳ". Сӯҳбати "ман" дар кор набошад. Ҳатто ман ҳеч вақт баъд аз ин намегӯям "баччаи ман", мегӯям "баччаи мо" ва ту ҳам ба баччаат дигар нагӯ "баччаи ман", бигӯ "баччаи мо". Биё "ман"-ро ба куллӣ аз байн бибарем ва табдил ба "мо" кунем. Ман баъд аз ин ба полони ту мегӯям "полони мо" ва ту ҳам ба думи ман бигӯ "думи мо" ва асосан дигар мане дар кор набошад.

Шутури бечора ҳам бовар кард. Муддате бо ҳам зиндагии иштирокӣ карданд, то ин ки ҳодисае пеш омад: рӯбоҳ чанд рӯзе шикоре гираш наомад. Як рӯз дар ҳоле, ки асабонӣ ва нороҳат буд, ба хонаи иштирокӣ омад, вале ба истилоҳ рӯдаи кучакаш дошт рӯдаи бузургашро аз гуруснагӣ мехӯрд. Чашмаш ба баччаи шутур афтод. Ӯро ба гӯшае бурд ва дарид ва хӯрд. Шутур, ки баргашт, суроғи баччаашро гирифт. Рӯбоҳ изҳори беиттилоӣ кард ва гуфт: намедонам.

Шутур дунболи баччааш гашт, то лошаашро пайдо кард. Бетоб шуд ва ба сараш мезад, ки чӣ касе баччаи манро чунин кардааст! То шутур гуфт "баччаи ман", рӯбоҳ гуфт: ту ҳанӯз тарбият нашудаӣ, ки мегӯӣ "баччаи ман"?! Бигӯ, "баччаи мо".

Вақте "ман" ин тавр бихоҳад табдил ба "мо" бишавад, шакли "рӯбоҳу шутур"-ро пайдо мекунад.

Пас, ин мактаб (сусиёлистӣ) ҳам дар мавриди инсони комил, мактаби комиле нест. Дар ин мактаб фақат ба як арзиш, он ҳам ба таври ноқис таваҷҷӯҳ шудааст.

## Хулосаи назари экзистенсиализм

Мактаби дигареро дар охири ин ҷаласа ба таври хулоса арз мекунам ва тафсилашро дар ҷаласаи баъд баён хоҳам кард.

Ин мактаб имрӯз хеле роиҷ аст ва метавон гуфт аз назари арзишҳои инсонӣ ва аз назари хутуте, ки барои инсони комил тарсим мекунад, нуқтаи муқобили сусиёлизм аст. Дар мактаби сусиёлизм бештар ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ шудааст. Аз назари сусиёлизм, инсон он вақт инсони комил аст, ки байни ҳамаи инсонҳо тасовӣ ва баробарӣ ва ваҳдат барқарор бошад. Моликияти иштирокӣ ҳам, ки мегӯянд, ҳокӣ аз таваҷҷӯҳ ба ҷанбаҳои ҷамъӣ аст.

Дар ин мактабе, ки мехоҳам арз кунам (экзистенсиализм), ба арзишҳое таваҷҷӯҳ шудааст, ки бештар ҷанбаи фардӣ дорад, на ҷанбаи иҷтимоӣ, монанди озодии ирода, озодии андеша, ҳокимият ва истиқлоли як фард нисбат ба худ. Бештар такяи ин мактаб рӯи ин масоил аст. Ин мактаб мегӯяд: инсони комил инсоне аст, ки “ман”-и ӯ аз ҳар ҷабре озод бошад, таҳти таъсири ҳеч қудрате набошад, озоди мутлақ зиндагӣ кунад: иродааш озод бошад, андешааш озод бошад. Дар воқеъ милоки асосии инсоният дар ин мактаб, “озодӣ” аст. Ва агар “огоҳӣ” ҳам мегӯянд, муқаддимаи озодӣ аст. Мегӯянд: инсони комил яъне инсони озод, ва ҳар чи инсон озодтар бошад, комилтар аст; ҳар чи таҳти таъсири омилҳои дигар қарор гирад, аз инсонияти ӯ коста шудааст. Ҳатто дар ин мактаб мӯътақиданд имон ва эътиқод ба Худо ва такя ба Худо ва бандагии Худо, инсонияти инсонро ноқис мекунад, чун инсонро водор мекунад дар муқобили Худо таслим бошад. Ва бандагӣ нисбат ба Худо ва дар муқобили Худо, озодиро аз инсон салб мекунад. Ва чун камоли инсон дар озодӣ аст ва инсони комил инсоне аст, ки аз ҳама чиз озод бошад, пас ҳатто бояд аз қайди дин озод бошад. Ҳофизи мо мегӯяд:

*Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд,*

*Зи ҳар чи ранги таъаллуқ пазирад, озод аст.*

Агар касе дар зери ин чархи кабуд пайдо шавад, ки ба ҳеч чизе вобастагӣ ва таъаллуқ надошта бошад, ӯ комил аст.

*Магар таъаллуқи хотир ба моҳи рухсоре,*

*Ки хотири ҳама ғамҳо ба меҳри ӯ шод аст.*[1]

Ё дар ҷои дигаре мегӯяд:

---

[1] Яъне Худо.

*Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,*

*Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам*.

Мактаби экзистенсиализм мегӯяд: на, “бандаи ишқам” ҳам ғалат аст; бояд бигӯӣ аз ҳар ду ҷаҳон озодаму аз ишқ ҳам озодам. Ба ҷои ин ки бигӯӣ “*Магар таъаллуқи хотир ба моҳи рухсоре*”, бояд бигӯӣ: “*Ҳатто таъаллуқи хотир ба моҳи рухсоре*”. Озоди мутлақ аз ҳама чиз. Инсоният яъне озодӣ ва он чи ки озодӣ иқтизо мекунад. Инсоният яъне тамарруду исён. Дар муқобили ҳама чиз мутамарриду осӣ будан ва таслими ҳеч чиз набудан. Инсон яъне озодӣ, ва озодӣ яъне инсон. Дар ҷаласаи баъд иншоаллоҳ дар бораи ин мактаб ба тафсил баҳс хоҳам кард.

**ولا حول ولا قوة الاّ بالله العليّ العظيم**

# НАҚДУ БАРРАСИИ НАЗАРИЯИ МАКТАБИ ЭКЗИСТЕНСИАЛИЗМ

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَلْتَنظُرْ نَفْسٌ مَّا قَدَّمَتْ لِغَدٍ وَاتَّقُوا اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا تَعْمَلُونَ. وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنسَاهُمْ أَنفُسَهُمْ أُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

(*Сураи Ҳашр, оятҳои 18-19*)

Дар охириароизи ҷаласаи гузашта ба як мактаби дигар ва дар воқеъ ба ҷадидтарин мактаби имрӯз ва назарияи он дар бораи инсони комил ишора кардем.

Ин мактаб меъёри камоли инсонӣ ва дар воқеъ ҷавҳари инсон ва модари ҳамаи арзишҳои инсонро "озодӣ" медонад ва мӯътақид аст, ки инсон танҳо мавҷуде аст, ки дар ин олам озод офарида шудааст, яъне маҳкуми ҳеч ҷабру ҳеч зарурату ҳеч таҳмиле нест, ва ба таъбире, ки қудамои мо мекарданд, инсон дар олами хилқат як мавҷуди мухтор аст ва на як мавҷуди маҷбур, ва ба таъбири баъзе, ғайри инсон ҳар чи ҳаст маҷбур аст, яъне таҳти таъсири ҷабрии як силсила иллатҳо ва маълулот аст, вале инсон маҷбур нест ва ҳеч гуна ҷабри иллӣ ва маълулӣ ӯро идора намекунад.

## «Асолати вуҷуд" дар экзистенсиализм

Ин мактаб дар ин ҷо матлаби дигаре ҳам дорад, ва он ин аст: инсон, ки озоду мухтор дар ин ҷаҳон омадааст, баръакси ҳамаи мавҷудоти дигар дорои сиришту табиати махсус нест. Ҳар чи дар дунё офарида шудааст, бо як сиришту моҳияти хосс офарида шудааст: санг, санг офарида шудааст, дигар наметавонад санг набошад ва кулӯх бошад. Гурба бо табиати гурбаӣ офарида шудааст ва муш ҳам муш офарида шудааст бо табиати мушӣ, ва асб ҳам асб офарида шудааст бо табиати асбӣ. Аммо инсон дорои ҳеч гуна табиати хосс нест, магар он табиате, ки худаш ба худаш бидиҳад. Инсон, ки мавҷуди мухтору озод аст, доираи ихтиёру озодии ӯ дар ин ҳадд аст, ки ба худаш сиришт медиҳад ва табиату моҳият мебахшад. Исми инро "асолати вуҷуд" ё "тақаддуми вуҷуд бар моҳият" гузоштаанд.

Истилоҳи «асолати вуҷуд» ва «асолати моҳият» дар миёни мо як истилоҳи нисбатан қадимӣ аст ва дар ҳудуди 350 сол (яъне аз замони Садрулмутааллиҳин) аз умраш мегузарад. Вале фалосифаи исломӣ асолати вуҷуд ва асолати моҳиятро ихтисосан дар ин маврид ба кор намебурданд, балки дар мавриди ҳамаи ашё ба кор мебурданд ва аз он, маънии дигаре ғайр аз он чи имрӯз ба номи «асолати вуҷуд» мусталаҳ шудааст, дар назар мегирифтанд. Вале ин матлаб, ки инсон нисбат ба соири мавҷудот ин имтиёзро дорад, ки дорои сиришти муайян нест ва ин худаш аст, ки ба худ сиришт медиҳад — ки инҳо исмашро «асолати вуҷуд» ё «тақаддуми вуҷуд бар моҳият» гузоштаанд — бо мабонии бисёр муҳкамтар дар фалсафаи мо ва махсусан дар фалсафаи Садрулмутааллиҳин, албатта бо таъбири дигар ва аз роҳи дигар собит шудааст. Ва ин, ҳарфи дуруст ва ҳақиқате аст, ки инсон аз худ як сиришти собит надорад ва ин худи инсон аст, ки ба худаш сириштү табиат медиҳад.

Матлабе, ки дар таъбироти динии мо роҷеъ ба масхи умматҳои гузашта ё дар бораи ахлоқиёти мардум дар замони ҳозир ва ё дар мавриди ҳашри мардум дар қиёмат омадааст — ки инсонҳо дар қиёмат ба як сурат маҳшур намешаванд; баъзе аз инсонҳо инсон маҳшур мешаванд ва бисёре аз инсонҳо ба сурати ҳайвон маҳшур мешаванд — бар ҳамин асос аст. Бо ин ки ҳар касе инсон ва бо фитрати инсонӣ мутаваллид мешавад ва инсони билқувва мутаваллид мешавад, вале дар ҷараёни зиндагӣ мумкин аст моҳияташ мутаҳаввил ба як ҳайвоне ғайр аз инсон шавад. Ва ин худ ҳақиқате аст.[1]

Ба ҳар ҳол як асл дар ин мактаб (экзистенсиализм) ин аст, ки инсон мухтору озод ва масъули худаш офарида шудааст, ва ҳарфи дурусте аст.

Медонем, дар миёни мусалмонон (дар масъалаи ҷабру ихтиёр) ду гурӯҳ буданд: ашоира ҷабрӣ буданд ва мӯътазила тафвизӣ. Шиъа мӯътақид ба “амри байни амрайн» аст; на ҷабри ашъариро қабул дорад ва на тафвиз ва “ба худ вониҳодагӣ”-и мӯътазилиро. Он чи ки экзистентсиалистҳо “вониҳодагӣ” меноманд, ҳамон тафвизи мӯътазилӣ аст. Аз назари шиъа тафвиз нест, вале ихтиёр ҳаст. Имомон фармудаанд:

[1] Ин матлабе, ки имрӯзиҳо ба сурати дигаре дарк кардаанд, дар воқеъ матлабе аст, ки дар маорифи исломӣ собиқаи тӯлонӣ дорад. Ман феълан намехоҳам дар бораи ин ҷиҳат зиёд баҳс карда бошам.

**لا جبر ولا تفويض بل أمر بين الأمرين**

Ҷабр нест он чунон, ки имрӯз ҳам материалистҳо мегӯянд ва ба ҷабр мӯътақиданд, ва тафвизу вониҳодагӣ ҳам нест он чунон, ки экзистентсиалистҳои имрӯз ҳам мегӯянд ва ба тафвиз мӯътақиданд, ихтиёр аст, ки “амри байни амрайн” аст. Пас, то ин ҳадд, масъалаи ихтиёру озодии инсон ва ин ки ҷабре бар инсон ҳукумат намекунад ба ин маънӣ, ки аз ӯ салби ихтиёр кунад, матлаби дурусте аст. Ин матлаб ҳам, ки инсон бар хилофи ҳамаи мавҷудоти дигар — аъам аз ҷондору ғайри ҷондор — дорои як сиришти собит ва ғайриқобили тағйир нест, балки инсон худаш ба худаш моҳияту сиришту сурат медиҳад, матлаби дурусте аст.

## Натоиҷи таъаллуқ ва вобастагии инсон

Аммо ин мактаб (экзистенсиализм) дар мавриди озодӣ матолиби дигаре ҳам дорад. То ин ҷо озодӣ ба маънии озодии фалсафиро баён мекунад: инсон озоду мухтору масъули худ офарида шудааст ва ҳатто сиришти худро худ бояд ба худ бидиҳад. Баъд мегӯянд: ҳар чизе, ки бар зидди озодӣ ва мунофӣ бо он бошад, инсонро аз инсоният хориҷ ва ӯро бегона аз инсоният мекунад. Инсон, зотан озод офарида шудааст. Мумкин аст омилҳое аз ҷумла вобастагиҳо ва таъаллуқҳо озодиро аз инсон бигирад. Агар инсон худашро ба чизе бибандад ва ба он таъаллуқ ва вобастагӣ пайдо кунад ва бандаву таслими чизе бошад – ҳол, ҳар чи мехоҳад бошад — аз назари ин мактаб (экзистенсиализм) аз инсоният хориҷ шудааст, зеро озодӣ аз ӯ гирифта шудааст. Инсон як мавҷуди озоду раҳост; ҳамин қадр, ки худро ба чизе баст, озодӣ ва раҳоӣ аз ӯ гирифта шудааст.

*Лозимаи* таъаллуқ ва вобастагии инсон чанд чиз аст: аввалан, вақте инсон вобаста ба чизе мисли пул шуд ва пул нақши асосиро дар фикру зеҳну хости ӯ бозӣ кард, он пул таваҷҷӯҳи инсонро аз “худ” ба пул ҷалб мекунад ва натиҷааш ғафлати инсон аз худ ва таваҷҷӯҳ ба чизи дигар аст, худфаромӯшӣ аст. Ҳамин қадр, ки инсон ба чизе вобаста шуд ва таъаллуқ пайдо кард, аввалин хислаташ ин аст, ки худогоҳиро аз инсон мегирад, яъне ӯро аз худаш ғофил мекунад ва таваҷҷӯҳи инсонро ба он чиз ҷалб мекунад. Ҳеҷ вақт ин инсон ба ёди худаш нест, ба ёди он маҳбубу матлубаш аст, ҳоло мехоҳад он маҳбуб пул бошад, мақом бошад, шуғл

бошад, ҳар чи мехоҳад бошад. Пас, аввалин асари вобастагӣ ба ашё ин аст, ки худогоҳиро аз инсон мегирад. Ва ин худаш барои инсон як суқут аст, ки худогоҳиро аз ӯ нафй мекунад ва ба ҷои як мавҷуди худогоҳ як мавҷуди "худғофил" ва "ғайрогоҳ" мешавад. Агар дар бораи он шайъ аз он инсон суол кунӣ, дақиқтарин иттилоотро ба ту медиҳад, вале аз худаш бехабар аст.

Хислати дуввуми ин таъаллуқот ин аст, ки инсон аз арзишҳои худ ва арзишҳои инсонӣ ғофил мешавад ва ҳамаи таваҷҷӯҳаш маътуф ба арзишҳои он шайъ мешавад. Барои як одами пулпараст, он чизҳое, ки арзиши инсонӣ аст, арзиш надорад, аслан худи ӯ барои худаш арзиш надорад. Шарофату каромат дар зеҳни ӯ нақше надорад, озодӣ ва озодагӣ дар зеҳни ӯ нақше надорад ва ҳар чи ҳаст пул аст. Арзишҳои пул барои ӯ арзиш аст, вале арзишҳои худаш барои худаш арзиш нест. Арзишҳои худаш дар назари ӯ суқут мекунад ва арзишҳои ғайри худаш (яъне арзишҳои ҳамон шайъ) зинда мешавад.

Хислати севвум ин аст, ки вобастагӣ ба як шайъ, асорат меоварад. Вақте инсон худашро ба як чиз баст, қаҳран аз ҷараёну ҳаракату такомул меистад, чун ба он чиз мисли ҳайвоне, ки ӯро ба як дарахт ё мехи тавила баста бошанд, баста шудааст. Шумо агар як инсон ё ҳайвон ва ё худравро ба як дарахт бибандед, ҷилави ҷараён ва ҳаракати ӯро гирифтаед, яъне ӯро рокид ва мунҷамид ва мутаваққиф кардаед, ва ба таъбири форсии имрӯз, ӯро аз ҳолати "шудан" ба ҳолати "будан" табдил кардаед, ё ба таъбири фалосифаи худамон, ҳолати "сайрурат" — ки ҳолати аслии ӯст — аз ӯ гирифта мешавад ва табдил ба ҳолати "на сайрурат", балки "кайнунат" мешавад.

## Эътиқод ба Худо аз дидгоҳи ин мактаб

Пас, ҷавҳар ва ҳақиқати инсон ва арзиши арзишҳо ва модари арзишҳои инсон дар ин мактаб (экзистенсиализм), озодӣ ва ихтиёр аст ва инсон агар бихоҳад нигаҳбони инсонияти худ бошад, ки инсонияташ маҳву масх нашавад, бояд озодии худро ҳифз кунад. Ва агар бихоҳад озодии худро ҳифз кунад, бояд худашро аз ҳар чи ранги таъаллуқ пазирад, озод нигаҳ дорад, ҳатто — ҳамон тавр, ки дар ҷаласаи гузашта гуфтем — он "магар"-ро ҳам дар шеъри Ҳофиз («*Магар таъаллуқи хотир ба моҳи рухсоре*«) наоварад. Ё дар он ҷо, ки мегӯяд:

*Фош мегӯяму аз гуфтаи худ дилшодам,*

*Бандаи ишқаму аз ҳар ду ҷаҳон озодам.*
— “*бандаи ишқам*”-ро ҳам ҳазф кунад ва бигӯяд: аз ҳар ду ҷаҳон озодам ҳатто аз ишқ. Ё он ҷо, ки Ҳофиз мегӯяд:

*Гулъизоре зи гулистони ҷаҳон моро бас,*

*З-ин чаман сояи он сарви равон моро бас…*

*Аз дари хеш Худоро ба биҳиштам мафирист,*

*Ки сари кӯи ту аз кавну макон моро бас.*

— «гулъизоре” ва “сояи сарви равон” ва “биҳишт” ва “сари кӯи худат”-ро бояд раҳо кунад. Ин мактаб мегӯяд, инсон бояд озоди мутлақ бошад. Ва ба ҳамин далел, бо ин ки дар бисёре аз усул бар зидди мактаби материализми диалектик аст, вале дар айни ҳол як гурӯҳ аз ин ду гурӯҳи экзистентсиалистҳо — ки Ҳойдегер ва Сортр ва ғайра… ҳастанд — материалист ҳастанд ва инҳо муддаиянд, ки эътиқод ва имон ба Худо аз ду назар бо ин мактаб созгор нест: яке аз ин назар, ки асосан эътиқод ба Худо мусталзими эътиқод ба қазо ва қадар аст, ва эътиқод ба қазо ва қадар, ҳам мусталзими эътиқод ба ҷабр — ба ақидаи инҳо — ва ҳам мусталзими эътиқод ба як табиати собити башарӣ аст; чун агар Худое вуҷуд дошта бошад, ночор башар бояд дар илми он Худо як табиати муайян дошта бошад ва ломутаайин нахоҳад буд. Ва ҳамчунин агар Худое вуҷуд дошта бошад, қазо ва қадар ва дар натиҷа ҷабр бар инсон ҳоким мешавад ва дигар ихтиёру озодӣ надорад. Пас, мо чун озодиро қабул кардаем, Худоро қабул намекунем.

Ба илова, қатъи назар аз ин ки эътиқод ба Худо бо эътиқод ба озодӣ — ба ақидаи инҳо — мунофӣ аст, эътиқод ба Худо мусталзими имон ба Худост, ва имон ба Худо яъне таъаллуқу баста будан ба Худо, ва ҳол он, ки баста будан — ба ҳар шакл, ки мехоҳад бошад — ва таъаллуқу имону вобастагӣ ба ҳар ҳақиқате, бар зидди озодии инсон аст, хусусан агар ин эътиқоду бастагӣ эътиқоду бастагӣ ба Худо бошад, чун бастагӣ ба Худо фавқи ҳамаи бастгиҳост. Ба қавли шоир:

*Ман бастаи ту ҳастам, мӯҳтоҷи бастане нест,*

*Аҳде, ки бо ту бастам, ҳаргиз шикастанӣ нест.*

Агар бастагӣ ба Худо бошад, дигар ба ҳеч шакл наметавон онро нақз кард ва шикаст. Бинобар ин, ин мактаб (экзистенсиализм), камоли инсонро дар озодӣ медонад.

Дар бораи ин мактаб аз ду ҷанба мешавад баҳс кард: яке ин ки муддаӣ ҳастанд, ки эътиқод ба Худо бо ихтиёру озодӣ носозгор аст, ва ин як иштибоҳ аст. Дар китоби «*Иллатҳои гароиш ба моддигарӣ*» ва низ дар китоби «*Инсон ва сарнавишт*» ин матлабро шарҳ дода ва гуфтаем, ки ин тавр нест. Он чи ки инҳо дар бораи эътиқод ба қазо ва қадар фикр мекунанд, ҳамон аст, ки пиразанҳо фикр мекунанд. Инҳо қазо ва қадарро нашнохтаанд, вагарна эътиқод ба қазо ва қадар он чунон, ки дар маорифи исломӣ ҳаст, ба ҳеч ваҷҳ бо ихтиёру озодии инсон мунофӣ нест, вале ин ҷиҳат феълан мавриди баҳси мо нест. Баҳси мо дар қисмати дуввум аст.

Ишколи дуввуми ин мактаб дар ин аст, ки гуфтаанд, таъаллуқу вобастагӣ ба ҳар чизе, бар зидди озодии инсон аст ҳарчанд ки он таъаллуқ ва вобастагӣ ба Худо бошад. Ин ҷо ман муқаддимае барои шумо арз мекунам.

## Дар мактаби экзистенсиализм, миёни вобастагӣ ба ғайр, бо вобастагӣ ба худ тафкик нашудааст

Мавҷудеро дар назар бигиред, ки як масири такомулиро тай мекунад. Як гул аз он лаҳзаи аввал, ки аз замин мерӯяд ва рушд мекунад ва гул мешавад ва ба ҳадди ниҳоӣ мерасад, аз куҷо ба куҷо сайр мекунад? Ё он силлуле (ҳуҷайрае)-ро, ки маншаи ба вуҷуд омадани як ҳайвон мешавад, аз он лаҳзаи аввал то ҳангоме, ки ҳайвони комил мешавад — яъне як мавҷуди мутакомил, ки аз заъифтарини ҳолатҳо шурӯъ ба ҳаракат мекунад то ба комилтарини ҳолатҳо мерасад — аз куҷо ба куҷо сайр мекунад?

Оё аз “худ” ба “нохуд” сайр мекунад, ба ин маъно, ки аз худ бегона мешавад? Ё аз “нохуд” ба “худ” сайр мекунад? Ё аз “нохуд” ба “нохуд” сайр мекунад? Ва ё аз “худ” ба “худ” сайр мекунад?

Намешавад гуфт, аз “нохуд” ба “нохуд”, чун фарз ин аст, ки худаш худаш аст ва ҷойи баҳс нест.

Агар бигӯем, аз “худ” ба “нохуд” сайр мекунад, ба ин маънӣ аст, ки то он вақт худаш аст, ки рушду ҳаракат накардааст, вале вақте шурӯъ ба ҳаракат кард, аз худаш бегона ва ҷудо

шуд ва дигар худаш худаш нест; камо ин ки баъзе аз фалосифаи хеле қадим гуфтаанд: ҳаракат ғайрият аст, яъне ҳаракат “худғайршудан” аст, ки албатта ҳарфи нодурусте аст.

Матлаб ин аст, ки тухми як гул ва ё нутфаи як инсон аз аввалин лаҳзае, ки шурӯъ ба ҳаракат мекунад, то охирин лаҳзае, ки ба ҳадди камоли худаш мерасад, аз “худ” ба “худ” ҳаракат мекунад. Яъне он “худ” ва воқеияташ як воқеияти мумтадд аст. “Худ”-и ӯ на он лаҳзаи аввал аст, на лаҳзаи васат ва на лаҳзаи охир. “Худ”-и ӯ аз аввал то охир “худ” аст, балки ҳар чи рӯ ба охир меравад, “худ”-тар мешавад, яъне “худ”-аш комилтар мешавад. Аз “худ” ба сӯи “худ” ҳаракат мекунад, вале аз “худ”-и ноқис ба сӯи “худ”-и комил ҳаракат мекунад. Ҳамин гул бидуни ин ки шуъур дошта бошад, ба сӯи камолаш ҳаракат мекунад. Ҳол агар ҳамин гул шоъир (шуъуркунанда) буд ва шуъур медошт, оё ғайр аз ин буд, ки ишқ ба ҳамон камоли ниҳоиашро дошт? Ҳамаи мавҷудот фитратан ошиқи камоли ниҳоии худ ҳастанд. Ҳамон гул ҳам ошиқи камоли ниҳоии худаш аст, ҷамодот ҳам ба қавли баъзе, ошиқи камоли ниҳоии худашон ҳастанд. Ҳар мавҷуде ошиқи камоли худаш аст.

Бинобар ин, таъаллуқи як мавҷуд ба ғоят ва камоли ниҳоии худаш, бар хилофи назари оқои Сортр, “аз худ бегона шудан” нест, бештар дар худ фурӯ рафтан аст. Яъне бештар “худ, худ шудан” аст. Озодӣ агар ба ин марҳила бирасад, ки инсон ҳатто аз ғоят ва камоли худаш озод бошад, яъне ҳатто аз худаш озод бошад, ин навъ озодӣ, азхудбегонагӣ меоварад. Ин навъ озодӣ аст, ки бар зидди камоли инсонӣ аст. Озодӣ агар бихоҳад шомили камоли мавҷуд ҳам бошад — яъне шомили чизе, ки марҳилаи такомулии он мавҷуд аст, ба ин маъно, ки ман ҳатто аз марҳилаи такомулии худам озод ҳастам — мафҳумаш ин аст, ки ман аз “худ”-и комилтарам озодам ва “худ”-и ноқистари ман аз “худ”-и комилтари ман озод аст. Ин озодӣ, бештар инсонро аз худаш дур мекунад, то ин вобастагӣ.

Дар ин мактаб (экзистенсиализм), миёни вобастагӣ ба ғайру бегона, бо вобастагӣ ба худ (яъне вобастагӣ ба чизе, ки марҳилаи камоли худ аст) тафкик нашудааст. Мо ҳам қабул дорем, ки вобастагӣ ба як зоти бегона бо худ, мӯҷиби масхи моҳияти инсон аст. Чаро ин ҳама дар адён вобастагӣ ба моддиёти дунё нафй шудааст? Чун вобастагӣ ба як бегона аст ва вобастагӣ ба он, воқеан мӯҷиби суқути арзиши инсоният аст. Аммо вобастагӣ ба он чи, ки камоли ниҳоии инсон аст, вобастагӣ ба як амри бегона нест, вобастагӣ ба “худ” аст. Вобастагӣ ба “худ” мӯҷиб намешавад, ки инсон аз худаш бехабар ва ноогоҳ шавад ва

мусталзими ин нест, ки арзишҳои худро фаромӯш кунад ва ё аз ҷараён бимонад ва сайрураташ табдил ба кайнунат шавад; чун вақте шайъ ба ғояти худаш вобастагӣ дорад, ба сӯи ӯ шитобон аст ва ба тарафи ӯ ҳаракат мекунад.

## Иштибоҳи экзистенсиализм дар мавриди робитаи инсон бо Худо

Оқои Сортр! Худо аз ду роҳ бо инсон бегона нест. Аввалан, таъаллуқи инсон ба Худо, таъаллуқ ба як шайъи муғойир бо зот ва як шайъи мубойин нест, ки инсон бо таъаллуқ ба Худо, худашро фаромӯш кунад… Ин матлаб, ки иллати фоъилӣ ва иллати муҷида (ба вуҷуд оваранда) ва мубдиъи ҳар шайъ, муқаввими зоти он шайъ аст (яъне қивоми ҳар шайъ ба иллати мубдиъ ва эҷодкунандаи он аст) ва аз худи он шайъ ба ӯ наздиктар аст, матлабе аст, ки дар фалсафаи исломӣ бо бурҳони бисёр равшан собит шудааст.
Қуръон мефармояд:

**وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنكُمْ**

*«Мо аз худи шумо ба шумо наздиктарем.» (Сураи Воқеъа, ояти 85*). На фақат огоҳии мо ба шумо аз огоҳии шумо ба худатон бештар аст, балки зоти мо аз шумо ба шумо наздиктар аст. Ва ин таъбири Қуръон хеле аҷиб аст. Ҳар чизе худаш ба худаш аз ҳар чизи дигаре наздиктар аст, вале Қуръон мегӯяд, Худо ба ҳар чизе аз худи он чиз наздиктар аст, чун Худо нисбат ба ҳар чизе, аз худаш "худтар" аст. Албатта сатҳи ин матлаб бисёр болост.[1]
Алӣ (а) мефармояд:

**داخل في الأشياء لا بالممازجة، وخارج عن الأشياء لا بالمباينة**

Яке аз матолибе, ки "*Наҳҷул-балога*" бар он такя мекунад ин аст, ки Худо аз ашё берун ва ҷудо нест, вале дар айни ҳол, дохил дар ашё ҳам нест:

[1] ) Бинозам исломро, ки маориферо дар сатҳе гуфтааст, ки башар то чанд ҳазор соли дигар ҳам биравад, ба қузаки пояш ҳам намерасад.

ليس في الأشياء بوالج ولا عنها بخارِج

(*Наҳҷул-балога, хутбаи 184*)

Сониян, Қуръон, ки мегӯяд инсон ба Худо бояд таъаллуқи хотир дошта бошад, ба ин далел аст, ки Худоро камол ва ниҳояти сайри инсон медонад ва масири инсонро ба сӯи Худо медонад. Пас, таваҷҷӯҳи инсон ба Худо, мисли таваҷҷӯҳи он зарра аст ба ниҳояти камоли худаш, мисли таваҷҷӯҳи он дона аст ба ниҳояти камоли худаш. Рафтани инсон ба сӯи Худо, рафтани инсон ба сӯи “худ” аст, рафтани инсон аз “худ”-и ноқистар ба “худ”-и комилтар аст.

Пас, иштибоҳ кардааст он касе, ки Худоро бо ашёи дигар муқоиса карда ва хаёл кардааст, ки Худо ҳам мисли як шайъи бегона аст, ки вақте инсон ба он таваҷҷӯҳ пайдо кард, огоҳиаш аз худаш салб мешавад, ва вақте дар он шайъи бегона ғарқ шуд, арзишҳои худашро фаромӯш мекунад, ва вақте ба он шайъи бегона таваҷҷӯҳ кард, аз ҳаракат меистад, чун ӯ мисли як мехи тавила ва дарахте аст, ки мавҷудеро ба он баста бошанд.

## Худогоҳӣ ва Худоогоҳӣ

Худо ба инсон он чунон наздик ва бо ӯ ягона аст, ки огоҳии инсон ба Худо, айни огоҳии ӯ ба худаш аст, балки инсон фақат вақте метавонад ба худаш огоҳ бошад, ки ба Худо огоҳ бошад ва маҳол аст касе “худогоҳ” бошад, вале “Худоогоҳ” набошад. Қуръон мефармояд:

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ نَسُوا اللَّهَ فَأَنسَاهُمْ أَنفُسَهُمْ أُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

*«Ва чун касоне мабошед, ки Худоро фаромӯш карданд ва ӯ низ ононро дучори худфаромӯшӣ кард; онон ҳамон нофармоёнанд.»* (*Сураи Ҳашр, ояти 19*) Ҳар кас Худоро фаромӯш кунад, худашро фаромӯш кардааст. Инсон он вақт худашро бозмеёбад, ки Худои худашро бозёфта бошад. Агар инсон Худояшро фаромӯш кард, худашро фаромӯш кардааст. Қуръон дар ҷиҳати акси экзистенсиализм мегӯяд. Онҳо мегӯянд: инсон агар таваҷҷӯҳаш ба Худо маътуф шавад, “Худоогоҳ” мешавад ва «нохудогоҳ” . Қуръон мефармояд: инсон фақат он вақт метавонад “худогоҳ” шавад, ки “Худоогоҳ” шавад, ва ин аз он олитарин ва дақиқтарин масоили инсонӣ ва равонии Қуръон аст, ки воқеан ҳайратовар аст.

Қуръон мегӯяд: инсон гоҳе худашро фаромӯш мекунад ва худашро мебозад ва ба таъбири худи Қуръон, бозандаи бузург он нест, ки ҳамаи пулашро бохтааст ва ҳатто он касе нест, ки озодии худро бохта ва навкари дигаре шуда ва ҳатто он касе нест, ки номусашро бохтааст, балки бозандаи бузург касе аст, ки худашро бохтааст. Вақте инсон худашро бибозад, ҳама чизро бохта, ва агар инсон худашро биёбад, ҳама чизро ёфтааст.

Фалсафаи ибодат чист? Фалсафаи ибодат ин аст, ки инсон Худоро биёбад, то худашро биёбад. Фалсафаи ибодат, бозёбии худ ва худогоҳии воқеӣ ба он маъное аст, ки Қуръон мегӯяд ва башар ҳанӯз натавонистааст худашро бирасонад, магар касоне, ки аз мактаби ислом илҳом гирифтаанд. Шумо агар мебинед Муҳйиддини Арабӣ пайдо мешавад ва худогоҳии инсонро тафсир мекунад ва баъд аз ӯ шогирдҳои ӯ аз қабили Мавлавии Румӣ ва амсоли ӯ ба вуҷуд меоянд, инҳо 600 сол баъд аз Қуръон омадаанд ва тавонистаанд аз Қуръон илҳом бигиранд. Албатта агар 600 сол баъд аз Қуръон ҳастанд, ин ифтихорро ҳам доранд, ки 700 сол қабл аз фалосифаи муосир ҳастанд.

Мавлавӣ роҷеъ ба ин ки худогоҳии ирфонӣ ҳеч вақт аз Худоогоҳӣ ҷудо нест — ва фалосифаро рад мекунад, ки онҳо худогоҳиро аз Худоогоҳӣ ҷудо фарз кардаанд — мегӯяд:

*Ҷон набошад ҷуз хабар дар озмун,*

*Ҳар киро афзун хабар, ҷонаш фузун.*

* * *

*Иқтизои ҷон чу эй дил, огаҳист,*

*Ҳар кӣ огаҳтар бувад, ҷонаш қавист.*

Баъд аз ин ки мегӯяд аслан ҷон яъне огаҳӣ ва ҳар чи ҷон огоҳтар бошад қавитар аст ва инсон ба ин далел ҷонаш аз ҷони ҳайвон қавитар аст, ки огоҳтар аст, кам-кам матлаб рақиқу рақиқтар мешавад, то ин ки мегӯяд: инсон он вақт аз худаш огоҳ мешавад, ки аз Худои худаш огоҳ шавад.

Бинобар ин, дар бораи ин ки инҳо (экзистенсиалистҳо) дар боби озодӣ хаёл кардаанд, ки ҳар таъаллуқе бар зидди озодӣ аст, бояд гуфт: бале, ҳар таъаллуқе бар зидди озодӣ аст, магар таъаллуқ ба Худо, ки таъаллуқ ба худ аст ва таъаллуқ ба худи комилтар аст ва ҷуз бо таъаллуқи ба Худо, огоҳӣ пайдо намешавад. Пас, огоҳӣ ба Худо, мусталзими огоҳии бештар

аз худ аст, яъне инсон ҳар чи ки дар ибодату хилват бештар дар зикри Худо фурӯ равад ва таваҷҷӯҳаш ба Худо бештар шавад, он вақт аст, ки нафси худашро беҳтар мешиносад.

Ин инсонҳои муҳаззаб аз ҳамин роҳҳо ба худогоҳии хосси ирфонӣ расидаанд. Дар ҳудуди 50 сол пеш марди бузурге зиндагӣ мекардааст, ки аз муҷтаҳидони бузург ва аз таҳсилкардаҳои Наҷаф ва шогирди марҳум Охунд Мулло Ҳусайнқулии Ҳамадонӣ, орифи бисёр-бисёр бузурги муташарреъи ним қарн пеш будааст. Ин мард, марҳум Ҳоҷ Мирзо Ҷавод Оқои Маликии Табризӣ аст, ки охири умр дар Қум муқим буда ва дар соли 1343 қамарӣ яъне 50 сол пеш аз дунё рафтааст ва китобҳое аз эшон дар даст аст. Эшон вақте масъалаи худогоҳии худашро бо муқаддамоте шарҳ медиҳад, ба он марҳилаи худогоҳии ирфонӣ — ки нафси худро дарк мекунад ва мешиносад — мерасад ва мегӯяд: ман касеро мешиносам,[1] ки аввалин бор дар олами руъё ин худогоҳӣ барояш пайдо шуд ва дар бедорӣ барои ӯ идома пайдо кард. Баъд бо як вазъе дар китоби худаш ин матлабро шарҳ медиҳад. Ин огоҳӣ ба худ ба маънии воқеӣ ва шинохти нафс ба маънии воқеӣ фаръ бар Худоогоҳӣ аст ва ҷуз аз роҳи ибодати воқеӣ пайдо намешавад. Як равоншинос агар ҳазор сол ҳам равоншиносӣ кунад, ба худогоҳии воқеӣ намерасад.

Алӣ (а) ҷумлае дорад, ки хеле аҷиб аст, мефармояд:

**عجبت لمن ينشد ضالّته وقد أضلّ نفسه فلا يطلبه**

*«Таъаҷҷуб мекунам аз инсоне, ки вақте чизе — масалан як ангуштаре — ро гум мекунад, доиман дунболаш аст, то онро пайдо кунад, вале фикр намекунад, ки худашро гум кардааст!» (Ғурар, ҳикмати 6266*) Чаро намеравад худашро пайдо кунад? Эй инсон! Оё ту намедонӣ худатро гум кардаӣ? Бирав худатро пайдо кун, ин аз ҳар гумшудаи дигар барои ту арзиши бештаре дорад.

## Посух ба чанд ишколи дигар

Аммо дар бораи масъалаи арзишҳо (ки гуфтаанд, имон ба Худо сабаби фаромӯш шудани арзишҳои инсонӣ мешавад) мегӯем: ғарқ шудан дар як бегона сабаб мешавад, ки инсон

[1] Албатта намегӯяд он шахс худам ҳастам.

арзишҳои зотии худро фаромӯш кунад, аммо ғарқ шудан дар он чи ки айни “худ”-и ӯ ва камоли худи ӯст, мӯҷиби эҳёи бештари арзишҳо дар инсон мешавад, ва ба ҳамин далел касоне, ки дар мақомоти убудийят боло мераванд, ҳамаи арзишҳои инсонӣ дар онҳо қавитар мешавад: ақл дар онҳо қавитар мешавад, ишқ дар онҳо қавитар мешавад, қудрат дар онҳо қавитар мешавад, “мо” будан бо инсонҳо дар онҳо қавитар мешавад, тамоми арзишҳои инсонӣ дар онҳо қавитар мешавад, чун ҳамаи инҳо мазоҳири зоти Ҳақ ва сифоти камолияи Ҳақ ҳастанд. Иззат, каромат ва монанди инҳо, сифоти Ҳаққанд ва вақте, ки инсон ба Худо наздик шуд, ин сифот, ки арзишҳои инсонӣ аст, дар ӯ бештар мешавад.

Аммо дар бораи ин ки (гуфтаанд, таъаллуқ ба Худованд, мӯҷиби таваққуф ва рукуди инсон аст, бояд гуфт:) онҳо хаёл кардаанд, ки Худо мисли як дарахт аст ва агар касе ба Худо вобаста шуд яъне ба як мавҷуди маҳдуд баста шуда ва наметавонад аз Худо убур кунад. Худо яъне ҳақиқати номутаноҳӣ. Як вақт инсонро дар як фазои маҳдуд — масалан дар фазои сад фарсанг дар сад фарсанг — ҳабс мекунанд, ин барои инсон маҳдудият аст, чун инсон мегӯяд ман ин фазоро, ки тай кардам, охираш маҳдудият аст. Вале агар инсонро дар фазои лоятаноҳӣ қарор диҳанд, ӯро маҳдуд накардаанд. Фазои лоятаноҳӣ таваққуф надорад, яъне эй инсон! Ту агар лоятаноҳӣ ҳам биравӣ, боз ба сӯи камол меравӣ. Худо як мавҷуди номаҳдуд аст, ки агар он комилтарини башарҳо (яъне Хотамуланбиё (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи)) то абад низ пеш биравад, сайри ӯ ба поён намерасад. Худо як мавҷуди поёнпазир нест ва ин танҳо майдони бепоёни башар аст.

Роҷеъ ба масъалаи салавот, баҳсе дар миёни уламост, ки мо, ки салавот бар пайғамбар мефиристем, маънояш чист ва чӣ асаре дорад, ки дар салавот, аз Худо барои пайғамбар талаби раҳмату хайр мекунем? Як идда мегӯянд: пайғамбар инсони комил аст, пас ин ки барои пайғамбар талаби раҳмат мекунем яъне чӣ? Дар ҷавоб гуфта мешавад: пайғамбар ҳам, лаҳза ба лаҳза дар ҳоли рафтан ва ҳаракат аст ва то абад ҳам, ки биравад, ин роҳ ба поён намерасад. Пас боз таъаллуқ ба зоти парвардигор ҳаргиз маншаи ин намешавад, ки “сайрурат”-и инсон табдил ба “кайнунат” шавад.

## Камоли ҳадафӣ ва камоли василаӣ

Як матлаби дигар ин аст, ки ин оқоёни экзистентсиалист байни ҳадаф ва васила иштибоҳ кардаанд. Озодӣ барои инсон камол аст, вале озодӣ камоли василаӣ аст, на камоли ҳадафӣ. Ҳадафи инсон ин нест, ки озод бошад, вале инсон бояд озод бошад, то ба камолоти худаш бирасад; чун озодӣ яъне ихтиёр, ва инсон дар миёни мавҷудот танҳо мавҷудест, ки худ бояд роҳи худро интихоб кунад ва ҳатто ба таъбири дақиқтар, худаш бояд худашро интихоб кунад.

Пас, инсон озоду мухтор аст, вале оё чун озоду мухтор аст, ба камоли худаш расидааст, ё ин ки мухтор аст, ки камоли худашро интихоб кунад? Бо озодӣ мумкин аст инсон ба олитарин мақомот бирасад ва мумкин аст ба асфалуссофилин суқут кунад.

Мавҷуди мухтор яъне мавҷуде, ки афсорашро ба дасти худаш додаанд, яъне гуфтаанд: эй инсон! Ту фарзанди болиғи ин олам ва ин табиат ҳастӣ; ҳамаи фарзандони дигар ноболиғанд ва бояд сарпарастӣ шаванд, ҷуз ту, ки болиғу мухтору озод ҳастӣ:

إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا

(*Сураи Инсон, ояти 3*) Мо туро роҳнамоӣ мекунем ва ин худат ҳастӣ, ки бояд интихоб кунӣ. Озодӣ, худаш камоли башарият нест, василаи камоли башарият аст; яъне инсон агар озод набуд, наметавонист камолоти башариятро таҳсил кунад. Як мавҷуди маҷбур наметавонад ба он ҷо бирасад. Пас, озодӣ камоли василаӣ аст, на камоли ҳадафӣ.

Исён ҳам ҳамин тавр аст. Инҳо аз ин ҷо ба ин нукта расидаанд, ки чун инсон озод аст, метавонад мутамаррид ва исёнгар бошад, яъне метавонад дар муқобили ҳар ҷабре биистад ва онро инкору нафй кунад. Баъд хаёл кардаанд, ки худи исён ва сарпечӣ барои инсон камол аст ва як инсони озод инсонест, ки дар муқобили ҳеч чизе таслим набошад ва дар муқобили ҳама чиз исён биварзад, чун барои исён арзиши зотӣ қоил шудаанд.

*Лозимаи* ин мактаб ва ин фалсафа ҳарҷу марҷ аст. Фалсафае, ки дар он исён дорои арзиши зотӣ бошад, мусталзими ҳарҷу марҷ аст. Сартр хеле кӯшиш мекунад, ки ин тӯҳматро аз худаш ва мактабаш дур кунад, вале наметавонад. Мактабе, ки барои исён (маъсият) арзиши зотӣ қоил аст, намешавад дар он ҳарҷу марҷ набошад. Дар мактаби ислом "имкони исён"

аст, ки барои инсон арзиш аст; яъне инсон метавонад исён кунад ва метавонад итоат кунад, метавонад боло биравад ва метавонад поин биёяд. Оё кабӯтар, ки исён намекунад, аз инсон болотар аст? Хайр! Ӯ исён намекунад, чун наметавонад исён кунад. Тавоноии итоату исён муодили якдигаранд ва ин тавоноӣ барои инсон камол аст. Мавҷудоти дигар чунин тавоноиро надоранд ва аз ин рӯ мукаллафу озоду мухтор нестанд.

Бале, баъд аз исён, бозгашт — ки номи он "тавба" аст — барои инсон камол аст. Бо бозгашт аз исён аст, ки як исм аз асмои Ҳақ Таъоло (яъне исми Ғафур ва Омурзанда) таҳаққуқ пайдо мекунад. Агар исёне ва тавбае набуд, ғуфроне набуд. На ин ки агар исён набуд, Худо Ғафур набуд. Исён, суқут ва тавба бозгашт аст. Бо ин суқуту бозгашт аст, ки ғуфрони Ҳақ таҳаққуқ пайдо мекунад.

Дар ривоят ворид шудааст, ки Худованди Мутаол фармуд: агар инсонҳое, ки ман халқ кардаам, дар рӯи замин исён намекарданд, бори дигар мавҷудоте халқ мекардам, то исён (маъсият) кунанд ва сипас тавба кунанд, то онҳоро биёмурзам. Пас, исён, худаш як арзиши зотӣ нест.

Озодӣ яъне набудани монеъ, набудани ҷабр, набудани ҳеч қайде дар сари роҳ, пас озодам ва метавонам роҳи камоли худамро тай кунам, на ин ки чун озод ҳастам, ба камоли худ расидаам. Озодӣ муқаддимаи камол аст, на худи камол. Як мавҷуд, ки бояд роҳеро тай кунад ва ӯро озоду мухтор офаридаанд ва тамоми мавонеъро аз сари роҳи ӯ бардоштаанд, ба марҳилаи озодӣ расидааст, вале ба марҳилаи озодӣ расидан, ба муқаддимаи камол расидан аст, яъне озод аст, ки роҳи камоли худро тай кунад.

Пас, иштибоҳи аввали ин мактаб ин аст, ки хаёл мекунад ихтиёру озодии инсон, бо вуҷуди Худо мунофӣ аст.

Иштибоҳи дуввум ин аст, ки хаёл мекунад имон ва таъаллуқ ба Худо, монанди вобастагӣ ба ашёи бегона аст ва мӯҷиби рукуду инҷимоду нохудогоҳӣ ва суқути арзишҳост.

Иштибоҳи саввум ин аст, ки озодиро камоли ниҳоии инсон донистааст, дар сурате, ки озодӣ камоли муқаддимаии инсон аст.

Оё озодӣ камол аст? Бидуни шак, чун агар озодӣ набошад, инсон наметавонад ба ҳеч камоле бирасад. Худо инсонро тавре халқ кардааст, ки ба камоли худаш аз роҳи озодӣ ва интихоб ва ихтиёр бирасад. Роҳи камол ғайр аз ин ки қадами инсон бо ихтиёр ва озодӣ

бошад, мумкин нест ҷури дигаре тай шавад. Ҳамин қадр, ки иҷбор омад, дигар ин роҳ нарафтанӣ аст.

## Озодӣ дар таъбироти исломӣ

Чанд калимае роҷеъ ба таъбироте, ки дар ислом роҷеъ ба озодӣ омадааст, арз мекунам. Ислом дар бораи озодӣ ба унвони як арзиш аз арзишҳои башар эътироф кардааст, аммо на арзиши мунҳасир ба фард ва на озодӣ бо он таъбирҳо ва тафсирҳои сохтагӣ, балки озодӣ ба маънии воқеӣ. Алӣ (а) васиятномае ба Имом Ҳасан (а) дар “*Наҳҷул-балога*” доранд, ки баъд аз номае, ки эшон ба Молики Аштар навиштаанд, ки бисёр муфассал аст, муфассалтарин номаи Имом аст. Дар ибтидои ин андарзнома ҳам қайд кардаанд: барои ту ва ҳар кас, ки аз он истифода кунад.
Яке аз ҷумлаҳои он нома ин аст:

**واکرم نفسک عن کلّ دنیّة وان ساقتک الی الرغائب، فانك لن تعتاض بما تبذل من نفسك عوضا**

*«Писарам! Ҷону равони худатро гиромӣ бидор ва аз ҳар кори данӣ ва паст ва аз ҳар даноату пастӣ мӯҳтарам бидор!..»*
Намегӯяд масалан ҷони худатро гирифтор накун, мегӯяд: «Акрим»… Яъне эҳтироми зоти худатро ҳифз кун аз ин ки тан ба даноату пастӣ бидиҳӣ.

**فانك لن تعتاض بما تبذل من نفسك عوضا**

Ҳамон тавр, ки Қуръон мефармояд, бузургтарини бохтанҳо бохтани худ аст, ин ҷо низ Амирулмӯъминин ҳамон маъноро ба таъбири дигаре мегӯяд:
Писарам! Ҳар чиро, ки аз даст бидиҳӣ ва бифурӯшӣ, метавон барои он қимат гузошт ва дар ниҳояти амр фурӯхт, мунтаҳо қиматҳо фарқ мекунад: масалан, як алмос ва брилён монанди «Кӯҳи нур» ва «Дарёи нур», ҳамаи инҳо билохира арзише доранд; ҳар қадр ҳам, ки арзиши онҳо боло бошад, ниҳоятан ба қимати онҳо метавон расид. Ҳар чи дошта бошӣ қобили ин аст, ки бифурӯшӣ ва дар муқобили он баҳояшро дарёфт кунӣ, вале як чиз дорӣ, ки агар онро бифурӯшӣ, баҳое дар ҳамаи ҷаҳон барои он пайдо намешавад ва он худат ҳастӣ, яъне

ҳамон нафсу ҷону руҳат; агар руҳатро бифурӯшӣ ва тамоми дунё ва мофиҳоро ба ту бидиҳанд, баробарӣ намекунад:

**فانك لن تعتاض بما تبذل من نفسك عوضا**

Фарازанди бузургвораш Имом Содиқ (а) мефармояд:

**اثامن بالنفس النفيسة ربّها**

**وليس لها في الخلق كلّهم ثمن**

Фақат як чиз аст, ки мешавад бо ҷону нафсу "худ"-и ман баробарӣ кунад, ва он Худост. Ҷонро метавон ба Худо фурӯхт ва Худоро гирифт, вале дар ҳамаи махлуқоти олам, мулку малакут ва дунёву охират, баҳое барои нафс пайдо намешавад.
Алӣ (а) дар ҳамон нома мефармояд:

**ولا تكن عبد غيرك وقد جعلك الله حرّا**

«*Писарам! Ҳаргиз бандаи дигаре мабош, зеро Худо туро озод офаридааст.*»
Як таъбири дигар аз "*Наҳҷул-балога*" барои шумо нақл кунам ва баароизам хотима диҳам. Алӣ (а) ибодатҳоро арзишёбӣ мекунад ва ин таъбир дар аҳодиси зиёде омадааст, мефармояд:
Мардуме, ки Худоро ибодат мекунанд се даста ҳастанд: баъзе Худоро аз тарс ибодат мекунанд; чун шунидаанд ҷаҳаннаму азобе ҳаст, Худоро ибодат мекунанд, ки Худо онҳоро муаззаб накунад:

**فتلك عبادة العبيد**

«*Ин ибодат, ибодати бардасифатон аст.*» Яъне ҳолати инҳо ҳолати бардаҳое аст, ки аз тарси арбобашон кор мекунанд. Ин арзише надорад.
Баъзе дигар Худоро ба тамаъи биҳишт ибодат мекунанд, чун шунидаанд, ки ҳар кас амри Худоро итоат кунад, Худо биҳиште дорад, ки:

**جَنَّاتٍ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الأَنْهَارُ**

(*Сураи Бақара, ояти 25*) ва дар он ҳуралайн

**كَأَمْثَالِ اللُّؤْلُؤِ الْمَكْنُونِ**

(*Сураи Воқеъа, ояти 23*)

**وَلَحْمِ طَيْرٍ مِّمَّا يَشْتَهُونَ**

(*Сураи Воқеъа, ояти 21*) вуҷуд дорад; вақте ба ёди гӯшти мурғу ба ёди луълуъу зумурраду ҳурулайни он ҷо меафтад, шурӯъ ба ибодат мекунад, барои ин ки аз онҳо чизе насибаш шавад,

**فتلك عبادة التجّار**

«*Ин, ибодати тоҷирпешагон аст.*» Як бозаргон ҳамеша аз сармояаш харҷ мекунад барои ин ки суди бештаре бибарад. Ин ҷо ҳам ин шахс ибодат ва кор мекунад барои ин ки музде бигирад.

Вале гурӯҳе дигар Худоро шукран ва сипосгузорона ибодат мекунанд; дар ибодат на чашм ба биҳишт доранд ва на тарс аз ҷаҳаннам, фақат ва фақат Худоро мебинанд. Яке аз арзишҳои инсонии инсон аз он ҷиҳат, ки инсон аст сипосгузорӣ аст. Виҷдон ҳукм мекунад, ки ин Худоро бояд сипос гуфт. Агар биҳиште вуҷуд надошта бошад ва ҷаҳанname ҳам дар кор набошад, ман ӯро ибодат мекунам, чун бояд ӯро сипос бигӯям.

Магар пайғамбар он қадр ибодат намекард, ки пойи муборакаш варам карда буд? Оиша гуфт: эй Расули Худо! Шумо, ки:

**لِيَغْفِرَ لَكَ اللَّهُ مَا تَقَدَّمَ مِن ذَنبِكَ وَمَا تَأَخَّرَ**

(*Сураи Фатҳ, ояти 2*) ҳастӣ, чаро ин қадр ибодат мекунӣ? Фармуд: магар ҳар касе, ки Худоро ибодат мекунад, барои фирор аз ҷаҳаннам ва ё барои биҳишт аст?

**ألا أكون عبدا شكورا**

Оё ман набояд як бандаи сипосгузор бошам?

Пас, ибодати тоифаи аввал, ибодати бардагон буд ва дуввумӣ ибодати бозаргонон. Севвумӣ ибодати озодагон аст:

**فتلك عبادة الأحرار**

(*Наҳҷул-балоға, ҳикмати 237*) Инсони ҳурру озода дар мантиқи Алӣ (а) ҳатто ба биҳишту ҷаҳаннам бастагӣ надорад, аз биҳишту ҷаҳаннам ҳам озод аст, фақат ба Худои худаш бастагӣ дораду бас.

Гӯ ин ки қасд доштам як ҷаласаро ба ҷамъоварии он чи, ки то ба ҳол гуфтем ихтисос диҳам ва ҳамаи матолибро ҷамъ кунам ва инсони намунаи исломро якҷо нишон диҳам, вале дар зимни ҳамаи ин мактабҳо, ки шарҳ додам, назари исломро баён кардам.

Маълум шуд, ки ислом аввалан такарзишӣ нест, чашме дорад, ки ҳама ҷоро мебинад; он ҷоро, ки фалосифа дидаанд, ислом беш аз фалосифа дидааст, он ҷоро, ки урафо дидаанд, ислом беҳтар дидааст, он ҷоро, ки мактаби муҳаббат мебинад, ислом бештар дида, он ҷоро, ки мактаби қудрат дидааст, ислом беҳтар дида ва он ҷоро, ки мактаби иҷтимоӣ дида ислом беҳтар дида ва он ҷоро, ки мактаби озодӣ дида ислом беҳтар дидааст ва дар айни ҳол нуқоти заъфи ҳеч як аз инҳоро надорад.

Мантиқи бисёр мушаххас ва равшан ба мо нишон медиҳад, ки ислом мактаби илоҳӣ аст. Инҳост, ки ба мо собит мекунад ислом аз тарафи Худост.

Магар на ин аст, ки ин мактабҳое, ки гуфтем, ҳамаро навобиғи дараҷаи аввали дунё ироа кардаанд? Вале мебинем ҳамагӣ дар муқобили мактаби ислом ранг мебозанд. Пайғамбар ҳар чи нобиға буд — тоза нобиғае, ки “ба мактаб нарафт ва хатт нанавишт” — маҳол ва мумтанеъ буд, ки як мағз, худаш битавонад ин гуна ҳарф бизанад. Маълум аст, ки аз мофавқи қудрати инсонҳо илҳом гирифтааст ва суханаш воқеан аз ноҳияи Худост. Ин мактаб бар тамоми мактабҳои дигар мечарбад. Бо муқоисаи ислом бо мактабҳои дигар аст, ки арзиши ин мактаб ончунон, ки бояд ва шояд равшан мешавад.

**ولا حول ولا قوة الا بالله العليّ العظيم**

*Поёни китоб*